Дастур барои вакилони парлумон, №5, 2003

# Назорати парламентии бахши амният:

## шарту шароит, механизмњо ва нуќтаи назари амалї

Маркази назорати демократии ќуввањои мусаллањи Женева

Иттињоди байнипарламентї

Њамаи њуќуќњо ба ќайд гирифта шудаанд. Нашр гардидани ягон ќисми дастури мазкур, нигоњ доштани он дар системаи њифзи маълумот, интиќоли он дар ягон шакл ва тавассути воситањои гуногун, аз он љумла, тариќи почтаи электронї, нусхабардорї, дар шакли сабтшуда ё дигар роњ бе розигии пешакии Иттињоди байнипарламентї ё Маркази назорати демократии ќуввањои мусаллањи Женева манъ аст.

Нашри мазкур ба шарте пањн карда мешавад, ки минбаъд он дар ягон шакл бе розигии пешакї бо ношир ва њама гуна ороиш, ки аз нусхаи нашргардида фарќ мекунад ё њангоми шароитњои мувофиќ, ки ношири минбаъда он шароитњоро риоя мекунад, фурўхта нашавад.

---

**ISBN 92-9142-142-1 (IPU)**
**ISBN 86-83543-10-2 (CCMR-DCAF)**

**Назорати парламентии бахши амният:**
**шарту шароит, механизмњо ва нуќтаи назари амалї**

Аз тарафи сохторњои зайл ба табъ расидааст:
Иттињоди байнипарламентї
Маркази назорати демократии ќуввањои мусаллањи Женева

Сармуњаррирон:
Филлип Флури, Швейтсария
Андер Би Љонсон, Шветсия

Муњаррир ва муаллифи асосї:
Ганс Борн, Нидерландия

Presses Centrales Lausanne SA

# Назорати парламентии бахши амният:
## шарту шароит, механизмњо ва нуќтаи назари амалї

“Vis consilii expers mole ruit sua”
(Ќуввае, ки аз аќли солим мањрум аст,
худаш худашро бар бод медињад)
Горатсий, Одњо 3, 4, 65

**Дар тањияи дастури мазкур оид ба назорати парламентии бахши амният шахсони зайл сањм гузоштаанд:**

**Сармуњаррирон:**

Филлип Флури (Швейтсария), Андер Би Љонсон (Шветсия)

**Мухаррир ва муаллифи асосї:**

Ганс Борн (Нидерландия)

**Њаммуаллифон:**

Алексей Арбатов (Россия), Jean-Christophe Burkel (Фаронса), Eva Busza (ИМА), Marina Caparini (Канада), Umit Cizre (Туркия), David Darchiashvili (Гурљистон), Jonah Isawa Elaigwu (Нигерия), Hans-Peter Furrer (Швейтсария), Denise Garcia (Бразилия), Suzana Gavrilescu (Руминия), Wilhelm Germann (Олмон), Owen Greene (ШМ), Miroslav Hadzic (Сербия ва Монтенегро), Karl Haltiner (Шветсария), Heiner Hänggi (Швейтсария), David Hobbs (ШМ), Jan Hoekema (Нидерландия), Rogier Huizenga (Нидерландия), Andrzej Karkoszka (Полша), Peter G. Kelly (ИМА), Simon Lunn (ШМ), Tom McDonald (ШМ), Dorijan Marsic (Словения), Gian Giacomo Migone (Италия), Michael F. Noone (ИМА), Aleksandr Pikayev (Россия), Christine Pintat (Фаронса), Andreas Prüfert (Олмон), Christopher Sabatini (ИМА), Liliane Serban (Руминия), Ravinder Pal Singh (Њиндустон), Anders C. Sjaastad (Норвегия), Bauke Snoep (Нидерландия), Svitlana Svetova (Украина), Jan Trapans (Латвия), Matias Tuler (Аргентина), Marlene Urscheler (Швейтсария), Pentti Väänänen (Финляндия), Biljana Vankovska (Македония), Marie Vlachova (Љумњурии Чехия), Casper W. Vroom (Нидерландия), Tamas Wachsler (Венгрия), Donna Winslow (Канада), Herbert Wulf (Олмон).

**Њайати тањририя:**

Willem van Eekelen (Нидерландия), Andreas Gross (Швейтсария), Miroslav Filipovic (Сербия ва Монтенегро), Stepan Sulakshin (Россия), Dimitro Tabachnik (Украина), Ahmad Husni Hanadzlah (Малайзия), Adeseye Ogunlewe (Нигерия) and Elissavet Papadimitriou (Гретсия) – аъзои Кумитаи Иттињоди байнипарламентї оид ба масъалањои сиёсї, амнияти байналмилалї ва беяроќгардонї – ва Beth Mugo (Кения) and Ricardo Vasquez (Аргентина), аъзои Кумитаи Иттињоди байнипарламентї оид ба масъалаи парламент, њуќуќ ва њуќуќњои инсон.

**Таќризгар:**

Oliver Wates (Британия Кабир)

**Нусхаи асл:** ба забони англисї, Женева, 2003

# Сарсухан

Амният дар њаёт ва фаъолияти одамон љои асосиро ишѓол мекунад. Аз ин рў, нињоят муњим аст, то ки дар сиёсати миллї нуќтаи назари онњо дар бораи амният инъикоси худро ёбанд. Сиёсат бояд арзишњои асосї ва ќоидањоро, ки бо амният алоќаманд аст муттањид созад, давлат бошад онњоро муњофизат намояд.

Аз ин рў зарур аст, ки намояндагони аз тарафи халќ ба парламент интихобгардида бо њукумат ва сояњаи амният њамкории зич дошта бошанд. Саъю кўшиши њар як иштирокчии ин њамкорї бояд ба ба даст овардани маќсади ягона равона гарданд, гарчанде наќши онњо аз њамдигар бо куллї фарќ мекунанд. Парламент барои ќабули санадњои ќонунгузор, буљет масъул аст ва назорати бахши амниятро амалї мегардонад. Парламент вазифањои зикргардидаро танњо дар мавриди дастрасии озод ба маълумот, донишњои зарурии техникї, њамчунин њангоми мављуд будани ќувва ва хоњиши масъул будан барои њукумат пурра иљро карда метавонад. Ин дар навбати худ базаи иљтимоиро талаб мекунад, ки бо боварї ва њамдигарфањмї мустањкам гардидаанд.

Масалан дар Чили муносибатњои байни љомеа ва ќуввањои мусаллањ тайи солњои охир ба куллї бењтар гардидаанд. Имрўз љомеаи љањонї дар ин кишвар фазои њурмату эњтироми якдигар ва њамкориро мебинад, ки он, мо умед дорем, оянда боз њам мустањкам мегардад.

Мо боварии комил дорем, ки дастури мазкур дар муттањид гардидани саъю кўшиши њамаи шахсони дар арсаи амният амалкунанда дар роњи некўањволии њар як шањрванд мусоидат хоњад кард.



Сенатор Сержио Паез Вердуго
Раиси Шўрои Иттињоди байнипарламентї

# Пешгуфтор

Аз ќадимулайём мустаќилияти миллї ва амният омилњои муњим барои кобилияти њаётии давлат њисоб гардидаанд. Имрўз накши шахсоне, ки бо таъмини амният сару кор доранд, ба куллї таѓйир меёбад. Намудњои нави низоъњои мусаллањ ва мустањкамгардонии робитањои байни давлатњо ба биниши нави худи идеяи асосии амният мусоидат мекунад. Њамлањои 11 сентябри соли 2001 ва оќибатњои он ин заруратро танњо таъкид карданд.

Назорати натиљабахши парламентї, њамин тариќ, дар кори тањия ва љорї намудани механизмњое, ки ба афзоиши шаффофият ва масъулият дар кори хидмати амният равона гардидаанд, њалкунанда мебошанд. Њангоми набудани чунин назорат хатари аз тарафи хадамоти амният нодуруст маънидод гардидани вазифањои худ ва аз рўи ќоидаи «давлат дар дохили давлат» рафтор карданашон ба миён меояд: аз захирањои нодир суиистифода намуда, таъсири аз њад зиёди сиёсї ва иќтисодї расонда метавонанд. Онњо метавонанд ба демократизатсия халал расонанд ва, њатто, эњтимолияти ба миён омадани низоъро пурзўр гардонанд. Дар њоле ки љомеањои дар давраи гузариш ќарордошта ва аз љангу бўњронњо харобгашта зери тањдиди махсус ќарор доранд, кишварњои бо демократияи устувор бояд дар он љойњо барои њалли мушкилоти муносибатњои њарбию шањрвандї кўмак расонанд, онњо таѓйир дода, ба вазъияти љорї мувофиќ гардонанд.

Худи табиат ва љараёни инкишофи бахши амният зарурати гузаронадани назорати натиљабахши парламентиро пешакї муќаррар мекунад. То он даме, ки парламентњо аз тањќиќоти мустаќил ва экспертиза истифода набаранд, гуногунрангии масъалањои соф техникї, њаљми бузург ва мушкилоти сохторњои ташкили-штатии бахши амният, њамчунин ќонунњои махфї, амрњо ва дастурњо кори аъзои парламентњоро мушкил мегардонад.

Аз ин рў, Иттињоди байнипарламентї (ИБ) ва Маркази назорати демократии ќуввањои мусаллањи Женева (МНДЌМ) зарурати дар боло зикргардидаро ба назар гирифта, розї шуданд, ки дастури мухтасар ва дастрасеро тањия намоянд, ки он интихоби мукаммали таљрибавї ва механизмњои амалигардонии назорати парламентии соњаи амниятро пешнињод мекунад. Дастури мазкур ин таљассуми ин идея дар амал гардид. Дар љараёни омодасозї матни дастур аз тарафи њайати тањририяи аъзои парламентњо ва мутахассисони соњањои гуногун њаматарафа тафтиш карда шуд.

Дастури мазкур бо назардошти он навишта шудааст, ки модели ягонаи дар њамаи кишварњо амалкунандаи назорати парламентии бахши амният вуљуд надорад. Ќоидањо ва таљриба, ки барои баъзењо ќобили ќабул ва натиљабахш аст, барои дигарон ќобили ќабул ва ѓайриимкон буда метавонанд. Ба замми ин, аъзои парламентњои кишварњои гуногун ваколатњои гуногун

доранд. Ихтилофҳои мављударо ба инобат гирифта, баъзе пешниҳодҳои дар дастури мазкур омада мумкин аст аз ҳаёт дур бошанд. Дар баробари ин, табиати душвори масъалаи амният имкон медиҳад, ки дар як китоб ҳамаи љанбаҳои он баррасї гарданд. Дастури мазкур ҳамчун курси муќаддимавие оид ба таҳкими назорати парламентии бахши амният бояд баррасї гардад. Мо умед дорем, ки ин китоб хонандаро барои таҳќиќоти минбаъда ҳавасманд мегардонад ва дар дарки сиёсат ва таљрибаи соҳаи амният ҳамчун инъикоси кўшиши самимии одамон боварї доштан ба чизе, ки баҳраш онҳо хидмат мекунанд, саҳми арзанда хоҳад буд.





Андерс Би Љонсон

Котиби кулли Иттиҳоди байнипаралментї

Сафир доктор Теодор Г.Винклер

Директори Маркази назорати демократии ќувваҳои мусаллаҳи Женева

# Аз дастури мазкур чї дарёфт кардан мумкин аст?

Дастур аз 8 ќисм иборат аст, ки њар яке якчанд бобро дар бар мегиранд. Онро бо ду тарз хондан мумкин аст. Хониши пурраи китоб дарки аз њама бештар пурраи њамаи масъалаи амният ва наќши назорати парламентиро таъмин менамояд. Аммо њамчунин метавон боб ва ќисматњои алоњидаи онро, ки барои шумо бештар шавќовар аст, хонд. Нишондоди мавзўї ва истинодњои гуногуни чандтарафа мањз барои њамин таъин гардидаанд.

Дар дастури мазкур блокњои алоњида дохил карда шудаанд, ки саволњои мушкили матни асосиро мефањмонад, онро бо намунаи ќонунњо ва амрњо шарњ медињад ва њамчунин таљрибаи назорати парламентии соњаи амниятро дар мамлакатњои гуногун равшан мегардонанд. Дар охири њар як ќисмат блоке њаст зери унвони «Шумо њамчун узви парламент чї кор карда метавонед», ки дар он тавсияњои алоњида дода мешавад. Аммо, чї тавре ки дар боло ќайд гардид, ин тавсияњоро бо назардошти шароити миллї бояд баррасї намуд.

Ду ќисмати аввал шарњи назариявї ва амалии назорати парламентии бахши амниятро дар бар мегирад. Дар ќисмати 1 диќќати асосї ба инкишофи идеяи асосии амният ва барассии умумии накши парламент ва дигар муассисањои давлатї дар соњаи амният равона гардидааст. Масъалањои асосие, ки дар ќисмати 1 баррасї гардидаанд:

- Муваффаќиятњои солњои охири соњаи амният?
- Ба ном тањдидњои нав чист ва љавоб ба онњо?
- Барои чї назорати парламентии бахши амният зарур аст?
- Шарту шароитњои асосии идоракунии демократии бахши амният кадомњоянд?
- Наќши парламент дар муносибат бо њукумат ва њокимияти судї дар чист?

Дар ќисми дуюм њамаи зинањои сиёсати милии амният, њамчунин ќоидањои байналмилалие, ки ба сиёсати миллии амният дахл доранд инъикос меёбанд. Ду боби охири ќисмати 2 наќши љомеаи шањрвандї ва воситањои ахбори умумро њамчунин наќши сиёсати гендериро дар соњаи амният равшан менамоянд. Масъалањои муњимтарини ќисми мазкур инњоянд:

- Наќши парламент дар ќабули ќарор дар бораи сиёсати миллии амният дар чист?
- Бо кадом тарз њуќуќи байналмилалї имкониятњои сиёсати миллии амниятро мусоидат мекунад ё онро мањдуд менамояд?
- Љомеаи шахрвандї ва воситањои ахбори умум ба соњаи амният чї таъсир мерасонанд? Ин таъсирро парламент чї тавр метавонад истифода барад?
- Роњои маълумотгардонии љомеа оид ба масъалаи амният кадомњоянд?
- Наќши занон дар соњаи амният?

Дар ќисмати 3 кўшиши љавоб додан ба саволи «Кї дар соњаи амният кї аст?» карда шудааст. Сухан дар бораи њарбиён, хадамоти иктишофї, политсия ва дигар ташкилотњои њарбии давлатї ва ширкатњои хусусї оид ба таъмини амният меравад. Масъалањои асосии ин ќисм инњоянд?

- Вазифањои асосї ва тавсифи њар як хадамоти амният?
- Кадом механизмњои масъулияти дохилї ва беруниро бояд таъсис дод?
- Назорати парламентии хадамоти амниятро бо кадом роњњо метавон самаранок гардонд?

Дар ќисмати 4 санадњо ва воситањое, ки аз онњо аъзои парламентњо барои амалигардонии назорати бахши амният истифода бурда метавонанд, баррасї гардидаанд. Хамчунин ба саволњои зайл чунин љавобњо пешнињод гардидаанд:

- Барои амалигардонии назорати бахши амният аъзои парламентњо аз кадом њуљчатњо метавонанд истифода баранд?

- Салоњиятнокии аъзои парламентњоро дар масъалаи амният бо кадом роњ метавон баланд бардошт?
- Гўшкунињо ва тањќиќотњои парламентї дар масъалаи амният чї наќш мебозанд?
- Бањри самаранокии кори кумитањои мудофиа чї корњоро метавон анљом дод?
- Наќши Омбудсмен?
- Бо кадом роњ институти Омбудсмен барои мудофиа кор мекунад?
- Барои чї аъзои парламентњо бояд љойњои љойгиршавии хадамоти амниятро ташриф оваранд?

Кисмати 5 шароитњоеро, ки барои амният тањдиди муайян доранд, аз ќабили вазъияти фавќуллода, тањдиди амнияти дохилии кишвар, терроризм ва киберљиноятњо, баррасї менамояд. Њамчунин сухан дар бораи иштирок дар миссияњои сулњовар меравад. Дар ќисмати панљум масъалањои зайл равшан мегарданд:

- Чї тавр тавозуни байни вазъияти фавќуллода ва таъмини амнияти долхилї ва эњтироми њуќуќњои инсонро метавон нигоњ дошт?
- Маќсад ва мањдуддиятњои вазъияти фавќуллода кадомњоянд?
- Баъди 11 сентябр чї дигаргунињо ба амал омаданд? Чї тавр терроризмро аз эътирозњои ќонунии демократї метавон фарќ кард? Оќибатњои 11 сентябр барои анияти байналмилалии давлатњо чї гунаанд? Наќши парламентњо дар ин соња чї гуна аст?
- Оё дахолати парламент дар ќабул намудани ќарор дар бораи фиристодани ќушунњои њарбї ба хориља барои иштирок дар амалиётњои сулњљўёнаи байналмилалї ба љост?

Дар ќисматњои 6,7 ва 8 се намуди захирањо тањлил мегарданд, ки ба соњаи амният дахл доранд. Дар ќисмати 6 ба масъалаи буљети мудофиа ва назорати иљрои он аз тарафи парламент ва апостериори ташкилотњои давлатии аудиторї диќќати асосї дода мешавад.

- Оё буљет љузъи таркибии амният шуда метавонад?
- Чї тавр шаффофият ва масъулият бо буљети мудофиа муносибат доранд?
- Шароитњои назорати самарноки иљрои буљети мудофиа чї гунаанд?
- Бо кадом роњ метавон тафтиши аудитории бахши амниятро гузаронд? Барои чї тафтишњои аудитории мустаќил заруранд ва онњо чї тавр фаъолият мекунанд?

Дар ќисмати 7 сухан дар бораи кадрњои бахши амният ва кўмак ба аъзои парламентњо дар масъалаи ба танзим даровардани њайати кадрї, интихоби кадрњо, омода намудани кормандон, ба нафаќа баромадан ё истеъфо додан, ўњдадорињои њарбї ва хидмати алтернативї меравад.

- Чї тавр арзишњои демократї дар кори кадрњо дар соњаи амният татбиќ мегарданд?
- Оё хидматчиёни њарбї метавонанд, ки иттифоќхои њарбї таъсис дињанд?
- Хусусиятњои хоси ўњдадорињои њарбї ва хидмати алтернативї дар кишварњои гуногун чї гунаанд?
- Оё кодексњои рафтор барои кадрњои соњаи амният вуљуд доранд? Оё стандардњои байналмилалї амалкунанда њастанд?
- Кадом љанбањои идоракунии кормандои соњаи амният ба аъзои парламентњо дахл доранд?

Дар охири ќисми 8 захирањои маводии соњаи амният, аз љумла тањвили яроќњо (чї ва аз кї), хариду фурўши яроќ ва трансферњо баррасї мегарданд.

- Маљбурии ќонунї чист?
- Ќабули њаматарафаи ќарор дар бораи тањвили яроќ чї маъно дорад?
- Кадом вазъият аз љињати њуќуќї махфиятро сафед мекунанд?
- Чї тавр парламент метавонад ин мушкилотро арзёбї намояд?

# Мундариља

**Сарсухан** . . . . . . . . 1

**Пешгуфтор** . . . . . . . . 2

**Аз дастури мазкур чї дарёфт кардан мумкин аст?** . . . . . . . . 4

Ќисми I

**Тањаввули аќидањои асосии амният ва иштирокчиёни он: ситезае, ки ба аъзои парламентњо дода шудааст**

***Боби 1:*** ***Амнияти таѓйирёбанда дар ањони таѓйирёбанда*** . . . . . . . 12

***Боби 2:*** ***Мувофиќии назорати парламентї*** . . . . . . . 15

***Боби 3:*** ***Наќш ва њдадорињои парламент ва дигар сохторњои давлатї*** . . . . . . . 17

Ќисми II

**Назорати сиёсати миллии амният**

***Боби 4:*** ***Пурзўр намудани сиёсати миллии амният*** . . . . . . . 22

***Боби 5:*** ***Сиёсати миллии амният ва созишномањои байналмилалї*** . . . . . . . 27

***Боби 6:*** ***Наќши љомеаи шањрвандї ва воситањои ахбори умум*** . . . . . . . 31

***Боби 7:*** ***Масъалаи гендер ва сиёсати амният*** . . . . . . . 39

Ќисми III

**Амалиётњои асосие, ки љузъи таркибии бахши амният ба њисоб меравconfigurand**

***Боби 8:*** ***Низомиён*** . . . . . . . 46

***Боби 9:*** ***Дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда*** . . . . . . . 51

***Боби 10:*** ***Сохторњои политсия*** . . . . . . . 53

***Боби 11:*** ***Хадамоти махфї ва иктишофї*** . . . . . . . 56

***Боби 12:*** ***Хадамоти хусусии муњофизатї ва њарбї*** . . . . . . . 61

Ќисми IV

**Амнияти миллї зери назорати парламент: шароит ва механизмњо**

***Боби 13:*** ***Шартњои назорати самарабахши парлумонї*** . . . . . . . 66

***Боби 14:*** ***Татбиќи механизмњои парлумонї дар бахши амният*** . . . . . . . 71

***Боби 15:*** ***Кумитањои парлумон оид ба масъалањои мудофиа ва амният*** . . . . . . . 77

***Боби 16:*** ***Омбудсмен*** . . . . . . . 81

***Боби 17:*** ***Ташриф овардан ба созмонњо ва иншоотњои бахши амният*** . . . . . . . 85

Ќисми V

**Назорати бахши амният дар амал: шароитњои фавќуллода ва амалиёт**

***Боби 18: Вазъияти фавќулодда*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .90

***Боби 19: Таъмини амнияти дохилї*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .94

***Боби 20: Терроризм*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .98

***Боби 21: Амният ва технологияи иттилоотї: мушкилоти нав ва воситањои њалли он*** . . . . . . . . . . . . . . .106

***Боби 22: Миссияњои байналмилаллии сулњљўёна*** . . . . . . . . . . . . . . .109

Ќисми VI

**Захирањои молиявї: муќаррар намудани назорати самараноки буљетии соњаи амният**

***Боби 23: Амният ва њокимияти пул*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .118

***Боби 24: Назорати харољоти милии буљетї барои амният*** . . . . .130

Ќисми VII

**Захирањои инсонї дар соњаи амният: таъмини кордонї ва назорати демократї**

***Боби 25: Мусоидат намудан ба тасдиќи арзишњои демократї дар сохтори амният*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .136

***Боби 26: Сиёсати кадрї дар соњаи амният*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .146

***Боби 27: Ўњдадории њарбї ва бинобар эътиќод саркашї кардан аз адои хизмат*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .149

Ќисми VIII

**Захирањои маводї: амалигардонии назорати самараноки интиќол ва хариди яроќ**

***Боби 28: Хариди яроќ ва техникаи њарбї*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .158

***Боби 29: Харидуфурўш ва интиќоли яроќ*** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .163

**Иттињоди байнипарламентї чист?** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .174

**Маркази назорати демократии ќуввањои мусаллањи Женева** . . . . . .175

**Нишондоди алифбої** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .177

# Рўйхати блокњо

Блоки № 1: Дигар тањдидњои амният имрўз . . . 13
Блоки № 2: Намудњои гуногуни шартномањо оид ба амният . . . 14
Блоки № 3: Вазифањои имконпазири шохањои асосии њокимият дар соњаи амният . . . 18
Блоки № 4: Идракунии самаранок – мухимтарин арзиш барои назорати демократии дар сонаи амният . . . 20
Блоки № 5: Масъалањои асосии сиёсати милии амният . . . 22
Блоки № 6: Демократияи бевосита ва тасдиќи шартномањои байналмилалї ва дигар созишномањои муњим: мисоли Швейтсария . . . 29
Блоки № 7: Љомеаи шањрвандї дар Америкои лотинї . . . 32
Блоки № 8: Намудњои нави љангњо: даврањои мушкил барои озодии сухан . . . 34
Блоки № 9: Озодии сухан баъди 11 сентябри соли 2001 . . . 35
Блоки № 10: Интернет-сайтњои парламентї . . . 36
Блоки № 11: Парламентњо ва воситањои ахбори умум . . . 37
Блоки № 12: Масъалаи гендерї дар љараёни барќарорсозии сулњ . . . 39
Блоки № 13: Масъалаи гендерї дар амалётњои сулњљўёна ва равандњо . . . 40
Блоки № 14: Занон дар ќуввањои мусаллањ: мисоли давлатњои ТШАШ . . . 41
Блоки № 15: Љалби занон ба соњаи амният њамчун љузъи таркибии сиёсати гендерї . . . 42
Блоки № 16: Аспектњои нав ва мушкилот, ки дар натиљаи љалби занон ба соњаи амният ба миён меоянд . . . 43
Блоки № 17: Давлатњое, ки ќуввањои мусаллањ надоранд . . . 46
Блоки № 18: Маќсади ислоњоти соњаи мудофиа . . . 47
Блоки № 19: Љалби њарбиён ба фаъолияти њифзи њуќуќи шањрвандї дар Африќои љанубї . . . 48
Блоки № 20: Мисоли дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда дар баъзе давлатњо . . . 51
Блоки № 21: Тавсифи асосии политсия њангоми вучуд доштани демократия . 53
Блоки № 22: Шароит ва њолатњои хатарнок . . . 54
Блоки № 23: Политсия дар Эритрея: мисоли давлати тараќќї ёфтаистода . . 55
Блоки № 24: Парламент ва маблаѓњои молиявї, ки барои хадамоти иктишофї таъин мегарданд: мисоли Аргентина . . . 57
Блоки № 25: Кори кумитањои парламентї бо маводи махфї . . . 58
Блоки № 26: Сохторњои хусусии кудратї ва њарбї ва хатари эњтимолї ба демократия . . . 61
Блоки № 27: Усулу маблаѓњое, ки метавонанд аз љониби парлумон барои амалисозии назорати демократии бахши амният истифода карда шаванд . . . 67
Блоки № 28: Дурнамои самарабахш барои назорати парлумонии бахши амният . . . 68

Блоки № 29: Механизмњо ва таљрибаи баланд бардоштани салоњиятнокии вакилон оид ба масъалањои амният: якчанд маслињат . . . . . . .69
Блоки № 30: Тавсифи умумии усулњо ва расмиёти амалигардонии назорати њокимияти иљроия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .72
Блоки № 31: Маслињатњо барои гузаронидани пурсиши босамар . . . . . . . . .73
Блоки № 32: Тавсифи асосии кумитањои парлумон оид ба тањќиќ . . . . . . . . .75
Блоки № 33: Комиссия оид ба тадќиќоти љойивазкунии њайати њарбии Канада ба Сомалї: инъикоси амалиёти давлатии њисоботи парлумонї ба масъалањои амният . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .76
Блоки № 34: Вазифањои имконпазири кумитаи парлумон оид ба масъалањои мудофиа ва амният . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .78
Блоки № 35: Љаласањои якљояи кумитаи корњои хориљї ва кумита оид ба масъалањои амнияти стортинг (парлумони Норвегия) . . . . .79
Блоки № 36: Омбудсмен . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .81
Блоки № 37: Шарњи фаъолияти омбудсменњо дар баъзе ишварњо . . . . . . .82
Блоки № 38: Ваколатдор оид ба масъалањои ќуввањои мусаллањи (парлумони Олмон) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .83
Блоки № 39: Таљрибаи Аргентина . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .85
Блоки № 40: Протоколи иловагї ба Конвенсияи СММ дар бораи манъи азоб имкониятњоро барои ташриф ба иншоотњои хадамоти амният васеъ мекунад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .86
Блоки № 41: Вазъияти фавќулодда: маќсад ва принсип . . . . . . . . . . . . . . . . .91
Блоки № 42: Пуштибонии амният ва демократия . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .95
Блоки № 43: Тањриф њангоми тафсири ќонунгузорї, ки оќибатњои вазнин дорад . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .96
Блоки № 44: Аксуламали Шўрои амнияти СММ ба њодисаи 11 сентябри соли 2001 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .99
Блоки № 45: Мубориза ба муќобили терроризм . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .100
Блоки № 46: Конвенсия оид ба масъалањои њифзи шањрвандон вобаста ба истифодаи «Системаи худкори коркарди маълумотњои шахсї» 107
Блоки № 47: Амалиётњои сулњљўёна, амалиётњо доир ба нигоњ доштан ва барќарорсозии сулњ: баъзе мафњумњои муфиди СММ . . .109
Блоки № 48: Раванди пай дар пайи амалигардонии амалиётњои сулњљўёна тањти роњбарии СММ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .113
Блоки № 49: Ќоидањои истифодаи ќувва/яроќ дар раванди кори миссияњои сулњљўёна . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .113
Блоки № 50: Омодагии афсарони сулњљўи СММ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .115
Блоки № 51: Буљет: љузъи асосии амалигардонии роњбарии демократї . . .118
Блоки № 52: Барои чї парламент дар тањияи буљет бояд иштироки фаъол дошта бошад? . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .119
Блоки № 53: Таносубияти фоизнокии харољот ба мудофиа ва ММД дар минтаќањои гуногуни љањон ва баъзе мамлакатњо . . . . . . . .120
Блоки № 54: Низоми банаќшагирї, барномасозї ва ташаккули буљет (НББТ) .122
Блоки № 55: Љузъи асосии буљети мудофиа: буљети мудофиаи Испания барои соли 2002 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .123
Блоки № 56: Мамониатњои асосї барои шаффофияти буљети соњаи амният . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .124

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќуввањои мусаллањ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

Блоки № 57: Се дараљаи махфиятнокии маълумот њангоми тавсифи буљети мудофиа . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .126
Блоки № 58: Мушкилоти асосие, ки ба назорати самараноки истифодаи буљети соњаи амният халал мерасонад . . . . . . . . . . . . . . . . . .127
Блоки № 59: Намунаи буљети мудофиа дар баъзе кишварњои Аврупои Љанубу Шарќї (то соли 2001) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .128
Блоки № 60: Аудитори генералї . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .130
Блоки № 61: Наќши Идораи аудитории миллии Британияи Кабир дар назорати парламентии бахши амният . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .132
Блоки № 62: Парламенти Гурљистон ва назорати буљет . . . . . . . . . . . . . . . .133
Блоки № 63: Тавсияњои Шўрои Аврупо оид ба њуќуќњои иттињодияњо барои њарбиён кадрї . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .138
Блоки № 64: Роњбарият ва тањсилоти шањрвандї дар ќуввањои мусаллањи Олмон: принсипњои «роњбарикунии дохилї» . . . .141
Блоки № 65: Кодекси рафтори кормандони маќомоти њифзи њуќуќ бо ќарори Ассамблеяи генералии СММ 34/169 аз 17 декабри соли 1979 ќабул гардидааст . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .142
Блоки № 66: Кодекси рафтори САЊА оид ба љанбањои њарбї-сиёсии амният (1994): муќаррароти асосї . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .143
Блоки № 67: Идоракунии њайати шахсї : масъалањои асосї барои намояндагони парламент . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .146
Блоки № 68: Шароити хизмати њарбї дар мамолики гуногун . . . . . . . . . . . . .150
Блоки № 69: Таъќиби даъватшудагон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .151
Блоки № 70: Ќарори Комиссияи СММ оид ба њуќуќњои инсон 1998/77: саркашї кардан аз хидмати њарбї бинобар эътиќод . . . . . . . . .153
Блоки № 71: Хидмати алтернативї: таљрибаи Швейтсария . . . . . . . . . . . . . .154
Блоки № 72: Барои чї аъзои парламентњо бояд аз болои хариди яроќ назорат баранд . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .159
Блоки № 73: Сиёсати беасос ё духўра дар соњаи хариди яроќ, њамчунин хариди махфии яроќ метавонанд ба оќибатњои зайл расонанд ... . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .160
Блоки № 74: Сиёсати Нидерландия дар соњаи дархости њарбї: нуќтаи назари назорати парламентї . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .160
Блоки № 75: Интиќоли яроќ: равшанї андохтан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .163
Блоки № 76: Шартномањои минтаќавї дар соњаи харидуфурўши яроќ . . . .164
Блоки № 77: Такмили муљозот барои таъмини сулњ: намояндагони парлумон чї тадбирњоеро метавонанд амалї намоянд . . . . . . .166
Блоки № 78: Фурўши силоњи зиёдатї: натиљањои манфии халъи силоњ . .167
Блоки № 79: Нишондињандањои тахминии њаљми фурўши силоњи оташфишон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .168
Блоки № 80: Барномаи амали СММ зидди фурўши ѓайриќонунии силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр: љињатњое, ки бояд намояндагони парламентњо ба он таваљљўњ намоянд . . . . .169
Блоки № 81: Наќши парлумон дар назорати содироти силоњ: ошкорро будан ва масъулият дар мамлакатњои Иттињоди Аврупо . . . .170

Ќисми I

# Таҳаввули аќидаҳои асосии амният ва иштирокчиёни он:

## ситезае, ки ба аъзои парламентҳо дода шудааст

**Боби 1**

# Амнияти таѓйирёбанда дар ањони таѓйирёбанда

Дар дањ соли охир вазъияти глобалї, ки ба масъалањои амният дахл дорад комилан таѓйир ёфтаст. Тањдидњои кўњна гум шуда, љои онњоро тањдидњои нав баъзан боз њам хатарнок гирифтаанд. Чунин вазъият дарки нави чунин мафњумњоро ба монанди амният, сулњ ва низоъ талаб мекунад.

## Сулњ ва мният дар давлатњои демократї

На њама низоъњо ба сулњ ва амният тањдид мекунанд. Дар њар як љомеа оид ба бисёр масъалањо нуќтањои назари раќобатнок ва њатто муќобил вуљуд доранд. Дар давлатњои демократї озодии сухан ба одамон имкон медињад, ки фикру аќидаи худро ба аъзои парламентњо баён кунанд. Аъзои парламентњо, дар навбати худ, дар давраи дебатњои оммавї бояд њамаи нуќтаи назарро муњокима намоянд ва санљанд. Ин тартиб ба давлатњои демократї имкон медињад, ки аз низоъњо рањо ёбанд ва роњњоеро љустуљў намоянд, ки аќќалияти ањолиро ќаноат кунонанд. Аљиб нест, ки аз сабаби мављуд набудани институтњои дуруст амалкунанда шиддатнокї, одатан афзоиш меёбад ва ба низоъ мубаддал мегардад. Демократияро њама ваќт бо сулњ ва амният мањз тавассути механизми табии ба танзим даровардани низоъњо алоќаманд мекунанд.

Алоќаи демократия бо сулњ ва амният чунин маъно дорад: амният маќсади ягона нест, дар њоли охир он бояд ба гулгушукуфии миллат хидмат кунад. Демократия, ки дар парламенти таъсирбахш маъмул шудааст (реша давондааст) ин нуќтаи назарро дар амал тасдиќ мекунад:

> *«Мустаќилияти љомеа, минтаќа, миллат, давлат танњо дар он ваќт маъно дорад, ки он аз ягона мустаќилияти њаќиќї – мустаќилияти инсон њосил гардад».* – *Вацав Гавел*

Амнияти миллї, ки маќсадаш муњофизт намудани давлат аст, амнияти љамъиятї «мегардад», агар он пеш аз њама одамон ва љомеаро муњофизат кунад. Дар амал ин ба фаъолшавии љавобњои зеррини давлат ба тањдиди амният оварда мерасонад:

- ✓ **Чорањои пешгирикунанда:** ташаббусњо доир ба огоњ намудани низоъњо, амалиётњои сулњхоњона, ки ба њалли низоъњо мусоидат мекунанд;
- ✓ **Дахолатпазирї:** дар њолате,ки дигар чорањо натиљае набахшидаанд дахолат ба низоъњои дохилї имконпазир аст бо маќсади муњофизат намудани ањолї;
- ✓ **Амалиёњои љавобї:** кўмак ба ањолї, ки дар давраи љанги шанджї зарар дидаанд. Масалан, таъсиси хаймахои барои муњољирон, пешнињод намудани панојгоњњо ва дигар кўмак ба гурезагон.

# Аз амнияти њарбї ба амнияти њамаљониба

Гузариш ба баррасии амнияти љамъиятї танњо њангоми ба таври васеъ шарњ додани мафњуми «амният» имконпазир аст, он мафњуми соф њарбї нест. Чунин аќидае вуљуд дорад, ки мафњуми «амният» бояд аз нуктаи назари гуногун, аз љумла бо назардошти омилњои њарбї тањлил карда шавад (ниг. Блок №1).

**Блоки № 1**

## Дигар тањдидњои амният имрўз:

- ▷ **Тањдидњои сиёсї –** ноустувории дохилии сиёсии давлати муфлисшуда, терроризм ва вайрон намудани њуќуќњои инсон;
- ▷ **Тањдидњои иќтисодї –** камбизоатї, афзиш ёфтани фарќи байни давлатњои бой ва камбаѓал, бўњронњои байналмилалии молиявї, таъсири давлатњои њамсояи аз љињати иќтисодї пурзўр ё ноустувор, «ѓоратгарї»;
- ▷ **Тањдидњои экологї ва сунъї –** садамањои атомї таѓйириёбињои глобалии экологї, камбаѓалшавии замин ва захирањои об, камбудии мањсулоти хўрока ва дигар захирањо;
- ▷ **Тањдидњои иљтимої –** низоъњое, ки ба масъалаи аќаллият, муњољират, љиноятњои мутташакил, харидуфурўши маводи нашъадор, харидуфурўши ѓайриќонунї, муњољирати оммавї ва беморї алоќаманд аст.

Ахамияти мусбии барасии мафњумми амният аз нуќтаи назари гуногун дар он аст, ки он дарки њаматарафаи тањдидњои гуногуни амният ва љавоб ёфтан ба онњоро таъмин менамояд. Ањамияти манфї он аст, ки хадамоти амният (созмонњое, ки ваколатдоранд ќувва ё тањдиди истифодаи ќувва барои њифзи шањрвандон ва давлатро истифода баранд) метавонанд аз њад зиёд нуфузи калон пайдо кунанд, агар онњо ба соњањои ѓайрињарбии љомеа љалб гарданд. Ба замми ин, бахши амният на њама ваќт имконияти кофї барои љавоб додан ба тањдидњои навро дорад.

# Аз амнияти инфиродии давлат ба њамкории байни давлатњо

Аќида дар бораи он, ки ба даст овардани амнияти миллї танњо тавассути њамкорї бо дигар давлатњо имконпазир аст, на бо ќувваи худ, – нав нест. Дар асри XIX муносибати «тавозуни ќуввањо» њалкунанда буд. Дар асри XX созмонњои амнияти дастаљамъї ба миён омаданд, ба монанди Лигаи миллатњо ва пайрави он СММ, њамчунин созмонњо оид ба мудофиаи дастаљамъї, ба монанди ТШАШ.

Баъд аз хотима ёфтани «љанги сард» шумораи низоъњои дохилї босуръат афзуд. Солњои охир мавзўъи терроризм дар сарлавњањои рўзномањо бартарї доранд. Глобализатсия (љањонишавї) вобастагии мутаќобили байни давлатњоро, аз он љумла соњаи амниятро пурзўр намуд. Имрўз тањдиди амнияти як давлат метавонад бо осонї ба дигар давлатњо пањн гардад ва вазъи ороми минтаќањои дигар ва њатто тамоми љањонро ноором гардонад.

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќуввањои мусаллањ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

Ин њаќиќати нав якљоя бо мушкилоти вуљуддоштаи васеъгардонии амният барои њамкории байналмилалї дар соњаи амният такони нав дод.

**Блоки № 2**

## Намудњои гуногуни шартномањо оид ба амният

### ▷ Мудофиаи дастаљамъї (гурўњї)

Мудофиаи дастаљамъї њамчун шартнома байни ду ва ё зиёда давлатњо муаяйн мегардад, ки мувофиќи он онњо ўњдадор мешаванд дар њолати њамлаи беруна ба њамдигар кўмак расонанд. Намунаи аз њама машњури чунин шартномањо ТШАШ ва Созмони давлатњои Амрико ба њисоб меравvilág.

### ▷ Амнияти дастљамъї

Мувофиќи шартномаи мазкур љомеа дар бораи даст кашидан аз истифодаи ќувва ва дар бораи њифзи њар як узви љомеа агар яке аз тарафњо аз зўроварї истифода барад, шартнома мебандад. Системаи мазкур љавоби ќуввагии љомеаи љањониро ба вайрон намудани сулњи байналмилалї пешбинї менамояд. Дар муќоиса аз мудофиаи дастаљамъї амнияти дастаљамъї зидди хамла дар худи љомеа равона гардидааст. СММ намунаи системаи амнияти дастаљамъї ба шумор меравад. Мувофиќи моддањои 41 ва 42 Низомномаи СММ љомеаи байналмилалї бояд ба мамлакат-вайронкунандаи сулњ тавассути воситањои ѓайрињарбї ё бо истифода аз ќуввањои њарбї таъсир расонад.

*Сарчашма: Simma, Bruno: Низомномаи СММ, 1995*

### ▷ Њамкорї дар соњаи амният

Њамкорї дар соњаи амният бо кўшиши ба даст овардани амнияти умумї алоќаманд аст. Он њамчун «муносибати васеъ, серченак ва бузург нисбат ба мафњуми амният, ки ба боваркунонї, на ба тарс, ба воридкунињо, на истисноњо бартарият медињад, муайян мегардад: он миќдори иштирокчиёнро мањдуд намекунад; муносибатњои дутарафа не, балки њаматарафаро љорї мекунад; ба тарзњои ѓайрињарбии њалли низоъњо бартарият медињад; пешбинї менамояд, ки на танњо давлат-иштирокчии асосии системаи амният ба шумор меравад, балки сохторњои ѓайридавлатї низ наќши муњим бозида метавонанд; зарурати таъсиси институтњои расмиро надоранд, аммо онњоро инкор низ намекунанд; ва албатта, зарурати ба миён овардани шароитњои доимї барои муколама дар асоси њаматарафа эълон мекунад».

*Сарчашма: Evans Gareth:Њамкорї ба хотири сулњ, 1993*

Шартномаи дастаљамъї оид ба мудофиа яке аз намудњои натиљабахши њамкорї ба њисоб меравад. Илова бар ин ќайд кардан зарур аст, ки њамкории на он ќадар муттањид дар соњаи амният дар намуди шартномањои дутарафа ё њаматарафа бе таъсиси созмонњои расмї ё базавии њарбї мављуд њаст.

Ќарор дар бораи њамроњ шудан ба созмони њамкорї дар соњаи амният, махсусан ба созмони мудофиаи дастаљамъї ба вазъият дар соњаи амнияти давлат таъсири сахт хоњад расонд. Умуман, чунин њамкорї амнияти миллиро мустањкам мегардонад, чунки љавоби дастљамъиро ба тањдид таъмин менамояд. Аммо узвият арзиши худро низ дорад: давлат бояд ба маќсад ва талаботњои иттињод мутобиќ гардад, њамин тариќ озодии шахсии интихоби сиёсати миллии амниятро мањдуд мекунад. Ба замми ин, он ба назорати парламентї таъсир мерасонад, чунки раванди ќабули ќарорњо ќисман аз соњаи миллї ба байналмилалї мегузарад.

**Боби 2**

# Мувофиќии назорати парламентї

Аќидаи пањншудае вуљуд дорад, ки сиёсати амният вазифаи «табиии» њокимияти иљроия ба њисоб меравад, чунки он дорои донишњои зарурї мебошад ва имконияти ба он тез љавоб доданро дорад. Парламент њамчун институти ба дараљаи камтарин муфид барои њалли мушкилоти амният ба њисоб меравад ва ба њайси исбот, одатан, раванди тўлкашидаи ќабули ќарор ва камбудии экспертизаи пурра ва иттилоот оварда мешавад. Аммо мањз парламент вазифадор карда шудааст, ки фаъолияти њокимияти иљроияро назорат ва тафтиш намояд, њамчун дигар соњаи сиёсат. Њадди камтар чор сабаб њаст, ки аз рўи онњо чунин назоратро њалкунанда њисоб кардан мумкин аст.

## Пойдевори демократия – огоњии њокимияти мутлаќ (автократия)

Собиќ Сарвазири Фаронса Жорж Клемансо рўзе гуфт: «Љанг чизи нињоят љиддиест, то ки онњоро ба њарбиён дињем». Тамасхуромезона ин изњорот њамин чизро ба ёд меорад, ки њангоми демократия намояндагони халќ њокимияти олї доранд ва ягон бахши давлатї аз назорати он набояд мањрум бошад. Давлатеро, ки дар он назорати парламентии бахши амният, махсусан соњаи њарбї, вуљуд надорад, мебояд, давлати бо демократияи нопурра ё давлате, ки дар он демократия дар раванди барќарорсозї аст, номид. Аз рўи гуфтаи олими амрикої Роберт А.Дал, «мушкилоти асосї ва доимии сиёсат ин худдорї кардан аз идоракунии автократї мебошад».
Аз сабаби он ки бахши амният ба яке аз вазифањои марказии давлат машѓул аст, дар муќобил ба њокимияти иљроия вуљуд доштани системаи назорат ва тавозун зарур аст. Назорати парламентии бахши амният њамин тариќ, пойдеворест – љузъи зарурии таќсими њокимият дар сатњи давлатї ба хисоб меравад,ва агар он самаранок бошад, пас он њатто ваколатњои њокимияти иљроия ё президентро мањдуд менамояд.

### Бе намояндагї ягон андозбандї

Имрўзњо яке аз механизмњои асосии назорати њокимияти иљроия буљет ба њисоб меравад. Њанўз аз давраҳои љаласањои аввалини ќонунгузорї дар Аврупои ѓарбї аъзои парламентњо дар њалли мушкилоти сиёсї њуќуќи овоздињиро талаб мекарданд, аз он љумла изњор менамуданд, ки: «ягон андозбандї бе намояндагї». Аз сабаби он ки муассисањои бахши амният ќисмати бештари буљети давлатиро харљ мекунанд, зарур аст, ки парламент назорати босамар ва оќилонаи истифодаи захирањои давлатиро амалї гардонад.

### Таъсиси доирањои њуќуќї барои соњаи амният

Дар амал лоињаи ќонуннњои ба соњаи амният дахлдоштаро њокимияти иљроия тањия менамояд. Бо вуљуди ин, аъзои парламент њангоми баррасии чунин лоињањо наќши муњим мебозад. Њангоми зарурат онњо метавонанд иловањо пешнињод кунанд, ки ин имкон медињад дар низомномањои пешнињодгардидаи ќонунгузор фикронии нав дар соњаи амният комилан мувофиќ инъикос гардад. Ба замми ин, парламент бояд назорат барад, то ки ќонунњо дар коѓаз намонда, балки пурра иљро гарданд.

### Робита бо љомеа

Ба намояндагони њокимияти иљроия пурра донистани мушкилоти амният зарур нест. Ин њуќуќи аввалиндараљаи шањрвандон ба њисоб меравад. Аз сабаби он ки аъзои парламентњо дар робитаи доимї бо мардум ќарор доранд, фикри мардум ба онњо хуб маълум аст. Бо мурури замон онњо метавонанд дар парламент масъалањоеро бардоранд, ки шањрвандонро ба ташвиш меоран ва назорат баранд, ки чї тавр манфиатњои онњо дар ќонунњо оид ба амният ва сиёсат инъикос гардидаанд.

## Зарурати назорати парламентии бахши амният

Лоаќал се љанбаи соњаи амният талаботњои воќеї барои гузаронидани назорати парламентиро дар бар мегиранд:

- ✓ Ќонунњо бо мўњри «махфї» ба таъмини ошкорбаёнии бахши амният халал расонида метавонанд. Махсусан дар мамлакатњои рohи демократиро интихобкарда ва давлатњои аз сабаби низоъњо људогардида, чунин ќонунњо назорати парламентиро дар соњаи амният метавонанд мањдуд кунанд ё ба он зарар оваранд. Чунин вазъият дар натиљаи мављуд набудани ќонунгузорї дар бораи озодии ахборот низ ба амал омада метавонад.
- ✓ Соњаи амният соњаи нињоят мушкил ба шумор меравад, ки дар он аъзои парламентњо бояд чунин соњањоро ба монанди, харидуфурўши яроќ ва техникаи њарбї, таљњизоти љангї ва омодагии њарбї/омодагии ќисмњову итињодияњо назорат баранд. На њамаи аъзои парламентњо дар соњаи мазкур донишу таљрибаи кофї доранд. Мўњлати истодани онњо ба њайси аъзои парламент ба онњо имкон намедињад, ки донишњои зарурї гиранд, чунки доирањои муваќќатї ва дастрасї ба сарчашмањои экспертї дар дохили мамлакат ва хориљи он метавонанд мањдуд бошанд.
- ✓ Мутаммарказонидани диќќат ба њамкории байналмиллалї дар соњаи амният ба ошкорбаёнї ва ќонунияти демократии сиёсати давлатии амният таъсири манфї расонида метавонад, агар парламент худро аз ин раванд дар канор гирад. Њамин тариќ, он чиз њалкунанда ба њисоб меравад, ки то кадом андоза парламент дар тањияи ќарор ва мућокимаронињо дар сатњи байналмилалї фаъолона иштирок мекунад.

**Боби 3**

# Нақш ва ҳдадориҳои парламент ва дигар сохториҳои давлатӣ

## Тақсимоти ӯҳдадориҳо

Аз сабаби он ки парламент ва ҳукумат дар соҳаи амният нақшҳои гуногун мебозанд, онҳо бо мақсади дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани кори бахши амният ӯҳдадориҳоро бояд тақсим кунанд. Фикри тақсими ӯҳдадориҳоро дар муносибати байни роҳбарияти сиёсӣ ва ҳарбӣ низ истифода бурдан мумкин аст. Ин ду тараф набояд ҳамчун рақиб, ки мақсадҳои мухолиф доранд, баррасӣ гарданд. Баръакс онҳо бояд ба даст овардани сиёсати натиҷабахши соҳаи ва ба манфиати мардум ҷавобгӯбуда ба ҳамдигар заруранд. Ҳамин тариқ, назорати демократӣ бояд муколамаи байни пешвоёни сиёсӣ ва шахсони расмии олимартабаи соҳаи ҳарбиро дар бар гирад, ки ба боварӣ, сӯҳбати ошкоро ва ҳурмати тарафайн асос ёфтааст. Чунин мубодилаи доимӣ бартарияти иловагӣ низ дорад: пешвоёни сиёсӣ ва ҳарбиро аз ҷудошавӣ нигоҳ медорад, ки ин дар пурзӯр намудани устуворӣ кӯмак мерасонад.

## Тақсими нақшҳо

Се шохаи ҳокимияти давлатӣ – иҷроия, қонунгузор ва судӣ – дар ташаккули сиёсати миллии амният нақши асосӣ мебозанд. Кӯшиши тавсифи онҳо дар блоки №3 карда шудааст, ки дар он вазифаҳои хоси ҳар як қисми таркибии ҳокимияти давлатӣ инъикос гардидааст: сардори давлат, ҳукумат ва штаби генералӣ. Мақсади ҷадвал – шарҳи вазифаҳои имконпазири онҳо мебошад, чунки дар системаҳои гуногуни сиёсӣ фарқиятҳо вуҷуд доранд. Ба ғайр аз парламент, шохаҳои иҷроия ва судии ҳокимият дар ташаккул ва ҷорӣ намудани сиёсати амният ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори умум саҳм мегузоранд, ки ҷомеаро дар бораи фаъолият ва нияти шахсони давлатӣ хабардор мекунанд (ниг. боби 6).

Ниҳоят, дар назорати ҷорӣ намудани сиёсати миллии амният ва буҷети вуҷуддошта чунин сохториҳои давлатӣ, ба монанди Омбудсмен (Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон) (ниг. боби 16) ва аудитории генералӣ (ниг. боби 24) нақши ҳалкунанда мебозанд.

## Тобеияти сиёсӣ

Хадамоти амният бояд ба ҳар яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ тобеъ бошанд.

- ✓ **Ҳокимияти иҷроия** тавассути мақомоти марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллии идоракунӣ бевосита назорат мебарад, буҷет таҳия мекунад, самт-

њои умумї ва афзалиятњои фаъолияти хадамоти амниятро муайян мекунад;

✓ **Њокимияти ќонунгузор** соњаи амниятро тавассути ќабули ќонуњо, ки фаъолияти хадамоти амниятро муайян мекунад ва танзим медарорад ва ваколатњои онњоро, њамчунин тавассути тасдиќи маблаѓњои мувофиќи буљетиро назорат мекунад. Чунин назорат таъсиси вазифаи Омбудсмен дар парламент ё Комиссия оид ба тафтиши арзу шикоятњои љомеаро пешбинї менамояд.

✓ **Њокимияти судї** њамзамон бахши амниятро назорат мекунад ва дар њолатњои зарурї, парвандањои шањрвандї ва ё љиноїи нисбати ходимони давлатї, ки њуќуќ вайрон кардаанд, оѓоз мекунад.

Блоки № 3

## Вазифањои имконпазири шохањои асосии њокимият дар соњаи амният

| | Парламент | Њокимияти судї | Њокимияти иљроия | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Сардори давлат | Њукумат | Сардори штаби генералї |
| **Њайати фармондиињандагони Олї** | Дар баъзе кишварњо парламент масъалаи сарфармондењро баррасї менамояд ва/ё сарфармондењро таъин менамояд | Суди Конститутсионї ќонунї будани таъини президент ё њукуматро њамчун сарфармондењ муайян мекунад | Дар баъзе кишварњо давлат наќши расмї мебозад, дар дигар кишварњо бошад, - њокимияти воќеї дорад, яъне дар давраи љанг сарфармондењ аст | Дар ваќти љанг Њукумат вазифаи сарфармондењро иљро мекунад | Дар баъзе кишварњо вазифаи сарфармондењ муваќќатист (дар даврaи љанг), дар дигар кишварњо – доимї |
| **Сиёсати амният** | Мафњуми амниятро баррасї ва тасдиќ, ќонуњо ќабул мекунад | – | Дар соњаи сиёсати амният ќонуњо ба имзо мерасонад | Сиёсати амниятро пешнињод ва љорї менамояд | Ба њукумат маслињат медињад, дар љорї намудани сиёсати амният кўмак мерасонад, ба наќша мегирад ва амалї мегардонад |
| **Буљет** | Буљетро тасдиќ мекунад | | | Лоињаи буљетро пешнињод мекунад | Ба њукумат маслињат медињад, ќонуњоро амалї мегардонад |
| **Ќонуњо дар бораи мудофиа** | Заң қабылдайды | Суди Конститутсионї ќонунї будани ќонуњоро мефањмонад | Ќонуњоро барои баррасии омма ба имзо мерасонад | Ќонуњо пешнињод мекунад ва ќарорњо ќабул мекунад | Ба њукумат маслињат медињад, ќонуњоро амалї мегардонад |

➪

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Њайати шахсї** | Дар баъзе кишварњо парламент ваколатдор аст, ки бештари таъинотро ба вазифањоии идоракунанда тасдиќ намояд | Ќонунї будани рафтори кормандонро арзёбї менамояд | Фаромндењ они асосиро таъин мекунад, наќшаи њайати крмандонро тасдиќ мекунад | Сарфармондењонро таъин мекунад | Оид ба масъалаи наќшаи њайати кормандон маслињатњо медињад, онро амалї мегардонад ба вазифањои нисбатан паст фармондењонро таъин мекунад |
| **Тањвили яроќ (захиракунї)** | Лоињањоиасосиро оид ба тањвили ярок баррасї ва тасдиќ мекунад | Оид ба вайрон намудани ќонунњоро дар бораи ришвахўрї ва ќаллобї тафтишот мебарад | | Тањвили яроќро пешнињод мекунад | Раванди тањвили яроќро пешнињод мекунад ва амалї мегардонад |
| **Фиристодани ќисмњои њарбї ба хориљи кишвар/ќабули ќушунњои хориљї** | Априори (*насанљида*) тасдиќ мекунад априори, (*баъди санљиш*) ё тасдиќ мекунад ё не | Ќонунї будани рафтори онњоро арзёбї мекунад | | Дар бораи иштирок дар амалњои байналмилалї гуфтушунидњо мебарад, оид ба давъатномањо ќарор ќабул мекунад | Фармондади њии амалиётњои њарбї |
| **Созишномањои байналмилалї, ки ба иттињодияњо муттањид гардонида шудаанд** | Тасдиќ мекунад | | Созишномањои байналмилалї мебандад ва онро тасдиќ мекунад | Барои гуфтушунидњои байналмилалї масъул аст | Ба њукумат маслињат медињад |

Чї тавре, ки дар боло ќайд гардид, наќши се шохаи њокимияти давлатї дар њар як давлати алоњида мумкин аст аз њамдигар фарќ кунанд. Аммо вуљуд доштани таќсимоти њокимият, албатта, зарур аст. Дар акси њол тафтишот самаранок нахоњанд буд ва пешгирї кардани суиистифодаи сиёсї дар бахши амният эњтимол аст. Бо назардошти он ки дар бештари давлатњо њукумат кўшиш мекунад, ки дар њалли мушкилоти амният наќши асосї бозад, зарур аст, то ки њукумат барои амалигардонии назорати самараноки њокимият ва захирањо ваколат дошта бошад. Ин боз аз он сабаб зарур аст, ки хатарњои нав (ниг. боби 1) метавонанд муассисањои љамъиятиро водор созад, ки наќшњои худро аз нав дида бароянд.

# Шартњои назорати демократї ва парламентї

Дар соњаи назорати демократї ва парламентї дар сатњи байналмилалї стандартњои ягона вуљуд надоранд, чунки њама ваќт амният ва мудофиа љузъи таркибии истиќлолияти миллї њисобида мешуд. Баъзе стандартњои минтаќавї вуљуд доранд. Масалан, Кодекси рафтор (барои маълумоти муфассал ниг. блоки №72). Шартњои муайяне вуљуд доранд, ки муносибатњои демократии шањрвандї ва њарбиро ба танзим медароранд:

- давлат субъекти ягонае дар љомеа мебошад, ки ба ў њуќуќи ќонунии истиснои истифодаи ќувва дода шудааст: хадамоти амният ба маќомоти ќонунгузори демократии њокимият тобеъ мебошанд;
- парламент маќомоти мустаќил ва тобеъ ба њисоб меравад. Вай њангоми тањия, љорї намудан ва аз нав дида баромадани сиёсати амният ва мудофиа аз болои њокимияти иљроияи назорат мебарад;
- парламент дар баррасї ва тасдиќи хароҷоти буљет барои мудофиа ва амният наќши истиснои ќонунї (аз рўи конститутсия) дорад;
- парламент дар эълон намудан ва бекор кардани вазъияти фавќулодда ва њолати љангї (ниг. боби 18) наќши њалкунанда мебозад;
- шартњои идоракунии самаранок (ниг. блоки №4) ва меъёрњои њуќуќ ба њамаи шохањои њокимият, аз он љумла соњаи амният дахл доранд;
- њайати шахсии кормандони бахши амният шахсан дар назди маќомоти судї барои вайрон намудани ќонунњои миллї ва байналмилалї љавобгў мебошанд (барои вайрон намудани њуќуќњои вазифавии шањрвандї ё љиноятї);
- созмонњое, ки ба бахши амният дохил мешаванд, аз љињати сиёсї бетарафанд.

**Блоки № 4**

## Идракунии самаранок – мухимтарин арзиш барои назорати демократии дар сонаи амният

«Идоракунии самараноки ба сиёсати пешгўишаванда, ошкоро ва босавод асосёфта бо равандњои шаффоф тавсиф меёбад, ки барои осудањолии љомеа, волияти ќонун, њамчунин мављуд будани љомеаи пурќуввати шањрвандї, ки дар њаёти љамъиятї иштирок мекунад, амал мекунад,. Идоракунии суст бо сиёсати мустабид, бюрократия, системаи ноадолатонаи юридикї, ки берун аз ќонун амал мекунанд, бо суиистифода аз мансаб (њокимият) мављуд будани љомеаи шањрвандие, ки дар њаёти иљтимої иштирок намекунад ва пањн гардидани ришвахўрї тавсиф меёбад».

*Сарчашма: Бонки умумиљањонї, 1994. Идоракунї: таљрибаи Бонкиумумиљањонї. Вашингтон*

Ќисми II

# Назорати сиёсати миллии амният

**Боби 4**

# Пурзўр намудани сиёсати миллии амният

## Љузъи таркибї

Сиёсати миллии амният муносибати њукумат ба масъалаи амният ва тарзњои ба даст овардани онро муайян мекунад. Ќарорњои асосии дар сохаи сиёсати миллии амният ќабулгардида ба њолати дохилї ва берунии давлат ва љомеа таъсир мерасонад. Сиёсати амният шартњои доктринаи њарбиро ташкил медињад ва ќисми системаи созишномањои байналмилалї ва минтаќавї ба њисоб меравад, ки ба онњо давлат њамроњ мешавад. Њамин тариќ, сиёсати амният на фаќат ба манфиати миллї ва афзалияти амният асос меёбад, балки зери таъсири омилњои беруна, фишор ва ўњдадорињо ќарор дорад. Дар њама њолат он бояд ба арзиш ва шартњое, ки дар сарќонуни давлат ё низомнома омадаанд, љавобгў бошад.

**Блоки № 5**

### Масъалањои асосии сиёсати милии амният

Њангоми муколама ва тасдиќи њуљљатњо дар бораи сиёсати миллии амният ё дар давраи муколамањо оид ба љорї намудани он намояндагони љомеа бояд ба масъалањои зайл диќќат дињанд:

- ✓ Аз кадом намуди тањдид љомеаро бояд муњофизат кард? Кадом арзишњои љамъиятиро муњофизат кардан зарур аст? Яъне, амният бояд чї гуна бошад?
- ✓ Сиёсати миллии амният тадќиќоти чунин намудњои нави тањдид, ба монанди љинояти мутташакил, терроризм, ноустувории дохилї, минтаќањои иќтисодии офшориро дар бар мегирад ё не?
- ✓ Кадом сатњи амният кофї хоњад буд?
- ✓ Бо кадом роњ аз њама бењтар амнияти давлатро ба даст овардан мумкин аст: ба иттињод њамроњ шудан ё бетарафиро нигоњ доштан?
- ✓ Барои таъмини амният аз тарафи ќуввањои миллї кадом намуди амалиёт амалї мегардад, танњо амалиётњои мудофиавї ё амалиётњои сулњхоњ?
- ✓ Барои ба даст овардани амнияти дилхоњ кадом воситањоро доштан зарур аст ва кадом бахшњоро бояд дохил кард? Ба кадом ваќт ва дар кадом шароит?
- ✓ Сиёсати амниятро баъди чанд ваќт аз нав дида баромадан лозим аст?

⇨

- ✓ Чї тавр мувофиќатии сиёсати миллии амниятро бо ќонунњои байналмилалї ва шартњои муњофизати њуќуќњои инсон ва њуќуќњои башар бояд таъмин кард?
- ✓ Чї ќадар харољоти молиявї ва иќтисодї сарф мегарданд, чї ќадар маблаѓ андозсупорандагон метавонанд пардохт кунанд?
- ✓ Сиёсати амният ва љорї намудани он бо муносибатњои байналмилалї ва устувории минтаќавї чї тавр таъсир мерасонад?
- ✓ Вазъияти муосир ва дурнамо стратегияи миллї доир ба яроќи ќатли ом чї гуна аст?

Одатан, љорї намудани сиёсати миллии амният иштироки сохторњои зиёди давлат  ва ташкилот, тайёр намудани њуљљатњои бисёрро талаб мекунад. Дар навбати худ нињоят зарур аст, ки давлат стратегияи њаматарафаи амнияти миллиро бо иштироки њамаи љанбањои он ва иштирокчиён тањия намояд. Чунин муносибат ба давлат имкон медињад, ки ба тањдидњо њаматарафа ва пурра љувоб дињанд. Чунин тањдидњои нав, ба монанди терроризм ва љинояти байналмилалї махсусан амалиётњои муттафиќонаро талаб мекунанд. Чунки мубориза бо чунин тањдидњо иштирокчиёни зиёдро талаб мекунад: њарбиён, вазорати молия, политсия, ќонунњои сарњадї, хадамоти иктишофї ва ѓ.

## Зарурати иштироки парламент

Парламент манфиат ва нуќтаи назари халќро инъикос мекунад. Аз ин рў, барои иштироки он дар сиёсати миллии амният ва пайваста љорї намудани он асосњои зайлро метавон људо намуд:

- ✓ Сиёсати миллии амният ба њаёт, арзиш ва осудањолии одамон таъсир мерасонад, аз ин рў он набояд ба салоњияти танњо њокимияти иљроия ё њарбиён дохил гардад;
- ✓ Сиёсати миллии амният ба оияндаи соњаи њарбї ва хидматчиёни њарбї таъсири калон мерасонад;
- ✓ Ин сиёсат барои андозсупорандагон оќибатњои муњими молиявї дорад;
- ✓ Ба ѓайр аз харољоти молиявї, чорањо оид ба таъмини амният озодї ва амнияти шањрвандиро мањдуд ва барои демократия оќибатњои љиддї дошта метавонанд;
- ✓ Њамин тариќ, зарур аст, то ки парламент чорањои мувофиќе андешад, ки ба њуќуќњои байналмилалии башарї, махсусан чор созишномаи Женева ва ду протоколи он, бо созишномањо оид ба њифзи њуќуќњои инсон ва созишномаи байналмилалї дар бораи њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї мувофиќат кунад. Дар ягон њолат давлат набояд одамонро аз ин њуќуќњо мањрум созад (ниг. њамчунин бобњои 18-20).

# Наќши парламент дар даврањои тањияи сиёсати амният миллї

Муњокимаронии сиёсати амнияти миллї набояд амалиёти яклањзаина, балки раванде бошад, ки аз чор давра иборат аст: тањия, ќабули ќарор, амалигардонї ва арзёбї. Бо назардошти он ки дахолат ба фаъолияти њокимияти иљроия ва тањияи сиёсати амнияти миллї имконпазир аст, ин раванд бояд ошкоро бошад ва бо маќсади ба даст овардани тавозуни зарурї байни иштирокчиёни бонуфуз (соњаи амният) ва комплекси њарбї-саноатї миќдори њар чї ќадар зиёди иштирокчиёнро дар бар гирад.

Дар њамаи даврањо аъзои парламентњо аз механизмњои мављуда бояд истифода баранд, то ки њокимияти иљроия эњтиёљот ва орзую омоли ањолиро дарк намояд: саволњои хаттї ва шифоњї, пешнињодњо, дархост, гўшкунињо, аризањо ба вазорату корхонањо (ниг. њамчунин боби 14 – дар бораи истифодаи механизмњо дар бахши амният).

## Тањия

Дар њамаи давлатњои системаи парламентї иштироки парламент дар тањияи сиёсати нави амният мањдуд аст. Ин вазифањо асосан ба салоњияти муассисањо ва сохторњои давлатї дохил мешаванд. Аммо парламент ва аъзои он дар таъмини ба манфиат ва орзую омоли мардум љавобгў будани сиёсати мављуда ва дар њолати зарурї аз нав дида шудани чунин сиёсат наќши њалкунанда бозида метавонад.

Дар асл ин наќш набояд бо ќабул ё рад кардани ќонунњо мањдуд бошад. Барои ба ин љараён додани такони зарурї аллакай дар зинаи аввали он кумитањои парламентї бояд нуќтаи назари гуногуни сиёсиро муњокима кунанд, њуљљатњоро тањия намоянд, базаи ќонунгузор омода созанд. Ин бояд на танњо баќайдгирии манфиатњои љамъиятиро дар зинаи аввали тањия таъмин намояд, балки дар ваќти муњокима ва тасдиќи њуљљатњо дар парламент фазои боз њам дўстонаро кафолат медињад. Муносибатњои сиёсии байни аќќалият ва мухолифин набояд ба баррасии демократии ќонуњњои амнияти миллї халал расонанд, чунки охирин манфиати миллатро инъикос менамоянд. Дар чунин фазо парламент ба њуљљати пешнињодшуда бояд иловањо пешнињод намояд.

## Ќабули ќарор

Дар давраи ќабули ќарор парламент метавонад ва бояд наќши муњим бозад. Аз лањзаи ба парламент ворид шудани њуљљат дар бораи масъалањои амнияти миллї, он, бояд гуфт, ки «моликияти» ў мегардад ва вазифаи бевоситаи парламент омўзиш ва такмил додани он аст. Барои омўзиши пурраи он ба парламент ваќти муайян лозим аст, аз ин рў, аз баррасии саросемавории он даст кашидан лозим аст».

Парламент њуќуќ дорад сиёсати нав ва базаи ќонунгузории онро, ки аз тарафи њукумат пешнињод гардидааст, тасдиќ кунад ё онро рад кунад ва иловањо пешнињод намояд. Дар ин давра парламент бояд фаъолона амал кунад, пешнињодњоро пурра ва њаматарафа тањия кунад, агар зарур бошад, таъсири худро истифода барад.

Масъалањои асосие, ки дар љараёни муњокимаронињои парламент ва ќабули ќарор бардошта мешаванд, аллакай дар боло зикр гардидаанд.

Дар ин давра таъсири парламент тавассути тасдиќи маблаѓљудокунии буљетї (муфассалтар ниг. ќисми VI – дар бораи захирањои молиявї) амалї мегардад. Ин таъсир зиёд мегардад, агар парламент тавонад ба гузаронидани муњокимаронињои алоњида ва овоздињї оид ба њар як моддаи алоњидаи маблаѓљудокунї ва буљетї сиёсати амнияти миллї, умуман, муваффаќ гардад. Баррасии наќшаи мудофиа дар ваќт бояд аниќ муайян гардида бошад, дар ин њол алоќаи зичи ин наќшањоро бо буљет бояд ба назар гирифт.

Наќши парламент дар пурзўр намудани дастгирии љомеа ва таъмини ќонунии сиёсати ќабулгардида муњим аст. Дар ин љо нињоят зарур аст, ки љомеа ва воситањои ахбори умум ба муњокимаронињои парламентї ва гуфтушунидњо оид ба масъалаи амният дастрасї дошта бошанд, яъне онњо бояд ошкоро гузаронида шаванд

## Амалигардонї

Масъулияти парламент барои амнияти миллї бо тасдиќи њуљљатњо ва њатто буљет ба анљом намерасад: минбаъд назорат ва вазифаи аудитории он меафзояд. Дар љараёни татбиќ парламент бояд бодиќќат фаъолияти њукуматро бо кўмаки њамаи њуљљатњои дар ихтиёраш дошта (ниг. боби 14) ва институтњои мониторї (масалан, корхонаи аудиторї – ниг. боби 24) назорат барад. Дар аксар ваќт таъсири он дар ќабули ќарорњо оид ба маблаѓљудокунињои буљети мувофиќ зоњир мегардад. Парламент салоњияти созмонњои аудиторї, њамчунин тафтишоти аудиториро назорат мекунад.

Баъзан парламент ба амалиётњои њукумат дахолат карда метавонад, ки тасдиќи онро њангоми таѓйироти љиддї ё бўњрон, масалан фиристодани ќисмњои њарбї ба хориљи кишвар (ниг. боби 21) ё эълон намудани вазъияти фавќуллода (ниг. боби 18) талаб мекунад. Дахолати парламент њамчунин зарур аст, агар њукумат хатогињои љиддї содир карда бошад. Дар ин бора парламент масъаларо ба муњокима мегузорад, дар њолатњои фавќуллода – тафтишоти махсус оѓоз мекунад.

## Арзёбї ва дарси ибрат

Дар љомеаи демократї њукумат барои арзёбии мувофиќи маќсад будани сиёсат ва ба маълумоти љомеа расонидани натиљањои ин арзёбї дар парламент – ба маънои сифатї ва миќдорї масъул аст. Аз нуќтаи назари парламент чунин арзёбї бояд њатман аудити нишондодњои сифатї ва фаъолиятиро – љорї намудани маблаѓљудокунии мувофиќи буљетиро дар бар гирад. Њатто агар арзёбї дер гузаронида шуда бошад њам, онро њама ваќт дар назар доштан мумкин аст, то ки сиёсати амалкунандаро мустањкам намуд ё сиёсати навро тањия намуд. Масалан, арзёбии миссиявњои сулњовар, системањои нави таљњизоти љангї, њамчунин системаи ќабули њайати кормандони вазорати мудофиа (махсусан даъват ба хидмати њарбї). Аъзои парламентњо њамчунин ваколат доранд, ки барои тафтишоти аудитории махсус мушовирон таъин намоянд.

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Сиёсати амният

- Боварї њосил намоед, ки байни сиёсати миллии амният, доктринањои амалкунанда, наќшањои мудофиа ва дархости буљетї алоќаи мантиќї вуљуд дорад.
- Агар зарур бошад – махсусан, баъди муќоиса бо сиёсати дигардавлатњо, масъалаи маќсаднок будан ва/ё имконияти таѓйири сиёсати амниятро дар парламент дар партави  њодисоти охир бардоред (ниг. ќисми 1 – дар бораи инкишофи консепсияи амният ва иштирокчиёни он).
- Парламент бояд ќонунњоро дар раванди тањия, ќабули ќарорњо, татбиќ ва арзёбии сиёсати амнияти миллї, яъне дар њамаи чор давра ба табъ расонад.

## Масъалањои асосї

- Боварї њосил намоед, ки дар давраи тањияи сиёсати миллии амният бештари масъалањои блоки №5 «Масъалањои асосии сиёсати миллии амният» баррасї гардидаанд.

**Боби 5**

# Сиёсати миллии амният ва созишномаҳои байналмилалӣ

## Принсипҳои байналмилалӣ

Созишномаҳои байналмилалӣ таҳияи сиёсати миллии амниятро маҳдуд ё фаъол карда метавонанд. Бештари давлатҳои ҷаҳон аъзои СММ мебошанд ва бо ҳамин тарз бо Низомномаи СММ моддаҳои 2.3 ва 2.4 маҳдуд мебошад, ки эълон медорад:

> *«Ҳамаи аъзои СММ баҳсҳои байналмилалии худро бо роҳи сулҳ тарзе ҳал менамоянд, ки сулҳи байналмилалӣ, амният ва адолатро зери хатар намонанд».*

> *«Ҳамаи аъзои СММ бояд дар муносибатҳои байналмилалии худ аз таҳдиди қувва ё истифодаи он чӣ зидди дастнорасии марзӣ ё истиқлолияти сиёсии ҳар як давлат ва чӣ аз дигар амалиётҳои ба мақсадҳои СММ номувофиқ худдорӣ намоянд».*

Принсипҳои байналмилалӣ структураи муносибатҳои мутақобилаи байни давлатҳоро таъмин менамояд. Изҳороти 2625 (XXV) Ассамблеяи генералӣ дар бораи дӯстӣ ва ҳамкории байни давлатҳо (1970) шарҳи пурраи Низомномаи СММ эътироф гардидааст ва барои ҳамаи аъзои СММ зарур ҳаст. Дар изҳороти мазкур 8 принсипҳои баробари ҳуқуқҳои байналмилалӣ мухтасар ифода ёфтаанд:

**Принсипи 1** Истифода накардани қувва ва таҳдиди қувва

**Принсипи 2** Ҳалли осоиштаи баҳсҳои байналмилалӣ

**Принсипи 3** Устувории сарҳадҳо ва тақсимнопазирии марзии давлатҳо

**Принсипи 4** Истиқлолияти тақсимнопазирии давлатҳо ва дахолат накардан ба корҳои дохилӣ

**Принсипи 5** Ҳурмати ҳуқуқҳои инсон

**Принсипи 6** Ҳуқуқи мардум ба худмуайянкунӣ ва мавҷудияти осоишта дар қаламравӣ худ дар сарҳадӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф-гардида

**Принсипи 7** Ҳамкории байни давлатҳо

**Принсипи 8** Иҷрои бовиҷдонаи ӯҳдадориҳои ҳуқуқҳои байналмилалӣ.

# Шартномањои њаматарафа оид ба амният ва мудофиа

Дар сохаи амният миќдори зиёди шартномањои њаматарафа вуљуд доранд. Категорияњои асосии онњоро шартномањои зайл ташкил медињанд (рўйхати шартномањо мукаммал нест, танњо намунаи баъзе шартномањоро дар њар як категория медињад):

**Шартномае, ки амнияти байналмилалиро ба танзим медарорад:** Низомномаи СММ;

**Шартномањои байналмилалї оид ба њуќуќњои байналмилалии башарї, ки низоъњои њарбии байналмилалї ва ѓайрибайналмилалиро ба танзим медароранд:** чор созишномаи Женева (1949), аз он љумла ду протоколи иловагї ба онњо (1977);

**Шартномањои байналмилалї дар бораи намудњои гуногуни яроќ ва системаи онњо:** Шартнома барои манъи ракетањои баллистикї, Низомномаи Созмони давлатњои Амрико,Шартнома дар бораи Шўрои Аврупо: њуљљати натиљавии САЊА – РБСЕ / ОБСЕ, санади конститутсионии Шўрои Африќо;

**Шартномањои минтаќавї дар бораи њамкории њарбї ва мудофиа дастаљамъї:** Шартномаи НАТО, Шартномаи њамшарикї бањри сулњ, Шартнома дар бораи иттињоди Аврупои ѓарбї, Шартномаи байниамрикої дар бораи кўмаки тарафайн.

Аз тарафи давлатњо тасдиќ гардидани шартномањои байналмилалї маънои онро дорад, ки онњо принсипњои рафтори байналмилалиро бо маќсади пурзўр намудани амнияти байналмилалї ва минтаќавї ва бењтаршавии њамкории дутарафа ва њаматарафа эътироф мекунанд. Њокимияти иљроия одатан гуфтушунидњоро бо иштироки Вазорати корњои хориљї мегузаронад.

# Созишнома ва шартномањои дутарафа дар бораи сулњ, њамкорї ва кўмаки тарафайн

Њангоми тањияи сиёсати амнияти давлат наќши марказї ба созишномањои дутарафа дода мешавад. Шартњои чунин созишномањо нисбатан мањдуд ва муффасал буда, ба арзишњои махсус, шартњо ва талаботи давлатњои манфиатдор дахл дошта метавонанд. Мисоли он созишнома дар бораи кам кардани яроќњои стратегии байни собиќ СССР ва ИМА буда метавонад.

Чунин намуди шартномањоро на танњо барои изњори дўстию рафоќат ба имзо мерасонанд (масалан, шартномаи дутарафа дар бораи дўстї, њамкорї ва кўмаки тарафайн байни Россия ва Армения, август, 1997), онњо њамчунин дар њалли масъалањои њамкории њарбї, аз он љумла дар баъзе њолатњо иљозат гирифтан барои љойгир кунонидани ќушунњо ва яроќ дар ќаламрави давлати хориљї кўмак мерасонанд. Дар давоми солњои 1990 Россия як ќатор шартномањои дутарафа дар бораи њамкории дутарафа бо љумњурињои собиќ Иттињоди Шўравї бастааст.

Чунин шартномањо, агар зарур бошад, масъалаи кўмаки њарбиро низ дар бар гирифта метавонанд.

Вобаста ба ин Низомномаи шарики демократии 1994-ро њамчун идомаи шартномаи байни ИМА ва Ќазоќистон соли 1992 баррасї намудан мумкин аст, ки роњ ба инкишофи муносибатњои дутарафаи њарбї кушод.

Умуман шартномањои дутарафаро њамчун њуљљати сиёсати хориљии амният, бењтаршавии муносибатњои дўстона бо дигар мамлакатњо ва њалли мушкилоти аниќ баррасї намудан мумкин аст.

## Зарурати љалби парламент ва љомеа

Дар давлатњое, ки таљрибаи дахолатпазирии љомеа ва парламент дар раванди тасдиќи шартномањои байналмилалї пањн нагардидааст, онро ворид намудан зарур аст, чунки он дар ба даст овардани дастгирии ањолї кўмак мерасонад. Умуман, дар мамлакатњои демократї њокимияти иљроия бехабар ва розигии парламент шартномањои махфї ё шартномањои дутарафа баста наметавонад. Шартномањои парламентие, ки ба истиќлолият, маќоми арзї ва байналмилалии давлат дахл доранд, бе шубња, бояд аз тарафи парламент муњокима ва тасдиќ карда шаванд.

Дар баъзе мамлакатњо, масалан Швейтсария, шартномањои асосї мавзўи референдуми умумихалќї мебошанд. Дар чунин њолат љалби љомеа дар ворид намудани таѓйироти асосї ба сиёсати берунаи давлат кафолат дода шудааст. Дар Швейтсария референдуми умумихалќї бояд тасдиќ гардад (ниг. њамчунин блоки №6).

**Блоки № 6**

### Демократияи бевосита ва тасдиќи шартномањои байналмилалї ва дигар созишномањои муњим: мисоли Швейтсария

Дар Швейтсария дар љараёни тасдиќи созишномањои байналмилалї парламенти федералї (њукумат) ва ањолї иштирок мекунанд. Созишномањои барои давлат муњим мавзўъи бањси на фаќат парламент, балки љомеа низ мегарданд. Љомеа дар бораи ба имзо расонидани шартномањо дар давраи референдум фикри худро метавонад баён кунад. Бо ёрии референдум љомеа њамчунин метавонад ба Шўрои федералї мандат барои оѓоз ё ќатъи гуфтушунидњо оид ба имзо расидани шартномањои оянда дињад. Референдум зарур аст, агар њукумат ќарор ќабул кунад, ки ба амнияти дасталамъї ё љомеаи «супрамиллї» њамроњ шавад.(моддаи 140. в. сарќонуни федералї).

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Гуфтушунидњо оид ба бастани шартномањо

▷ Таъмин намудан, то ки парламент ва кумита-(њои) мувофиќ:
- бо раванди гуфтушунид алоќаманд бошанд, аз он љумла аъзои парламенти самтњои гуногуни сиёсї њамчун намояндагони як тим дар гуфтушунидњо;
- аз љомеа, махсусан аз созмонњои дахлдори тадќиќотї ва адвокатї оид ба ин масъалањо тавсияњо гиранд;
- дар вақташ нуќтаи назари худро ва пешнињодњоро пешнињод карда тавонанд, ки дар онњо манфиат ва орзую омоли халќу њукумат инъикос гардидаанд.

## Тањлили таъсир

▷ Кўмак расонидан, то ки парламент тањлили пурраи таъсириояндадори (миёнамуддат ва дарозмуддати) шартномаи мазкурро – сиёсї, иќтисодї, иљтимої, экологї ва ѓайраро ба даст орад ва муњокима намояд.

## Тасдиќ (ратификатсия)

▷ Таъмин намояд, то ки парламент шартномаро дар ваќташ тасдиќ намояд.

▷ Таъмин намояд, то ки шартномањои байналмилалї ва ќонунгузории дохилї бо њам мувофиќ бошанд. Дар мавриди зарурї таѓйирот ва мундарињаи онро пешнињод намоянд ё оиди шартномаи байналмилалии мазкур шарњу эзоњ дињанд ё фањмонанд.

## Шарњу эзоњ ва фањмондадињї

▷ Таъмин намояд, то ки амали шарњу эзоњ ва фањмондадињо, ки аз тарафи давлат карда шудааст, давра ба давра аз нав дида шавад, њамчун љузъи таркибии сиёсати миллии амният.

**Боби 6**

# Наќши љомеаи шањрвандї ва воситањои ахбори умум

Бахши амният аз њад зиёд афзуд ва мушкил гардид. Мањз њамин барои парламентњо тањдид меорад – ба парламентњо аксаран барои назорати самараноки бахши амният захира ва мутахассисон намерасад. Дар натиља барои иљрои ин вазифањо миќдори зиёди сохторњои иловагї пайдо шудааст. Дар баробари ин парламент маќомоти олии маъсул мемонад, ки ба ў њукумат њисобот медињад. Њам љомеаи шахрвандї ва њам воситањои ахбори умум ба назорати њаматарафаи парламентии бахши амният дар доираи аз тарафи парламент муайянкарда кўмак расонида метавонанд.

## Чомеаи шањрвандї

Љомеаи шахрвандї ба созмонњои худмухтор таалуќ дорад, ки аз як тараф дар байни институтњои давлатї ва аз тарафи дигар њаёти шахсї ва љомеањо љойгир мебошанд. Он дар худ спектри васеи иттињодияњои ихтиёрї ва њаракатњои иљтимої, яъне доираи васеи созмонњо ва гурўњњое, ки манфиатњои гуногуни иљтимої ва намудњои фаъолиятро муаррифї мекунанд, дар бар мегиранд. Дар поён масъалањои зайл баррасї карда мешаванд: барои чї љомеаи шањрвандї бояд ба баланд бардоштани тобеияти бахши амният таъсир расонад, ин таъсиррасонї бояд чї гуна бошад ва бо кадом роњ љомеаи шахрвандї ба назорати параламентии бахши амният кўмак мерасонад.

### Љомеаи шањрвандї ва демократия

Љомеаи шањрвандї њамзамон ќисми муњими таркибї ва татбиќи раванди демократї ба њисоб меравад. Ба он наќши афзудаистода дар амал кардани демократия мансуб аст. Љомеаи шахрвандї фаъолона ба пешвоёни сиёсї ёдрас менамояд, ки њангоми ќабули ќарор нисбат ба харољоти љамъиятї, сиёсати давлатї талаботњои сершумори раќобатнок ва манфиатњоро ба инобат гирифтан зарур аст. Мањз аз ин рў љомеаи шањрвандї талаботи асосии демократия ба њисоб меравад. Он баръакси потенсиалии њокимияти давлатї ба њисоб меравад, ба авторитаризм тан намедињад ва ба шарофати моњияти плюралистии худ чунин њолатеро таъмин менамояд, ки давлат олати инъикоси манфиатњои гурўњњои на он ќадар калон ё интихобгарида намебошад.

### Љомеаи шахрвандї ва соњаи амният

Чунин гурўњњо дар дохили љомеаи шањрвандї ба монанди донишкадањои илмї ва тадќиќотї, созмонњо оид ба њуќуќњои инсон, созмонњои ѓайридавлатї ба ќарор ва сиёсати соњаи амният таъсир расонида метавонанд. Њукуматњо иштироки сохторњои ѓайридавлатиро дар муњокимаронињои љамъиятї оид ба масъалањои амнияти миллї, ќуввањои мусаллањ, сиёсат ва иктишоф њавасманд карда метавонанд. Чунин муњокимаронињо, дар навбати худ, ошкорбаёнии фаъолияти њукуматро таъмин менамояд.

## Наќши махсус ва сањми созмонњои ѓайридавлатї ва донишкадањои тадќиќотї дар соњаи амният

Созмонњои ѓайридавлатї умуман созмонњои инфиродии бе даст овардани фоида ба њисоб меравcomponentsанд. Одатан, онњо дар назди худ маќсад мегузоранд, ки саъю кўшиши иљтимої ва манфиатњоро дар соњањои гуногун муаррифї намоянд. Гап сари инстуутњои тадќиќотї равад агар, пас онњо метавонанд њам ѓаридавлатї бошанд ва њам бо њукумат робита дошта бошанд, масалан, тавассути маблаѓгузории давлатї.

Созмонњои ѓаридавлатї ва донишкадањои тадќиќотї назорати парламентї ва демократиии бахши амниятро тавассути роњњои зайл метавонанд пурзўр намоянд:

- ✓ Пањн намудани натиљањои тадќиќотњои мустаќил ва маълумот дар бораи соњаи амният, мушкилоти њарбї ва мушкилоти мудофиа дар парламент, воситањои ахбори умум ва дар байни љомеа;
- ✓ мониторинги муносибатњо нисбати муњофизати њуќуќњои инсон ва њурмату эњтиром бартарият доштани њуќуќњо дар соњаи амният;
- ✓ ворид намудан ба рўзномаи љаласа мушкилоти амният, ки барои тамоми љомеа муњим мебошанд;
- ✓ баланд бардоштани салоњияти парламентї ва ќобилияти корї бо роњи гузарониданимашќњо ва семиинарњо;
- ✓ пешнињод намудани нуќтаи назари њукуматии экспертї оид ба сиёсати амният, буљети њарбї, хариди яроќ ва щаклњои захирањо: њавасманд-гардонии гузаронидани музокироти љамъиятї ва ташакули шаклњои имконпазири сиёсат;
- ✓ таъмини алоќаи баръакс байни ќарорњо оид ба масъалањои сиёсати миллии амният ва иљроиши онњо;
- ✓ таълими љомеа ва кўмак расонидан ба гузарондиани муњокимаро-нињои интихобї (алтернативї) дар соњаи љамъиятї.

Дахолати љомеаи шањрвандї дар Амрикои лотинї, масалан, наќши созмон-њои ѓайридавлтї ва марказњои тадќиќотиро дар назорати бахши амният инъ-икос менамояд (ниг. Блоки № 7).

**Блоки № 7**

### Љомеаи шањрвандї дар Амрикои лотинї:

#### Наќш ва моњияти сомонњои љомеаи шањрвандї

Гурўњњои зиёди љомеаи шањрвандї дар Амрикои лотинї дар охири солњои 1980-1990 бо маќсади бењтар намудани муколамаи байни љомеа ва њарбиён ташаккул ёфтанд, чунки њукумати нав интихобгардидади шањрвандї кўшиш мекард, ки ќуввањои мусаллањро аз сари нав ташкил дињад. Чунин муколамањо кўмак расонданд, ки људогузории (изолятсияи) ќуввањои мусаллањ шикаст дода шавад ва раванди мубодилаи касбии байни љомеаи шањрвандї, шахсони интихобгардидаи масъул ва фармондињии олии њарбї оѓоз гардид. Аз њамон ваќт ин гурўњњо наќши муњим мебозанд, аксаран ин наќшро ба сифати сарчашмаи муњими экспертизаи шахрвандї ва кўмаки техникї оид ба масъалањои амният ва мудофиа иљро мекунанд ва њамчунин масъулиятро барои гузаронидани назорати њаматарафаи сиёсати њарбї ва буљет бар души худ мегиранд.

⇨

**Мисолњо**

Яке аз мисолњо гурўњи "SER en 2000" Аргентина мебошад. Баъди кўшиши табаддулоти њарбї дар соли 1990 ташкил ёфта, гурўњи мазкур њамчун созмон барои дастгирии муколама байни намояндагони љомеаи шахвандї, њизбњои сиёсї ва њарбиён фаъолияти худро оѓоз намуд. Ин муколама асосе буд барои таъмин намудани сањми шањрвандї дар лоињањо ва ташкили љузъњои асосии ќонунгузорї, ки ин дар навбати худ асосе шуд барои таъмини ташаккули сиёсати минбаъдаи мудофиа.

Чунин њолат дар љумњурии Доминикан низ ба амал омад, ки дар он љо љомеа ва мутахассисони соњаи мудофиа барои кор бо њарбиён созмони FLASCO таъсис додан бо маќсади тањияи лоињаи ќонунњо оид ба ислоњоти сиёсат ва баъдан ба њокимияти иљроия ва конгресс маслињат доданд, ки онро ба сифати ќонун ќабул намоянд.

Гурўњњои зиёд дар Амрикои лотинї бо кумитањои мудофиа ва амнияти конгрессњои миллї бо маќсади пурзўр намудани имконияти инсонї ва техникии парламентњои худ барои аз нав дида баромадани вазифањои њарбї њамкории зич доранд. Гурўњи аз Перу (Донишкадаи тадќиќоти мушкилоти сиёсаї ва стратегї (IDEPO)) аъзои парламент ва кормандони онро аз кумитањои мудофиаи конгресс оид ба тањияи буљет ва идоракунї тайёр мекунад.

Гурўњи FLASCO дар Гватемала ба конгресс кўмак мерасонад, ки баъзе ќонунњои ба њарбиён таалуќдоштаро, аз он љумла ислоњоти соњаи иктишоф ва хидмати њарбиро тањлил ва баррасї намоянд.

**Салоњият**

Дар Амрикои лотинї љомеа дар соњаи мудофиа ва амният ба ќадри кофї комилњуќуќ нест. Комилњуќуќ набудан ба самаранокии доонишкадањои иљроия ва ќонунгузор халал мерасонад, ки барои аз нав дида баромадани вазифањои њарбї таъин гардидаанд. Аммо дар ваќтњои наздик созмонњои љамъиятї метавонанд ин камбудиро паси сар кунад бо роњи кўмак расонидан ба институтњои давлатї дар тайр намудани кадрњои граждані.

**Маљмўи њамкорињоі**

Дар хотима ќайд менамоем, ки "SER en 2000" чанде пеш шабакаи минтаќавии марказњои тањлилї ва созмонњои ѓайридавлатиро оид ба мушкилоти амният ва мудофиа таъсис додаст. Шабакаи алоќаи мутаќобилаи RESDAL (www.ser2000.org.ar) базаи маълумотњоро оид ба мавод ва ќонунгузорї дар соњаи амният ва мудофиа таъсис додааст ва барои шахсон оид ба гузаронидани тадќиќот ва ташрифи созмонњо барномањо пешнињод мекунад.

*Сарчашма: Крис СабатиниЮ, фонди милї барои демократия, Вашингтоні, 2002*

# Воситањои ахбори умум

Воситањои ахбори умуми мустаќил (ВАУ) умуман ба љомеа ва намояндагои сиёсии он дар маълумотдињї оид ба ќарорњои ќабулгардида кўмак мерасонанд. Онњо дар назорати амалиёти се шохаи њокимияти давлатї кўмак мерасонанд ва ба мундариља ва сифати мушкилоте, ки дар љараёни муколамањо ба миён меоянд ва дар навбати худ ба фаъолияти њукумат, тиљорат, тањсилот ва љомеаи шањрвандї таъсир мерасонанд. Њамин тариќ, ВАУ мустаќил љузъи асосии демократия ба њисоб мераванд. Дар блоки № 8 мушкилоти зиёде ёдрас мегарданд, ки бо чунин мушкилот журналистоне, ки кўшиш мекунанд њукумати худро танќид кунанд, рў ба рў мешаванд. Барои озодии матбуот шарти аосї ин амнияти журналистон ба њисоб меравад.

**Блоки № 8**

### Намудњои нави љангњо: давраҳои мушкил барои озодии сухан

«Ќариб сеяки ањолии кўраи замин дар давлатњое зиндагонї мекунанд, ки озодии сухан дар онњо манъ аст. (….) Мо бояд он журналистонеро, ки дар минтаќаи амлаиётњои њарбї на њамчун журналист кушта шудаанд ва он журналистонеро, ки ќасдан барои тадќиќотњои худ ва маќолањои ба мушкилоти сахти дахлдор, барои мањкум кардани рафтори золимона, тассаруф намудани моликияти дигар кас, ноадолатї, љиноят ва ришвахўрии сиёсї кушта шудаанд, фарќ кунем. Намудњои нави љангњо, ки ба монанди давраи пеш на байни ќушунњои доимї, балки байни гурўњњои этникї, идеологї ва мазњабї ё танњо барои манфиати љиної мераванд, кори хабарнигоронро нињоят хатарнок мекунад. Аммо марг ё маљрўњи журналистон дар низоъњои зикргардида на њама ваќт тасодуф аст. Баъзан њарбиён, њатто аз ќушунњои доимї, ќасдан шоњидони номатлуб корњои худро нишон мегиранд».

*Сарчашма: Маърўзаи солонаи барои соли 2002. Хабарнигорон бе сарњад*

Дар давалатњое, ки ВАУ аз институтњои њукуматї вобастагї доранд, аз онњо бо маќсади ташвиќот бо осонї суиистифода кардан мумкин аст. Дар чунин њолат ВАУ ќодир нестанд, ки ошкорбаёнї ва назорати соњаи амниятро таъмин намоянд.

Бо пайдоиши Интернет датрасии љомеа ба маълумоти расмї афзуд. Тайи дањ соли охир раванди умумї нисбати афзоиши ошкорбаёнї, масъулияти иљтимої ва дастарасї ба маълумоти расмї зоњир гардидааст. Ин равандро дастгирї намудан зарур аст, чунки он ба маълумотгирии љомеа, самаранокии мукоиламањои љамъиятї оид ба мушкилоти муњимтарини сиёсї ва бењтаршавии идоракунї кўмак мерасонад. Интернет њамчунин зарар расонида низ метавонад. Он метавонад аз тарафи гурўњњои экстремистї барои пањн намудани нажодпарастї ва яњудибадбинї истифода бурда шавад. Чунончї, дар баъзе низоъњои ќаблї воситањои иттилоотї, масалан шабакањои радио барои гурўњњои ифротгаро тањкурсї таъмин намуданд ва дар ба миён овардани муњити бадбинї байни гурўњњои гуногуни љомеа кўмак расонданд.

## Љамъ ва пањ намудани маълумот дар бораи мушкилоти амният

Аз нуќтаи назари идоракунии демократї ВАУ њуќуќ доранд дар бораи мушкилоти амният, ки барии љомеаи муфид аст, маълумот љамъ ва пањн намоняд. Онњо њамчунин барои пешнињоди ахборот, ки ба стандартњои њаќиќат, ростї бояд мувофиќат кунанд, масъуланд.

ВАУ, њамин тариќ, ба њукумат ва парламент дар фањмонидани ќарорњо ва сиёсати худ ба шањрвандон, ки ба гирифтани маълумот ва иштирок дар раванди сиёсї њуќуќ доранд, кўмак мерасонад. Масалан, ВАУ метавонанд дар татбиќи њуќуќи шањрвандон дар бораи донистани кї дар соњаи амният кадом вазифаро иљро мекунад, кадом сиёсати амният ќабул гардидааст, дар бораи созишномањо ва дигар намуди шартномањои ба он асосёфта, дар бораи пањн кардани ќушунњо дар хориљи кишвар, доктринаи њарбї, хариди яроќ, дар бораи иштирокчиён, дар бораи тањдидњои имконпазири амният ва муколамањои мувофиќ кўмак расонанд. Дар баробари ин, ваќте гап дар бораи маълумоти махфї меравад, албатта бояд сензураро истифода бурд.

### Конунгузорӣ дар соҳаи ВАУ ва оид ба мушкилоти амният

Дар қонунгузории ҳамаи кишварҳо худ бобҳое ҳастанд, ки ба мушкилоти озодии сухан дахл доранд. Ин принсип дар моддаи 19 Изҳороти умумибашарии ҳуқуқҳои инсон чунин инъикос гардидааст:

> *«Ҳар як шаҳрванд ба озодии фикр ва эътиқод ҳуқуқ дорад: ин ҳуқуқ дар худ озодии изҳор кардани фикру ақидаи худ бе дахолати дигарон ва ҳамчунин ёфтан, гирифтан ва интиқол додани маълумот тавассути ҳама гуна воситаҳои ахбори умумро новобаста аз сарҳад, дар бар мегирад».*

Азбаски дар сатҳи байналмилалӣ принсипҳои роҳбарикунандаи мувофиқ, ки аз рӯи онҳо чунин озодиро ба даст овардан ва муҳофизат кардан мумкин бошанд, вуҷуд надорад, қайд кардан мумкин аст, ки амал намудани принсипи дар боло зикргардида дар вақт маҳдуд нест ва ягон истинодро ба маҳдудҳи имконпазири умумии ба масъалаи амният дахлдорро дар бар намегирад.

**Блоки № 9**

#### Озодии сухан баъди 11 сентябри соли 2001

Рӯзи байналмилалии озодии сухан ҳар сол 3 май ҷашн гирифта мешавад. Соли 2002 дар вақти ҷашни ин рӯз диққат ба таъсири озодии сухани ба он чорабиниҳое, ки давлатҳо метавонанд барои мустаҳкам намудани амнияти миллӣ ва байналмилалӣ баъди ҳуҷуми терористии 11 сентябри соли 2001 истифода баранд, марказонида шуда буд.

«Бе шубҳа байни принсипҳои асосии озодӣ ва талаботи пурзӯр намудани амният дар назди терроризм мухолифат вуҷуд дорад, аммо ҳама гуна маъракаҳои зиддитеррористӣ барои озодии мо бояд бехатар бошанд, – гуфт ҷаноби Койчиро Мацуура директори генералии ЮНЕСКО.

*Сарчашма: Ҷаҳони парламент, № 6, май 2002*

## Алоқаи парламент бо ҷомеа оид ба мушкилоти амният

Принсипи дурусти идораи назорати демократӣ ба шарте самаранок Буда метавонад, ки агар ҷомеа донад, ки кадом мушкилоти асосӣ барои муҳокимаронӣ дар сатҳи парламентӣ кушода мебошанд.

Натиҷабахшии алоқаи ҷамъиятӣ оид ба мушкилоти амният аз миқдор ва дурустии маълумот, ки аз тарафи парламент ё ҳукумат ба ҷомеа пешниҳод мегардад, вобаста аст. Парламент бояд дар паҳн кардани маълумоти мувофиқ ва сифати он манфиатдор бошад, то ки ҷомеа дар бораи вазъияти ҷории мавҷуда ва оқибатҳои раванди қабули қарор дар парламент тасавурот дошта бошад.

### Дастрасии ҷомеа ба ҳуҷҷатҳо

Роҳи аз ҳама самараноки таъмин намудани аҳолӣ бо маълумот оид ба амният аз тарафи парламент ва ҳукумат ин таъсис додани варақаҳои веб-сайт аст.

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќуввањои мусаллањ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

**Блоки № 10**

**Интернет-сайтњои парламентї**

Мувофиќи маълумоти то моњи майи соли 2002 ба даст расида дар 188 давлат 244 палатањои парламентї вуљуд дорад (64 парламент – дупалатагї). Иттињоди байнипарламентї дар бораи 165 сайтњои парламентї дар 128 давлат маълумот дорад (дар баъзе парламентњои дупалатагї њар як палата сањифаи электронии алоњида дорад). «Директивањо оид ба миќдор ва мундарињаи сайтњои парламентї», ки аз тарафи Шўрои Иттињоди байнипарламентї моњи майи соли 2000 тасдиќ гардидаанд, дар сайти Иттињоди байнипарламентї ёфтан мумкин аст: http://www.ipu.org.

Намунаи мисолњо дар бораи мушкилоти амният, ки ба љомеа пешнињод карда мумкин аст:

- Њуљљатњои моњияти стратегидошта, ба монанди сиёсати миллии амният;
- Буљети мудофиа (истисно моддањои махфї);
- Пресс-релизњо оид ба муколамањои асосии парламент, ќарорњо, пешгўињо, ќонунњо ва ѓайра, ки ба бахши амният дахл доранд;
- Суратњисобњои њамаи иљлосияњои парламентї (кумитањо) ва муколамањо оид ба мушкилоти амният (истисно љаласањои пўшида); суратњисобњои гушкунињои пўшида бояд маърўзањоро дар бораи миќёс ва доираи ваколатњо дар бар гирад;
- Нашриянњои бо тадќиќоти парламентии оид ба мушкилоти амният алоќаманд
- Маърўзањои солонаи парламентї ё тафтишот, ки ба фаъолияти хадамоти амният дахл доранд;
- Маърўзањои ваколатдор оид ба њуќуќњои инсон (Омбудсмен) ё аудитори кулл оид ба масъалањои амният, оид ба баъзе тафтишоти махсус; маърўзањои Омбудсменро ба муњокимаронии љомеа баровардан мумкин нест, аммо ў бояд онро ба кумитањои интихобгардида барои баррасї пешнињод намояд; њукумат бояд амалиётеро, ки аз рўи маърўзаи Омбудсмен ва аудитор дар парламент андешида мешаванд, бояд мулоњиза намояд;
- Маълумот дар бораи созишномањои бисёртарафа ва дутарафа;
- Маълумот дар бораи овоздињии аъзои парламенти алоњида ё фраксияњои сиёсї дар парламент оид ба мушкилоти амният (масалан, буљет, дохил шудан ба иттињодияњои байналмилалї, даъват ба хидмати њарбї, хариди яроќ);
- Дар бораи озодии Сухан.

## Кўмак расонидан дар љалб намудани љомеа ба кори парламент

Маълумоти яктарафа кофї нест (аз парламент ё њукумат ба љомеа). Парламент бояд ба љомеа имкон дињад, ки бо ў оид ба мушкилоти амният дар робита бошад. Алоќаи тарафайн ё муколама ањамияти муњим дорад, чунки:

- Он иштирок ва назорати доимии шањрвандонро таъмин менамояд;
- он боварии љомеаро ба фаъолияти парламент зиёд мегардонад;
- он ба амлаигардонии назорати идора мусоидат мекунад (масалан, тавассути Ваколатдор оид ба њуќуќњои инсон дар парламент);
- он дастгирии љомеа ва ќонунї будани ќонунгузорї ва сиёсати њукуматро таъмин менамояд ва устувории демократияро мутаносибан.

Алоқаи тарафайн бо маълумоти парламентӣ, гушкуниҳо ва мониторинги хадамоти иттилоотӣ, муҳокимарониҳои телевизионӣ, ҳамчунин ахбороти аз тарафи аъзои кумитаҳои махсус дархостгардида, ки аз тарафи хадамоти тадқиқотии парламентӣ пешниҳод мегардад, таъмин шуда метавонанд.

**Блоки № 11**

## Парламентҳо ва воситаҳои ахбори умум

«11. Ассамблея парламентҳои миллиро барои баррассии фаврии чорабиниҳо даъват мекунад, ки равона гардидаанд:

i. ба таъмини ошкорбаёнии бештари кори парламент, аз он ҷумла ҷаласаи кумитаҳо, то ки ин масъала на танҳо дар контексти алоқа , балки ҳамчун бартарияти муҳими сиёсӣ бо оқибатҳои бевосита барои демократия баррасӣ карда шавад;

ii. ба беҳтаршавии истифодаи методҳои классикии алоқа ва технологияҳои нави иттилоотӣ, аз он ҷумла:

   а. таъмини шароити беҳтарин барои кори ВАУ ва махсусан барои мухбирон, ки ба парламент ваколат доранд;

   б. таъмини паҳни оперативии маълумот дар бораи мукоamaҳо бо пешниҳоди протоколҳо ва маърӯзаи таҳтуллафзии иштирокчиён;

   в. Таъсиси хадамоти он-лайнӣ барои алоқаи бевоситаи электронӣ бо ҷомеа ва журналистон;

   г. таъимини дастрасии бевосита ба ҳуҷҷатҳои парламентӣ бо мақсади гузаронидани муколамаҳои оммавӣ пеш аз ба овоз монондани қонун.

iii. Истифодаи маслиҳати мутахассиссон дар давраи мукотиба.

iv. Содда намудани матнҳои юридикӣ барои дастрас будан ба хонандагони оддӣ.

v. Амалигардонии қадамҳои зарурӣ дар давраи муколамаҳои сиёсӣ (масалан, муаяйн намудани соҳаҳое ки дар онҳо раванди қабули қароҳоро суръатнок кардан мумкин аст).

vi. Дастгирии паҳн намудан тавассути каналҳои иттилоотӣ ва хадамот оид ба алоқа бо ҷомеа маъмӯи қонунҳо, тавсифи характеристикаҳои асосии он барои доираи журналистон ва мутахассисони манфиатдори касбӣ.

vii. Ташкили семинарҳо барои журналистон бо мақсади ошно намудани онҳо бо тартиби қонунгузорӣ ва гушкуниҳои парламентӣ, кори парламент ва институтҳои парламентӣ. Диққати махсус ба журналистони ВАУ маҳаллӣ ва минтақавӣ додан зарур аст.

viii. Таъсиси шабакаҳои интерактивӣ дар Интернет барои сӯҳбат бо парламент ва хадамоти иттилоотии парламентӣ.

ix. Кӯмак расонидан дар таъсиси шабакаҳои мустақили телевизионӣ, ки кори парламентҳоро равшан мекунанд (дар мисоли баъзе мамлакатҳои Аврупо, ИМА ва канада)

x. Кӯмаки молиявӣ ва дигар ба ВАУ мустақил, ки кӯшиш мекунанд ахбороти баландсифат омода созанд ва дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба онҳо хатари муфлисшавӣ таҳдид мекунад».

*Сарчашма: Қарори 1142 (1997) Ассамблеяи парламентии Шӯрои Аврупо*

Иштироки ҷомеа барои нигоҳ доштани устувории системаи демократӣ муҳим аст. Сатҳи иштирок барои ҳар як давлат гуногун аст. Баъзе парламентҳо ба ҷомеа иҷозат медиҳанд, ки дар ҷаласаҳои кумитаҳо ширкат варзанд. Ин барои фаъолияти созмонҳои ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида, ки дар раванди қабули қонунхо манфиатдоранд, шавқовар хоҳад буд. Агар чунин

иштирок дар љаласаи кумитањо ба шахсон њуќуќи дахолат карданро надињад њам, иштироки онњо аллакай ќимматнок аст.

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Сањми созмонњои ѓайридавлатї дар сиёсати амният

- Боварњосил намоед, ки таъсири намояндагони љомеаи шањрвандї ба кори парламент дар масъалаи амният ва мудофиа фоида меорад.
- Бо ин маќсад, агар зарур бошад, барои тасдиќи ќонунгузории мувофиќ, ки ба институтњои салоњиятдор, созмонњои ѓайридавлатї ва ВАУ имкон медињад дар кори кумитањои парламентї, ки ба масъалањои амният ва мушкилоти вобаста ба он салоњиятдоранд, иштирок намоянд.

### Бохабарии иљтимої

- Боварї њосил намоед, ки парламент дар соњаи робитањо бо љомеа дар масъалаи ќарорњое, ки ба амният ва раванди ќабули ќарорњо дар ин соња таъсир мерасонанд, сиёсати фаъолона дорад.

### Алоќаи байни амният ва озодии сухан

- Боварї њосил намоед, ки озодии сухан дар соњаи амният ба таври дуруст бо ќонун ва таљриба дастгирї меёбанд ва ягон мањдудиятњои гузошташуда принсипњои байналмилалии њуќуќњои инсонро вайрон намекунанд.
- Боварї њосил намоед, ки ќонунгузории мувофиќ дар бораи озодии иттилоот мављуд њаст.

**Боби 7**

# Масъалаи гендер ва сиёсати амният

Баробарии гендерї мафњуми нисбатан нави иљтимої ба њисоб меравад. Имрўз он ба параметрњои муњими мушкилоти амният на танњо аз он сабаб дахл дорад, ки миќдори зиёди одамон, аз он љумла гурезагон ва шахсони иљбории дохили кишвар зери таъсири низоъи мусаллањ мондаанд, балки њамчунин аз он сабаб, ки занон нисфи ањолии љањонро ташкил медињанд, бо мардон њуќуќњои баробар доранд ва дар њалли мушкилоти амният сањми калон мегузоранд. Ќобилият ва гувоњии дили занон дар ёфтани њалли мушкилоти зиёди амният кўмак мерасонанд. Масъалаи таъмини баробарии марду занонро дар соњаи сиёсати амният аз ду нуќтаи назар бояд баррасї намуд. Якум, сиёсати амният бояд ба ин мушкилот диќќат дињад. Тањияи ќарорњои мувофиќ ва таъсиси сохторњое, ки њуќуќњо ва манфиатњои занонро кафолат медињанд, зарур аст. Дуюм, иштироки занонро дар њамаи даврањои ќабули ќарор ва дар њамаи соњањои сиёсати амният дастгирї намудан зарур аст.

## Занон ва њалли низоъњо

Њалли низоъњо ва фаъолияти сулњљўёна на танњо ѓамхории онњое, ки бевосита дар љанг ё низоъњои мусаллањ иштирок мекунанд ва иштирокчиёни он асосан мардон ба њисоб меравад, ба шумор меравад. Иштироки занон дар мизи гуфтушунидњо њама ваќт мањдуд буд ва то њол мањдуд мондааст, њатто агар дар натиљаи љанг ё низоъї мусаллањ онњо маљбур буданд аз доираи наќши анъанавии худ баромада, ўњдадорињои мардонаро ба зиммаи худ гиранд. Дар амал љалби бевоситаи занон дар раванди ќабули ќарорњо, дар амалиёт оид ба њалли низоъњо ва нигоњдории сулњ, дар таѓйири биниши анъанавии наќши мувофиќи занон ва мардон дар љомеа, умуман, ва дар мавридњои низоъї ,аз он љумла, зарурат дорад.

**Блоки № 12**

### Масъалаи гендерї дар љараёни барќарорсозии сулњ

«Њар як раванди сулњљўёна, ки дар он зарурат ва наќши зан инкор карда мешавад, ѓайритабиї ба њисоб меравад… Њангоми дигаргунињои баъди низоъ ваколати занон барои аз нав барќарор сохтан, инкишофи иќтисодї ва иљтимої яњамияти калон доранд. Занон ва мардон ќурбонї ва шахсони амалкунанда дар љанг ва низоъњои мусаллањ ба њисоб мераванд, аммо албатта, дар соњањои гуногун. Дар давраи љанг

➪

занон дар намудњои нави фаъолият иштирок мекунанд ва наќшњои навро бозї мекунанд, одатан, масъулияти калонро бар души худ мегиранд. Ба ин таѓйиротњо нигоњ накарда, занон аксаран барои барќарорсозии сулњ, чї дар љомеаи баъд аз низоъ барќарорёфта ва чї дар амалиётњои байналмилалии сулњовар ба таври нокифоя дархост мешаванд».

*Сарчашма: Масъалаи гендер ва амнияи инсон: аз наќши мањдуд то муттањиддии занон дар раванди сулњљўёна, 2001. Донишкадаи корњои байналмилалии Норвегия*

Блоки № 13 иќтибосњоро аз ќарори Шўрои амнияти СММ 1325 (2000) пешнињод мекунад, ки арзиши таѓйирёбии биниши занонро таъкид мекунад: на њамчун ќурбонии оддии низоъњо (аз он љумла зўроварї ва таљовуз ба номус њамчун тарзи бурдани љанг), балки њамчун иштирокчиёни њалли низоъњо ва фаъолияти сулњљўёна дар асоси њуќуќњои баробар бо мардон. Чунин таѓйирёбии биниш баррасии наќш ва фаъолияти занон ва мардонро то љанг, дар давраи љанг ва баъди љанг ё низоъи мусаллањ дар назар дорад. Ин маънои онро дорад, ки баробарии љинсї ва масъалаи гендерї дар зинаи ибтидоии сиёсї дар ќонунгузории мувофиќ дар сатњи байналмилалї ва миллї баррасї мегарданд.

**Блоки № 13**

## Масъалаи гендерї дар амалётњои сулњљўёна ва равандњо

Шўрои амният (...)

«7. Давлатњои аъзоро водор месозад, ки ихтиёран дастгирии молиявї, техникї ва маводиро, саъю кўшишњоро, ки ба њалли масъалаи гендерї равона гардидаанд, аз он љумла саъю кўшиши хазинањо ва барномањои махсусро афзун гардонанд, масалан Хазинаи СММ барои занон ва Хазинаи кўдакони СММ, њамчунин идораи комиссари олии СММ оид ба масъалањои гурезагон ва дигар сохторњои наздик;

8. Аз њамаи иштирокчиён даъват ба амал месозад, ки дар давраи гуфтушунидњо оид ба барќарорсозии сулњ масъалаи гендериро ба инобат гирад, ки дар бар мегирад,

   (а) талаботи махсуси занон ва кўдакон дар давраи ба ватан бозгаштан ё баргардонида шудан, муњољират ё офият (барќарорсозии њуќуќњо), аз нав муттањидшавї (ба даст овардани шањрвандии такрорї дар худи њамон як давлат) ва барќарорсозї дар давраи баъди низоъ;

   (б) чорањои оид ба нигоњдории ташаббусњои сулњљўёнаи занон ва раванди мањаллї оид ба њалли низоъњо, ки занонро ба механизмњои љорї намудани созишномањои дўстї љалб менамояд;

   (в) чорабинињое, ки муњофизат ва њурмати њуќуќњои занон ва кўдаконро кафолат медињанд, махсусан мувофиќи сарќонун, системаи интихоботї, политсия ва сохторњои судї (…).

15. Омодагии худро барои кафолат додани он, ки миссияњои Шўрои амният масъалаи гендерї ва њуќуќњои занонро ба инобат мегиранд, аз он љумла машваратњо бо гурўњњои мањаллї ва байналмилалии занона, изњор мекунад; (…)».

*Иќтибос аз ќарори Шўрои амнияти СММ 1325 (2000), ки 31 октябри соли 2000 ќабул гардидааст*

Бо назардошти ќарори 1325 (2000) муншии умумии СММ маърўзаро зери унвони «Занон, сулњ ва амният» (16 октябри соли 2002) пешнињод кард. Дар маърўза масъалањои зайл баррасї шуданд: таъсири низоъњои мусаллањ ба занон ва духтарон, доираи ќонунгузории байналмилалї, иштироки занон дар раванди сулњљўёна, амалиётњо оид ба нигоњ доштани сулњ, амалиётњои башарї, азнасовзї ва офият, њамчун дар беяроќгардонї ва азнавтакмилсозї. Яке аз ин низомномањо дар тавсияњо дар охири ин боб муттањид гардонад.

## Занон дар кумитањои парламентї оид ба мудофиа

Маърўзањои Иттињоди байнипарламентї дар бораи иштироки занони давлатњои љањон дар сиёсат тайи 25 соли охир нишон медињанд, ки миќдори онњо дар кумитањои парламентї оид ба мудофиа нињоят паст ва танњо намояндагї мекунанд. Њољат ба гуфтан нест, ки онњо нињоят кам дар вазифањои раис ё љонишинони он ва њатто маърўзачї хизмат мекунанд. Маърўзаи Иттињоди байнипарламентї барои соли 1997 («Занон ва мардон дар сиёсат: демократия дар раванди инкишоф») аз он шањодат медињанд, ки дар парламентњои 97 давлат, ки маълумот дар бораи иштирок дар кумитањои парламентї пешнињод мекунанд, танњо 3% зан кумитањои мудофиаро роњбарї мекунанд. Умуман, намояндагии занон ба сифати раис дар њамаи кумитањои парламентї танњо 18,6%-ро ташкил медињад. Чунин вазъиятро бо ду омилњои асосї фањмондан мумкин аст. Якум, дар љањон занон-аъзои парламентњо нињоят каманд (14,3% то моњи майи соли 2002). Дуюм, дар тамоми љањон ба шарофати анъанае (стереотип), ки дар фикри мардум чунин аќида чуќур реша давонадааст, ки масъалаи сулњу ва љанг дар дарањаи камтар кори занон аст, нисбат ба мардон. Ин нуќтаи назар њалталаб аст, чунки љангњо бе шубња ба њамаи ањолии мамлакат таъсир мерасонанд, занон бошанд нисбат ба мардон дида бештар ќурбонии онњо мегарданд.

## Занон дар хидмати њарбї

Дар бештари мамлакатњо чунин аќида анъанавї ва маъмулї аст, ки занон дар ќуввањои мусаллањ дар вазифањои маъмурї, аќибгоњ ва ёридињанда адои хизмат мекунанд. Иштироки занон дар вазифањои захиравї на танњо дар давраи оромї муњим аст, балки дар љараёни љанг ё дар давраи низоъњои мусаллањ низ муњим аст. Барои муќоиса: дар сатњи њарбї ва оперативї чунин љалбкунї њодисаи тез-тез рўйдињанда мебошад. Дар сатњи байналмилалї ва олї шумораи занон дар ќуввањои мусаллањ калон нест. Дар блоки № 14 мисоли иштироки занон дар ќуввањои мусаллањи давлатњои аъзои ТШАШ оварда шудааст.

**Блоки № 14**

### Занон дар ќуввањои мусаллањ: мисоли давлатњои ТШАШ

| Давлат | Шумора | % аз њамаи ќуввањо |
|---|---|---|
| Белгия | 3,202 | 7,6% |
| Канада | 6,558 | 11,4% |

➪

| | | |
|---|---|---|
| Љумњурии Чехия | 1,991 | 3,7% |
| Дания | 863 | 5,0% |
| Фарон | 27,516 | 8,5% |
| Олмон | 5,263 | 2,8% |
| Гретсия | 6,155 | 3,8% |
| Венгрия | 3,017 | 9,6% |
| Италия | 438 | 0,1% |
| Люксембург | 47 | 0,6% |
| Нидерландия | 4,170 | 8.0% |
| Норвегия | 1,152 | 3,2% |
| Полша | 277 | 0,1% |
| Португалия | 2.875 | 6,6% |
| Испания | 6,642 | 5,8% |
| Туркия | 917 | 0,1% |
| Шоњигарии муттањида | 16,623 | 8,1% |
| ИМА | 198,452 | 14,0% |

*Сарчашма: Шарњи НАТО, тобистони соли 2001*

Одатан, љалби занон ба хидмати њарбї аз рўи даъват ё дар асоси касбї аз тарафи роњбарияти сиёсї ташаббус дода мешавад ё натиљаи инкишофи худи бахши амният шуда метавонад. Ин бо ду зуњурот асос меёбад, ки новобаста аз якдигар љой дошта метавонанд:

- ✓ Дарки зарурати сафарбаркунии њамаи ањолї барои муњофизат ва пурзўр намудани амнияти миллї;
- ✓ Навкунии ќуввањои мусаллањ, ки ба монанди дигар намуди фаъолиятњо барои инкишофи иљтимої кушода аст ва бо њамин тарз ба консепсияи баробарии љинсият эњтиёљманд мегардад.

**Блоки № 15**

## Љалби занон ба соњаи амният њамчун љузъи таркибии сиёсати гендерї

Сиёсати њукумати амният бояд аз нуќтаи назари принсипи њукмрон нисбати занон арзёбї ёбад. Дар конфронси 4 умумиљањонии СММ оид ба мушкилоти занон дар Пекин намояндагони СММ барќарорсозии сиёсати гендериро њамчун стратегияи глобалии ба даст овардани баробарии љинсї эълон намуданд. Шўрои иќтисодї ва иљтимоии СММ сиёсати гендериро њачун «…раванди арзёбии љалби занон ва мардон дар њамаи чорабинињои ба наќшагирифташуда, аз он љумла ќонунгузорї, сиёсат ё барномањо дар њамаи соњањо ва дар њамаи сатњњо муайян мекунад. Ин стратегияи муттањидии нуќтаи назар ва таљрибаи чї занон ва чї мардон дар раванди тањия, иљро, назорат ва арзёбии сиёсат ва барномањо дар њамаи соњањо мебошад: иќтисодї, иљтимої – бо маќсади ба даст овардани фоидаи баробар чї аз тарафи занон ва чї аз тарафи мардон; нобаробарї дастгирї карда намешавад. Маќсади асосї – ба даст овардани баробарии љинсї».

*Әдебиет: БҰҰ Экономикалық-әлеуметтік комитетінің 1997/2 Келісілген Қорытындылары*

Ҷалби афзудаи занон ба қувваҳои мусаллаҳ метавонад дар навбати худ ба гузариш аз мудофиа анъанавӣ то амнияти инсон мусоидат намояд: ба тадқиқот, технологияҳои иттилоотӣ (аз он ҷумла кори бонкӣ), фаъолияти иктишофӣ, ки метод ва амалҳо қувваи ҷисмонӣ ва машқҳоро талаб мекунанд, диққат дода мешавад. Ин раванд имкониятҳои нав барои занон пешниҳод мекунанд, махсусан дар мамлакатҳое, ки занон ва мардон ба таҳсилот ҳуқуқҳои баробар доранд.

**Блоки № 16**

### Аспектҳои нав ва мушкилот, ки дар натиҷаи ҷалби занон ба соҳаи амният ба миён меоянд

Аз сабаби афзоиши нақши занон дар соҳаи амният, дар соҳаи ҳарбӣ ва политсия чунин савол ба миён меояд: омодагии ҷисмонӣ ва интизом оё баробар бояд ба занону мардон паҳн гардад ё не?

Ба танзимдарорӣ низ масъалаи фарқияти ҷинсиро талаб мекунад, ки аз соҳаи ҳарбӣ, дигар сохторҳои давлатии ҳарбикунонидашуда ва политсия хориҷ карда шудаанд: талаботҳои махсус ва манфиатҳои ҷуфтҳои муҷаррад ва оиладорро дар як қисмҳои ҳарбӣ ё гуногун ба инобат гирифтан зарур аст. Масъалаи модар ва кӯдак ва падар ва кӯдакро ва ғайра ба инобат гирифтан зарур аст.

Масъалаи либос, дилкашии эстетикӣ ва шаҳвонии он баррасии минбаъдаро талаб мекунад: оё либос барои занон ва мардон бояд якхела бошад? Оё занон бояд ба мисли мардон мӯйи сар монанд ё не?

Ҳалли ин масъалаҳо фикронии навро талаб мекунад. Қонунгузории миллӣ ҳамчунин қоидаҳои ба танзимдарории соҳаи ҳарбӣ, дигар созмонҳои давлатии ҳарбикунонидашуда ва сохторҳои политсия бояд барои ҳақиқати муосир таҳия гарданд ва мутобиқ гардона шаванд.

## Иштироки занон дар амалиётҳои сулҳҷӯёна. Иштироки занон дар вазоратҳои мудофиа

Чуноне ки аз маълумоти аз тарафи ТШАШ пешниҳодшуда бармеояд (тобистони соли 23001) шумораи занон, ки ба амалиётҳои сулҳҷӯёна ҷалб гардидаанд, аз охири ҷанги дуюми ҷаҳон сар карда кам мемонад. Танҳо якчанд давлат – Канада, Венгрия, Нидерландия ва Португалия – дар ҳайати қувваҳои сулҳҷӯёнаи худ беш аз панҷ фоиз зан доранд. Чуноне ки таҷрибаи СММ нишон медиҳад иштироки онҳо аз тарафи аҳолӣ дуруст қабул карда мешавад ва ба натиҷаҳои амалиётҳо таъсири мусбӣ мерасонад: масалан, ба масъалаҳои ҷинсӣ, мубориза бар зидди зӯроварӣ ва ғайра бештар диққат дода мешавад.

Таъин намудани занон ба ҳайси вазир ё ҷонишини вазири мудофиа ниҳоят кам ба назар мерасад. Ҳисоботи ҷаҳонии Иттиҳоди байнипарламентӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки моҳи марти соли 2000 занон танҳо 1,3% ҳамаи вазирони амният ва мудофиа ва 3.9% ҷонишинони вазир, дигар кормандони вазорат, аз он ҷумла котибони парламентӣ дар ин соҳаро ташкил доданд (ниг. Харитаи ҷаҳон, ки якҷоя бо Иттиҳоди байнипарламентӣ ва СММ «Занон дар сиёсат: 2000» ба табъ расидааст).

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Маълумот

- Дар борaи таносуби занон дар њар як намуди ќуввањои мусаллањ, дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда, дар политсия ва хадамоти иктишофї, њамчунин марказњои машќкунї маълумоти оморї талаб намоед. Иловатан дар бораи фоизнокии занон дар вазифањои масъулиятноки харбии намояндагї ва хидматчиён, ки ќарор ќабул мекунанд, њамчунин дар бораи љалби занон ба шумораи намояндагони давлати шумо ба СММ, ТШАШ ва дигар созмонњои байналмилалї, ки дар онњо масъалаи амният баррасї меёбанд, дархост намоед.

## Масъалаи гендерї, њалли низоъ ва барќарорсозї*)

- Боварї њосил намоед, ки њайати гурўњи намояндагони дар гуфтушунидњо иштироккунанда аз миќдори баробари мардону занон иборат мебошанд.
- Таъмин намоед, то ки созишномањои сулњ давра ба давра ва ошкоро натиља-њои низоъњои мусаллањро ба ќисми занонаи ањолї, сањми онњоро дар раванди сулњ, эњтиёљоти онњо ва афзалиятњо дар давраи баъди низоъ инъикос намояд.
- Боварї њосил намоед, ки дониш, таљриба ва имконияти занон дар давраи барќарорсозї пурра истифода мешаванд.

## Масъалаи гендерї ва миссияњои сулњљўёна*)

- Талаб намоед то ки занон дар миссияњои сулњљўёна ва сохтмони баъдиљангї иштирок намоянд;
- Аз рўи имкон, мувофиќи ќонунгузорї таъмин намоед, ки њайати шахсии ќуввањои сулњхоњ ва дигар ќуввањои байналмилалї оид ба маданияти баробарии љинсї машќњо гузаранд;
- Талаб намоед, ки њайати шахсии ќувањои сулхњох ва дигар ќуввањои байнал-милалї, ки нисбати зан њуќуќњои инсонро вайрон кардаанд, љазо гиранд.

## Њукумат

- Боварї њосил намоед, ки сатњи намояндагии занон ва мрдон дар вазорати мудофиа тайи 10 соли охир баробар буд. Тафтиш намоед, ки барои ба вазифаи роњбарикунанда таъин гаштан занон ва мардон аз љињати ќонун ва дар амал њуќуќњои баробар доранд ё не?

## Парламент

- Њайати кумитањои парламентї оид ба мудофиа ва амният, њамчунин сатњи ваколатњои занонро дар чунин кумитањо тафтиш намоед – дар ретроспективаи таърихї ва давраи муосир.
- Тафтиш кунед, ки ки кумита ба масъалаи гендерї диќќат медињад ё не: ба танзимдарории муносибати миќдории занон ва мардон диќќати махсус дињед, маъалаи баробарии љинсиро ба миён оред.

**) Тавсияњое, ки аз маърўзаи котиби кулли СММ «Занон, сулњ ва амният» , 16 октябри соли 2002 иќтибос оварда шудаанд*

## Ќисми III

# Амалиётњои асосие, ки љузъи таркибии бахши амният ба њисоб меравад

**Боби 8**

# Низомиён

Қувваҳои мусаллаҳ дар давоми асрҳо вуҷуд доранд ва ҳама вақт ҳамчун сипар ва шамшери давлат баррасӣ мегардиданд. Дар блоки № 17 нишон дода мешавад, ки дар миёнаи солҳои 2002 танҳо якчанд давлатҳои ҷаҳон қувваҳои мусаллаҳ надоштанд.

**Блоки № 17**

### Давлатҳое, ки қувваҳои мусаллаҳ надоранд

Баъзе давлатҳо қувваҳои мусаллаҳ надоранд, аз он ҷумла: давлатҳои хурд дар Океанияи ҷанубӣ, ба монанди Науруп, Малдивҳо, Кирибати, Самоа, ҷазираҳои Соломон, Тувалу, Палау ва Вануату; дар ҳавзаи Кариб: Сент-Винсент ва Гренадина, Сент-Китс ва НЕвис, Сант-Люсиа, Ҷумҳурии Доминикан, Гренада. Дигар давлатҳои ғайриҳарбӣ – Коста-Рика,Исландия, Маврикий, Панама, Тимори ғарбӣ, Сомали (дар раванди таъсис артиш), Андорра, Сан-Марино ва Гаити. Дар бештари ин далатҳо ташкилотҳои нимҳарбӣ вуҷуд доранд (масалан, гвардияи миллӣ ва гвардияи сарҳадӣ).

## Вазифаҳои низомиён

Баъди ба анҷом расидани «ҷанги сард» инкишофи равандҳои амният ба соҳаи амнияти тамоми ҷаҳон таъсири сахт расонид. Қувваҳои мусаллаҳ иҷрои ӯҳдадориҳои асосии худро идома дода истода ҳамзамон вазифаҳои нав гирифтанд. Имрӯз қувваҳои мусаллаҳ дар тамоми ҷаҳон панҷ вазифаҳои асосиро иҷро мекунанд:

- ✓ Ҳифзи истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тақсимнопазирии марзии давлат, ҳамчунин ҳифзи шаҳрвандони он;
- ✓ Миссияи сулҳҷӯёнаи байналмилалӣ ва миссияҳо оид ба мустаҳкам намудани сулҳ;
- ✓ Барҳам додани оқибатҳои садамаҳо;
- ✓ Дастгирии амнияти дохилӣ (кӯмак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба нигоҳ доштани тартиб);
- ✓ Иштирок дар ташаккули миллат (вазифаи иҷтимоӣ).

Дараҷаи ҷалби низомиён ба иҷрои ин вазифаҳо вобаста аз давлат ва қонунгузории миллӣ, ҳамчунин дарки амният фарқ мекунад.

### Муҳофизати истиқлолият ва ҷомеа

Ба таҳдидҳои нав ва инкишофи бахши амният нигоҳ накарда, барои бештари қувваҳои мусаллаҳ вазифаи маъмулӣ ҳифзи давлат ё давлатҳои иттиҳод аз ҳуҷумҳои хориҷӣ мемонад. Ин вазифа на танҳо муҳофизати қаламрав ва соҳибихтиёрии сиёсии давлатро, балки ҳифзи ҷомеаро, умуман, дар бар мегирад.

Баъди ба анҷом расидани ҷанги сард пешвоёни сиёсӣ ва ҳарбӣ дарк карданд, ки ба истиқлолияти миллӣ на танҳо қушунҳои хориҷӣ, балки таҳдидҳои ғайриҳарбӣ низ, аз қабили терроризм, ҷангҳои шаҳрвандӣ, ҷинояти муташаккил, киберҷиноятҳо ва ришвахӯрӣ таҳдид мекунанд (ниг. Блоки № 1). Қариб дар ҳамаи қувваҳои мусаллаҳ раванди ислоҳоти соҳаи мудофиа рафта истодааст. Дар Блоки № 18 се раванди асосии мудофиа баррасӣ гардидаанд.

**Блоки № 18**

### Мақсади ислоҳоти соҳаи мудофиа?

Аз оғози солҳои 1990 дар қувваҳои мусаллаҳи бештари давлатҳо ислоҳот гузаронида шуданд. Дар давлатҳои гуногун ислоҳот бо сабабҳои гуногун ба амал омад. Се мақсади асосии ислоҳотро ҷудо кардан мумкин аст.

▷ **Демократизатсия**

Дар бештари давлатҳо, ки режими коммунистӣ ё диктаторӣ вуҷуд дошт ё низоъҳо ба амал меомаданд, мақсади асосии ислоҳот демократизатсия буд:

- Низомиён бояд ба роҳбарияти сиёсӣ, ки бо роҳи демократӣ интихоб гардидааст тобеъ бошад, дар акси ҳол онҳо ба демократия таҳдид хоҳанд кард;
- Истифодаи самарноки захираҳо, ки барои соҳаи ҳарбӣ ва дигар соҳаҳои ҷамъият заруранд.

▷ **Мутобиқшавӣ ба муҳити нави амният**

- Ба танзим даровардани ҳаҷми қувваҳои мусаллаҳ ва буҷет вобаста аз таҳдиди амният;
- Омодагии ҳарбиён ба миссияҳои нав, масалан сулҳҷӯёна.

▷ **Интернатсионализатсия**

Дар солҳои охир шумораи зиёди низомиён дар доираи сарҳади миллӣ не, балки дар якҷоягӣ бо қисмҳои ҳарбии дигар давлатҳо амал мекунанд. Ҳамкории байналмилалӣ метавонад ё ба мақсади умумӣ (масалан, миссияҳои сулҳҷӯёнаи СММ) ё асоси дарозмуддати институтсионалӣ (масалан Нато) ё асоси дутарафа ё бисёртарафа асос ёбад.

- Тобеияти қисмани низомиён ба фармондеҳии байналмилалӣ ва сохтори ташакилӣ;
- Васеъ гардонидани имконияти низомиён барои гузаронидани амалиётҳои умумӣ бо қувваҳои мусаллаҳи дигар давлатҳо: аз нав таҷҳизонии техникӣ, омӯзиш, маълумотдиҳӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, таҳкими системаи назорат ва фармондадиҳӣ (ивазшавии таарфайн.

Намунаи қисмҳои ҳарбии байналмилалии доимӣ амалакунанда:

- Корпуси 1 (Олмон-Нидерландия)
- Батальони Балтика (Литва, Эстония, Латвия)
- Корпус (Полша, Дания, Олмон)
- Баталони бисёрмиллати муҳандисӣ (Словакия, Венгрия, Румыния ва Украина) (Баталони «TICA»).

## Мусоидат намудан ба ҷаҳони байналмилалӣ

Низомиён аз ду сабаб дар миссияҳои сулҳҷӯёна иштирок мекунанд. Якум, барои огоҳ намудан дар бораи низоъҳо ва пешгирӣ кардани оқибатҳои имконпазири манфӣ, ба монанди вайрон шудани тасбити минтақаҳо, зарарасонӣ ба иқтисодиёт ва ташакули ҷараёни беназорати гурезагон. Дуюм, барои кӯмак расонидан ба амнияти одамон ва муҳофизати аҳолии минтақаи низоъ. Амнияти одамон, амалигардонии ҳуқуқҳои инсон – мақсадҳои ниҳоят

муњими сиёсати љомеаи байналмилалї мебошанд, махсусан бо назардошти он, ки охирин низоъњо бисёр берањмона буданд ва барои ањолии оддї оќибатњои манфї доштанд. Натиљаи иловагии иштирок дар миссияњои сулњљўёна – имконияти машќи ќисмњои њарбї ва ба даст овардани таљриба дар шароитњои хаќиќї мебошад.

## Рафъи фалокатњо

Њар як давлат аз фалокатњои табиї ва техногенї зарар дида метавонад: заминљунбї, обхезї, сўхтор ё садамаи таёрањо дар минтаќањои ањолинишин. Дар натиљаи њолатњои фавќуллода њокимияти шањрвандї барои кўмак ба низомиён барои рафъи фалокат мурољиат мекунанд. Низомиён чунин вазифањоро ба монанди таъмини њуќуќ ва тартиб, овардани мањсулоти хўрока, пешнињоди кўмаки тиббї ва дигар намудњои кўмак, нигоњдорї ё барќарорсозии хатњои алоќа ва наќлиёт иљро мекунанд. Иштироки низомиён дар амалиётњо оид ба рафъи фалокатњо ба он мусоидат мекунанд, ки онњо дар назди љомеа наќши муњим мебозанд ва дастгирии онњо аз тарафи ањолї афзоиш меёбад.

## Кўмак ба маќомоти њифзи њуќуќи шањрвандї

Вазифаи дигаре, ки баъзе низомиён иљро мекунанд – ин кўмак расонидан ба маќомоти њифзи њуќуќи шахрвандї мебошад. Љомеа метавонад аз тањдид зарар бинад, ки барњамдињии оќибатњои он барои созмонњои шањрвандї ва политсия нињоят мушкил аст. Намунаи чунин тањдидњо: актњои террористї, љинояткории мутташакил, кочоќи маводи нашъадор. Дар чунин њолатњо боз ба њарбиён мурољиат мекунанд. Аммо истифодаи ќуввањои мусаллањ ба дараљае бањснок аст. Хатари истифодаи њарбиён барои муњофизати тартибу њуќуќ чунин аст:

- ✓ Он ба назорати шањрвандии њарбиён тањдид карда метавонад;
- ✓ Он бечунучаро ба сиёсткунонии соњаи њарбї оварда мерасонад;
- ✓ Њарбиён ќодиранд танњо мувваќатан тартибу њуќуќро барќарор созанд, аммо онњо ќодир нестанд, ки сабабњои сиёсї, иљтимої ё иќтисодии низоъ ё бесарусомонињоро барњам дињанд;
- ✓ Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќуввањои мусаллањ – назорати
- ✓ Хатари раќобат байни политсия ва ќуввањоии мусаллањ вуљуд дорад.

**Блоки № 19**

### Љалби њарбиён ба фаъолияти њифзи њуќуќи шањрвандї дар Африќои љанубї

(...) Ќуввањои љанубии мудофиаи миллии Африќо (SANDF) дар шароитњои истисної истифода шуда метавонанд, масалан њангоми ба вуљуд омадани бесарусомонињои иљтимої, ки аз доираи имкониятњои политсияи Африќои љанубї ё маќомоти мудофиаи миллї бароянд. Истифодаи дохилии ќушунњо мавзўи назорати парламентї ва шарту шароити конститутсионї дар бораи њуќуќњои асосї мебошад ва аз тарафи ќонунгузорї ба танзим даровarda мешавад.

*Сарчашма: «Мудофиа дар давраи демократия»*
*Ќонун дар бораи мудофиаи миллии Љумњурии Африќои љанубї, моњи майи соли 1996.*

## Вазифаҳои иљтимої

Чунин эътироф гардидааст, ки њарбиён, махсусан даъватшудагон, ба ташаккулёбии миллат кўмак мерасонад, чунки љавонон (аксаран мардон) аз минтаќаҳои гуногун, ќабатҳои гуногуни иљтимої ва пайдоиши этникї якљоя кор мекунанд. Ин махсусан дар љомеаҳои сермиллат ва љамъиятҳои муҳољирон, ки дар он љо њарбиён вазифаи «деги гудозишро» иљро мекунанд, тасдиќ мегардад. Вазифаи дигари иљтимоии соҳаи њарбї ин имконият додан ба аҳолї барои дастрасї ба таҳсилот аст. Одамоне, ки кор надоранд, метавонад барои хизмат ба ќувваҳи мусаллаҳ дохил шаванд. Боз як вазифаи иљтимоии соҳаи њарбї (аксаран дар давлатҳои муттараќќї) – ин кўмак ё дастгирии фаъолияти маъмурияти шаҳрвандї дар ноҳияҳои алоҳида оид ба тандурустї ё истифодаи чорабиниҳои пешгирикунанда оид ба муҳити гирду атроф мебошад. Ин вазифаҳои иљтимої мисоли он хизмат карда метавонанд, ки чї тавр низомиён бо љомеа ҳамкорї карда метавонанд. Аммо дар баъзе давлатҳо мо оќибатҳои манфии дахолати низомиёнро дар корҳои љомеа, иќтисодиёт ва сиёсат мушоҳида менамоем. Масалан ҳодисаҳои дахолати њарбї ба фаъолияти ҳукумат вуљуд дорад. Мутаасифона, баъзан љалби низомиён ба додугирифти тиљоратии ѓайриќонунї ба вуљуд меоянд, ки ба онҳо фоидаи иловагиро таъмин менамоянд ва онро бо роҳи демократї назорат бурдан имконнопазир аст.

# Шумо ҳамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Вазифаи низомиён

▷ Боварї ҳосил намоед, ки кори соҳаи њарбї:
- бо доираи ќонунгузорї ва низомномаву ќонунҳои њарбї муайян гардидаанд;
- ба консепсия ва сиёсати амнияти миллї љавобгў мебошад;
- ба талаботи ҳаќиќии љомеа мувофиќат мекунад;
- вазифаҳои ѓайриҳарбї бо сабаби омодагии њарбиён барои иљро намудани вазифаи асосии худ зарар надиданд, яъне – муҳофизат намудани истиќлолияти миллї ва кўмак расонидан ба тартибу ҳуќуќи байналмилалї.

### Ислоҳоти соҳаи мудофиа

▷ Боварї ҳосил намоед, ки кумитаҳои салоҳиятдори парламентї маърўзаҳои муфассал дар бораи ислоҳоти пешбинишуда ё оѓозгардида бо таҳлили мувофиќи таъсири он ба даст мегиранд ва онҳо вобаста ба ин метавонанд гўшкуниҳои парламентї ташкил кунанд.

### Истифодаи низомиён дар фаъолияти ҳифзи ҳуќуќї шаҳрвандї

▷ Умуман ќобили ќабул нест, ки низомиён ба фаъолияти шаҳрвандии ҳифзи ҳуќуќ љалб карда шаванд, лекин агар роҳи дигаре набошад, парламент боядәскердің азаматтық құқық қорғау ісіне араласуында төмендегі мәселелер:
- шароите, ки дар мавриди он ба кўмаки њарбї мурољиат кардан мумкин аст;

➪

- моњият ва мањдудияти чунин кўмак;
- давомнокии љалби низомиён;
- намудњои ќисмњои низомї, ки дар намудњои гуногуни фаъолияти шањрвандї иштирок мекунанд;
- институтњое, ки дар бораи љалби њарбиён ва дар бораи ќатъи фаъолияти онњо ќарор ќабул мекунанд;
- амалигардонии адолати њуќуќї дар мавриди вайрон намудани ќонун ва њуќуќњои инсон.

▷ Вобастакунии ќонунгузории иљозатномањо ё ордерњо, ки аз тарафи институтњои ваколатдор барои кофтукови бино, зиндон кардан ё барои кушодани оташ дода шудааст.

▷ Боварї хосил намоед, ки дар мављуд будани механизме (парламентї ё дигар), ки иштироки низомиёнро дар фаъолияти шањрвандии њифзи њуќуќ кафолат медињад, ба њуќуќи байналмилалии башарї ва принсипњои њуќуќњои инсон мувофиќат.

**Боби 9**

# Дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда

«Ибораи «дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда» (ДСДЊ) вобаста аз шароити муњит ва давлате, ки дар он љо онњо амал мекунанд, маънои гуногун дошта метавонанд. Дар њама гуна маврид дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашударо бояд аз созмонњои шахсии њарбї фарќ кард. Мувофиќи тавсифномаи институти байналмилалии тадќиќоти стратегї (Лондон) консепсияи ДСДЊ (ки онњоро баъзан нимњарбї низ меноманд) «жандармерия», хадамоти гумрук ва гвардияи сарњадиро дар бар мегирад, агар ин ќушунњо оид ба тактикаи њарбї тайёрї гузаштаанд , таљњизоти њарбї доранд ва зери фармони роњбарияти њарбї дар давраи љанг амал мекунанд. Ќариб њамаи давлатњои љањон дар баробари ќуввањои мусаллањ дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда доранд. Ин созмонњо бо сохаи њарбї алоќаи зич доранд ва дар баъзе мавридњо низомиён ба онњо таљњизот, дастрасї ба базаи њарбї пешнињод мекунанд ва дар гузаронидани машќњо ба онњо кўмак мерасонанд.

Њодисаи маълум аст, ки созмонњои давлатии њарбикунонидашуда дар фаъолияти шањрвандии њифзи њуќуќ воситањои техникии њарбиро аз рўи таъиноташ истифода набурдаанд ва/ё барои вайрон кардани њуќуќи инсон ба љавобгарї кашида шуданд. Аз сабаб он ки фаъолияти созмонњои давлатии њарбикунонидашуда фарќи байни политсияи шањрвандї ва ќуввањои мусаллањро аз байн мебарад, зарур аст то ки наќши онњо ва љойи онњо аниќ муайян карда шавад. Наѓз мебуд агар иштироки онњо дар амалиётњои дохилии амният ќатъ карда мешуд. Бо ин маќсад парламент бояд ќонунгузории мувофиќ ќабул намояд ва амалиёти њукуматро назорат кунад. Президент ё сарвазир бояд назорати парламенти созмонњои давлатии њарбикунонидашударо на танњо барои он ки мувофиќи ќонун њама гуна ќуввањое, ки аз тарафи давлат маблаѓгузорї карда мешаванд бояд аз тарафи парламент назорат карда шаванд, тасдиќ кунанд, балки барои он ки бе назорат мондани фаъолияти онњо хатарнок аст.

**Блоки № 20**

## Мисоли дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда дар баъзе давлатњо

| Давлат | Шумораи њайати шахсии ќуввањои мусаллањ | Шумораи њайати шахсии дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда | Намуди дигари дигар созмонњои давлатии њарбикун |
|---|---|---|---|
| Финландия | 31.700 | 3.400 | Гвардияи сарњадї |
| ИМА | 1.365.800 | 53.000 | Патрули њавої |

➪

| | | | |
|---|---|---|---|
| Федератсияи Россия | 1.004.100 | 423.000 | Гвардияи сарњадї, кушунњои хдохилї, ќушунњо барои њифзи ФР, ХФА, ољонсии федералї оидба коммуникатсия ва иттилоот, ќушунњои роњи оњан ва ѓайра. |
| Марокко | 198.500 | 42.000 | Жандармерия, Ќушунњои ёридињанда ва ѓайра. |
| Фаронса | 294.430 | 94.950 | Жандармерия |
| Италия | 250.600 | 252.500 | Карабинерњо ва гвардияи њифзи љамъиятии вазорати корњои дохила |
| Туркия | 609.700 | 220.200 | Жандармерия, гвардияи миллї, гвардияи соњилї |
| Буркина-Фасо | 10.000 | 4.450 | Жандармерия, ширкатњои оид ба амният |
| Чили | 87.000 | 29.400 | «Карабинерњо» |
| Љумњурии Корея | 683.000 | 3.500.00 | Корпуси мудофиаи шањрвандї ва политсия бањрї |
| Индонезия | 297.000 | 195.000 | Политсия, политсияи бањрї ва ќуввањои њарби ёридињандаи мањаллї |

*Сарчашма: Институти байналмилалии тадќиќоти стратегї Мувозанати њарбї 2000-2001, Лондон*

## Вазифањои иттињодиянњои давлатии њарбї

Созмонњои давлатии њарбї як ќатор вазифањоро иљро мекунанд, ки аз њама пањнгардидаи онњо ба таври зайл аст:

- ✓ Назорати сарњадї, аз он љумла назорати њамлу наќли мањсулот ва одамон;
- ✓ Назорати риояи тартиботи љамъиятї;
- ✓ Таъмини тартибу њуќуќ дар холатњои фавќуллода, њифзи сарвари давлат ва объектњои асосї, масалан нерўњои атомї.

## Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

Аз шумо эњтиромна хоњиш менамоем, ки ба бобњои ќисмњои пешина ва минбаъда муроҷиат намоед.

**Боби 10**

# Сохторњои политсия

## Политсия дар давлатњои демократ

Дар њама давра политсия бояд дар доираи ќонун амал кунад. Политсия бо ќонун алокаманд аст, ки иљрои онро бояд таъмин ва њифз намояд. Ба замми ин, наќши политсия аз наќши чунин институтњои асої дар системаи адолати њуќуќї ба монанди прокуратура, суд ё муассисањои ислоњотї фарќ мекунад. Аз нуќтаи назари идоракунии дуруст, њамаи давлатњо бояд амнияти љамъиятиро бо эњтироми њуќуќ ва озодињои инсон таъмин намоянд. Шањрвандон дар давлати демократї њуќуќ доранд, ки муносибати адолатнок ва беѓарази политсияро талаб кунанд. Муносибати политсия ба љомеаро њамчун яке аз нишонањои асосии давлати демократї баррасї намудан мумкин аст.

**Блоки № 21**

### Тавсифи асосии политсия њангоми вучуд доштани демократия

- Хадамоти политсия бояд волоияти ќонунро мутобиќи кодекси касбии рафтор бояд эњтиром намоянд.
- Политсия дар давлатњои демократї амнияти љамъиятї ва эњтироми њуќуќњои инсонро таъмин менамояд:
- Тобеияти хадамоти политсия бояд ошкоро бошад: бояд механизмњои дохилї ва берунаи мушоњида ва назорат вуљуд дошта бошанд.
- Дастгирии тартибот бо ёрии политсия дар давлатњои демократї раванди дутарафа ба њисоб меравад, ки ба талабот ва манфиати шахсони алоњида ва љомеа љавобгў аст ва боварї, ризоият ва дастгирии ањолиро талаб мекунад. Ин раванд ба ошкорбаёнї ва мусоњиба асос меёбад. Барои ин дар бештари давлатњо политсия бо маќсади љавоби мувофиќ ва тез додан ба талаботи ањолї ѓайримутамарказонида шудааст.

## Зарурати муњофизати махсус

Хадамоти политсия олати њокимияти иљроия ба њисоб меравад. Онњо барои истифодаи ќувва дар љомеа дорои монополияи истисної мбеошанд. Аммо аз њамин сабаб онњо њамчун олат барои зўроварї, суиистифодаи аз вазифа, паст кардани њуќуќњои инсон, њамчунин ришвахуўрї истифода шуда метавонанд. Хадамоти политсия дар давлатњои демократї барои кафолати манфиати љомеа ба маќомоти махсуси муњофизат эњтиёљ доранд ва онњо бояд манфиати љомеаро муњофизат кунанд, на манфиати сиёсатмадорон, бюрократњо ва худи политсияро. Политсия бояд озодона амал кунад ва мустаќил бошад, дар баробари ин вай бояд адолати ќонунро эњтиром кунад

ва аз рўи ќонун амал кунад. Кормандони политсия бояд кодекси касбии рафторро дуруст дарк кунанд ва онро риоя намоянд.

Кодекси рафтори касбї эњтироми њуқуќњои инсон ба њаётро пешбинї менамояд , њамчуни ўњдадор аст, ки ќувваро дар њолатњои зарурї барои ба даст овардани маќсад мувофиќи ќонун истифода барад. Истифодаи ќува аз тарафи политсия бояд ба ќоидаи таносуб љавобгў бошад. Илова бар сохторњои масъули дохилї (сиёсї ва судї) (ниг. Бобби 3) њамчунин бояд сохторњои масъули беруна ё бюрократї амал кунанд. Дар низоми касбии политсия бояд назорати дохилии риояи интизом аз тарафи кормандони политисия, њамчунин назорат аз болои баррасии шикоятњои љомеа амалї гардад.

**Блоки № 22**

### Шароит ва њолатњои хатарнок

«Идоракунии ѓайридемократии ќуввањои амният бартариятњои амниятро дигар карда метавонад. Дар бештари кишварњо муносибати беасос ба амнияти њарбї ба он оварда расонд, ки њукумат политсияро њарбї кунонид (минбаъд фарќи байни низомиён ва политсияро аз байн бурда) ё маблаѓгузории онро ќатъиян кам кард ва бо њамин имконияти кафолати амнияти одамонро вайрон кард. Махсусан дар давлатњои сатњи зиндагиашон паст политсия ва дигар маќомоти амният чунин тавсиф меёбанд, ки кормандони он моњонаи паст мегиранд ва он барои зиндагии онњо кофї нест, омодагии мањдуд доранд ё умуман ягон омодагї надоранд, дар чунин маќомот идоракунии фасод ва сатњи баланди бесаводї њукмрон аст. (…) Дар давлатњои роњи демократї интихобкарда пешвоёни интихобгардида бањри дар сари давлат мондан ба ќуввањои амният дидаву дониста тобеъ мешаванд, чунки ин ќуввањо дар љомеа аз њама пурзуранд. Бо ин маќсад чунин пешвоён ба ошкорбаёнї ва масъулият дар соњаи њарбї муќобилият нишон дода метавонанд, чунки манфиати шахсии онњо аз ќуввањои њарбиён вобаста аст».

*Сарчашма: Маърўза дар бораи рушди инсоният, 2002*

## Ташаббусњои ѓайрирасмї

Назорати демократии политсия ба шарофати таъсиси чунин иттињодияњои ѓайридавлатї, ба монанди созмон оид ба њифзи њуќуќњои инсон дар сатњи љомеањои мањаллї бењтар кардан мумкин аст. Дар навбати худ ин ба политсия боварии љамъиятиро кафолат медињад. Маќомоти шањрвандии назорат, ба монанди Омбудсмен (Ваколатдор оид ба шикоятњои шањрвандон бар зидди политсия) масъулияти берунаи политсияро дар назди љомеа таъмин менамояд. Дар баъзе њолатњо таъсиси шўрои минтаќавии амният, ки намояндагони чомеаи шањрвандї ва пешвоёни мањаллир дар бар мегирад, ба бењтаршавии фаъолияти хадамоти политсияи мањаллї таъсири мусбї мерасонад. Масъала оид ба зарурати тањияи ќонунгузорї оид ба муњофизати гурўњи назоратчиёни љомеаи шахврандї ва маълумотдињандагон (информаторњо) аз амалиёти политсия, хадамоти иктишофї ва низомиён, ки тафтишовар аст, ба миён меояд.

**Блоки № 23**

### Политсия дар Эритрея: мисоли давлати тараќќї ёфтаистода

Муносибати байни политсия ва љомеа њама ваќт серпањлў мебошад. Барои тавсифи он аз њама хубтар ду љузъи асоси фаъолияти политсияро баррасї намудан бењтар аст: истифодаи ќувва барои таъмини тартибот ва њуќуќ ва пешнињоди хадамот ба љомеа. Дар давлатњои тараќќиёфтаистода, масалан дар Эритрея ин таќсимот равшан аст. 30 соли муборизаи озодихоњона бар зидди Эфиопия паси сар шудааст, ки чунин ба назар мерасад, ки то њол ба анљом нарасидааст (амалиётњои љангї солњои 1998 ва 1999 ) аз нав сар зада буданд). Дар аввали солњои 1990 ќуввањои политсия бо 5000 афсарони армияи собиќи озодихоњ пур карда шуд. Сабаб оддист: њукумат бояд нисбати ветеранњои худ ѓамхорї зоњир намояд. Баъзе аз кормандони олимаќом хидматро дар политсия ба сифати афсар дар собиќ Эритрея-Эфиопия гузаронидаанд.

Талабот ба таѓйироти муаяйни фарњангї, њамчунин дар намудњои гуногуни кўмаки техникї барои гузаронидани тафтишоти љиноï, таъсиси академия, политсия, тањияи барномањои таълимї (њамаи ин аз тарафи њукумати Дания дастгирї ёфта буд) равшан буд, лоаќал барои донорњо ва баргузидагони мамлакат. Собиќ низомиён ба истифодаи ќувва нуќтаи назари дигар доранд, нисбат ба, масалан, корманди одии политсияи Англия. Лоињаи таѓйироти фарњангї дар сохтори политсияи Эритрея – бо кўмаки њукумати Дания – ба таъсиси политсияи демократї, ки бо барќарорсозии тартиботу њуќуќ бо истифодаи минималии ќувва тавсиф меёбад, равона гардидааст.

*Сарчашма: Каспер В.Варум, Донишгоњи Маастрих, Нидерландия, иштирокчии лоињаи таѓйироти фарњангї дар сохтори политсияи Эритрея, 2002*

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Доираи демократї

- Боварї њосил намоед, ки политсия дар доираи ќонун амал мекунад.
- Боварї њосил намоед, ки политсия мувофиќи кодекси рафтори касбї амал мекунад, њамин тариќ њамаи шањрвандон метавонанд ба муносибати адолатона ва беѓаразонаи политсия умед банданд. Вобаста ба ин боварї њосил намоед, ки давлати шумо ба кодекси рафтор дохил гардидааст, ки аз тарафи СММ барои кормандони маќомоти њифзи њуќуќ соли 1979 (ниг. Блоки № 65) тањия гардидааст.

### Омодагї

- Боварї њосил намоед, ки тањсилоти касбї ва омодагии политсия маќсади барќарорсозии њуќуќ ва нигоњ доштани тартиботи љамъиятї бо истифодаи њадди камтарини ќувваро дорад ва бо ин маќсад арзишњои демократї этникї, њуќуќњои инсон ва масъалаи баробарии љинсïро меомўзад (ниг. њамчунин боби 7).

Њамчунин тавсияњоро дар ќисмњои VI, VII, VIII оид ба захирањои молиявї, инсон ва маводї нигаред.

**Боби 11**

# Хадамоти махфї ва иктишофї

Хадамоти иктишофї (онњоро «хадамоти махфї» низ ном мебаранд) иттилооти ба амнияти давлату љомеа алоќамандро ба таври воќеї тањлил менамоянд. Њарчанд ин хадамот тобеи њокимияти иљроия мебошанд, вале парламент дар назорати фаъолияти онњо наќши муњиме дорад.

Тањдидњои нави амнияти дохилии давлатї, ки дар натиљаи терроризм, хариду фурўши моддањои нашъаовар, љинояткории муташаккилона, муњољирати ѓайриќонунї ба вуљуд омадаанд, барои пурзўр намудани имкониятњои иктишофї огоњии љиддї мебошанд. Хусусан, баъди њодисањои 11 сентябри соли 2001 чунин мењисобанд, ки доштани хадамоти иктишофии хуб зарурат аст. Дар моњњои аввали баъди ин њодисаи террористї њукуматњои як ќатор мамлакатњо ба хадамоти иктишофї ваколатњои бештареро, масалан, иљозати гўш кардан ва таъќиб барои муошират дар Интернет, тавассути телефонњо ва факсро вогузор карданд (ниг. ба боби 20 дар бораи терроризм).

Технологияи нав барои васеъ гардидани имкониятњо бо маќсади таъќиб, ошкорсозї (гўш кардан) ва дастгир намудани гумонбаршудагон дар иљрои љиноят мусоидат мекунад. Миёни хадамоти иктишофии мамлакатњо њамкории боз њам зичтар њам дар самти дохилї ва њам дар самти хориљї риволљу равнаќ меёбад. Таъмини кафолати он ки васеъ гардидани ваколатњои хадамоти иктишофї ба ќонунњои байналмилалии соњаи њуќуќи инсон ва принсипњои башарият муќобил набошанд, аз вазифањои мустаснoии парламент мебошад.

## Барлау қызметінің табиғаты

Моњияти хадамоти иктишофї аз љамъоварї ва тањлили иттилоот иборат аст. Ин гуна фаъолият дараљаи баланди махфї буданро талаб менамояд. Аз дигар тараф, хатари он вуљуд дорад, ки иттилооти мазкурро дар љанбаи сиёсати дохилї метавонанд суистифода кунанд. Дар ин гуна маврид хадамоти иктишофї барои љомеа ва низоми сиёсие, ки аз рўи таъинот њимоятгари онанд, хатар эљод менамоянд. Танњо низоми санљиш ва тавозун метавонад истифодаи парламент ва њокимияти иљроияро аз љониби хадамоти иктишофї бо маќсадњои сиёсии худ пешгирї намояд.

Дар мамлакатњои демократї хадамоти иктишофї бояд барои кори самаранок, бетарафии сиёсї (беѓаразї) кўшиш намуда, одобу ахлоќи касбиро дастгирї менамояд ва мувофиќи ваколатњои ќонунии худ, меъёрњои њуќуќї – конститутсионї ва анъанањои демократї фаъолият менамояд.

Назорати демократии хадамоти иктишофї бояд аз тањияи базаи ќонунгузории даќиќ коркардашуда, ки барои таъсиси ташкилотњои хадамотї дар асоси санадњои ќонунгузории аз тарафи парламент ќабулшуда мусоидат менамоянд, оѓоз ёбанд. Мутобиќи ќонун доираи ваколатњои хадамоти мазкур, метод ва воситањои кори онњо, ки барои он масъулият доранд, бояд муайян гарданд.

**Блоки № 24**

## Парламент ва маблаѓњои молиявї, ки барои хадамоти иктишофї таъин мегарданд: мисоли Аргентина

Ќонун «Дар бораи хадамоти иктишофї» тањти №25, 510 аз 27 ноябри соли 2001.

Моддаи 37: «Кумитаи дупалатагии Конгресси миллї оид ба таъќиб ва назорати маблаѓњо барои сохторњои гуногуни хадамоти иктишофї таъингардида». Бо ин маќсад кумитаи дупалатагии Конгресси миллї метавонад њама гуна ќонунеро, ки бо салоњияти он дахл дорад, амалї намояд, аз љумла:

1. Дар муњокимаи Ќонун дар бораи буљети миллї, ки њокимияти иљроия ба Конгресс ирсол менамояд ва дар мубоњисањо нисбати Ќонун дар бораи буљети миллї ширкат меварзанд. Њокимияти иљроия тамоми њуљљатњои заруриро ирсол менамояд, аз љумла: а) муќарраротро дар бораи буљетњои захиравї, конфиденсиалї ва махфї ва ё дар бораи буљетњои мањдуди дастнорас, ки тибќи ќонун харљ мегарданд; б) муќаррароте, ки маќсад, барнома ва моддањои хароҷотро дар бар мегиранд.
2. Аз тамоми нињодњои хадамоте, ки дар ќонун зикр гардидааст, дар бораи пешнињоди иттилоот ва њисобот, ки ба фаъолияти онњо дахл доранд, кўмак талаб намояд. Њангоми зарурат метавонад иттилоот ва њуљљатњоеро, ки дар моддаи 39 ќонуни мазкур зикр гардидаанд, талаб намояд.
3. Мавофиќи маќсадњое, ки ќонуни буљет дарљ гардидаанд, сарф гардидани маблаѓњоро месанљанд.
4. Њисоботи солонаро барои Конгресси миллї ва президент бо назардошти масъалањои зайл омода менамояд: а) тањлил ва бањодињии тамоми маблаѓњои буљетї, ки барои хадамоти иктишофии људо гардидаанд; б) тавсифи фаъолият оид ба мушоњида ва назорати анљомдодаи кумитаи дупалатагї, инчунин њамаи тавсияњои кумита».

*Сарчашма: Ќонуни №25, 520 дар бораи хадамоти иктишофии миллии Аргентина; 27 ноябри соли 2001).*

Бисёре аз мамлакатњо маъмулан назоратро дар шакли мушоњидањои парламент амалї менамоянд. Салоњиятњои кумитањои дар парламент амалкунанда, масалан; кумита оид ба масъалањои мудофиа ва ќуввањои мусаллањ баъзан нисбати масъалањои вобаста ба мудофиа ва ќуввањои мусаллањ низ пањн мегарданд. Дар як ќатор кишварњо парламентњо кумитањои парламентї ва зеркумитањоро, ки барои назорат аз болои хадамоти иктишофї ва хадамоти махфї махсус гардонида шудаанд, таъсис додаанд. Ба кумитањои мушоњиди парламентї бояд дастрасї ба иттилоот, њуќуќи иштирок дар таъини рођбарони хадамоти иктишофї, инчунин њуќуќи амалисозии назорати буљет кафолат дода шавад. (ниг. ба блоки №24 – дар бораи фондњои махсус).

Њангоми мавчуд набудани кумитањои салоњиятдор баъзе давлатњо кумитањои мушоњидро аз болои хадамоти иктишофї берун аз њокимияти иљроия ва ё кабинаи вазирон ташкил додаанд. Кабина ва ё маќомоти назоратии њокимияти иљроия, маъмулан вазифањои идоракунї ва ё маъмуриро иљро менамоянд ва барои људо набудан аз сохторњое, ки фаъолияти онњоро назорат менамоянд, кўшиш намуда, аз кумитањои парламентї, ки дар кори онњо намояндагони сатњњои мухталифи сиёсї љалб мегарданд, фарќ доранд.

**Блоки № 25**

### Кори кумитањои парламентї бо маводи махфї

- ▷ Њангоми зарурат аъзои кумита пушти дарњои баста машварат доир менамоянд.
- ▷ Кумита дар љаласањои пленарї њисобот медињад, ки баъд аз он муњокимањои оммавї сурат мегиранд (аз рўи масъалањои ѓайримахфї).
- ▷ Кумита барои гирифтани њама гуна иттилоот зимни ифшо накардани иттилооти ба амалиёти љорї ва ё номи кормандони хадамоти иктишофї дахлдор ваколат дорад.
- ▷ Кумита барои ошкоро будани њама гуна иттилоот баъд аз тасдиќи ќарор (аз тарафи аксарияти ваколатдор ва ё аксарияти муќаррарии овозњо) дар бораи ба нафъи љомеа будани чунин ошкорнамої њаќ дорад.
- ▷ Кумита бо гирифтани иттилооти дархостшуда мањдуд намегардад. Бо ташаббуси шахсии худ вазири масъули хадамоти иктишофї бояд ба кумита њамеша њангоми пайдо шудани зарурат барои дарки вазъият иттилоот пешнињод кунад.

## Тавсифи хадамоти иктишофї дар мамлакатњои демократї

Шакли махсуси назорати хадамоти иктишофї ва ё хадамоти махфї ба анъанањои ќонунгузории давлатї, низоми сиёсї ва омилњои таърихї дорад. Масалан, баъзе мамлакатњое, ки аз таъсири њуќуќи умумии британиёвї бархурдоранд, ба љанбаи судии назорат эътибори махсус медињанд. Баръакси онњо мамлакатњои Аврупои континенталї ва он мамлакатњое, ки дар тўли таърихи муосир то кадом андозае режимњои тоталитарии репрессивиро дидаанд, шакли назорати ќонунгузориро интихоб мекунанд. Дар ИМА механизмњои мушоњида њам дар њокимияти иљроия, њам дар ќонунгузорї ва њам дар шохаи судии њокимияти федералї амал менамоянд. Дар баъзе аз мамлакатњо институти Омбудсмен (мансабдоре, ки арзу шикояти шахсонро аз болои маќомоту муассисањои давлатї баррасї мекунад) таъсис ёфтааст, ки барои анљом додани тањќиќот оид ба вайрон кардани њуќуќи инсон аз тарафи хадамоти иктишофї бо роњи љалбсозии одамон ва љомеаро аз натиљањои тањќиќот хабардор намудаанд, ваколатдор аст (ба боби 16 дар бораи Омбудсмен нигаред).

### Сарњадњо

Назорати хадамоти иктишофї бисёр ваќт мањдуд аст. Мањдудият метавонад ба навъи фаъолият (дохилї – зиддииктишофї ва ё берунї – иктишофї) ва ё сохањои он (усулњои оперативї ва ё амалњои махфї) дахл дошта бошад.

### Муњокимањои ошкоро ва пинњонї дар парламент

Назорати хадамоти иктишофї дар мамлакатњои демократї дар муќоиса бо дигар сохањои фаъолияти давлатї камтар ошкоро ва рушдёфта боќї мемонад. Масалан, баррасии масъалањо дар кумитањо оид ба назорати хадамоти иктишофї, одатан, на њамеша бо муњокимањои ошкоро сурат мегиранд ва аъзои парламент, ки ин масъалањо бевосита ба ваколати онњо дахл доранд, бояд барои ифшо накардани иттилооти ба онњо маълумгашта забонхат нависанд. Ќатъи назар аз ќабули шаклњои муайяни назорат мамлакатњои демократї барои нигоњ доштани мувозинат миёни риояи рафтори ќонуни дахлдор ва њисоботдињанда будани чунин ташкилотњо бо ёрии санљишњои мунтазам аз

як тараф ва аз тарафи дигар таъмини махфияти онњо ва самаранокии таъмини њифзи амнияти миллї саъю кўшиш менамоянд.

## Таќсими супоришњо

Роњњои таркибии назорати хадамоти иктишофї иборат аз он аст, ки аз инњисорї фаъолияти иктишофї аз љониби як ташкилот ва ё агентї худдорї бояд намуд. Зиёд кардани миќдори хадамоти иктишофии гуногун, ки ба сохторњои гуногун тобеъ мебошанд, ба мисли ќуввањои мусаллањ ва политсия, хадамоти иктишофии дохилї ва ё берунї мумкин аст њангоми раќобати бюрократии на он ќадар самарабахш бошад, аммо барои назорати демократї таъсири мусбї дорад. Мутаносибан дар бисёре аз мамлакатњо хадамоти иктишофии дохилї ва хадамоти иктишофии њарбї дар алоњидагї фаъолияти худро ба амал мебароранд. Ин гуна мањдудият аз нуќтаи назари демократї, ба ѓайр аз њолатњое, ки ба љамъоварї ва тањлили маълумоти иктишофї дахл доранд, манфиат дорад, ки махсусан баъди њамлаи террористї ба ИМА мушкилот ба бор овард.

## Тайёр намудани кадрњои хадамоти иктишофї

Тайёр намудан ва ташаккули касбии мутахассиси хадамоти иктишофї љузъи муњими назорат мебошад. Садоќат ба меъёрњои демократї ва принсипњои њуќуќи инсон, њисси масъулияти шањрвандї њангоми тайёр намудани кадрњои хадамоти иктишофи љузъиёти муњим ба шумор меравад. Мамлакатњои демократї барои тайёр ва љалб намудани на танњо њарбиён, инчунин шањрвандон низ дар хадамоти иктишофї кўшиш менамоянд.

## Бардоштани муњри махфї аз њуљљатњо

Омили дигаре, ки барои бењтаршавии назорат ва њисобот мусоидат менамояд, ин имконпазирии бо мурури замон барои љомеа дастрас гаштани иттилоот ба фаъолияти хадамоти иктишофї дахлдор мебошад. Ба ин Ќонун дар бораи озодии иттилоот ва ќоидањои нашри маводи махфї кўмак мерасонад. Чунин имконияти ошкоршавии ба таъхир андохташуда ва мушоњидаи комилан имконпазир метавонад боиси бењтар шудани назорати демократї гардад (ниг. боби 21).

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Механизмњои назорати парламентї

- Мўътаќид бошед, ки дар парламенти Шумо кумита ва ё зеркумитаи дорои ваколатњои махсус оид ба назорати тамоми хадамоти иктишофї фаъолият менамояд (барои муќоиса ба боби 15 – оид ба кумитањои парламентї нигаред).
- Мўътаќид бошед, ки ваколатњои чунин маќомот ба таври даќиќ муайян буда, мањдуд нагардидааст ва ба кормандони он њама гуна иттилооти зарурї ва экспертиза дастрас аст.
- Мўътаќид бошед, ки кумитањои парламентї оид ба бозёфтњо, хулосањо ва тавсияњои худ давра ба давра чорањо меандешад ва њисобот медињад.

## Асосҳои демократӣ ва ҳуқуқӣ

- ▷ Мўътақид бошед, ки бо қонун дар бораи хадамоти иктишофӣ масъалаҳои мақом, салоҳият, амалиёт, ҳамкории хадамоти иктишофӣ ба танзим дароварда мешавад; ки масъалагузорӣ мекунад, ҳисобот медиҳад ва назорати хадамоти иктишофиро анҷом медиҳад. Инчунин қонун тарзи истифодаи усулҳои махсуси гирифтани иттилоот ва мақоми кормандони хадамоти иктишофиро муайян мекунад.
- ▷ Назорат кунед, то хадамоти иктишофӣ ба сиёсат дода нашуда, мутобиқи этикаи касбӣ, ки садоқат ба меъёрҳои демократӣ ва ҳиси масъулияти шаҳрвандиро пешбинӣ менамояд, амалӣ намоянд.
- ▷ Мўътақид бошед, ки кумитаи парламент оид ба назорати хадамоти иктишофӣ тадбирҳоеро меандешад, ки гирифтани донишҳо дар бораи принсипҳои демократия ва қонунҳо дар бораи ҳуқуқи инсонро кафолат медиҳанд.
- ▷ Парламент бояд қонунҳоеро, ки ба ҳамаи се шохаи ҳокимияти давлатӣ вазифаҳои дахлдорро вогузор менамояд, қабул кунад аз ҷумла:
  - ба ҳокимияти иҷроия – ҳуқуқи ниҳоии муқаррар намудани вазифа ва додани афзалият ба хадамоти иктишофӣ;
  - парламент қонунҳои дахлдор қабул мекунад, буҷетро назорат мекунад, нақши ҳукумат ва фаъолияти хадамоти иктишофиро назорат мекунад;
  - парламент набояд ба амалиёти хадамоти иктишофӣ дахолат намояд, ҳатто агар барои ин асос мавҷуд бошад;
  - ҳокимияти судӣ, агар хадамоти иктишофӣ дахолатро ба ҳаёти шахсӣ ва/ва ё сўҳбатҳо зарур шуморад, иҷозат (ордер) медиҳад ва барои дар доираи қонун амал намудани хадамоти иктишофӣ назорат мебарад.

## Ошкоро ва ҳисоботӣ будан

- ▷ Мўътақид бошед, ки ба кумитаи парламентӣ назорати хадамоти иктишофӣ машварат ва ё иттилоот оид ба сиёсати умумии ба хадамоти иктишофӣ дахлдор, ки аз ҷониби ҳокимияти иҷроия таҳия мегардад, дода мешавад.
- ▷ Мўътақид бошед, ки кумитаи парламентӣ назорати хадамоти иктишофӣ барои нигоҳ доштани хусусияти қонунӣ, масъулиятшиносӣ ва ҳисоботии амнияти хадамоти иктишофӣ кўшиш ба харҷ дода, ҳамзамон махфият ва самаранокии заруриро таъмин менамояд; ин қарори судиро низ дар бораи гўш карданро дар бар мегирад.
- ▷ Мўътақид бошед, ки ба кумита дар бораи амалҳои хадамоти иктишофӣ дар ҳаҷми пурра иттилоъ дода шудааст ва дар таъини роҳбарияти хадамоти иктишофӣ ва махфӣ нақши заруриро дорад.

## Масъалаҳои вобаста ба махфият

- ▷ Мўътақид бошед, ки қонун дар бораи озодии иттилоот барои ҳифзи ошкоро будан ва назорати хадамоти иктишофӣ воситаи муҳим аст (ҳам бевосита ва ҳам бавосита).
- ▷ Бо мақсади ҳифзи тавозун миёни талаботи махфият ва ҳисоботӣ дар фондҳои махфӣ (агар онҳо мавчуд бошанд) аудитҳои махсус бояд анҷом дод.
- ▷ Мўътақид бошед, ки омилҳои ба таъхир гузоштани нашри маводи махфӣ дар гузашта ба хотири амният аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок буд. Номгўи ҳисобот, ки ба он дастрасӣ дар асоси қонун дар бораи озодии иттилоот муяссар мегардад, бояд ба таври даврӣ нашр гардад

Нигаред ба боби 20 – дар бораи терроризм ва фасли IV – дар бораи захираҳои молиявӣ.

**Боби 12**

# Хадамоти хусусии муњофизатї ва њарбї

Истифодаи ќонунии ќувва тањти монополияи давлат ќарор дорад ва њамчун тарафи ягона барои таъмини амният дар дохили мамлакат њимоя аз душмани берунї баромад менамояд. Аммо солњои охир мављи мунокишањои дохилї феноменеро бо номи хусусигардонии вазифањои њимоя рўи кор овард.

Субъектњои ѓайридавлатие пайдо гаштанд, ки аз шаклњои назорати демократии дар соњаи амният даъват ба амал оварданд. Аз солњои 1990-ум сар карда, миќдори ташкилотњои хусусии њарбї ва барои мудофиа масъул рў ба афзоиш нињод. Ќисмати зиёди онњоро ба се гурўњи асосї људо намудан мумкин аст: зархаридон, ташкилотњои хусусии њарбї ва ширкатњои хусусии муњофизатї. Аз љониби механизмњои давлатї тањти назорат ќарор гирифтани чунин субъектњо хеле муњим аст.

## Вазифањо ва хатари ташкилотњои хусусии њарбї ва муњофизатї

Ба ташкилотњои хусусии њарбї ва муњофизатї давлатњои ќафомонда ва ё љангзада майли муроҷиат карданро доранд. Дар аксар њолатњо ин аз нарасидани (ва ё набудани) омодагии дахлдори њарбї ва ќудрати њарбї; набудани имконияти кафолати амнияти тамоми шањрвандон ва (ва ё) гурўњњо, набудани майлу хоњиши тањти монополияи давлат ќарор додани истифодаи ќувва, маќсади амалї нагардонидани назорати демократии соњаи амният; бархуру бо мунокишањои дохилї сар мезанад.

Дар ин њолат чунин ба назар мерасад, ки истифодаи ташкилотњои њарбию ќудратї барои мўњлати кўтоњ натиљањои мусбат ба бар меоварад, хусусан дар доираи баланд бардоштани савияи малакаи умумии касбї ва ќобилияти машќї ва дар баъзе њолатњо њатто дар доираи баланд бардоштани савияи худмуњофизатї. Зиёда аз ин, таъсири манфии ташкилотњои зикргардида дар раванди демократикунони метавонад хеле њам бештар ва гуногунпањлў бошад (ниг. ба блоки №26).

Институтњои бо рўњи демократии интихобшудаи љомеа механизмњои таъсирбахшро на танњо нисбати сохторњои ќудратии худи давлат, балки нисбати сохторњои њарбию кудратии хусусї таќозо менамоянд.

**Блоки № 26**

### Сохторњои хусусии кудратї ва њарбї ва хатари эњтимолї ба демократия

▷ Субъектњои ќудратии хусусї метавонанд дар соњаи њарбию ќудратї оромии муайянеро таъмин намоянд, аммо њангоми истифодаи дарозмўњлат баъзе давлатњо метавонанд ба ќуввањои мусаллањ њамчун воситаи њалли мунокишањои дохилї бовар намоянд;

➪

- Бо љалби экспертњои хориљї муайян намудани масъалањои љанбаи буљет ва бехатарии њарбии миссияи амниятии онњо: аз нуќтаи назари демократия ва њокимият чунин масъалањо њамеша бояд мавзўи муњокимањои парламентї ва љамъиятї бошанд.
- Дар аксар маврид субъектњои хусусии мазкур њамчун миёнаравњои њарбї ба монанди миссияњои ошкоро (ва то андозае ќонунї) амал менамоянд.

# Зархаридњо

Муноќишањои ба наздики рўхдода нишон доданд, ки зархаридонро дар бисёре аз ќисматњои љањон вохўрдан мумкин аст. Мафњуми зархарид дар моддаи 1 Конвенсияи байналмилалї оид ба манъи киро, истифода, маблаѓгузорї ва таълими зархаридњо, ки бо ќарори Ассамблеяи генералї аз 4 декабри соли 1989 тањти раќами 44/34 ќабул шудааст, оварда мешавад.

Конвенсия мањфумро, ки дар моддаи 47 Протоколи иловагии 1 ба Конвенсияи женевагии соли 1949 оварда шудааст, ба таври васеъ шарњ медињад (ба одамоне дахл дорад, ки махсус барои иштирок дар амалиёти мувофиќашудаи зуроварона бо маќсади сарнагун сохтани њукуматњо ва ё бо њама гуна роњ барњам додани сохти конститутсионї ва ё вайрон намудани тамомияти арзи кироя мешаванд).

Мафњуми зархаридро, ки дар моддаи 1 Конвенсияи мазкур ифода гардидааст, меоварем,

1. *Зархарид – одамеро мегўянд, ки: а) ўро махсус дар он љо ва ё дар хориљ барои иштирок дар муноќишањои мусаллањона кироя мекунанд; б) иштироки ў дар амалиётњои њарбї бо сабаби майлу хоњиши ба даст овардани манфиати шахсї сурат мегирад ва …… аз тарафњо ё аз номи тарафњои даргирї муноќиша љуброни моддї мегирад, ки аз маблаѓи љуброни њарбиёни ба рутбаи онњо баробар ва иљрои вазифањои монанд дар ќуввањои мусаллањи њамин кишвар хеле зиёд аст; в) ба миллати тарафњои даргирї муноќиша муносибат надорад ва сокини ќаламравї тањти назорати тарафњои даргирї муноќиша нест; г) узви ќуввањои мусаллањи тарафњои даргирї муноќиша намебошад; д) ўро давлате, ки яке аз тарафњои даргирї муноќиша нест, ба хизмати расмї ба сифати хидматчии њарбии ќуввањои мусаллањи худ равон накардааст.*
2. *Зархарид инчунин одамеро мегўянд, ки дар њама гуна вазъияти дигар: а) аз њисоби ањолии тањљої ва ё хориљї барои иштирок дар амалњои зўроваронаи тањияшуда бо маќсади: сарнагун сохтани њукумат ва ё барњам додани сохти конститутсионї ва ё вайрон кардани тамомияти арзии давлат; кироя мешаванд; б) сабаби иштирок дар амалиёти номбаршуда талаби гирифтани фоидаи шахсї, ваъдањои саргармкунанда ва ё пардохти љуброни моддї мебошад; ба миллат ва сокини давлате, ки амалиёти номбаршуда зидди он нигаронида шудааст муносибат надорад; в) ўро давлат ба хизмати њарбї равон накардааст; г) ў ба ќуввањои мусаллањи давлатњое, ки дар ќаламрави онњо амали террористи рух додаст, муносибат надорад»*

Конвенсияи байналмилалї амали њама гуна шахсонеро, ки зархариданро киро мекунанд, истифода мебаранд, маблаѓгузорї ва ё омода менамоянд барои содир намудани чунин кирдор кўшиш мекунад ва ё шарики ин гуна амалњо ва ё ќасдњо мебошанд, њамчун љинояти љиддї арзёбї мекунад. Зиёда аз ин, њолатњое низ вуљуд доранд, ки њукуматњо экспертњои њарбии хориљиро барои супоришњои махсус (пилотњои тайёрањои реактивї, иштирокчиёни амалиёти зиддитеррористї ва гайра) киро мекунанд.

Њисоботдињандаи махсус оид ба зархаридњо дар назди Комиссияи СММ оид ба њуќуќи инсон дар њисоботи худ зикр менамояд, ки «Ассамблеяи генералї бояд тамоми њукуматњои дахлдорро дар бораи зарурати риояи Конвенсия ва ё њамроњшавї ба он хабардор кунад». Њамзамон вай бояд аз њамаи давлатњои аъзо дар бораи мутобиќгардонии ќонунгузории миллиашон ба Конвенсияи мазкур даъват ба амал орад (параграфи 70).

## Сохторњои хусусии харбї

Сохторњои хусусии њарбї ин яке аз шаклњои кироям корпоративї мебошад. Ба монанди зархаридњо онњо барои гирифтани фоида кор мекунанд, яъне хизматњои њарбї мерасонанд ва ё агар аниктараш гўем, наќши њарбї ва (ва ё) ѓайрињарбиёнро ба љо меоранд. Аз нуќтаи назари њуќуќї онњоро бо маънии мањдуди зархарид фањмидан номумкин аст, зеро ки маъмулан аз њарбиёни мустаъфи, ки алњол дар хадамоти амниятї кор намекунанд, иборат мебошанд. Сохторњои хусусии њарбї доираи васеи хизматрасониро, аз иштирок дар њар (ба њайси мушовир ва ё инструктор) то таъмини силоњ, љамъоварии маълумоти махфї ва озод намудани гаравгонњо, пешнињод менамоянд. Ќатъи назар аз шакли хизматрасонї, ки онњо ба анљом мерасонанд, истифодаи онњо њангоми мурољиати њукуматњо, махсусан дар вазъияти муноќиша ва ё барќарорсозии баъди муноќиша аз хислатњои умумии онњо боќї мемонад.

Мисоли чунин сохтори хусусии њарбї MPRI дар ИМА буда метавонад. Ин сохтори касбии њарбии дорои ќарордодњо дар сохаи мудофиа мебошад ва дастгирию кўмак дар масъалањои мудофиа аз љузъиёти он ба шумор меравад (салоњияти маќомоти њифзи њуќуќ ва рушди идоракунї). Ин сохтор аз љониби афсарони собиќ соли 1988 таъсис ёфта, онро њарбиёни собиќ роњбарї менамоянд.

## Сохторњои хусусии муњофизатї

Сохторњои хусусии муњофизатї барои њимояи соњибкорї ва моликият таъин бо њамин роњ дар пешгирї намудани љинояткорї сањми худро мегузоранд. Бо ин маќсад сохторњои хусусии муњофизатї дар њама љо вуљуд доранд, аммо тамоилњои охир аз он шањодат медињанд, ки доираи истифодаи онњо васеъ гаштааст, махсусан дар минтаќањои даргирї муноќиша, ки соњибкорї ба њимояи бештар аз оне ки давлат таъмин менамояд, ниёз дорад. Гумон меравад, ки онњо аз љињати њарбии муноќиша дида, ба љињати њимояи моликият ва ё њайати шахси манфиат доранд. Аммо дар амал ин сохторњо дар бисёр мавридњо вазифањои њарбї ва муњофизатиашонро муттањид менамоянд, зеро дар минтакањои дахлдор зарурати иљрои ин вазифањо дар як сатњ карор доранд. Ин тамоил фарќияти байни сохторњои хусусии њарбї ва муњофизатиро аз байн мебарад.

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќуввањои мусаллањ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

Бар асари афзоиши наќшу эътибори субъектњои хусусии муњофизати муассисањои демократї, махсусан парлумонро зарурати бенињоят муњим пеш меояд, то њадди аќали мушоњидаи муќаррарї ва ё назорати субъектњои навро дар бахши амният таъмин намоянд. Дар акси њол ба принсипњои асосии демократия хатар тањдид мекунад.

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Ќонунгузорї

- Мўътаќид бошед, ки мамлакати шумо узви Конвенсияи байналмилалии соли 1989 оид ба манъи киро, истифодабарї, маблаѓгузорї ва тайёр намудани зархаридњо мебошад ва ќонунњои дахлдорро дар ин љанба ќабул намудааст.
- Амали базаи њуќуќиро барои сохторњои хусусии њарбї ва муњофизатї санљида бароед.

## Эњтироми меъёр ва эмбарго барои силоњ

- Дар њолате, ки сохторњои хусусии њарбї ва муњофизатї дар мањалли мунокиша ва ё хориља амал мекунанд, барои аз тарафи парлумон санљидани мутобиќати фаъолияти сохторњои хусусии њарбї ва муњофизатї дар мамлакати шумо љойгиршуда ба стратегияи амнияти миллї, сиёсати берунї ва ќонунњо, меъёрњо ва ќарорњои байналмилалї кўшиш намоед.
- Барои ба сохторњои хусусии њарбї ва муњофизатї надодани иљозати фаъолият дар минтаќа ва ё мамлакатњое, ки нисбати онњо эмбарго барои силоњ амал мекунад.

## Ошкоро будан

- Мўътаќид бошед, ки ягон сохтори хусусии њарбї ё муњофизатии хориљї дар ќаламрави мамлакат бе иљозати пешакии парлумон иљозати амал карданро надорад, њатто агар онњо бо талаби њукумат ва ё бо розигии он амал намоянд.
- Мўътаќид бошед, ки буљети барои сохторњои хусусии њарбї ва муњофизатї ва фаъолияти онњо таъингардида аз љониби парлумон тањти назорат ќарор дорад.

## Њисоботї будан

- Мўътаќид бошед, ки њукумат дар назди парлумон вобаста ба њама масъалањои сохторњои хусусии њарбї ва муњофизатї њам дар ќаламрави мамлакат ва њам берун аз он њисоботдењ мебошад.

## Ќисми IV

# Амнияти миллї зери назорати парламент:

## шароит ва механизмњо

**Боби 13**

# Шартњои назорати самарабахши парлумонї

Назорати парлумонии бахши амният аз мутаносибии њокимияти парлумон, њукумат ва хадамоти бехатарї вобаста аст. Дар айни њол, зери мафњуми њокимият мањорати таъсир расонидан ба афкор ва рафтори њукумат дар њамбастагї бо аќидаи дастљамъонаи одамон фањмида мешавад. Инчунин, он назорати татбиќ намудани сиёсат, ќонунњо, ќарорњо ва буљетро, чї тавре, ки парлумон тасдиќ намудааст, пешбинї менамояд. Чунин њокимият натанњо бо конститутсия ва ќонунњо, балки бо ќоидањои расмиёти парлумонї ва таљрибаи умумї низ ќайду шарт шудааст.

Шартњои назорати самарабахши парлумонии бахши амният иборатанд аз:

- ✓ њокимияти конститутсионї ва њуќуќии амиќ муайяншуда;
- ✓ таљрибаи умумї;
- ✓ захирањо ва тахассусият (салоњият);
- ✓ иродаи сиёсї.

## Салоњияти конститутсионї ва њуќуќї

Конститутсия (ё ивазкунандаи он) махзани ќонунии муњимтаринро барои амалисозии назорати парлумонии бахши амният таъмин менамояд. Конститутсияхо дар кишварњои дигар гуногун буда, аз мероси сиёсї, фарњангї, иќтисодї ва иљтимої вобастагї доранд, лекин дар аксар конститутсияњо ќайд гардидааст, ки:

- ✓ намояндаи њокимияти иљроия (масалан президент, сарвазир ё вазири мудофиа) барои хадамоти бехатарї масъул мебошанд;
- ✓ намояндаи њокимияти иљроия ба парлумон њисоботдењ мебошад.

Аз сабаби он ки низомномањои конститутсионї маќоми баландтарини њуќуќиро доро мебошанд, муњим аст, ки ваколатњои парлумонї оид ба бахши амният ба конститутсия ворид карда шаванд. Конститутсияро ба таври осон дигаргун кардан номумкин аст, зеро њар як ислоњот аксарияти парлумонии касбиро талаб мекунад. Њамин тариќ, конститутсия тасвиргари тарзи самараноки њифзи ваколатњои парлумон дар ин соња мебошад. Чунин ваколатњо бо ќонунњои махсус ва ќоидањои расмиёти парлумонї вусъат меёбанд. Ѓайр аз ин, бо гузашти ваќт, меъёру ќоидањое, ки бо њисоботдињї ва назорати парлумонї вобастаанд, тањия мегарданд.

Дар ќисмати №27 доираи васеи ваколатњо зикр гардидаанд, ки аз он парлумон њангоми амалисозии назорати бахши амният метавонад истифода барад. Дар хусуси аксари ин ваколатњо дар бобњои минбаъда сухан хоњад рафт.

**Блоки № 27**

## Усулу маблаѓњое, ки метавонанд аз љониби парлумон барои амалисозии назорати демократии бахши амният истифода карда шаванд

**1. Ваколатњои умумї**

а. тањияи ќонунњо

б. ворид намудани таѓйиру иловањо ба ќонунњо;

в. саволгузорї ба намояндагони њокимияти иљроия;

г. даъват намудани аъзои њокимияти иљроия барои иштирок дар маљлисњои парлумонї;

д. даъват намудани њайати шахсии хизматчиёни њарбї ва шањрвандон барои иштирок дар маљлисњои парлумонї;

е. даъват намудани коршиносони ѓайринизомї барои иштирок дар маљлисњои парлумонї;

ж. гирифтани хуљљатњо аз намояндагони њокимияти иљроия;

з. амалисозии тањќиќи парлумонї;

и. муњокимањои парлумонї

**2. Назорати буљет**

а. дастрасї ба тамоми њуљљатњои буљетї;

б. њуќуќи санљидан, пурра кардани фондњои буљетие, ки барои таъмин намудани мудофиа ва амният пешбинї шудаанд;

в. амалисозии назорати буљет дар сатњи барнома, лоињањо ва харољоти моддањои дигар;

г. њуќуќи ќабул/рад намудани њар гуна таклифњои иловагии вобаста ба моддањои буљет барои мудофиа ва амният

**3. Вазифањои сулњоварї/љойгиркунонии контингент дар хориља: њуќуќи парлумон ба ќабул ё рад намудан**

а. иштирок дар ќабул намудани ќарорњо пеш аз фиристодани ќўшунњо ба хориља;

б. ваколати њайат; таъмин намудани ваколати СММ;

в. буљети њайат;

г. тањдидњо ба њайти њарбї, ки ба он вобаста аст;

д. ќоидањои дохил шудан ба њайат (контингент);

е. рўйхати масъулият/ назорат;

ж. муддати супориш;

з. њуќуќи дидан намудан аз ќўшунњое, ки дар њайат љойгиранд

**4. Таъминот**

а. ўњдадорињои њокимияти иљроия –сари ваќт ва ба таври пурра дар хусуси њаљм ва ќарорњои вобаста ба таъминот иттилоъ додан;

б. њуќуќи ќабул /рад намудани ќарордодњо;

в. санљидани зинањои зерини таъминот:

  i. муайян намудани эњтиёљот ба техникаи нави њарбї;

  ii. муќоиса ва интихоби истењсолкунанда;

  iii. бањодињии таклифњо оид ба љуброн.

**5. Сиёсати умумї дар сохаи мудофиа ва амният: хуќуќи ќабул/рад намудани**

а. тахмини самти вобаста ба мудофиа;

б. тахмини менељмент дар њолатњои бўњронї;

в. сохтори ќуввањои мусаллањ;

г. дурнамои њарбї/ доктрина.

**6. Њайати идорањои мудофиавї/ќудратї**

а. њуќуќи ќабул/рад намудани њайати кормандон;

б. њуќуќи муќаррар намудани миќдори нињоии њайати шахсї;

в. њуќуќи ќабул/рад намудан ё њуќуќи гирифтани маслињат оид ба таъин намудан ба вазифањои баланди њарбї (масалан, вазифаи мушовири фармондењ).

# Таљрибаи муќаррарї

На њамеша рафтор ва хамкориро дар асоси ќонун танзим намудан мумкин аст. Њамин тариќ, дар сурате, ки назорати парлумонї ба чунин меъёрњои ичтимої ба монанди њурмати њамдигар ва боварї асос ёфтааст, анъана ва таљрибаро ба таври баробар равнаќ додан лозим аст. Масалан, иттилоотонї дар бораи дастовардњои нав дар соњаи амният ва пешакї љалб намудани кормандони парлумон ба таври пурра ба ин масъалањо- натанњо нисбат ба масъалаи шаффофият ва њисоботдињї, балки ба сўњбат низ.

# Захирањо ва салоњиятнокї

Умуман, ба мањорати назоратии парлумон аз болои бахши амният омилњои муваќќатї, сатњи салоњиятнокї ва иттилооте, ки ба он дастрасї вуљуд дорад, таъсир мерасонанд.

## Омили муваќќатї

Муњим он аст, ки парлумон сариваќт оид ба наќшањо ва ќарорњои њукумат иттилоъ гирад, ки онњо ба масъалаи амният ва бахши амният вобастаанд. Парлумон далелњои амиќро соњиб намегардад, агар њукумат баъди ќабул намудани ќарори нињої њисоботи кўтоњ дињад. Дар чунин њолат, парлумон танњо дар бораи далели амалигашта огоњ мегардаду халос ва дар ин сурат, ба ѓайр аз ќабул ё рад кардани ќарори ќабулшуда дигар чорае вуљуд нахоњад дошт.

Њангоми бўњронњои миллї ва њолатњои фавќулодда, њукумат маљбур аст, ки фавран амал намуда, пралумонро ба таври постфактум огоњ намояд. Бо вуљуди ин, њолати мазкур онро аз амалиёт дар доираи муайяннамудаи парлумон озод намекунад.

Дар хусуси сиёсати дарозмуддат ва муќаррарї бошад, парлумон бояд барои тањлил ва муњокимаи чунин масъалањои муњим ба монанди буљети мудофиавї, ќабул намудани ќарор дар бораи тањвили яроќ ва санљиши ќўшунњо ваќти лозимї дошта бошад.

Роњи ягонаи баратараф намудани фишори бо ваќт ќайдушартшуда, тањия намудани дурнамои самарабахш мебошад. Дар ќисмати №28 якчанд унсурњои чунин дурнамои самарабахш оид ба амалисозии назорати парлумонии бахши амният зикр мегарданд.

**Блоки № 28**

### Дурнамои самарабахш барои назорати парлумонии бахши амният

Аксар ваќт дар фаъолияти парлумонњо ахбори рўз бартарї дорад. Ѓайр аз ин, рўзномаи сиёсии онњо аксаран аз љониби хукумат муќаррар мегардад. Чораи самараноки бартарафсозии мањдудиятњои муваќќатї, ин тањияи дурнамои назорати парлумонї мебошад. Чунин дурнамо метавонад иборат бошад аз.

**Муќаррар намудани рўзнома:** вакилони парлумон бояд хамеша кўшиш кунанд, ки хоњиши одамон, эњтиёљи онњоро оид ба масъалањое, ки ба рўзнома дохил карда мешаванд, фањмида тавонанд.

➪

**Тањияњои охирин:** Зарур аст, ки парлумон њамеша оид ба навгонињои охирини миллї ва байналхалќї оид ба масъалањои амният ва мудофиа иттилоъ диҳад. Ин њолатро натанњо тавассути њукумат, балки тавассути ташкилотњои ѓайридавлатї: Донишгоњњо, марказњои тањлилї ва ѓ. низ ба даст овардан мумкин аст.

**Таљрибаи бадастомада:** парлумон бояд таљрибаи фаъолиятеро, ки намояндагони ќувваҳои амният бо роњи санљишњои мунтазами сохторї амалї мегардонданд, истифода барад.

**Санљишњои доимї:** парлумон бояд талаб кунад, ки њукумат тамоми навгонињо ва таљрибаи њангоми аз нав дид баромадан ва интихоб намудани сиёсати навро дар соњаи амният ба назар гирад.

## Ақпарат, кәсіби біліктілік және парламент қызметкерлері

Назорати самарабахши парлумонии бахши амният аз парлумон салоњиятнокї ва захирањои инсониро талаб мекунад. Лекин салоњиятнокии парлумон аксар вақт аз салоњиятнокии њукумат ва ќувваҳои амният камтар аст. Дар аксари њолатњо парлумон дар ихтиёраш миќдори ками коршиносонро дорад, агар умуман онњо бошанд, дар сурате, ки њукумат метавонад ба кормандони вазорати мудофиа ё дигар вазоратњое, ки ба бахши амният алоќаманд мебошанд, такя кунад. Баъзе парлумонњо, масалан конгресси Аргентина идораи алоќаи ба таври доимї мустањкамшудаи њарбї дорад, ки он метавонад ба вакилон, аз љумла аъзои кумитањо оид ба масъалањои бехатарї ва мудофиа машварату маслињатњо диҳад. Чї тавре, ки маълум аст, вакилонро ба муддати муайян интихоб мекунанд, дар сурате, ки хизматчиёни ѓайринизомї ва њайати њарбї дар вазорати мудофиа ба таври доимї фаъолият мекунанд. Мушкилоти асосї дар он аст: парлумонњо ба иттилое такя мекунанд, ки аз љониби њукумат ё њарбиён пешнињод шудааст ва онро бояд назорат кард. Ин кор парлумонро нисбати њукумат ва њарбиён дар њолати ногувор ќарор медињад. Хусусияти пўшидагии бахши амният аз сабаби махсусан њарбї будани фаъолият ва махфї будани он њолатро боз њам мураккаб мегардонад.

Дар ќисмати № 29 якчанд маслињатњо оид бабаланд бардошатни салоњиятнокии вакилон нисбати бахши амният зикр гардиаанд.

**Блоки № 29**

### Механизмњо ва таљрибаи баланд бардоштани салоњиятнокии вакилон оид ба масъалањои амният: якчанд маслињат

- ▷ Таъсис додани кумитаи парлумонї оид ба масъалањои амният- дар љое, ки он њамчн муассисаи алоњида таъсис дода нашудааст, ки дар он љалб намудани вакилони аз њама салоњиятнок оид ба масъалахои амният зарур аст: парлумон бояд имконияти таќсим намудани ин кумитаро ба зеркумитањо оид ба масъалањои таъминот, масъалаи кадрњо, буљет ва сулњоварї дида барояд.
- ▷ Иштирок намудан дар семинарњои миллї ва байналхалќї, омўзишњо, боздид аз њадамоти амният (ниг. боби 11- оид ба хадамоти махфї ва разведка), иштирок дар тренингњо, инчунин брифингњо барои вакилони кишварњое, ки ќўшунњои миллии онњо дар њайатњои сулњовар иштирок мекунанд;

➪

Иваз намудани таљрибаи амалї ва назариявї бо вакилони кишварњои гуногун, масалан њангоми љаласаи ассамблеяњои парлумонии байналхалќї.

- ▷ Доштан њайати ба таври хуб омодашуда ва сершумори касбии соњаи дахлдор.
- ▷ Таъмин намудани дастрасї ба китобхонањои махсусгардонидашудаи замонавї, марказњои иттилоотию тадќиќотї, аз љумла махзанњои электронии маълумот.
- ▷ Маслињат намудан бо коршиносони ташкилотњои ѓайридавлатї (донишгоњњо, марказњои тањлилї) ва хизматчиёни њарбии ба истеъфо баромада (нигаред ба боби 6- оид ба љамоатњои шањрвандї).
- ▷ Таъмин намудани дастрасии вакилон ба ќарордодњои тасдиќнамудаи байналхалќї ва минтаќавї дар соњаи амният, ки бо забонњои миллї навишта шудаанд, ичунин ба њуљљатњои дахлдори муассисаьое, ки чунин ќарордодњоро назорат мекунанд, агар чунин муассисањо вуљуд дошта бошанд.
- ▷ Њамасола интихоб намудани ду ё се мавзўи вобаста ба бахши амният, ки ба таври мушаххас (масалан аз љониби кумитањо) омўхта мешаванд.
- ▷ Таъсис намудани гурўњи парлумонї аз љумлаи намояндагони њама њизбњо, ки он гурўњ масъалањои амният ва мудофиаро роњбарї мекунад: масалан, ба маркази ѓайрирасмии тањлилї барои дида баромадани чунин масъалањо маљлиси пўшидаи аъзои хизби сиёсї ё фраксия кўмак расонида метавонад.

# Иродаи сиёсї

Гарчанде, ки заминаи ќонунгузорї барои амалисозии назорати парлумонї бенуќсон аст ва парлумон барои њалли масъалањо захирањои кофї ва дараљаи лозимии салоњиятнокї дорад, – ин њоло кифоя нест. Шарти аз њама муњим барои назорати босамари парлумонии бахши амният, ин иродаи сиёсии вакилони он мебошад. Набудани иродаи сиёсї њангоми назорати ќуввањои бехатарї бо омилњои гуногун вусъат ёфта метавонад, аз љумла бо:

- ✓ Интизоми њизбї: чунки дастгирї намудани намояндагони њокимияти иљроия бар манфиати вакилони њизби идоракунанда аст, бинобар ин, онњо аз танќиди оммавии њокимияти иљроия худдорї мекунанд;
- ✓ Манфиат ё мављуд набудани манфиати интихобкунадагон: дар аксари кишварњо љамъият умуман бо масъалањои амният сару кор надорад. Бинобар он, аксари вакилон дар заминаи аз нав интихобшавї ба мўњлати дигар, сарф кардани ваќтро ба масъалањои амният бе натиља мешуморанд.
- ✓ Мафњумњои амният вакилонро (масалан, аъзои кумитаи њадамоти разведка) ба он водор мекунад, ки маълумоти мављударо мавридди ошкоркунї ќарор надињанд.

Дар натиљаи чунин вазъият усулњои парлумониро на он ќадар фаъолона истифода бурдан мумкин аст, ваќте ки кор то амалисозии назорати сиёсат ва амалиёти њокимияти иљроия, ба ѓайр аз њолатњои сар задани вазъияти ѓайричашмдошт (масалан мунољиша ё вазъияти фавќуллода) рафта мерасад. Лекин амалисозии назорати амиќи наќшаю амалњои њокимияти иљроия – ўњдадории конститутсионї ва вазифаи муњими вакилон мебошад.

**Боби 14**

# Татбиќи механизмњои парлумонї дар бахши амният

Тамоми низоми њуќуќї ба вакилон имконияти гирифтани иттилоотро барои амалисозии сиёсати назоратї- амалисозии назорати маъмурият, њифзи њуќуќњои инсон, инъикос ё ошкор намудани суиистифода ва ноадолатї фароњам меорад. Ѓайр аз ин, онњо метавонанд таљрибаи усулњои ѓайрирасмиро вусъат дињанд, ки онњо усулу механизмњои конститутсионї ва ќонунгузориро пурра мегардонанд.

Се имконияти ќонунии гирифтани маълумот аз њукумат мављуд аст:

- ✓ Муњокимаи парлумонї;
- ✓ Талаботи парлумонї;
- ✓ Тањќиќи парлумонї.

## Гуфтушуниди парлумонї оид ба масъалањои амният

Гуфтушуниди парлумонї оид ба масъалањои амният барои мубодилаи афкор ва љамъоварии маълумоти муњим оид ба наќшањои њукумат имконият фароњам меоранд. Гуфтушуниди парлумонї оид ба масъалањои сиёсат ва амният метавонанд бо сабабњои зерин ба миён оянд:

- ✓ Бо пешнињоди лоињаи буљети њарсолаи мудофиа аз љониби намояндагони њокимияти иљроия;
- ✓ Бо аризањои расмї ва ѓайрирасмї, вазирони дахлдор, масалан вазири мудофиа ва вазири корњои хориљї;
- ✓ Бо санљиши мудофиаи миллї, пешнињод намудани бюллетени њарбї ё дигар њуљљатњои муњим оид ба мудофиаи миллї;
- ✓ Пањн намудани барномањои њукуматї, ки чун ќоида баъди интихобот таъсир мерасонанд;
- ✓ Ба миён омадани масъалањое, ки муњокимаи парлумониро талаб мекунанд, масалан мунокиша дар бахши амният ва ѓ.

▷

**Блоки № 30**

## Тавсифи умумии усулњо ва расмиёти амалигардонии назорати њокимияти иљроия

### ▷ Муњокима

«Дар баъзе кишварњо муќаррароти конститутсия талаб мекунад, ки њокимияти иљроия ба парлумон мунтазам оид ба назорати худ њисобот пешнињод кунад. (…) Дар аксари кишварњо масъалањои сиёсати умумї барои тадќиќоти даврї њатмї нестанд. Чунин масъалањо ба муњокимањо дахл надоранд, агар аъзои парлумон он масъаларо махсус набардоранд (...).»

### ▷ Интерпеллятсия (дархост)

«(...) Интерпеллятсия – расмиёти стандартї барои ба даст овардани маълумот ва амалисозии назорат дар системаи классикии парлумонї мебошад. Интерпеллятсия ба вазир ё роњбари њукумат бо маќсаде равона мегардад, ки муайян намояд, ки сохтори он оид ба масъалањои сиёсати умумї ба таври мушаххас кадом корро иљро намудааст. Интерпеллятсия ду масъалаи асосиро ба анљом мерасонад: якум ин ки, он ба гуфтушунидњо водор месозад; дуюм ин ки он амалигардонии санксияњои сиёсиро муќаррар мекунад, чунки гуфтушунидњо бо овоздињї ва муайян намудани мавќеи парлумон ба тафсире, ки аз љониби њукумат пешнињод шудааст, анљом меёбад. Интерпеллятсия – расмиёти нисбатан босамар мебошад, чунки дар натиљаи он вазирон бевосита ба љавобгарї кашида мешаванд. Ин натанњо воситаи ба даст овардани маълумот, балки шакли бевоситаи назорат низ мебошад (...)».

### ▷ Боздоштани пешнињодњо

«Ба низоми Британиягї расмиёти интерпеллятсия маълум нест, гарчанде, ки он ба расмиёти «боздоштани пешнињодњо» алоќаманд нест. Расмиёти боздоштани пешнињодњо, ки он бевосита пеш аз танаффус оѓоз карда шудааст, имконияти пешнињод намудани саволњоро ба њукумат медињад, инчунин имкони барпо накардани овоздињиро низ (...)».

### ▷ Дархостњо

«Маќсади расмиёти дархостњо – ба даст овардани маълумоти мушаххас аз маъмурият, тањќиќ намудани дахолати он ва дар њолатњои зарурї ошкор намудани суиистифода ва љустани роњњои њалли мушкилот мебошад. Ин расмиётро инчунин барои ба даст овардани далелњои амиќ, ки ба вакилон дар дарки масъалањои мушкили ќонунњо ва шаклњои оинномавї, ки барои баррасї ба парламент пешнињод шудааст, кўмак мерасонад (…). Расмиёт шаклњоеро, ки имконияти ошкор намудани тарафњои заифи фаъолияти парлумонро медињанд, пешбинї намуда, бо роњи баён намудани онњо ба маъмурият таъсири манфї мерасонад (…) шўњрати ин расмиётро метавон бо он њолат шарњ дод, ки њангоми истифодаи њуќуќи дархост намудан узви парлумон мутлаќо озод аст: ниг. ќисмати №32 (…)».

*Сарчашма: Мишел Амеле. Парлумонњо, Иттињоди байнипарлумонї, 1966.*

Дархостњо дар шакли хаттї ва шифоњї яке аз вазифањои парлумон мебошанд ва расмиёти аксар ваќт истифодашавандаи парлумониро барои назорати фаъолияти њукумат инъикос менамояд.

Наќши муњимро бозида, дархостњо, метавонанд ба самаранокии назорати бахши амният ба таври мушаххас таъсир расонанд. Дар байни дархостњои парлумонї, ки ба амният алоќаманданд, дархостњои зеринро зикр намудан мумкин аст:

- ✓ Ба аъзои парлумон таъмин намудани имконияти сариваќт гирифтани маълумоти даќиќи ба сиёсати њукумат дар соњаи амният ва мудофиа, инчунин масъалањои ба амният алоќаманд;
- ✓ Кўмак ба парлумон дар амалисозии назорати иљрои ќонунњои вобаста ба амният;
- ✓ Амалњое, ки барои равона сохтани диќќати љомеа ба масъалањои амният ва мудофиа, хусусан, агар дархост шифоњї бошад ва љавоби он тавассути радио ё телевизион пахш карда шавад ё ба таври дигар дар гуфтушунидњои парлумонї ва бюллетени расмї инъикос ёбад (маълум аст, ки вазифаи иттилотии дархостњои парлумонї танњо бо парлумон мањдуд намегардад; дархостњо инчунин ба пешнињод намудани иттилооти доираи васеъ равона гардидаст, аз љумла воситањои ахбори омма, иттињодияњои ѓайридавлатї ва љомеа);
- ✓ Таѓйир додани рўзномаи њукумат оид ба масъалањои амният;
- ✓ Иљозат додан ба аъзои мухолифин барои баррасии масъалањои вобаста ба амният, ки барои донистани он манфиатдоранд ё дар бобати онњо то њол маълумоти ќаноатбахш нагирифтаанд.

Дархостњои парлумонї оид ба бахши амният ба таври афзалиятнок мураккаб мебошанд. Вазироне, ки барои пешнињод намудани љавобњо масъуланд, аксар ваќт барои ин кор на он ќадар кўшиш мекунанд. Барои љавоб гардондан хоњиш надоштани вазирон асосан бо он вобаста аст, ки фаъолият дар бахши амният хусусияти махфї дорад. Љун ќоида, њуљљатњои вобаста ба амнияти миллї махфї мебошанд, бинобар он, он маълумот на ба вакилон ва на ба љомеа дастрас нестанд.

**Блоки № 31**

## Маслињатњо барои гузаронидани пурсиши босамар

- ▷ **Омодагї:** агар масъалањо ба бахши амният алоќаманд бошанд, сохтакорї кардан хеле душвор аст, хусусан оид ба масъалањои техникї. Робитањои ѓайрирасмї бо хайати њарбї низ имконпазир аст.
- ▷ **Забони бурроaccess амиќ:** надоштани забони амиќ дар шарњи масъалањо метавонад ба яон нофањмињо, љавоби ѓайриќаноатбахш ва нокифоя аз љониби вазорат оварда мерасонад.
- ▷ **Интихоби ваќт:** ваќте, ки ягон масъала ба миён меояд, барои ба он пурра љавоб гардондан, самаранокї, таъсир ва ошкор будани он хеле муњим аст.

Лекин, намояндагони њокимияти иљроия бо доираи ќонун мањдуд мегарданд. Бар замми ин, раванди махфигардонии њуљљатњо бояд кушод бошад, яъне бояд ошкор бошад, ки барои ќабул намудани ќарор оид ба он, ки кадом њуљљатњо, барои чї гуна мўњлат бояд махфї карда шаванд, шартњои махфикунї ва ошкоркунї чї гунаанд, кадом шахс масъул аст ва ѓ.

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќувваҳои мусаллаҳ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

Дар шарњи институтсионии самаранокии дархостњои парлумонї омилњои зерин таъсир мерасонанд:

- ✓ Имконият ба вакилон барои пешнињод намудани дархостњои иловагї њар дафъае, ки љавоби он ќаноатманд намегардонад ё дар оянда аниќ намудани онро талаб мекунад;
- ✓ Имконият ба вакилон барои оѓоз намудани мубоњисањо оид ба масъалањои ќаблан ба миён омада;
- ✓ Хоњиши аъзои парлумон барои истифода намудан аз имконияти расмиётї барои пешнињод намудани дархост;
- ✓ Имконият барои љомеа барои иштирок дар љаласањои парлумон ё мушоњида намудани рафти он ба воситаи радио ва телевизион;
- ✓ Ошкорбаёнї, ки дар якљоягї бо муњокимањо амалї мегардад ва њамеша нашри дархостњоро дар њуљљатњои ба љомеа дастрас тахмин мекунад.

# Тањќиќи махсуси парлумонї оид ба масъалањои амният

Кумитањои парлумонї дар љараёни ќонунгузорї ишттирок мекунанд, инчунин назорати пурсамари сиёсати њуќуматро амалї месозанд. Назорати фаъолияти њукуматро тавассути таќсимоти муваќќатии маълумот дар байни якчанд кумита бо нашри минбаъдаи њисоботи иттилоотї амалї сохтан мумкин аст. Комиссияњое, ки тањќиќи махсуси парлумониро мегузаронанд, бояд ваколати ба суд љалб намудан ё амалї гардондани тањќиќи судиро дошта бошанд.

## Афзалиятњои асосї ва тавсифи комиссияњои тањќиќотї

Наќши комиссияњои тањќиќии махсусро оид ба масъалањои амният ва мудофиа ќайд намудан лозим аст:

- ✓ Таъсисёбии онњоро љомеа метавонад њамчун нишонаи мусбати сиёсї ќабул кунад;
- ✓ Онњо метавонанд њамчун воситаи дахлдор барои мушоњидаи њўрдагиронаи масъалањои мураккаби сиёсї бошанд, ки ба бахши амният алоќамананданд;
- ✓ Онњо метавонанд ба сиёсати њукумат оид ба масъалањои махсуси амният барњои амиќ дода, дар њолатњои зарурї воситањои аз нав равонкуниро, ки мумкин аст њам аз љониби парлумон ва њам њукумат ќабул карда шавад, пешнињод кунанд.

**Блоки № 32**

## Тавсифи асосии кумитањои парлумон оид ба тањќиќ

«(...) Кумитањои тањќиќї барои омўхтани масъалањои махсус ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Бо ин маќсад парлумон ба аъзои онњо љамъ овардани маълумоти лозимиро супориш медињад ва ба онњо чунин имконият фароњам меорад, ки назоратро амалї намуда, њисоботњоро тайёр кунанд, ки дар асоси онњо дар њолатњои зарурї муњокимањо гузаронида шуда, ќарорњо ќабул мешаванд.

Њуќуќи оғоз намудани тањќиќ мазмунан аз ќоидае бармеояд, ки парлумон метавонад оид ба тамоми масъалањои фаъолияти њукумат пурра иттилоотонида шавад (…).

Дар баъзе кишварњо ба кумитањои тадќиќотї тадќиќи пурсамарро гузаронидан хеле мушкил аст. Аксар онњо њатто ваколати маљбур кардани одамонро барои омадан ба љаласа, ба истиснои муњокимаи судї, надоранд. Ин њолат ба дахолати њокимият оварда мерасонад ва кори кумитањоро ба таъхир меандозад. Ғайр аз ин, роњи бењтарини гузаронидани тањќиќи парлумонї, ин бетаъхир гузаронидани он мебошад(…)

Баъзан хизматчиёне, ки ба ин ё он вазорат тобеанд, ба кумитањои тањќиќї маводеро, ки маълумоти кофї надорад, пешнињод мекунанд. Њукумат то кадом андоза ба онњо манъ кардааст, ки ба саволњои пешнињоднамудаи парлумон љавоб гўянд? (…) Дар баъзе кишварњо хамеша розигии департаменти дахлдор барои пешнињод намудани маълумот лозим аст; Агар чунин маълумот њамчун «барои амнияти љомеа хатарнок ё њамчун маълумоти хатарнок ва мураккабсозандаи иљрои фаъолияти љамъиятї» тасниф шавад.

Ќайд кардан лозим аст, ки њангоми иљрои њар гуна низом, кумитаи барои гузаронидани тањќиќ таъсисёфта танњо маќомест, ки тањќиќ гузаронида, далелњоро муќаррар мекунад ва вазифаи ягонаи он - пешнињод намудани њисобот ба парлумонест, ки ин маќомро таъсис додаст. Ваколати худи парлумон- хамеша тартиб додани хулосаи лозимї оид ба тањќиќи гузаронидашуда ва иттилоотест, ки дар натиљаи ин кор маълум шудааст (...)».

*Сарчашма: Мишел Амеле. Парлумонњо, Иттињоди байнипарлумонї, 1966*

Боз як омили муњими кумитањои тадќиќотї – њайати онњост. Мутаносибии мухолифини парлумон ва аксарияти парлумонї, алабатта барои натиљаи тадќиќот хеле муњим аст.

Ваколат оид ба гузаронидани тадќиќот дар парлумонњо ва кумитањои гуногун ба таври куллї фарќ мекунад. Ваколат асосї аз имкониятњои зерин иборатанд:

- ✓ Интихоби мавзўъ ва доираи тадќиќоти парлумонї;
- ✓ Боздид аз базањои њарбї ва дигар объектњои ќуввањои амният (ниг. боби 17);
- ✓ Љамъ намудани тамоми иттилооти дахлдор аз љумла маълумоти махфї ва нињоят махфї аз маъмурияти президентї, њукуматї ва аз њайати масъули њамоњангсозї;
- ✓ Гирифтани шањодатномњо зимни савгандёдкунї аз аъзои маъмурияти президентї ва њукуматї, инчунин аз њарбиён ва љомеа;
- ✓ Ташкил намудани муњокимањои кушода ва пўшида.

Тадќиќоти гузаронидаи Канада оид ба вусъат додани њайати њарбии дар Сомалї љойгирифта (ниг.ќисмати №33) инъикоси бењтаринест.

**Блоки № 33**

## Комиссия оид ба тадќиќоти љойивазкунии њайати њарбии Канада ба Сомалї: инъикоси амалиёти давлатии њисоботи парлумонї ба масъалањои амният

Њангоми вусъат додани ќўшунњои Канада дар Сомалї соли 1993 холатњое ба миён омаданд, ки аксари канадагињоро дар њайрат гузошт,- куштори якчанд сомалигињо дар мањаллаи Канада барои кормандони корхонаи тилло ва алмоскобї дар Белеет Хуан, куштори наврас, ки аскарони полки 2юми десантии Коммандос ба њабс гирифта буданд, сўйиќасди баръло ба худкушии яке аз аскарони канадагї, инчунин њолатњои рўйпўшкунї ё сохтакории маълумот аз љумлаи он њодисањоянд. Ба диќќати омма навори видеої бо инъикоси рафтори дањшатовари аъзои полки десантии Канада пешкаш карда шуд. Њукумат амалиёти комиссияи њарбии тадќиќотиро, ки вазъиятро тадќиќ намуд, нокифоя ва ба стандартњои њисоботдињии Канада дар назди љомеа номатлуб шуморид ва њамин тариќ парлумони Канада мутобиќи ќонун дар бораи тадќиќот тадќиќи љамъиятиро оѓоз намуд.

**Доира ва њокимият.** Ќонун дар бораи тањќиќ ваколати ба суд даъват намудани шоњид, њангоми шањодаткунї иштирок намудан, мушовир-коршиносонро киро кардан ва ба далелњо бањо гузоштанро медињад. Чунин ваколатњо, њамчун маљбур кардан ба шањодатнома ягона механизм барои муайян намудани рўйдодњои дар Сомалї ва идораи мудофиаи миллї рухдода мебошанд. Ќариб 116 шоњид дар маљлисњое, ки ба таври мустаќим тавассути телевизион дар сартосари Канада пахш карда шуд, шоњидї доданд. Доираи тадќиќот танњо бо њолатњои дар Сомалї рухдода мањдуд намешавад, инчунин амалиёти афсарони фармондењї, интизом, амалиёти ќўшунњои Канада, амалњо ва ќарорњои Департаменти мудофиаи миллї баррасї карда шуд. Ќисми дуюми пешбурди кор талаб мекард, ки шахсони махсуси ваколатдоршуда ба њолатњои муњими вобаста ба давраи то вусъати њайат дар давраи љанг ва баъдиљангї дар Сомалї диќќат дињанд.

**Ѓайрисудї.** Тањќиќ нияти ба суд мубаддал шуданро надошт, гарчанде, ки гуфтушунидњо омўзиши сабабњои институтсионї, љавобњо ва њолатњое, ки бо ба њабс гирифтан ва додан ба суд анљом меёфтанд, дар бар мегирифтанд. Дар тањќиќ ба масъалањои институтсионї оид ба ташкили идоракунии ќуввањои мусаллањи Канада ва Департаменти мудофиаи миллї назар ба шахсоне, ки дар ин муассисањо кор мекунанд, бештар диќќат дода шуд. Лекин тадќиќот ба таври њатмї талаб мекард, ки амали шахсони фармондењи њарбї ва аз мансаби роњбарикунандаашон истифода бурдани онњо омўхта шавад.

**Натиљањо:** Натиљаи кори дусоларо хисоботи калоне ташкил дод, ки доираи васеи масъалањоро дар бар мегирифт, ба монанди: сохтор ва ташкили ќуввањои мусаллањи Канада ва Департаменти мудофиаи миллї њангом супориши Сомалї; муњим будани фармондењї дар ќуввањои мусаллањи Канада; мубоњиса оид ба маданият ва одоби њарбї; муносибати байни шањравандн ва њарбиён дар Канада ва ѓ. Њисобот бо як ќатор тавсияњо ва дастурњо ба анљом мерасад, ки онњо бо фаъолият ва сиёсати хукумат ва ќуввањои мусаллањи Канада алоќаманданд, ки аксари ин тавсияњо дар љараёни татбиќ ќарор доранд.

*Сарчашма: профессор, доктор Данная Винслоу, мушовири техникии кумитаи тадќиќоти парлумонї, 1966*

**Боби 15**

# Кумитањои парлумон оид ба масъалањои мудофиа ва амният

Сохтори хуб инкишофёфтаи кумита оид ба масъалањои амният ва мудофиа, ки барои кори лозимии бахши амният таъсис дода шудааст, дар таъмини таъсиррасонї ба њокимияти иљроия дар бахши номбурда наќши муњим дорад. Назорати парлумонии бахши амният на аз љониби як кумита, балки аз љониби якчанд кумита, ки дар парлумонњои гуногун метавонанд бо номњои гуногун фаъолият кунанд (ва баъзан ваколатњои онњо метавонанд муттањид карда шаванд) сурат мегирад.

Асосан ин кумитањои зерин мебошанд, ки метавонанд баъзан барои иштирок ба љаласањои якљоя даъват карда шаванд:

- ✓ Кумита оид ба мудофиа (баъзан кумитаи ќуввањои мусаллањ ё кумитаи мудофиаи миллї ва корњои беруна ном бурда мешаванд), ки одатан бо баррасии њамаи масъалањои бо бахши амният алоќаманд машѓул аст: миссияњо, ташкил, њайат, амалиёт, инчунин маблаѓгузории њарбиён, даъват ба армия, таминот ва ѓ.
- ✓ Кумита оид ба корњои хориљї ќарорњо ќабул мекунад ба монанди: оё дар амалиёти сулњхоњона иштирок намудан зарур аст; оё ба мављуд будани ќуввањои сулњхоњ дар њудуди худ розигї додан лозим ат, инчунин ќарорњо оид ба амнияти байналхалќї, оид ба ташкилотњо, ќарордодњо ва созишномањои байналхалќї/минатќавї;
- ✓ Кумитаи буљет ё молия, ки ба таври нињої буљети њамаи ташкилотњои бахши амниятро муайян мекунанд; кумитањои буљетии шањрвандї низ вуљуд доранд, ки њисоботи аудиторонро оид ба буљети миллї, аз љумла буљети мудофиавї тафтиш мекунанд;
- ✓ Кумита (ё зеркумита) оид ба хадамоти разведкавї ва корњои разведкавї, ки аксар дар паси дарњои пўшида сурат мегирад;
- ✓ Кумита оид ба саноат ва савдо хусусан муњим мебошад, ваќте, ки сухан дар бораи тањвил ва савдои яроќ меравад (љуброну пардохтњо);
- ✓ Кумита оид ба илм ва техника (барои гузаронидани тадќиќот дар соњаи њарбї);
- ✓ Кумитаи корњои дохилї, ки ба салоњияти он политсия, ќўшунњои сарњадї ва дигар ташкилотњои њарбишуда дохил мешаванд.

## Ваколату воситањо

Ваколатњои кумитањои парлумон – љамъ кардан ва гирифтани далелњо аз сарчашмањои беруна- ба таври васеъ таѓйир меёбанд. Баъзе кумитањои парлумон, масалан, кумитањои доимии махсуси палатаи љамоањои Бритониё барои љамъ кардани далелњо ваколатдор нестанд, дар сурате, ки дигар кумитањо,

масалан кумитањои конгресси ШМА барои гирифтани далелњо аз сарчашмањои беруна ваколатњои номањдуд дошта бошанд (њангоми савгандёдкунї).

Баъзе кумитањои парлумон ба ќонунэљодкунї њуќуќ доранд – ќабул намудан ва њатто тањияи лоињаи ќонунњои нав ё пешнињод намудани таѓйиру иловањо ба ќонунњои аллакай вуљуддошта низ ба ваколати онњо дохил шуда метавонад. Дар як ваќт дигар кумитањо танњо барои бодиќќат омўхтани амалиёти њокимияти иљроия ва маблаѓгузории буљетї ваколатдоранд, бе имконияти ќонунэљодкунї.

Сатњи салоњиятнокии воситањое, ки кумита дар ихтиёр дорад, иљрои самараноки ваколатњои онро муайян мекунад: шумораи њайат, сатњи дониш ва доимияти њайат, ки ба кумита хизмат мерасонад.; иќтидори тадќиќотии кумита (мављудияти тахассусият); дастрасї ба маълумот ва тасдиќи њуљљатноки он (имконияти ба даст овардан ва коркарди он); њуќуќи мурољиат намудан ба коршиносон; њуќуќи гузаронидани гуфтушунидњо ва пешбурди тадќиќот (муфассалтар ниг ба боби 14- оид ба воситањои парлуонї) ва усулњо).

Блоки № 34

## Вазифањои имконпазири кумитаи парлумон оид ба масъалањои мудофиа ва амният

### Сиёсати бехатарї

- Омўхтан ва њисобот додан оид ба њар ташаббуси муњими сиёсї (курс), ки аз љониби вазорати мудофиа пешнињод шудаст.
- Мунтазам тафтиш кардани он, ки вазири мудофиа чї тавр вазифањои худро оид ба самти интихобнамуда иљро мекунад.
- Аз љониби вазири мудофиа иљро шудани ќонун дар бораи озодии маълумот ва маълумот ба парлумон чї тавр пешнињод мешавад, бадиќат мушоњида кардан.
- Омўхтани ариза ва шикоятњои њайати њарбї ва шањрвандон, ки ба бахши амният алоќамандан.

### Ќонунгузорї

- Баррасї ва њисобот додан оид ба хар як лоињаи ќонуни ба њукумат пешнињодшуда, ки ба он парлумон такя мекунад.
- Баррасии ќарордод ва созишномањои байналхалќї ва минтаќавї, ки ба доираи масъулияти вазорати мудофиа дохил мешаванд.
- Ќадри имкон вусъат бахшидани ќонунњои нав тавассути мурољиат намудан ба вазир, то ин ки ў ќонуни нав пешнињод кунад ё мустаќилона пешнињод намудани лоињаи ќонунњо.

### Харољот

- Тањќиќ ва њисоботдињї оид ба моддањои асосии харољот ва харољоти солонаи вазири мудофиа.
- Баррасї намудани њар як моддаи харољот, ки аз љониби вазорати мудофиа пешнињод шудааст ва додани њисобот дар назди парлумон њатто агар ин њолат баррасии минбаъдаро талаб кунад.
- Дар њолатњои зарурї ба сохторњои босалоњияти њокимият барои гузаронидани аудит супориш додан.

➪

## Идора ва маъмурият

- Баррасӣ намудан ва қадри имкон гирифтани далелҳо оид ба ҳар супориши сохтори дахлдори иҷроия (фармондеҳони пешбари ҳарбӣ ва шахсони баландмартаба);
- Баррасӣ намудани сохтори дохилии бахши амният тавассути идораҳои берунае, ки ба парлумон тааллуқ доранд (масалан, омбудсмен) ва диққати онро ба номутобиқатиҳои имконпазир ҷалб намудан.

*Сарчашма: ба ҳисоботи расмии ҷаласаҳои парлумонии комиссияи ҷамъиятӣ оид ба назорати парлумонии Бритониёи Кабир асос меёбад, 2001*

Дар блоки №35 ба сифати намуна усулҳои кори парлумони Норвегия оварда шудаанд.

**Блоки № 35**

## Ҷаласаҳои яккҷояи кумитаи корҳои хориҷӣ ва кумита оид ба масъалаҳои амнияти стортинг (парлумони Норвегия)

«Вазифаи кумитаи васеъ оид ба корҳои хориҷӣ иборат аст аз муҳокимаи сиёсати муҳими беруна, сиёсати савдо ва сиёсати миллӣ оид ба амният бо ҳукумат мебошад. Ин муҳокимаҳо бояд пеш аз қабули қарорҳои муҳим гузаронида шаванд. Дар ҳолатҳои махсус кумитаи васеъ метавонад ба стортинг (парлумони Норвегия) тавсияҳо пешниҳод кунад.

Кумитаи васеъ иборат аст аз аъзои муқаррарии кумитаи доимӣ оид ба корҳои хориҷӣ, президент ва ноиб-президенти стортинг (агар онҳо ҳоло аъзо набошанд) дар якҷоягӣ бо раиси кумитаи доимӣ оид ба мудофиа ва то ёздаҳ аъзо, ки аз ҷониби кумитаи интихоботӣ таъин шудаанд. Пас аз анҷом додани таъинкунӣ, инунин мутаносибӣ дар намояндагии гурӯҳои ҳизбиро низ ба назар гирифтан лозим аст.

Аз рӯи ин қоида кумитаи интихоботӣ вакилонеро, ки дар ҳар гуна вазъият бояд даъват карда шаванд, таъин мекунад. Кумита вақте ҷамъ мешавад, ки Раис онро лозим шуморад ё бо талаби сарвазир, вазири корҳои хориҷӣ ё сеяки аъзои кумита даъват карда мешавад.

Корҳои кумитаи васеъ бояд махфӣ бошанд, ғайр аз ҳолатҳои ба таври амиқ қайду шартшуда. Ин ҳолат ба ҷаласаҳои якҷояи кумитаи мазкур ва дигар кумитаҳо низ дахл дорад. Раиси кумита метавонад қарор диҳад, ки ҳатто худи даъват ба маҷлис низ бояд махфӣ бошад.

Муҳокима дар ҷаласаи кумитаи васеъ оид ба корҳои хориҷӣ бояд қабл аз маҷлиси стортинг сурат гирад ва дар он на камтар аз шаш узви кумита бояд иштирок кунанд, агар масъала ба рӯзнома дохил карда шуда бошад. Кумита бояд ба назар гирад, ки оё аз ҷониби стортинг ҳама шартҳои муҳокима риоя шудаанд ва дар ин хусус ба раёсат хабар диҳад. Стортинг бе шахсони бегона ҳал мекунад, ки чунин ҷаласаҳоро чӣ тавр бояд гузаронд – дар шакли кушода ё пӯшида. Ақидаи стортинг бояд дар ҳисоботи расмӣ ба узви дахлдори ҳукумат пешниҳод гардад. Муҳокима бояд дарҳол пас аз додани ҳисобот ё ҳангоми гузаронидани маҷлиси оянда тибқи қарори стортинг гузаронида шавад. Таклифи кумитаҳо метавонанд барои баррасӣ дохил карда нашаванд».

*Сарчашма: қоидаҳои расмиёти парлумони Норвегия (стортинг). Параграф 13: http://www.stortinget.no/g)*

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Сонњањое, ки ба онњо фаъолияти кумита оид ба масъалањои мудофиа дар парлумон ё палатаи Шумо пањн мегарданд

- Аз нав дида баромадани ваколатњои кумита ва зеркумитањои имконпазири он барои боварї њосил кардан ба:
  - амиќ муайян будани онњо;
  - онњо ба кумитањо имкон медињанд, ки ба њамаи сонњањо диќќати лозима дињанд;
  - онњо ба сиёсати амният ва бо самти фаъолияти вазорат, ки метавонад ба амният алоќаманд бошад, мувофиќа шудаанд, масалан корњои хориљї амнияти бањрї ва њавої, саноат ва таъмини нерў ва ѓ.

## Кумитаи босамари парлумонї

- Кафолат додан ба он, ки кумита ё зеркумитаи Шумо њам ба таври ќонунгузорї њам дар мисоли таљрибаи механизмњои дар ќисмати №34 зикргардида таъмин мебошанд.
- Дида баромадани таъсиси зеркумитањо барои чунин сонњањои мудофиа ба монанди буљет, таъминот, кадрњо ва супоришњои сулњхоњона.
- Вусъат додани ќонунгузорие, ки бо сиёсати иттилоотї алоќманд аст ва дида баромадани моддањои харољот барои мудофиа.
- Боварї њосил кунед, ки кумита дараљаи лозимии захирањоро дорад, аз љумла имконияти гирифтани маслињати коршиносонро.
- Тањќиќ ва аз нав дида баромадани таљрибаи бењтарини байналхалќї барои амалисозии назорати парлумонии бахши амният.

**Боби 16**

# Омбудсмен

Дар байни субъектҳои институтсионӣ, ки бахши амниятро назорат мекунанд, омбусмен ҷойи намяоёнро ишғол менамояд. Дар баъзе кишварҳо омбудсмен таснифоти умумӣ дошта, бо ҳалли тамоми мушкилоте, ки дар натиҷаи хатои маъмурият ба миён меоянд, машғул мешавад. Баъзе кишварҳо дигар мақомоти ҳокимият доранд, ки вазифаҳои ба ин монандро иҷро мекунанд, масалан комиссари ваколатдор ё кумита оид ба шикоятҳои шаҳрвандон (дар Нигерия). Дар аксари кишварҳо мансаби омбудсменҳои соҳибтаҷриба вуҷуд дорад, ки бо ҳалли масъалаҳои қувваҳои мусаллаҳи машғул мебошанд.

**Блоки № 36**

## Омбудсмен

«(...) Омбудсмен шикоятҳои аз ҷониби шаҳрвандон дохилшударо баррасӣ мекунад, ки онҳо бо қарорҳо, амалҳо ё хатоҳои идоракунии давлатӣ алоқаманданд. Номзадҳоро ба ин мансаб парлумон интихоб мекунад, ё аз ҷониби сардори давлат ё ҳукумат ҳангоми гузаронидани машваратҳо бо парлумон ё баъд аз анҷоми он таъин карда мешавад. Вазифаи омбудсмен иборат аст аз ҳимояи одамон аз поймолшавии ҳуқуқҳояшон, суиистифода аз мансаб, хатоҳо, нофаҳмиҳо, қарорҳои ноадолатона, роҳбарии ноҷоиз, барои инкишоф додани идоракунии давлатӣ, шаффофтар кардани амалҳои ҳукумат ва ҳукумату аъзои онро дар назди ҷомеа ҳисоботдеҳ будан. Мансаби омбудсмен метавонад бо конститутсияи кишвар ва дар сатҳи қонунгузорӣ тақвият ёфта, инчунин метавонад дар асоси санади қонунгузорӣ таъсис ёбад.

Барои ҳифзи ҳуқуқҳои одамон омбудсмен ваколатҳои зеринро дорост:

1) омӯзиши он, ки оё ҳукумат бар хилофи қонун ё ноадолатона амал мекунад ё не;
2) агар дар натиҷаи таҳқиқи хамаҷониба амалҳои ноҷоизи ҳукумат ошкор гарданд, бо тавсияҳо нисбати ин амалҳо баромад мекунад;
3) дар ҳолатҳои махсус оид ба фаъолияти худ ба ҳукумат ва даъвогар ҳисобот медиҳад, дар ҳолатҳое, ки агар тавсияҳои он аз ҷониби ҳукумат иҷро нашуда бошанд, ба мақомоти қонунгузор муроҷиат мекунад. Аксари омбудсменҳо ҳамасола оид ба фаъолияти худ дар назди мақоми қонунгузор ва ҷамъият хисобот медиҳанд.

Чун қоида, омбудсмен ваколати қабул намудани қарорро надорад, чунки ин кор ба ваколати ҳукумат дохил мешавад. Зери ҳокимияти умумии омбудсмени бахши ҷамъиятӣ миқдори зиёди ташкилотҳои ҳукуматӣ қарор доранд. Дар баъзе ҳолатҳо доираи ташкилотҳо метавонад васеъ шуда, мақомоти судӣ, полиция ва ҳарбиро дар бар гирад, ҳамзамон дар баъзе кишварҳо якбора як ё якчанд самтҳо имконнопазир аст».

*Сарчашма: буклети иттиилоотии Донишкадаи байналхалқии омбудсмен: http://www.law.ualberta.ca/centres/ioi/*

*Ниг. Инчунин: мансаби комиссари ваколатдори Милали муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон. С.19. Муассисаҳои миллӣ оид ба мусоидат ва ҳифзи ҳуқуқи инсон*

# Омбудсмен дар соњаи мудофиа

Омбудсмен дар соњаи мудофиа њамчун идораи алоњида дар ќонунгузории якчанд давлат зери номњои гуногун пайдо мешавад: омбудсмен дар соњаи мудофиа дар Финляндия, Норвегия, Португалия ва Олмон; комиссари њарбї оид ба шикоятњои хизматчиёни њарбї дар Исроил; омбудсмени Депратаменти мудофиаи миллї ва ќуввањои мусаллањи Канада – дар Канада, омбудсмени ќуввањои мусаллањ дар Австралия ва ѓ.

Блоки № 37

## Шарњи фаъолияти омбудсменњо дар баъзе ишварњо

| *Кишвар* | *Салоњият* | *Вазифа* | *Њисоботдињї ва маќом нисбати њокимияти сиёсї* |
|---|---|---|---|
| **Австралия** | Омбудсмени ќуввањои мусаллањ бо ќарори њукумат таъин мегардад | Ошкор намудани њар хатои идоракунї дар ќуввањои мусаллањи Австралия | Њамасола ба вазир хисоботро барои пешкаш намудан ба парлумон пешнињод мекунад |
| **Канада** | Омбудсмен дар соњаи мудофиа бо ќарори њукумат таъин мегардад | Барќарор намудани њуќуќњои хизмат-чиёни Департаменти мудофиаи миллї ва ќуввањои мусаллањи Канада | Додани њисобот дар назди Департаменти мудофиаи миллї ва ќуввањои мусал-лањи Канада. Њамасола ба вазир хисобот пешнињод мекунад |
| **Норвегия** | Омбудсмен дар соњаи мудофиа-дар доираи парлумони Норвегия | Њифзи некўањволии њар як солдат; дар њалли низоъњо ва нигоњ доштани фазои боварї ва шаффофият дар ташкитлотњои мудофиавии соњањои гуногун | Тавсияњо, дастурњо ва танќиди муас-сисањои дахлдори шањрвандиро, ки ба таври ихтиёрї аз онњо истифода мекунанд, баён мекунад |

Омбудсмен инъикоскунандаи механизми иловагї барои амалисозии назорати њарбиён аз номи шањрвандон ва /ё парлумон мебошад. Вазифаи асосии омбудсмени њарбї – омўзиши ќарорњои шубњаноки арбитражї ё љиноятњои аз љониби шахсони масъули хадамоти бехатарї, хусусан њарбиён содиршуда мебошад.

Љорикунии институтсионии омбудсмени њарбї ба низоми сиёсї дар њар кишвар ба таври гуногун сурат мегирад. Омбудсмен метавонад аз љониби парлумон таъин гашта, ба парлумон њисоботдењ бошад (Олмон, Шветсия) ё метавонад аз љониби вазири мудофиа таъин шавад (Исроил, Канада). Идорањои баъзе омбудсменњо дар њудуди парлумон љойгир шудаанд (ба монанди комиссари олмонии парлумонии ќуввањои мусаллањ ниг. Ќисмати №38) ё идораи он метавонад берун аз худуди парлумон љойгир шавад (Шветсия).

Шањрвандон ё хизматчиён, ки нисбати онњо аз љониби њарбиён муносибати бад раво дида шудааст, метавонанд барои оѓоз намудани тадќиќот ба омбудс-

мен муроъиат кунанд. Ѓайр аз ин, вакилон метавонанд ба омбудсмен бо хоњиши гузаронидани тадќиќоти њолатњои беадолатї муроъиат кунад. Аксар, парвандањое, ки омбудсмен баррасї мекунад, бо холї намудан аз вазифа, муваќќатан дур кардан аз хизмати њатмии њарбї, гузаронидан (аз рўи хизмат) ва азнавтаъинкунї њангоми хизмати њарбї, љавоб додан ба сафи захирањо, рухсатї ва љиноятњои интизомї вобаста аст. Агар омбудсмен ќарор ќабул кунад, ки шикоят сафед карда шудааст, ў метавонад бо тавсияњо баромад кунад, аз љумла бо њуќуќи талаб намудани таѓйир додан ё аз нав дида баромадани ќарор оид ба парвандаи мазкур.

## Омбудсмен ва махфият

Бо назардошти хусусияти бахши амният, ба манфиати бехатарии миллї баъзе маълумотро ифшо намекунанд. Аксар кишварњо оид ба он ки омбудсмен нисбати парвандањо оид ба махфияти миллї чї гуна рафтор кунад, илова ба ќонун ќарорњои махсус ќабул намуданд. Њатто њангоми истифодаи ќоидањои махфияти баланд низ, ба омбудсмен иљозат дода мешавад, ки њар гуна тањќиќи лозимиро гузаронад ва ба базањои њарбї, њама њуљљатњои дахлдор оид ба њар масъалаи махсус дастрасї дошта бошад. Лекин омбудсмен наметавонад, ки далелњои дар натиљаи гузаронидани тањќиќ ба даст омадаро мавриди ошкорбаёнї ќарор дињад.

**Блоки № 38**

### Ваколатдор оид ба масъалањои ќуввањои мусаллањи (парлумони Олмон)

Солњои 1950-ум ќуввањои мусаллањро аз сари нав таъсис дода, Олмон ба назорати парлумонї диќќати махсус медод. Барои кафолат додан дар бораи он ки арзишњо бо конститутсияе, ки инсонро њамчун маркази сайёра муайян мекунад, таќвият дода шудаанд, ба сарќонуни Олмон ба таври илова моддаи 45 дохил карда шуд. Мутобиќи он: «... Комиссари парлумониро барои он таъин мекунанд, ки ба аъзои ќуввањои мусаллањ риоя шудани њуќуќњои асосї кафолат дода шавад ва барои кўмак расонидан ба бундестаг дар амалисозии назорат». Њама тафсилот оид ба истифода шудани ин модда бо Ќонун «Дар бораи комиссари парлумонии ќуввањои мусаллањ» муќаррар карда шудаанд.

Комиссари палумонї шахси бовариноки парлумон (бундестаг) буда, њамчун узви њокимияти ќонунгузор метавонад бо супориши бундестаг ё кумита оид ба мудофиа ва ё мувофиќи вазъият парвандањои махсусро омўхта, аз рўи салоњдиди худ ќарорњо ќабул кунад.

Мутобиќан бо ќоидањои таќсимоти њокимият, комиссар вазири мудофиа назорат мекунад. Ў метавонад маълумот ва дастрасиро ба маълумот ва дастрасии тамоми агентињо ва њайатњои тобеъ ба вазорат талаб кунад. Ў метавонад њар ваќт, њар љузъу том, идораи асосї (штаб-квартира), агентї ё роњбарияти ќуввањои мусаллањ ва муассисањои онњоро бе огоњї боздид ба амал орад. Ў метавонад бо ташаббуси худ тањќиќњо гузаронад, хусусан ваќте, шикояти аъзои хадамот, новобаста аз мансаб ва рутбаи онњо.

Њар шахс дар ќуввањои мусаллањ њуќуќ дорад парвандаи худро бевосита ба баррасии комиссар биёрад, на тавассути муассисањои расмї, ки дар ин њолат ба ў хатари љазо гирифтан ё таъќиб аз сабаби шикояти пешнињоднамудааш тањдид мекунад.

*Сарчашма: http://www.bundestag.de/*

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќувваҳои мусаллаҳ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

# Омбудсмен: сарчашмаи боварии баланд дар армия

Њисоботи расмии омбудсменњои њарбї, масалан омбудсмени њарбии Шветсия (ин мансаб соли 1915 таъсис гардид) аз он шањодат медињад, ки ин мансаб ба воситаи пурќуввате табдил ёфт барои зиёд кардани боварии мардум ба бахши мудофиа.

Ѓайр аз ин, омбудсмен хизматчиёни алоњида ва занонро аз муносибати тањќиромез нисбати онњо дар армия њимоя мекунад. Ќайд кардан мумкин аст, ки дастоварди асосии омбудсмен дар бахши амният ин баланд бардоштани боварї ба бахши њарбї тавассути таъсис додани шаффофияти бисёр дар љараёни маъмурї, бе гунањкоркунии табаќаи (иерархияи) њарбї ва кам кардани ќобилияти њарбї мебошад.

## Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Мансаби омбудсмен

- Агар дар кишвари Шумо ин мансаб њоло таъсис наёфта бошад, чорабинињоеро фикр карда бароед, ки таъсис додани онро тезонанд.
- Бо ин сабаб тавсияњои идоракунї (меъёрњо), маълумот ва таљрибаи ба даст омадаро, ки ба сайти: http: //www.ombudsmaninternational.com муроҷиат намуда, ба даст оварда метавонед, дар хотир доред

### Омбудсмен дар бахши мудофиа ва амният

- Агар дар кишвари Шумо ин мансаб њоло таъсис наёфта бошад, чорабинињоеро фикр карда бароед, ки таъсис додани онро тезонанд.
- Аз таљрибаи бадастовардаи аксари кишварњо, ки дар онњо омбудсмен оид ба масъалањои мудофиа вуљуд дорад, маълумот гиред.
- Агар дар кишвари Шумо мансаби омбудсмен оид ба масъалањои мудофиа якчанд муддат бошад, баррасии салоњият, вазифањо, расмиёти умумї, аз љумла хисобот ба парлумон, таъсир, захирањо ва буљетро дар муќоиса бо мансабњои дахлдор дар кишварњои дигар бо вазъияти мазкур дар бахши амният талаб кунед.

**Боби 17**

# Ташриф овардан ба созмонњо ва иншоотњои бахши амният

## Моњият

Барои вакилони парламент пурра шинос шудан бо Бахши амният нињоят муњим аст. Бо маќсади бењтару хубтар дарк кардани бахши амният донишњои назариявї бояд бо таљрибаи амалиявї мустањкам гарданд. Дар ин љанба ташрифи парламентии иншоотњои бахши амниятро метавон њамчУн роњ ба муколама, боварї ва њусни тафоњум ќабул кард. Чунин ташрифњои вакилони парламент дар фањмидани Мушкилоти њамарўзаи аскарон кўмак мерасонад ва ба њарбиён нишон медињад, ки роњбарони сиёсї дар њалли чунин мушкилот манфиатдор мебошанд ва фаъолона иштирок мекунанд.

**Блоки № 39**

### Таљрибаи Аргентина

Сиёсатмадорон бо маќсади мубодилаи афкор бо њайати шахсии њарбиён базаи њарбї ва ќисмњои њарбиро ташриф меоваранд. Ин ташрифот бо иљозати фармондењони ќуввањои мусаллањ амалї мегардад ва ин дар навбати худ нобоварї ва муносибати беѓаразро паст мекунад. Дарки бењтари мушкилоти њарбї дар натиљаи муносибати байни ваклони парламент ва хидматчиёни њарбї ба миён меояд.

*Сарчашма: Пабло Карлос Мартинес.
Реструктуризатсияи ќуввањои мусаллањ ва наќши парламент.
Таљрибаи Аргентин, http://www.pdgs.org*

Дар марказњои боздошт ва њабсхонањо дастгиршудагон пурра зери назоарт њастанд. Дар чунин њолат махсусан, њуќуќњои онњо мумкин аст поймол карда шаванд. Бадбахтна, њодисањои азобу шиканља додан ва муносибати бад дар њабсхонањову марказњои боздошт нињоят пањн гардидааст. Мутаносибан чунин муассисањо бояд зери назорати махсус ќарор гиранд. Усули муфид дар ин масъала ташрифи вакилони парламент ва коршиносон бо маќсади ошкор намудани њодисањои муносибати бад ва пешгирї намудани вайронкорињои минбаъда ба њисоб меравад.

Дар блоки № 40 механизмњое оварда шудаанд, ки њангоми ташриф ба марказхои боздошт истифода мешаванд ва дар Протоколи иловагї ба Конвенсияи СММ дар бораи манъи азоб навишта шудаанд.

**Блоки № 40**

### Протоколи иловагї ба Конвенсияи СММ дар бораи манъи азоб имкониятњоро барои ташриф ба иншоотњои хадамоти амният васеъ мекунад

Моњи декабри соли 2002 Ассамблеяи генералии СММ Протоколи иловагї ба Конвенсияи СММ дар бораи манъи азоб ва дигар муносибат ё љазои берањмона, ѓайриинсонї ва тањќиромезро тасдиќ намуд. Протоколи мазкур давлатњоро ўњдадор месозад, ки дар кишварњои худ марказњои боздошт бо маќсади ташрифи мумайизони мустаќили ватанию хориљї таъсис дињанд. Ба мумайзиони мустаќили ватанию хориљї иљозат дода мешавад, ки бањри кам кардани хатари муносибати бад тавсияњо пешнињод кунанд.

*Барои гирифтани маълумоти муфассал ба сайти зерин ташриф оваред: unhcr.ch.*

## Шароитњо барои ташрифи бомуваффаќият

Њољат ба гуфтан нест, ки ташрифи парламентї ба муассисањои хадамоти амният, аз ќабили базаи њарбї, бояд аз тарафи вазорати дахлдор мутобиќ карда шавад. Ташрифоти ѓайричашмдошт ва ба мувофиќа оварда нашуда оќибатњои манфї дошта метавонад, чунки чунин ташрифот мумкин аст њамчун мављуд набудани боварї ба њарбиён тафсир карда шавад. Чунин ташрифот ба дуруст амал намудани иншоотњои њарбї халал мерасонанд. Намояндагони њизбњои гуногуни сиёсї ба чунин ташрифот бояд љалб карда шаванд ва ба чунин ташрифот бояд хуб ва њаматарафа омода бинанд.

Мањдудияти чунин ташрифот чунин маънидод карда мешавад, ки комитетњои парламентњо он иншоотњоеро, ки фармондењони хадамоти амният нишон медињанд, дида метавонанд.

Чунин ташрифот моњияти мушкилотро ошкор намесозад, лекин ба њарбиён имкон медињад, ки чунин вазъиятро, махсусан дар мавриди талаботњи буљетї, ба манфиати худ истифода барад. Чунин њолатро бо роњи истифодаи се намуди ташрифот дуруст кардан мумкин аст: ташрифоти аз тарафи њарбиён тавсияшаванда; ташрифоти аз тарафи парламент тавсияшаванда, ки дар бораи он пешакї маълумот доранд; ташрифоти аз тарафи парламент тавсияшуда ва дар муддати кўтоњ амалигашта.

## Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

**Ќонунгузорї дар бораи ташриф овардан ба иншоотњои хадамоти амният**

- Ба он муваффаќ гардед, ки ташрифи парламентї ба иншоотњои хадамоти амният (аз он љумла ќонунњое, ки берун аз кишвар ќарор доранд) бо ќонун пешбинї шуда бошанд.

- Њангоми мављуд набудани ќонун, ки ба вакилони парламент њуќуќи ташриф оварданро таъмин мекарда бошад, аниќ намоед: оё ташрифи иншоотњои хадамоти њарбї аз тарафи вакилони парламентї пешнињод шудааст ё не; маълум намоед, ки дар кадом асос, чї тавр, аз рўи кадом меъёр ва бо кўмаки кї вакилони парламент интихоб гардида буданд;
- Эътимод дошта бошед, ки парламент дар љояш масоили зеринро муайян мекунад:
  - ба кадом иншооти хадамоти амният ташриф овардан мумкин аст;
  - чунин ташрифот дар кадом шароит ва бо адом шарт ба амал омада метавонад; оё чунин ташрфиот дар лањзањои гуногун амалї мегардад ё не.
  - таљриба ва мунтазамии ташрифоти парламентї ќисмњои њарбии миллї ва базањо;
- Боварї пайдо кунед, ки ба парламент ва комитетњои дахлдор њисоботи муфассал дар бораи ин ташрифот пешнињод ва ба муњокима гузошта шудааст.
- Таъсири ташрифоти амалишударо арзёбї намоед;
- Аниќ намоед, ки давлати Шумо Конвенсияи СММ дар бораи манъи азоб ва Протоколи иловагиро ба он тасдиќ кардааст ё не.

## Узвият дар њайати парламентие, ки ташрифотро амалї мегардонанд

- Боварї дошта бошед, ки њайати парламентї маќсадњои ѓаразнок надоранд ва аз намояндагоне, ки дар парламент аксариятро ташкил медињанд ва аз намояндагони оппозитсия баробар иборат мебошанд.
- Кўшиш намоед, ки њангоми интихоби њайати вакилон (ба ќадри имкон) баробарии марду зан риоя карда шавад.

## Омодагї ба ташрифот

- Бањри пешгирии таъсири манфї эътимод дошта бошед, ки ташрифи парламентї бо вазорати мудофиа ба мувофиќа оварда шудааст.

## Њисобот дар назди парламент

- Боварї дошта бошед, ки ба парламент њисоботи муфассал барои муњокима ба парламент ё кумитаи дахлдор пешнињод карда шудааст.
- Боварї пайдо намоед, ки њокимияти салоњиятдори хадамоти амният пешакї ба њисобот бо маќсади баён намудани эродњои худ дастрсї дорад.

## Таъсирот ва умумият

- Боварї пайдо намоед, ки хулосаву таклифњои њайати вакилон ва ќарорњои дахлдори парламент амалї мегарданд ва ќарорњои баррасишуда ва ќабулгардида ќонунї эълон карда мешаванд.

Ќисми V

# Назорати бахши амният дар амал:

## шароитњои фавќуллода ва амалиёт

**Боби 18**

# Вазъияти фавќулодда

Њолатњои истисноие ба монанди љанг, мунокишаи дохилї ва ё дигар навъњои вазъияти фавќулодда ба вуљуд меоянд, ки њангоми онњо давлат маљбур аст ваколатњо ва механизмњои махсусеро барои њалли мунокиша истифода барад. Механизмњои зикргардида набояд ба низоми демократии идоракунї таъсири манфї расонанд.

Љанг ва баъзе шаклњои вазъияти фавќулодда дахолати њарбї ва дар баъзе њолатњо њатто эълони вазъияти љангро талаб менамояд. Дар чунин њолатњо ќуввањои мусаллањ ва соњаи амният бояд дар доираи як ќатор принсипњо ва кафолатњо, ба монанди њуќуќи байналмилалии гуманитарї амал намуда, инчунин тањти назорати демократї ќарор гиранд.

Њуќуќи инсонро то дараљаи имконпазир риоя намудан зарур аст. Њуќуќњои асосии инсон бояд поймол нагарданд, чунонки дар тафсири умумии № 29 Кумитаи СММ оид ба њуќуќи инсон аз августи соли 2001 вобаста ба моддаи 4 Конвенсияи байналмилалї оид ба њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї омадааст.

## Вазъияти љанг

Дар моддаи 2.4 Оинномаи СММ омадааст:

> *«Аъзои Созмон дар муносибатњои байналмилалии худ аз тањдид бо зўрї ва истифодаи он худдорї менамоянд (...)».*

Њамин тавр, истифодаи ќувва бар зидди давлати дигар ќатъиян манъ аст. Назорати риоя гардидани мањдудиятњои муќарраргаштаи байналмилалї аз љониби маќомоти њокимияти иљроия, яке аз вазифањои парламент мебошад, то ин ки њукуматњо барои тањдиди истифодаи ќувва ва бо роњи љанг њал намудани мунокиша шитоб накунанд, инчунин дар ваќти мунокиша аз доираи ваколатњои худ берун наоянд. Мамлакатњои бетараф (масалан, Швейтсария) умуман аз љанг њамчун воситаи њалли бањсњо дар доираи муносибатњои берунї даст кашидаанд. Љопон дар конститутсияаш (аз соли 1946) доштани ќуввањои мусаллањро ба таври возењ манъ мекунад. Мамлакатњои дигар, ба монанди Маљористон дар бораи худдорї аз љанг њамчун воситаи њалли мунокишањо миёни мамлакатњо эълон намуданд.

Њангоми љанг парламентњо метавонанд ба љараёни ќабули ќарорњо, аќаллан бо се роњ, (бо тартиби камшавии ањамият) љалб гарданд:

(1) Конститутсия њуќуќи мустаќилона эълон кардани љанг ва сулњро аз љониби парламент метавонад муќаррар кунад. Њарчанд дар замони њозира амалан ин шарт њамчун фарзия боќї мемонад, зеро љанг бе огоњї оѓоз меёбад ва њодисањо дар њаќиќат мумкин аст ба парламент имконияти ќабули ќарори мувофиќро надињанд.

(2) Конститутсия метавонад аз њокимияти иљроия гирифтани розигии парламентро то анљом додани ягон намуд амалиёти њарбї ва ё бастани сулњ талаб намояд. Ин муќаррарот ба парламент барои муњокимаи масъалањо оид ба

анљом додани њама гуна амалиёти мушаххаси њарбї ва зиёда аз он – њангоми таљовузи берунї иљозат медињад.

(3) Конститутсия метавонад ба парламент њуќуќе дињад, ки мувофиќи он њокимияти иљроия ўњдадор аст дар бораи ќабули ќарор оид ба анљом додани амалиёти њарбї бе розигии пешакии парламент онро хабардор намояд. Амалан, аксарияти конститутсияњо ба парламент дар ин бора иттилоъ пешбинї менамоянд.

# Вазъяти фавќулодда

Вазъияти фавќулодда ва ё бўњрони миллї доираи васеъи шароитро дар бар мегирад. Конститутсия ва базаи ќонунгузорї доираи муайяни шароитро, ки њангоми он эълони вазъияти фавќулодда мумкин аст, аз њуљуми мусаллањона, ки ба сохти конститутсионї ва љамъиятї тањдид мекунад, сар карда, то офатњои табиї, хуруљи эпидемия, бўњрони миллии иќтисодї ва ё бўњрони молиявї муайян намояд.

Вазъияти фавќулодда танњо дар њолатњои истисної ва мутобиќи принсипњои даќиќи муайян эълон мешавад, то ин ки принсипњои демократияро (ниг. ба блоки №41) зери хатар нагузорад. Муайян намудани чунин њолатњои истисної аз сохти конститутсионї ва базаи ќонунгузории њар мамлакат вобаста аст. Конститутсия ва базаи ќонунгузорї набояд ба њокимияти иљроия барои эълон намудани вазъияти фавќулодда бо сабабњои сиёсї иљозат дињад. Илова бар ин, конститутсия ва ќонунњои дахлдор бояд табодулоти њарбиро њамчун амали бидуни ќувваи ќонунии конститутсионї арзёбї намоянд.

**Блоки № 41**

## Вазъияти фавќулодда: маќсад ва принсип

«Њамаи низомњои ќонунгузорї барои аз байн бурдани вазъияти фавќулодда воситањои махсусеро таъмин менамоянд. Аммо њамагуна беэътиної нисбати њуќуќ, ки барои рафъи бўњрон лозим меояд, мумкин аст танњо муваќќатї бошанд ва маќсади барќарорсозии вазъияти мўътадил, инчунин њимояи њуќуќњои бештар фундаменталиро доранд (...)».

### Принсипњои байналмилалї

«Принсипњои байналмилалї, ки ба вазъияти фавќулодда дахл доранд, ба таври зайл тавсия мешаванд:

**Принсипи ќонуният** мувофиќатро миёни эълони вазъияти фавќулодда ва тадбирњои тасдиќгардида оид ба рафъи он – аз як тараф ва эълони вазъияти фавќулодда ва ќонунгузории миллиро аз дигар тараф талаб мекунад.

**Принсипи эълон кардан** ба зарурати эълони ошкорои вазъияти фавќулодда дахл дорад.

**Принсипи робита** ўњдадор менамояд, ки ба дигар мамлакатњо – аъзои иттињоди умумї ба воситаи намояндаи махсус дар Созмони Миллали Муттањид дар бораи риояи њуќуќи инсон њангоми вазъияти фавќулодда иттилоъ дода шавад.

**Принсипи муваќќатї** ба хусусияти истисноии вазъияти фавќулодда дахлдошта мањдудияти њатмии онро дар вакт муайян мекунад.

**Принсипи тањдиди махсус** пешбинї менамояд, ки хатари бўњрон барои љомеа, имрўз ва фардо воќеї ва ногузир аст.

**Принсипи таносуб** мутаносибии сатњи хатари мављуда ва тадбирњо барои рафъи он андешидашударо таќозо менамояд.

**Принсипи устуворї** пешбинї менамояд, ки њуќуќњои асосї ба њељ ваљњ набояд поймол гарданд.

Парламент, ки аз њуќуќи инсон дифоъ мекунад, бенињоят муњим аст, ки худ ќурбонии аввалини вазъияти фавќулодда нагардад (сухан дар бораи имконияти бевосита пароканда намудан ва ё манъи муваќќатии ваколатњои он, мањдудияти ќатъии ваколатњои ќонунгузорї ва ё ваколатњо оид ба назорати њокимияти иљроия меравад). Парламент бояд вазифањои худро чї дар давраи эълон ва чї дар давраи бекор кардани вазъияти фавќулодда иљро намояд (...).

### Ба расмият даровардани вазъияти фавќулодда

«(...)Ба расмият даровардани вазъияти фавќулодда бояд тарзе сурат гирад, ки тадбирњои онро тасдиќкунанда (эълон, тасвиб ва м. и.), инчунин тадбирњое, ки баъд аз он анљом дода мешаванд, (манъи муваќќатї ва ё мањдуднамоии њуќуќњои муайян ва м. и.) бояд љавобгўи меъёрњои њуќуќї бошанд ва њамин гуна мавриди назорат ќарор бигиранд (...).

### Фаъолияти парламент

«Њамагон эътироф менамоянд, ки принсипи мустаќилият ва баробарии шохањои гуногуни њокимияти давлатї ќисми таркибии меъёрњои њуќуќї мебошанд. Аз ин рў, ќонунгузории аксарияти кишварњои дуне иштироки фаъоли парламентро дар раванди эълон ва ё тасвиби вазъияти фавќулодда аз љониби њокимияти иљроия таъмин менамояд. Маќсади принсипи мазкур пешгирї намудани пайдоиши шароите мебошад, ки зимни он танњо њокимияти ќонунгузор барои ќабули чунин ќарори муњим масъулият дорад (...)

### Муќаррароти ќонунгузорї оид ба вазъияти фавќулодда

«Таљриба афзалияти эътибори конститутсионї доштани муќаррароти муайянкунандаи вазъияти фавќулоддаро нишон медињад. Ќонунгузории аксарияти кишварњо комилан ба ин мутобиќ мебошанд, гарчанде баъзан ва ѓайримустаќим чунин њолатњо дида мешаванд; «…њангоми ба вуљуд омадани вазъияти фавќулодда ягон сохтори њукуматї њуќуќи ба худ гирифтани вазифањои њокимияти ќонунгузорро надорад». (...)

*Сарчашма: иќтибос аз маърўзаи љаноби Л. Деспуи, намояндаи махсуси СММ оид ба њуќуќи инсон ва вазъиятњои фавќулодда дар симпозиум МС дар Будабешт, соли 1993 дар мавзўъи «Парламент ва таъмини њуќуќи инсон*

## Вазъияти фавќулоддаи тўлонї

Вазъияти фавќулоддаи тўлкашида, ки муддати якчанд сол ва ё њатто дањсолањо аз љониби парламент такроран тамдид мегардад, метавонад боиси вайроншавии меъёрњои њаётии љомеаи шањрвандї, инчунин ба вуќўъ пайвастани чунин њолате гардад, ки ташкилоти барои таъмини амният масъул метавонанд бе љазо монданро эњсос намуда, демократияро тањти хатар гузоранд. Ин ба парламент таъсири манфї расонида онро заиф менамояд. Вазъиятњои фавќулодда бемаврид дар он шакле, ки айни њол дар баъзе кишварњо вуљуд дорад, ба назорати парламентї дар бахши амният, ки дорои ваколатњои васеъ дар фаъолияти худ мебошад, бевосита тањдид мекунад.

# Шумо ҳамчун аъзои парламент чӣ кор карда метавонед?

## Қонунгузорӣ оид ба вазъияти фавқулодда

- Мӯътақид бояд буд, ки дар конститутсия ва қонугузорӣ шаклҳои гуногуни вазъияти фавқулодда муайян гардидааст.
- Амали вазъияти фавқулодда бояд худ аз худ баъди се ва ё шаш моҳ қатъ гардад, агар мӯҳлати мазкур аз ҷониби парламент тибқи қарор бо овоздиҳӣ қабулгашта тамдид наёбад.
- Барои дар қонунгузории миллӣ доир ба вазъияти фавқулодда таҷассум ёфтани принсипҳои байналмилалии қонуният, эълон намуда, робита, муваққатӣ, таҳдиди махсус ва ғайраҳо мусоидат намудан лозим аст.
- Мӯътақид бояд буд, ки ҳуқуқи гуманитарӣ, кафолатҳои конститутсионӣ ва қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳангоми вазъияти фавқулодда эҳтиром карда мешаванд.
- Мӯътақид бояд буд, ки ваколатҳои дахлдори ҳокимияти иҷроия ва парламент оид ба эълон ва бекор кардани вазъияти фавқулодда дар конститутсия ва қонунгузорӣ дақиқ ва мукаммал муайян гардидаанд.

## Парламент ҳангоми вазъияти фавқулодда

- Мӯътақид бошед, ки ҷорӣ намудани вазъияти фавқулодда ваколатҳои парламентро оид ба назорат аз болои амалҳои ҳокимияти иҷроия дар соҳаи амният ба таври пурра маҳдуд накарда, эҳтиром нисбати ҳуқуқи дахлнопазири инсонро халалдор намесозад.

**Боби 19**

# Таъмини амнияти дохилї

Амнияти дохилї (ва ё љамъиятї) ва тартиботи љамъиятї аз љузъиёти муњимтарини њаёти муќаррарии одамон ба њисоб меравад. Он ба тамоми ќишрњои љомеа таааллуќ дошта, бидуни њељ гуна шаклњои поймолсозї (дискриминатсия) муњољирон ва хориљињоро, ки дар ќаламрави мамлакат ќарор доранд, дар бар мегирад. Ин принсипњо набояд аз љониби пешвоёни сиёсї ва сохторњои ќудартї бо маќсадњои шахсї ва ё ба манфиати бахши амният њамчун ташкилоти њимоятгари љомеа истифода шаванд.

## Омилњои асосии умумї ва хусусиятњои ќонунгузорї дар соњаи мазкур

Њамаи низомњои њуќуќї дар ќонунгузории худ муќарраротеро пешбинї менамоянд, ки зимни вазъияти дахлдор ба эълон намудани вазъияти фавќулодда эњтиёљ нест, аммо дар амал метавонад барои амнияти миллї ва тартиботи љамъиятї хатар эљод намояд.

Ќонунгузорї дар соњаи мазкур ба њокимияти иљроия ваколатњои махсусро вогузор менамояд ва ба андозаи муайян метавонад баъзе њуќуќњоро мањдуд намояд ва баъзан бо маќсади њимояи дигар њуќуќњои бунёдї, ки ба онњо зимни њолатњои муайян хатар тањдид мекунад, вайрон намояд ва ин њам шарњу тавзењи даќиќро талаб мекунад.

Ба њуќуќњое, ки бештар мањдуд ва поймол карда мешаванд, њуќуќ ба озодии иттилоот, њуќуќи баргузории намоишњо, њуќуќ ба озодї ва паноњгоњи сиёсї дохил мешаванд. Ќонунгузории байналмилалї поймол намудани њуќуќњои дахлнопазирро ба монанди њуќуќ ба њаёт ва њуќуќ мавриди азобу шиканља ва ё дигар шаклњои љазоњои љисмонї ќарор нагирифтан, тањќир ва ё муносибати ѓайриинсониро манъ намудааст. Аз њама бештар њуќуќи муњољирон, журналистњо, фаъолони сиёсї, њимоятгарони њуќуќ, шахсони ба паноњгоњи сиёсї мўњтољ, инчунин намояндагони аќаллиятњои динї ва миллї поймол мегардад.

## Хатарњо

Хатарњои ба ќонунгузории соњаи таъмини амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї алоќаманд инњоро дар бар мегиранд:

- ✓ Тавсифи хеле васеъи моњияти хатар, ки барои ба манфиатњои худ шарњу тафсир намудани онњо ба њокимияти иљроия имконият медињад;
- ✓ ба њокимияти иљроия (тавассути он ба баъзе ташкилотњои соњаи амният) додани ваколатњои фавќулодда ва доимї бидуни назорат ва тавозуни дахлдор, инчунин бидуни муљозоти зарурии маъмурї ва њуќуќї;

баъзан бо баҳонаи нигоҳдории амнияти дохилӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ суистифода бо мақсади ҳифзи манфиатҳои танҳо як ё якчанд қишри ҷомеа, роҳбарияти сиёсӣ ва ё худи соҳаи амният ба амал меояд, ки барои он тамоми маҷмӯи воситаҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва анҷомдиҳии назорат аз болои амалҳои ҷомеа мавриди татбиқ қарор мегиранд.

- ✓ мусаллаҳсозии политсия – муҳофизи тартиботи дохилӣ ва қонунгузории миллӣ – фарқи байни онҳоро ба ҳарбиён – муҳофизони амнияти беруниро аз байн мебарад. Ин раванд фавқулодда хатарнок мегардад, вақте, ки чунин қувваҳо ба таври кофӣ маблағгузорӣ намешаванд ва ҳамин тариқ гирифтори васвасаи суистифода аз ҳолатҳои амният мегардад, ки метавонад ба коррупсия оварда расонад.
- ✓ Хавфи дигари мусаллаҳшавии қувваҳои полистия дар он аст, ки баъзе шахсони ваколатдор метавонанд политсияро (ва баъзан хадамоти иктишофӣ ва ташкилотҳои ҳарбиро) ба ҳайси восита на барои ҳифзи амнияти дохилӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, балки барои назорат ва пахши мухолифин истифода баранд. Ба ғайр аз ин, истифодаи зиёди қушунҳо метавонад ба сиёсӣ шудани соҳаи ҳарбӣ оварда расонад.
- ✓ Боздоштани фаъолияти парламент ва ҳокимияти судӣ махсусан дар соҳаҳое, ки онҳо ваколатҳои иҷроия надоранд.

Ҳамин тариқ, чораҳои маҷбурии барои таъмини амнияти дохилӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ татбиқшуда боиси поймол намудани ҳуқуқи инсон аз ҷониби намояндагони хадамоти амниятӣ мегардад ва дар баъзе ҳолатҳо аз ин амал, амалҳои беҷазо манфиат мебардоранд. Дар аксар мавридҳо бинобар сабабҳои зикргардида ҳуқуқҳои зайл поймол мегарданд: ҳуқуқ ба ҳаёт; ҳуқуқи мавриди азобу шиканҷа; муносибати ғайриинсонӣ ва таҳқир қарор нагирифтан; ҳуқуқ ба озодӣ аз ҳабси беасос; ҳуқуқ ба тафтишоти боадолатона ва суди мустақил, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда таъсис ёфтааст; ҳуқуқ ба озодии андеша, изҳори ирода ва муттаҳидшавии ҷамъиятӣ.

**Блоки № 42**

## Пуштибонии амният ва демократия

Тӯли таърихи гузашта ва имрӯз дар бисёр мамлакатҳои мутараққӣ ҳукуматҳои авторитарӣ дар роҳ ба сӯи демократия монеа гузошта, демократияро аз тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти шахсӣ бегона меҳисобанд. Аммо омор акси ин ҳолатро ба мо нишон медиҳад: идоракунии демократии шаҳрвандӣ аз ҷониби сохторҳои миллӣ, ки бояд вазифаҳои пуштибонӣ аз амнияти шахсии шаҳрвандонро анҷом диҳанд, яке аз манфиатҳои миллии давлат ҳисобида мешавад. Бидуни ин назорат фаъолияти кафилҳои амнияти шахсӣ метавонад ба хатари бузурги миллӣ табдил ёбад. (...)

*Сарчашма: Иқтибос аз ҳисоботи СММ оид ба рушди гуманитарӣ, 2002, с. 87*

Дар қисмате аз мамлакатҳо қонунгузории махсус оид ба ҳимояи принсипҳои демократӣ муқаррар гардидааст. Масалан, дар Аргентина мутобиқи Қонун «Оид ба ҳимояи принсипҳои демократия» таҳти рақами 23.077, ки аз соли 1984 инҷониб амал менамояд, ба Кодекси ҷиноӣ тағйирот ворид гардид ва барои амалҳои зидди низоми демократӣ равонагардида ҷазои махсуси ҷиноӣ муқаррар гардид, ба монанди ҷазо барои таъсиси ассосиатсияҳои ғайриқонунӣ бо мақсади таҳдид ба демократия ва ё конститутсия.

# Дастгир кардани шахсони барои амнияти дохилї ва тартиботи љамъияти хавфнок

Тамоми ќонунгузорї оид ба таъмини амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї дастгир намудани шахсонеро, ки барои хатар эљод намудан дар ин соња гумонбар мешаванд, пешбинї менамояд. Вобаста ба ин ду шакли ќонунгузорї амал мекунад:

- ✓ Ќонунгузорї, ки дастгир намудани њама гуна шахсонеро, ки воќеан барои амнияти миллї хатарноканд, пешбинї мекунад: ин гуна дастгир карданњо одатан аз љониби њокимияти судї танзим гашта, дар њолатњои махсус метавонад танњо аз љониби њокимияти иљроия ба амал бароварда шавад.
- ✓ Ќонунгузорї, ки дастгир намудани њама гуна шахсонеро, ки тибќи хулосаи њокимияти ироия метавонист барои амнияти миллї хатар эљод намояд, яъне ќонунгузорие, ки ба њокимияти иљроия оид ба назорат ва ё пешгирии њолатњои тибќи хулосаи он барои амнияти миллї хатарнок ваколатњои махсусро вогузор менамояд.

Дар бештари мамлакатњои собиќ иттињоди бритониёвї шаклњои гуногуни ќонунгузорие амал мекунанд, ки ба гурўњи дуюм тааллуќ доранд. Мутобиќи ќонунгузории мазкур одатан ба њокимияти ироия истифодаи ваколатњои фавќулодда оид ба манъи амали як ќатор кафолатњои конститутсионї бе розигии пешакии њокимияти ќонунгузор ва судї дода шудааст. Яке аз масъалањои муњим мавриди бањс оид ба ваколатњои њокимияти иљроия љињати додани ордер (дар сатњи маъиурї ва ё вазорат) барои дастгир намудани шахсони барои амнияти миллї хатарнок мебошад. Мўњлати боздошт аз љониби маќомоти њокимияти иљроия муайян карда мешавад. Ќонунгузории баъзе кишварњо мављуд будани сохторњоеро пешбинї мекунад, ки ваколатњои машваратї ва ё барои аз боздошт озод намудани ваколати ба њокимияти иљроия амр намуданро доранд. Ин сохтор метавонад бо њокимияти иљроия дар муносибатњои гумон ќарор дошта бошад.

Чунин шакли ќонунгузорї дар аксари кишварњо аз замони мустамликадорї боќї мондаанд ва амрўз мувофиќи маќсад будани он тањлили васеъро металабад, зеро ваколатњои фавќулоддае, ки ќонунгузорї ба њокимияти иљроия ва сохторњои ќудратї махсусан ба полиятия вогузор мекунад, ба риояи њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї таъсири манфї мерасонанд.

**Блоки № 43**

## Тањриф њангоми тафсири ќонунгузорї, ки оќибатњои вазнин дорад

Агар њукумат дар соњаи амният ба фишангњои сиёсии худ такя намояд, неруњои амниятї аксаран ба омили асосии хатар барои шањрвандони худ ва кишварњои њамсоя табдил меёбанд. (…..) Ваќте ки ќўшунњои дохилии ВКД, политсияи њарбї ва хадамоти иктишофї ба бозињои сиёсии дохилї љалб мегарданд, талош барои бењбудии назорати хатар ќарор мегирад.

*Сарчашма: Иќтибос аз њисоботи СММ оид ба рушди љомеа, 2002, с. 87, 92*

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Ќонунгузорї оид ба таъмини амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї

- Мўътаќид бояд буд, ки амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї ба манфиати мардум таъмин мегардад ва он ба сифати асос ва воситаи зулму ситами мардум ва ё таъќибњои сиёсї истифода нагардад.
- Мўътаќид бояд буд, ки њодисањои муљозотї истифода бурдан ва мусаллањшавии аз њад зиёди маќомоти њифзи њуќуќ љой надорад.
- Њисоботдињанда будани маќомотро дар назди парламент таъмин намудан ва даќиќ муайян кардани мањдудсозии ваколатњои онњо тибќи ќонунгузорї.
- Нисбати сохторњои ќудратї истифода бурдани муљозоти маъмурї ва њуќуќиро дар њама гуна њолатњои суистифода аз ваколатњо ва ё ќувва таъмин намудан.
- Ќобили ќабул будани ќонунро дар бораи њифзи принсипњои демократия тањлил намудан.

## Назорати парламентї

- Мўътаќид бояд буд, ки парламент њамеша масъаларо оид ба амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї баррасї менамояд ва мутобиќати принсипњои асосии ќонунгузории амалкунандаро оид ба масъалањои мазкур месанљад.
- Эътимод бояд дошт, ки кумитаи салоњиятдори парламент тамоми чорањоро ва воситањоро барои дарёфти иттилооти дахлдор ќабул менамояд ва назорати самарабахшро бо назардошти љанбањои амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї анљом медињад. Њангоми зарурат андешидани тадбирњо љињати таќвияти ќуввањо ва воситањои (бо назардошти экспертиза) барои кумитањои мазкур имконпазир.
- Аз рўи имконият ва њангоми зарурат баргузор намудани муњокимањои оммавї оид ба масъалањои мазкур.
- Барќарор кардани муколамањои институтї ва мустаќил бо ташкилотњои ѓайридавлатии бо амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї алоќаманд ва муайян намудани таъсири тадбирњои ќабулшуда барои риояи њуќуќњои конститутсионї ва озодии инсон.

**Боби 20**

# Терроризм

> *«Терроризм яке аз хатарњоест, ки давлат бояд шањрвандони худро аз он њимоя намояд. Дар баробари ин давлат бояд тадбирњое андешад, то ки чорабинињои ба муќобили терроризм равонагардида ба воситаи пинњон доштан ва сафедкунии њодисањои поймолкунии њуќуќи инсон табдил наёбанд».*
>
> *«Дар муносибатњои дохилї хавф аз он иборат аст, ки мо барои тањкими амният саъю кўшиш намуда, дар нињоят озодињои асосиро аз даст медињем ва њамин тариќ амнияти умумиамонро на ин ки мустањкам, балки заиф менамоем, ки ин боиси пўсиши киштии демократияи давлат аз дохил мегардад».*
>
> Кофи Аннан, Муншии умумии СММ 21 ноябри соли 2001

Терроризм яке аз хатарњои дохилї, минтаќавї ва байналмилалї ба шумор меравад. Аксуламал ба терроризм хусусияти гуногунљабња дорад (махсусан, бо назардошти он ки терроризм дар бисёр њолатњо бо љинояткории муташаккилона алоќаманд аст): аз чорањои ќабулнамудаи политсия то фаъолияти хадамоти иктишофї, аз чорабинињо дар сохаи молия ва технологияи иттилоотї.

Баъди њодисањои 11 сентябри соли 2001 бисёр давлатњо ба тањкими ќонунгузории худ дар ин сохањо таваљљўњи бештар зоњир менамоянд. Ба ѓайр аз ин, њамкории байниидорї дар сатњи давлатї, хусусан вобаста ба табодули маълумоти иктишофї ва технологияи иттилоотї мустањкам гардад. Албатта, ин бояд бидуни эљоди хавфу хатари поймолсозии њуќуќи инсон ва озодињои шањрвандон сурат гирад.

Дар ќарори Шўрои амнияти СММ, ки аз 28 сентябри соли 2001 тасдиќ гардидааст, ба назорати равандњои молиявї диќќати махсус дода шудааст. Дар ќарори мазкур ањамияти назорати нонњиянњои наздисарњадї ва санљиши њуљљатњои тасдиќкунандаи шахсият, инчунин њуљљатњои сайёњї бо маќсади пешгирии љойивазкунї ва убури сарњад аз љониби террористњо ва гурўњњои террористї зикр гардидааст.

Ќарор як идда тавсияњоро дар бораи манъи љалби одамон ба гурўњњои террористї, бо силоњ ва воситањои моддї таъмин намудани террористњо дар бар гирифта, роњњои тањкими чорањои эњтиётиро бо назардошти њамкорињои байниидорї дар сатњи давлатї нишон медињад. Ќарор огоњ менамояд, ки шахсони дар маблаѓгузорї, наќшакашї, тайёрї ва ё содир намудани амали террористї ва ё дастгирии он иштирокнамуда ба љабогарї кашида мешаванд ва зиёда аз ин гуна амалњои террористї мутобиќи ќонунгузории миллї њамчун њуќуќвайронкунии љиноии љиддї арзёбї гардида, ба таври дахлдор мавриди муљозот ќарор меёбанд. Ќарор инчунин ба табодули иттилоот мутобиќи ќонунгузории миллї ва ќонунгузории байналмилалї, ба њамкорї дар сохањои маъмурї ва судї бо маќсади пешгирии содиршавии амали террористї даъват менамояд. Мутобиќи ќарори мазкур Кумитаи Шўрои амният таъсис ёфт, ки ба њайати он њамаи аъзои Шўро шомил буда, вазифаи он аз назорати иљрои муќаррароти ќарор иборат аст.

**Блоки № 44**

## Аксуламали Шўрои амнияти СММ ба њодисаи 11 сентябри соли 2001

Шўрои амният (...)

3. Барои иљрои амалњои зайл даъват менамояд:
   а) љустуљўи роњњои тезонидан ва самарабахши табодули маълумоти фаврї, хусусан вобаста ба амалњо ва љойивазкунии террористњои људогона ва гурўњњои террористї; њуљљатњои сохта ва ќалбакї; фиристодани силоњ, моддањои тарканда; истифодаи технологияи коммуникатсионї аз љониби террористњо; инчунин хавфи соњиб шудани гурўњњои террористї ба силоњи ќатли он;
   б) табодули иттилоот мутобиќи ќонунгузории байналмилалї ва миллї, инчунин њамкории маъмурию њуќуќї бо маќсади пешгирии содиршавии амалњои террористї;
   в) њамкорї махсусан тавассути механизмњои дуљониба ва бисёрљониба бо маќсади пешгирї ва пахши њамлањои террористї, ќабули чорањои љиддї содиршавии чунин амалњо;
   г) аз рўи имконият њамроњшавии њарчї зудтар ба конвенсияњои байналмилалии дахлдор ва протоколњо оид ба мубориза бар зидди терроризм бо назардошти Конвенсия оид ба мубориза бар зидди маблаѓгузории терроризм аз 9 декабри соли 1999.
   ѓ) тањкими њамкорињо дар ин соња ва татбиќи пурраи конвенсия ва санадњои байналмилалии дахлдор, ки ба терроризм дахл доранд, инчунин ќарори раќами 1269 (1999) ва 1368 (2001) Шўрои амнияти СММ;
   д) истифода аз вазъи гуреза, пешнињод намудани ин маќом мутобиќи муќарраротиќонунгузории дохилї ва њуќуќи байналмилалї андешидани тадбирњо бо назардошти стандартњои байналмилалї дар соњаи њуќуќи инсон бо маќсади муайян намудани он ки оё шахсони ба паноњгоњ мўњтољ наќшаи амали террористї доштанд ва ё не, бо онњо њамкорї доштанд ё не ва дар содир намудани онњо иштирок доштан ё не;
   е) мутобиќи њуќуќи байналмилалї ба иљрокунандагон ва ташкилкунандагони амалњои террористї ва ё мададрасонњои онњо надодани имконият барои суистифода аз маќоми гуреза ва бо бањонањои сиёсї аз супурдани шахсони гумонбаршуда барои иштирок дар амалњои террористї саркашї кардан; (...)

*Сарчашма: Ќарори Шўрои амнияти СММ 1373, аз 28 сентябри соли 2001*

Конвенсияи байналмилалї оид ба манъи маблаѓгузории фаъолияти террористї, ки 9 декабри соли 1999 аз љониби Ассамблеяи генералии СММ ба тасвиб расидааст, аз тамоми кишварњои аъзои онро имзонамуда супоридани шахсони ба маблаѓгузории терроризм алоќаманд ва ќабули тадбирњоро оид ба санљиши ќарордодњои молиявии шубњанок таќозо менамояд. То 2 апрели соли 2002 Конвенсияи мазкурро 132 мамлакати љањон имзо намуда, дар 26 мамлакат раванди тасвиби он ба анљом расидааст, ки онњо иштирокчии он гаштанд. Конвенсия аз соли 2002 ќувваи ќонунї пайдо кард.

# Таъсири њодисаи 11 сентябри соли 2001

Барои намояндагони парламент амалї намудани назорат аз болои љараёни њаллу фасли мувозии аз љониби њукумат оид ба мубориза муќобили њамлањои террористї ќабулгардида, тарзи муносибате, ки њам амният ва њам њуќуќи инсонро њимоя менамояд, хеле муњим мебошад. Ба аќидаи намояндагони

парламент бояд масъалањои зайл дар сољаи мубориза бо терроризм њаллу фасл гарданд: ташаккули базаи ќонунгузорї, љустуљўи роњњои нави чорабинињо оид ба таъмини амният ва мубориза бар зидди терроризм, инчунин љустуљўи мувозинат байни амният ва озодињо, ки эњтироми њаматарафаи њуќуќи байналмилалии гуманитарї ва риояи њуќуќњои инсонро таъмин менамояд.

## Мафњуми терроризм аз нигоњи њуќуќї

То ба имрўз мафњуми аз љониби љомеаи байналмилалї ќабулгардидаи терроризм вуљуд надорад. Ва то замоне, ки љомеаи башарї вобаста ба мафњуми умумї ба як хулосаи муайян намеянд, терроризмро њамон гунае, ки зуњур менамояд, ном мебаранд. Мутобиќи њуќуќи байналмилалї мубориза барои озодии миллї ва мустаќилият аз таљовузи хориљї ин њаќќи ќонунии њар халќ аст ва чунин фаъолият ба амали террористї муносибат надорад. Зиёда аз ин, љомеаи байналмилалї бо Иттињоди байнипарламентї доимо таъкид менамоянд, ки терроризм наметавонад бо њељ гуна дине, миллате, шакли сохти давлатї ва ё робита, мадад ва ё бо ин далелњо худро њаќ шуморад. Усули дигари муайянсозии мафњуми терроризм ин тавсифи шаклњои ба худ хоси њамлаи террористї, ки њамеша аз љониби љомеаи байналмилалї мањкум мегарданд: њамлаи берањмона дар њама гуна шакл, хусусан ваќте ки одамони бегуноњ зарар мебинанд ва ё дигар шаклњои зўроварї бо иштироки гурўњњои миллї ва ё агентњои махфї.

Њамлањои террористї њамчун зўроварии бефоида бар зидди мардумони осоишта, беэњтиромї нисбати арзишњои башарї ва кўшиши «шўњратпарастї» маънидод мешавад. Маъмулан усулњои зайл истифода мегардад: рабудани тайёрањои шањрвандї, тарконидани мошинањо, худкушї бо роњи тарконидан, куштори сиёсї ва оммавї. Фаъолияти дуру дарози террористї ба дастгирии молиявї, таъминоти доимї бо аслиња ва лавозимоти љангї ниёз дорад ва аксаран аз љониби шабакаи муташаккили байналмилалї дастгирї меёбад. Бисёр ваќт террористњо мавриди мададу пуштибонии давлатњои сеюм ќарор мегиранд. Дар блоки №45 омилњои асосии роњњои муносиби мубориза бо терроризм оварда шудааст. Дар банди 37 сухан дар бораи зарурати андешидани чорабинињо на танњо ба муќобили терроризм, балки нисбати рушди иљтимої, сиёсї ва иќтисодии мамлакатњое меравад, ки наслњои нави террористњоро тайёр мекунанд.

**Блоки № 45**

### Мубориза ба муќобили терроризм

34. (...) иштирокдорони конфронс изњор намуданд, ки мубориза барои озодии миллї ва мустаќилият аз ишѓолгарони хориљї њаќќи ќонунунии тибќи санадњои байналмилалии муќарраргардида мебошад ва фаъолияти мазкур амали террористї ба њисоб намеравад. Иштирокчиёни конфронс таъкид менамоянд, ки бо вуљуди ин њељ гуна мубориза наметавонад дурустии њамлањои нафратоварро, махсусан, агар онњо боиси марги одамони осоишта гардида бошанд ва ё њама гуна шаклњои дигари терроризми муташаккили давлатиро собит намояд.

37. Иштирокчиёни конфронс зарурати њатмии таќвияти чорабинињои зиддитеррористиро тавасути андешидани тадбирњо барои рушди минбаъдаи иќтисодї ва иљтимої, инчунин тањкими демократия таъкид намуданд.

*Сарчашма: Њуљљати љамъбастии конфронси сеюми Иттињоди байнипарламентї оид ба масъалањои амнияту њамкорї дар минтаќаи Бањри Миёназамин, Валлетта, Малта, ноябр с. 1995*

Ќонунњои мухталифи зидди террористї, масалан, дар Австрия (лоињаи банди 2786 Кодекси љиної), дар Олмон (банди 129 а Кодекси љиної) ва дар Канада (моддаи C-36) љанбањои зеринро дар бар мегиранд:

– номгўи мухтасари њуќуќвайронкунињое, ки њамчун амали террористї тасниф мешаванд, яъне бефаъолиятї ва ё тањдид, ки ба куштор оварда расонд, гаравгон гирифтан, ѓайриќонунї даромадан ба тайёра бо маќсади ѓасби он, ташкил намудани таркишњои террористї ва ё маблаѓгузории фаъолияти террористї, номгўи њуќуќвайронкунињо ба фаъолиятњое истинод меоварад, ки аллакай мутобиќи ќонунњои амалкунанда (ќонунњои зиддитеррористии олмон, Австрия ва канада) ѓайриќонунї њисобида мешаванд;
– роњбарї ва дастгирии (молиявї ва ё дигар) гурўњњои террористї низ аз шаклњои фаъолияти ѓайриќонунї ба шумор меравад (Олмон, Канада ва Австрия);
– муќаррар намудани сабабњои фаъолияти терористї-сиёсї, идеологї ва ё динї (Канада);
– ошкор намудани ниятњои фаъолияти террористї, масалан, тарсу вањм ва тањдид ба љомеа, инчунин, кўшиши маљбуркунии љомеа ва ё њукумат барои иљрои фаъолияти муайян ва ё даст кашидан аз иљрои ўњдадорињои муайян (Канада);
– муайян намудани маќсади бевоситаи фаъолияти террористї: боиси марг ва ё расонидани зарари љисмонї ба одамон шудан дар натиљаи зуроварї, њаёти касеро зери хатар гузоштан, боиси вайроншавї ва ё халалдор кардани фаъолияти хадамот ва ё системањои муњими хусусї ва ё љамъиятї (Канада);
– пешбурди фаъолият, ки барои муќаррар ва ё барќарор намудани демократия ва њуќуќи инсон, инчунин њифзи ќонунњои гуманитарї равона гардидааст (Австрия).

Бо назардошти тамоми љанбањои фаъолияти зиддитеррористї метавон хулоса баровард, ки терроризм бо зуроварї, инчунин расонидани зарар ба шахсони алоњида ва муассисањо алоќаманд мебошад. Ба ѓайр аз ин, дар ќонунњо номгўи мухтасари амалњои ба фаъолияти террористї алоќаманд оварда шудааст. На фаќат содир намудани амали террористї, балки шомил будан ба гурўњи террористї (њамчун узв ва ё пешво) низ амали ѓайриќонунї њисобида мешавад. Вазифањои назорати парламентиро ба назар гирифта, истифодаи даќиќи мафњуми терраризм дар ќонунгузории зиддитеррористї таъмин намудан муњим аст. Аз як тараф, роњњои наздикшавї ба масъала набояд аз њад зиёд мањдуд бошанд, зеро ин метавонад аз номгўй эњтимоли амалњои гурўњњои зиддитеррористиро сарфи назар намояд, њарчанд, аз тарафи дигар, вай набояд аз њад зиёд васеъ бошад, зеро ин хатари ворид намудани эътирозњои террористї эљод мекунад.

Ва ин љо саволи аввал пайдо мешавад: то кадом андоза зўроварї дар љомеаи демократї дуруст аст? Қонунгузорони кишварњои гуногун ба ин савол посухњои гуногун медињанд, зеро њар љомеа дар тўли таърихи дароз мафњуми хоси ќонунияти зўровариро ташаккул додааст. Ин саволро андеша намуда, њар кас метавонад ќонунї будани зўровариро мадди назар орад. Дар сурати љоиз будани зўроварї вай бояд ба зиддияти хатар, ки ба муќобили он нигаронида шудааст, љавобгў бошад.

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќуввањои мусаллањ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

Саволи дуюм ин аст, чорабинињои зиддитеррористї чї гуна бояд мутаносиб карда шаванд. Зикр бояд намуд, ки маќсади ќонунњои зиддитеррористї ин кўмак расонидан ба политсия ва сохторњои ќудратї барои мубориза самаранок ба муќобили фъолияти террористї мебошад. Ин ќонунњо набояд барои мањдуд сохтани озодии сухан ва муттањид шудан дар ассосиатсиянњои гуногун татбиќ гарданд, инчунин онњо набояд барои пахш ва ё айбдоркунии мухолифини ќонунии сиёсї истифода бурда шаванд.

# Се роњи мубориза ба муќобили терроризм

Сохторњои ќудратї мутобиќи се навъи амал барои њифзи љомеа ба муќобили терроризм аксуламал нишон дињанд:

- ✓ **чорабинињои зиддитеррористї:** амалї намудани чорабинињое, ки ба одамон, њаёти љамъиятї, бинонњо ва инфраструктура зарари камтар мерасонад;
- ✓ **андозањои мубориза бо террор:** пешгирї намудани њамлаи террорист-њо бо роњи ошкорсозии онњо ва роњ надодан ба амалиёти онњо;
- ✓ **андозањо оид ба идораи бўњрон:** танзим ва тасбити вазъият (фалокат, њолатњои фавќулодда) баъд аз амали террористї.

Тањлил нишон медињад, ки ќисми зиёди фаъолияти террористї бо инњо алоќаманд аст: (1) бо ќонунгузории миллї, њамоњангсозї, маблаѓгузорї, (2) амнияти дохилї, (3) хориљињо, (4) назорати љойивазкунї ва назорати сарњадї, (5) маблаѓгузорї, (6) њамкорињои байналмилалї ва (7) хатарњои атомї, биологї ва кимиёї. Ин номгўи нопурраи эњтимолии чорабинињои зиддитеррористї буда метавонад.

### Ќонунгузории миллї, њамоњангсозї ва буљет

- тасдиќи ќонунњои нави зиддитеррористї ва ё мутобиќсозии ќонунгузории амалкунанда;
- људо кардани воситањои иловагї барои баргузории чорабинињои гуногун ва барои сохторњои муайян (барои политсия, марзбонон, хатњои њавоии миллї, сохторњои масъули тандурустї, њарбиён);
- бењтар намудани табодули иттилоот миёни хадамоти дохилии амният;
- таъсис додани марказњои масъул барои мураттабсозї ва њамоњангсозии самтњои гуногуни хадамоти амниятї (политсия, њарбиён, хадамоти иктишофї, марзбонон) дар сатњои мањаллї ва федералї/миллї;
- фароњам овардани имконият  ба шахсони мансабдори хадамоти иктишофї ва маќомоти њифзи њуќуќ барои дастёбї ба иттилоот оид ба шахсони муайян дар гумрук ва сохторњои андоз.

### Амнияти дохилї

- назорати Интернет, гўш кардани телефонњо ва назорати алоќаи факсимиллї (бе огоњсозии муассисањои назораткунондаи дахлдор, масалан суд дар ин бора);
- аз ширкатњои телекоммуникатсионї талаб кардани њифзи маълумот дар бораи гуфтугўњои муштариён (масалан то як сол) ва фароњам овардани имконият ба маќомоти њифзи њуќуќ барои дастрасї ба маълумоти коммуникатсионї;
- бе иттилоъ додан ба гумонбаршудагон дар бораи онњо гирифтани маълумот аз банкњо, провайдерњои Интернет ва барои маъхази электронии маълумот;
- татбиќи ситемањои љустуљўии компютерикунонидашуда боз њам самарабахш тавассути муттањидсозии якчанд маъхази маълумот ва иттилооти љамъиятї;

- додани иљозати истифодаи маъхази маълумоти политсия ба шахсони мансабдоре, ки ба ин сохтор мутааллиќ нестанд;
- боздошти шахсон ба мўњлати тўлонї бо маќсади гирифтани иттилооти бештар;
- созмон додани системаи миллии назорат, масалан, љорї намудани вараќањои мушаххас.

**Хориљињо (муњољирон, гурезањо ва шањрвандони хориљї)**

- фароњам овардани имконияти дастрасии хадамоти амниятї ба маъхазњои маълумоти хориљиён;
- назорати шахсони ба гурўњњои муайяни ќавмї мутааллиќ (мансубияти нажодї);
- ќатъи аз нав дида баромадани парвандаи судї, агар гуреза барои иштирок дар фаъолияти террористї гумонбар шуда бошад;
- надодани паноњгоњи сиёсї, агар идорањои дахлдор (вазир) гувоњї дињанд, ки шахси мазкур барои амнияти миллї хатар эљод менамояд;
- њифзи наќши ангуштони муњољирон ва гурезањо (ба мўњлати 10 сол);
- боздошти шахсоне, ки хатарноканд, вале берун кардани онњо аз мамлакат имконпазир аст;
- бењтар намудани тартиби тафтишот њангоми додани раводид: таќвият додани тафтишоти дўстону атрофиёни шахсоне, ки нияти гирифтани раводид ва паногоњи сиёсї доранд.

**Назорати аз як чой ба љойи дигар гузаштани кўшун ва назорати сарњадї**

- пурзўр анмудани назорати сарњадї;
- мусаллањгардонии њайати идоракунандаи тайёрањои ѓайринизомї;
- шинондани дари тирногузар дар њуљраи алоњидаи њайати идоракунанда (экипаж);
- љорї намудани тафтишоти садфоизаи баѓоъ дар њамаи фурўдгоњњо;
- пурра намудани шањодатномањои шахсї/шиносномањо бо тавсифномаи биометрикї;
- таъмини назорати боз њам пурра дар ќитъањои сусти мудофиа (аѓбањо ва фурўгоњњо);
- расмгирї дар бунгоњњо гузариш.

**Молия**

- тафтиши созишномањои молиявї;
- пурзўр намудани назорати бонкњо ва муассисањои ќарздињї бо маќсади пешгирї намудани роњи рабудани пул ва ќаллобї; бетаѓйир монондани њисобњои бонкї, ки эњтимол бо фаъолияти террористї алоќа дошта бошанд;
- талаб намудан аз њамаи бонкњо пешнињод намудани маълумот дар бораи њамаи њисобњо ва дастрасї ба маълумоти бонкии марказї (мубодилаи маълумот дар бораи њисобњои бонкї), аз он љумла, сабаби рад кардани бонк дар масоили надодани маълумот дар бораи амалиётњои бонкї, агар бонк донад ё гумонбар бошад, ки чунин амалиёт бо фаъолияти террористї алоќаманд аст;
- таъсис додани ќисмњо ё сохтори хадамоти молиявї (дар вазорати молия) ё ба он кўмак расонидан.

**Њамкории байналмилалї**

- пурзўр намиудани њамкории байналмилалї дар доираи амали Оьонсии аврупої оид ба додани ордери њабс ё зуд экстрадиксия кардани шахс;
- љорї намудани муќаррарорти созишномањои байналмилалї дар сохаи мубориза бо терроризм дар ќонунгузории миллї;
- густурдани ќўшунњои њарбї дар доираи иттињоди байналмилалї дар Афѓонистон;

- ба имзо расонидан ва тасдиқ намудани конвенсияҳои СММ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризм;
- мубодилаи иттилоотии байни хадамоти амният дар сатҳи байналмилалӣ;
- решакан кардани сабабҳои асосии терроризм, яъне мусоидат намудан ба инкишофи кишварҳое, ки террористонро «тайёр» мекунанд.

**Таҳдиди истифодаи яроқҳои ядроӣ, биологӣ ва кимиёвӣ**

- мусоидат намудан ё баланд бардоштани самаранокии марказҳои мубориза бар зидди яроқҳои қатли ом; ҳамоҳангсозии саъю кӯшиш дар ин соҳа, тайёр намудан ва ҷамъ намудани ваксинаҳои зарурӣ (масалан: ваксинаи зиди бемории нағзак);
- баланд бардоштани омодагии муассисаҳои тандурустӣ; таъмини таҳвили доруворӣҳои зарурӣ;
- беҳтар намудани иншотҳои ядроӣ (масалан: шинондани радарҳои барои муаяйн капдани тайёраҳои хурд, ки дар баландиҳои паст парвоз мекунанд).

## Тавозуни мувофиқи байни ҳуқуқҳои инсон ва амният

Якум, чораҳое , ки аз тарафи кишварҳо истифода мешаванд, ба истифодаи на муваққатӣ, балки дарозмуддат равона гардидаанд. Аз ин рӯ, чораҳои зиддитеррористӣ ягон чизи истисноӣ набуда, як ҷузъи маъмулии ҳаёти инсон ба ҳисоб меравад. Ин дар ҳолатҳое махсусан зарур аст, ки чунин чораҳо ба ҳуқуқҳои инсон, ба монанди озодии сухан, узви иттиҳодҳо шудан, ҳуқуқи шахсони алоҳида дахл дошта бошанд. Чорабиниҳое, ки дар вақти вазъияти фавқуллода ё вазъиятҳои махсус истифода мешаванд, набояд дар ҳаёти маъмулӣ истифода шаванд.

Дуюм, чорабиниҳои зиддитеррористӣ тақсимоти анъанавии ваколатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти иктишофиро аз байн мебарад. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ , ба монанди политсия ва хадамоти иктишофӣ мақсадҳои гуногун доранд. Хадамоти иктишофӣ маълумоти дахлдоррро дар бораи таҳдидҳои имконпазир ҷамъ меоранд, политсия бошад, нигоҳ доштани қонуният ва тартиботро амалӣ мегардонад. Одатан, хадамоти иктишофӣ гумонбаршудагонро дастгир ё зиндон намекунанд, политсия бошад, агар исботи боэътимоди содиршавии ҷиноятро надошта бошад, ба фаъолияти иктишофии пешгирикунанда машғул намешавад. Бо назардошти идоракунии демократӣ, хадамоти иктишофӣ набояд ба «ҷосусӣ» нисбати шаҳрвандони худ ҷалб карда шаванд. Тақсимоти ваколатҳо торафт мушкилтар мегардад, чунки зарурати мубориза бо терроризм дар кишварҳои гуногун бо маҳдудияти истифодаи усулҳои иктишоф барои нигоҳ доштани тафтишоти дохилии ҷиноӣ алоқаманд аст.

Сеюм, мушкилот аз ни борат аст, ки хадамоти иктишофӣ бе маълумоти пешакӣ ба мақомти назораткунанда , ба монанди суд, аксар вақт иҷозати назорат бурдан аз болои шаҳрвандони кишвари худ мегиранд. Ин ба вайронкунии ҷиддии ҳуқуқҳои инсон оварда мерасонад. Ба омбудсмен ва созмонҳои ғайридавлтӣ назорат кардани ҳукумат ва сохторҳои он мушкилтар мегардад, чунки ҳукумат ва сохторҳои он дар бораи фаъолияти назоратӣ ҳабардор кардани омбудсмен ва созмонҳои ғайридавлатиро зарур намешуморанд.

Чорум, муҳоҷирон, гурезагон, хориҷиён метавонанд объекти чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди терроризм гарданд. Бар замми ин, хатаре вуҷуд дорад, ки чунин чорабиниҳо ба кашмакашиҳои гурӯҳҳои гуногуни этникӣ ва

ќабилањо оварда мерасонад, њамчунин онњо меъёрњои њуќуќиеро, ки баробарии њамаро дар назди ќонун пешбинї менамоянд, вайрон мекунад.

Гарчанде њамаи ин чорабинињо барои таъмини пурсамари мубориза бар зидди терроризм муфид бошанд њам, парламент бояд мувофиќатии онњоро ба принсипњо ва меъёрњои њуќуќњои байналмилалии башарї ва њуќуќњои инсон мауйян намояд. Ба ибораи дигар, амнияти комил на танњо татбиќнашаванда, балки номатлуб аст. Ин фаќат ба њокимияти мутлаќ оварда мерасонад, ки ба консепсияи демократия мухолиф аст. Аз ин рў, њамаи низоми ќонунгузорї ваколатњои махусуси њокимияти иљроияро мањдуд месозанд. Бо назардошти муборизаи муосир бо терроризм дар назди парламентњо интихоби љиддї байни озодї ва амният меистад. Њамин тариќ, равшан аст, ки муайян намудани тавозуни байни озодї ва амният набояд имтиёзи истиснoии њокимияти иљроия бошад ва парламент њамчун кафили таъмини њуќуќњои инсон дар назорати ин бахш бояд иштироки бевосита дошта бошад.

## Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

- Дар мубориза бар зидди терроризм на танњо истифодаи муносибате, ки ба таъмини муњофизат ва амният равона гардидааст, балки баррасии терроризм, сабабњои асосии он, ба монанди низоъњои дохилї ва ѓайра зарур аст. Дар назар дошта бошед, ки њалли сулњљўёнаи низоъњои минтаќавї ва мусоидат ба муколамаи байни фарњангњо ва њамдигарфањмї омили асосии пешгирии терроризм ба њисоб меравад.
- Сабабњои асосии низоъњои минтаќавї бањсу мунозирањои байни гурўњњои хурди этникї ва динї ба њисоб меравад. Дар чунин бањсу мунозирањо мумкин аст ќўшунњои мусаллањ истифода шаванд. Аъзои парламентњо аз њисоби гурўњњои хурди этникї ё динї бояд ба њайати комитет оид ба масъалањои мудофиа, иктишоф ва корњои судї шомил бошанд. Барои муњофизати чунин гурўњњо парламентњо бояд комиссияњо ва судњои (трибуналњои) махсус таъсис дињанд.
- Боварї дошта бошед, ки давлати шумо узви конвенсияњои дахлдор ва протоколњо дар соњаи мубориза бар зидди терроризм , аз он љумла, Конвенсияи байналмилалии мубориза бар зидди маблаѓгузории террористї аз 9 декабри соли 1999 мебошад. Дар мавридњои зарурї барои таъмини тасдиќ ё узви чунин механизмњо шудан, њамчунин ќабули ќонунгузории мувофиќ чорањо андешидан зарур аст.
- Аз болои фаъолияте, ки ба ќабули Конвенсия оид ба мубориза бар зидди терроризм бо истифодаи яроќи ядрої, њамчунин Конвенсия дар бораи барњам додани терроризм равона гардидаанд, назорат баред.
- Бањри ќабули ќонунгузорие, ки подошро ба ќурбонињои њамлањои террористї њамчун изњори ягонагии миллї пешбинї менамояд, саъю кўшиш намоед.
- Боварї дошта бошед, ки ќонунгузори зиддитеррористї тавозуни заруриро байни талаботи амният ва риояи њуќуќњои шањрвандон ва њуќуќњои сиёсї нигоњ медорад; таъсири чунин ќонунгузориро ба соњањои дахлдор ошкор намоед; барои амалигардонии он нархи таќрибиро муайян намоед.

Ниг. Тавсияхо дар блокњои дахлдори бобби 19 – дар бораи таъмини амнияти дохилї ва тартиботи љамъиятї.

**Боби 21**

# Амният ва технологияи иттилоотї: мушкилоти нав ва воситањои њалли он

Ворид намудани технологияи нави иттилоотї барои таъмини амният кўмак мерасонад, лекин дар баробари ин тањдидњои нави љиддї ба миён меорад. Ќарори 1373 Шўрои амнияти СММ (2001) (ниг. блоки №44), ки ба он дар боби гузашта истинод карда шуда буд, аниќ исбот менамояд, ки љомеаи байналмилалї имконияти истифодаи духелаи технологияи иттилоотиро аз сабаби терроризми байналмилалї ва хатар ба тамоми љањонро дарк менамояд.

Дар давоми ду дањсолаи охир созмонњои байналмилалии гуногун ба тањияи усулњое, ки истифодаи технологияи иттилоотиро бо маќсади љиної ё амалеро, ки бо амнияти байналмилалї, озодї ва њуќуќњои инсон тањдидкунандаро дастгирї мекунанд, огоњ мекарда бошад, машѓул буданд.

Барои тањияи ќонунгузорї дар соњаи зикргардида ба аъзои парламентњо маълумоти зерин муфид аст.

## Љиноятњои кибернетикї

Таърифи мафњуми љиноят бо истифода аз Интернет то њол вуљуд надорад, бо вуљуди ин, ин мафњум одатан нисбат ба љиноятњо ва суистифодањо дар соњаи технологияи иттилоотї, ки намудњои маъмули он шикастани шабакањои компютерї ва тањияи барномањои вирусї мебошад, истифода мешавад. Ба он нигоњ накарда, ки танњо дар солњои охир нисбати ин соња шавќу њавас зиёд гардидааст, мушкилоти љиноятњои вобаста ба компютер нав нест. ИН мушкилот бо пайдоиши компютер ба миён омад. Бартариятњои зиёде, ки аз тарафи Интернет пешнињод мегарданд, аз тарафи љомеа њарчї бештар истифода мешаванд. Навигарї танњо дар миќёси ин мушкилот аст, чунки Интернет торафт машњуру маъмул мегардад. Дар баробари ин истифодаи васеи Интернет барои љамъшавии мушкилот таконе гардид ва чунин ба назар мерасад, ки рўзе нест, ки мо дар бораи содиршавии љиноятњои киберї маълумот нагирем.

23 ноябри соли 2001 Шўрои Аврупо Конвенсия дар бораи мубориза зидди љиноятњои кибернетикиро тасдиќ намуд, ки айни замон дар љараёни тасдиќшавист ва баъди ба имзо расидан аз тарафи 5 давлат маврид амал ќарор мегирад. Аз 5 давлат 3 давлат аъзои Шўрои Аврупо мебошанд (моњи майи соли 2002 конвенсияи мазкурро 29 давлат – аъзои Шўрои Аврупо ва 4 двлате, ки аъзои созмони зикргардида нестанд, имзо карданд). Конвенсия ба эътироф намудани зарурати тањияи сиёсати умумї оид ба мубориза зидди љиноятњое, ки ба муњофизат намудани љомеа равона гардидааст, асос меёбад, аз он љумла ќабули ќонунгузории мувофиќ ва амалї гардонидани њамкории байналмилалї.

# Амнияти системањои иттилоотї

Суръати тези истифодаи системањои иттилоотї дар соњањои гуногун барои ба даст даровардани маќсадњо созмонњои давлатиро бо тањдидњои имконпазир ба ташвиш овардааст. Ин, дар навбати худ, ба он оварда расонд, ки Созмони оид ба масъалањои њамкории иќтисодї ва инкишоф моњи ноябри соли 1992 дастуруламалњои муфассалро оид ба масъалањои амнияти системањои иттилоотї тањия намуд. Ин дастуруламал пешбинї менамояд:

- ✓ ба мафњуми тањдид ба системањои иттилоотї чуќур сарфањм рафтан ва тањлил намудани воситањои мубориза бар зидди чунин тањдидњо;
- ✓ таъсис додани системаи умумї бо маќсади расонидани кўмак ба масъулин дар бахшњои љамъиятї ва хусусї дар тањия ва амалигардидани чорањои мувофиќ, таљриба ва механизмњои амнияти системањои иттилоотї;
- ✓ кўмак расонидан дар њамкории байни бахшњои љамъиятї ва хусусї бањри инкишоф ва љорї намудани чунин чорабинињо ва механизмњо;
- ✓ пурзўр намудани боварї ба системањои иттилоотї ва усулњои таъмин ва истифодаи он;
- ✓ кўмак расонидан дар масъалањои њамкории байналмилалї бањри ба даст овардани амнияти системањои иттилоотї.

Њангоми тасдиќи ин дастуруламалњо Шўрои Созмони оид ба масъалањои њамкории иќтисодї ва рушд нишон дод, ки дастуруламалњо ба њуќуќњои соњибихтиёрии њукумат соњаи амнияти миллї ва тартиботи љамъиятї, ки њама ваќт бо ќонунгузории миллї муайян мегарданд, таъсир намерасонад.

# Маълумотњои шахсии компютеркунонидашуда

Моњи декабри соли 1990 Ассамблеяи генералии СММ Дастуруламалњоро оид ба истифодаи маълумотњои шахсии компютеркунонидашударо тасдиќ намуд. Пеш аз ин, соли 1990 Созмон оид ба масъалањои њамкории иќтисодї ва рушд дастуруламалњоро дар соњаи њифзи маълумотњои шахсии характери хусусидошта ва муносибатњои байналмимилалї дар њамин соњаро тадиќ намуд. Соли 1981 Шўрои Аврупо Конвенсияро оид ба масъалањои њифзи шањрвандон дар соњаи системањои худкори коркарди маълумотњои шахсї (ниг. блоки №46) тадиќ кард.

**Блоки № 46**

## Конвенсия оид ба масъалањои њифзи шањрвандон вобаста ба истифодаи «Системаи худкори коркарди маълумотњои шахсї»

«Конвенсияи мазкур аввалин њуљљати байналмилалиест, ки шањрвандонро аз суистифодањо, ки метавонанд љамъ ва коркарди маълумотњои шахсиро намояндагї кунанд, муњофизат менамояд ва ба ба танзим даровардани муносибатњои байналмилалї равона гардидаанд. Ба замми додани кафолат дар масъалаи љамъ ва коркарди маълумотњои шахсї, он ба коркарди маълумотњои «нозук» оид ба нажод,

➪

эътиќоди сиёсї, њаёти шањвонї, корњои љиної , дар њолати вуљуд надоштани кафолатњои ќонунии мувофиќ, иљозат намедињад. Конвенсия њамчунин њуќуќи инсонро ба донистани он, ки оё нисбати ў базаи маълумотњо кушода шудааст, пешбинї менамояд. Дар њолати зарурї шахс метавонад ин маълумотњоро дуруст созад. Мањдудияти њуќуќњо, ки бо конвенсия пешбинї шудааст, њангоми ба миён омадани манфиатњои афзалиятнок (масалан, давлат, амният, мудофиа ва ѓ.) имконпазир аст. Конвенсия њамчунин ба фиристодани маълумоти шахсї ба он давлатњое, ки ќонунгузории чунин давлатњо муњофизати мувофиќро пешбинї намекунад, баъзе мањдудиятњо мегузорад».

*Сарчашма: сайти Шўрои Аврупо, http://conventions.coe.int*

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Ќонунгузорї ва технологияи иттилоотї

- Боварї њосил намоед, ки дар соњаи технологияи иттилоотї, киберљиноятњо – ќонунгузории мувофиќ вуљуд дорад, ва аз сабаби он ки ин технологияњо босуръат меафзоянд, чунин ќонунгузорї мунтазам дида мешаванд ва нав карда мешаванд.
- Боварї њосил намоед, ки давлати шумо ба њайати конвенсияњои мувофиќи байналмилалї ва минтаќавї шомил аст ва ќонунгузории миллї ва самти сиёсат ба њуљљатњои байналмилалї мутобиќ кунонида шудаанд.
- Боварї пайдо намоед, ки ќонунгузории дохилї ва сиёсат дар соњаи истифодаи технологияи иттилоотї бо назардошти моњияти нигоњ доштани њуќуќњои инсон ва озодињои асосї тањия гардида буданд ва истифода шуданд.
- Дар мариди зарурї ба њукумат бо дархости парламентї бо маќсади муњокима намудани масъалањои њалталаб ва андешидани чорањо барои мўътадил гардонии вазъият мурољиат намоед.

## Восита ба захирањои парламентї

- Боварї њосил намоед, ки дар назди кумитаи парламентї ё зеркумитаи он вазифа гузошта шудааст, ки доимо ба масъалаи технологияи иттилоотї ва истифодаи он машѓул шаванд.
- Дар њолатњои зарурї чорањо андешед, то ки чунин кумитањо ё зеркумитањо таъсис дода шаванд ё њамин масъаларо бар души яке аз кумитањои мављуда вогузор намоед.
- Боварї њосил намоед, ки сохтори паламентии манфиатдор ба ќадри кофї ба захирањо таъмин аст ва бораи иљрои вазифањои гузошташуда мутахассис доранд.
- Агар ќобили ќабул бошад, пешбинї намоед, то ки барои гузаронидани гушкунињои расмї дар ин соња фраксияњои ѓайрирасмии парламентї таъсис дода шаванд. Гўшкунињои ѓайрирасмї, аз рўи имкон, бояд бо иштироки намояндагони њар ду парламент гузаронида шаванд.

**Боби 22**

# Миссияњои байналмилаллии сулњљўёна

Дар шароити байналмилалии мављуда саъю кўшишњо њарчї бештар ба њалли низоъњо бо кўмаки воситањое, ки дар њалли Низомномаи СММ ќисми VI (њалли дўстонаи бањсњо) ё ќисми VII (љавоб додан ба тањдиди сулњ ва амалњои таљовуз) муайян гардидаанд, равона мегарданд. Ба ин шартњо такя намуда, СММ якчанд консепсия ва муќаррарот (барои муаян намудан ниг. блоки №43), њамчунин тартиби ташкил ва гузаронидани чунин миссияњо (ниг. блоки № 48 – дар бораи амалиётњои сулњљўёнаи СММ ва блоки №50 дар бораи тайёр намудани афсарони сулњхоњи СММ) тањия намуд. Вобаста ба инкишофи вазъият дар соњаи амнияти байналмилалї давлатњо барои иштирок дар чунин миссияњо љалб карда мешаванд.

## Иштирок дар амалиётњои байналмилалии сулњљўёна

БАмалиётњои сулњљўёна, амалиётњо оид ба нигоњ доштан ва барќарорсозии сулњ аз иштироки давлатњо – аъзои СММ ва мандати Шўрои Аврупо вобаста мебошанд. Давлатњо тез – тез ќушўнњои њарбии худро барои иљрои вазифањо ба хориља бо маќсади барќарорсозии сулњу оромї дар минтаќањои нооором мефиристанд. Ќайд кардан зарур аст, ки густурдани ќўшунњо бояд мувофиќи ќоида ва муќарраротти байналмилалї гузаронида шаванд. Принсипњои муњими ин муќарраррот дар боби 5 муайян гардидаанд, ки ба масъалаи амнияти миллї ва созишномањои байналмилалї бахшида шудаанд.

Барои баробар намудани муносибати байни парламент ва њукумат, хуб мебуд, агар парламент барои иштирок дар раванди ќабули ќарор дар бораи фиристодани ќисмњои њарбии ќуввањои мусаллањ ба хориља љалб карда шавад.

**Блоки № 47**

### Амалиётњои сулњљўёна, амалиётњо доир ба нигоњ доштан ва барќарорсозии сулњ: баъзе мафњумњои муфиди СММ

#### Амалиёти сулњљўёна

Амалиётњои сулњљўёна маънои истифодаи воситањои дипломатии бовар кунондани тарафњои низоъ дар масъалаи ќатъи амалиётњои љангї ва оѓоз намудани њалли сулњљўёнаи низоъњо мебошад. СММ чунин амлиётњоро танњо бо розигии тарафњои низоъ истифода бурда метавонанд. Амамлиётњои сулњљўёна, њамин тариќ, имконияти истифодаи ќувва ба муќобили душманро бо маќсади ќатъи амалиётњои љангї хориљ мекунад.

#### Нигоњ доштани сулњ

Аз соли 1948 СММ барои нигоњ доштани сулњу оромї 54 амалиёт гузаронидааст, ки 41 тои онро Шўрои амният дар 12 соли охир ташкил кард. Айни замон дар тамоми љањон

➪

15 амалиётњо оид а нигоњ доштани сулњ гузаронида шуда истодааст. Аввалан, амалиётњо барои нигоњ доштани сулњ њамчун восита барои ба танзим овардани низоъњои байни давлатњо тањия мегардиданд ва густурдани ќисмњои њарбиро аз як ќатор давлатњо зери фаромндењии СММ пешбинї менамуданд. Айни замон амалиётњо барои нигоњ доштани сулњ бањри њалли низоъњои байнидавлатї ва љангњои шањрвандї истифода мешаванд. Вазифаи аскарони сулњљўи СММ (њайати шахсии њарбї, политсия ва як ќатор шахсони ѓайринизомї) – нигоњ доштани тарафњои душман аз љангу низоъи минбаъда ва расонидани кўмак дар гузаронидани гуфтушунидњои сулљўёна мебошад.

Ин маънои љорї намудани созишномањои оштї, назорати риояи шартномањо оид ба ќатъ намудани оташ, таъсиси минтаќањои буферї ва њарчї тезтар таъсиси муассисањои сиёсї мебошад, ки бо њукумат, созмонњои ѓайридавлатї ва гурўњњои ањолии мањаллї бо маќсад расонидани кўмак дар рафъ намудани њолатњои фавќуллодаи демобилизатсияи собиќ низомиён ва муттањидгардонии онњо ба љомеаи шањрвандї, гузаронидани амалиётњо барои тоза кардани заминњо аз минањо, ташкил ва гузаронидани интихобот, њамчунин таъмини мустаќилона инкишоф ёфтан, кор мекунанд. Давлатњои СММ ќўшун ва техникаи њарбиро ихтиёрї пешнињод мекунанд (СММ ќуввањои мусаллањ ва политсияи шањрвандї надорад). Назоратчиёни гузаронидани интихобот ва риояи њуќуќњои инсон њамчунин дигар шахсони ѓайринизомї аксар ваќт бо либоси њарбї кор мекунанд. «Яроќи» зўртарини афсарони сулњљў ин беѓаразона иљро намудани ќарзи худ мебоашд, лекин сулњоварї кори нињоят хатарнок аст: аз соли 1948 беш аз 1650 шахсони низомї ва ѓайринизомї, ки зери роњбарии СММ кор мекарданд, фавтидаанд.

## Барќарорсозии сулњ

Њангоми гузаронидани амалиёт оид ба барќарорсозии сулњ Шўрои амният ба давлатњои СММ ваколат медињад, ки барои ба даст овардани маќсад аз њамаи воситањо истифода барад. Дар ин њолат розигии тарафњо даркор нест. Чунин амалиётњо якчанд маротиба истифода гардидаанд. Мисоли равшан љанг дар халиљи Форс, Самали, Руанда, Гаити, Босния ва Герсеговина, Албания ва Тимори Шарќї мебошанд. Чунин амалиётњо аз тарафи СММ назорат бурда намешаванд. Баръакс, онњо аз тарафи як давлат ё гурўњи давлатњо ба монанди Австралия дар Тимори Шарќї (1992) ТШАШ дар Босния ва Герсеговина (1995) ва Косово (1999) ки ТШАШ миссияро роњбарї мекард, СММ бошад, барои таъсиси маъмурияти муваќќатї масъул аст, идора карда мешаванд.

Муќаррароти Низомномаи СММ оид ба масъалањои нигоњдории сулњ ва амният дар тамоми љањон ба сифати асос барои амалиётњо оид ба нигоњ доштани сулњ ва барќарорсозии сулњ истифода мешаванд.

## Бунёди сулњ

Бунёди сулњ фаъолиятеро пешбинї менамояд, ки ба пешнињоди кўмак дар сохтмони сулњ баъди низоъ равона гардидааст. Чунин амалиётњо ваколатњои нињоят васеъ доранд, ки аз вазифањо оид ба барќарорсозии инфраструктура ва азнавсозии мамлакат бармеояд.

## Миссияњои гуманитарї

Чунин миссияњо пешнињоди кўмаки гуманитарї дар мавриди љанг, гуруснагї ва офатњои табиї – обхезї, гирдбод, заминљунбї пешбинї менамояд. Сохторњо зиёд – њукуматњо созмонњои ѓайридавлатї, ољонсињои СММ кўшиш мекунанд ба њолатњои фавќулода, ки дар натиљаи он баъзан кўмаки маводі – техникии ќуввањои мусаллањ њамчун роњи ягонаи иљрои барномањои оид ба пешнињоди кўмак талаб карда мешавад, тез љавоб гўянд.

*Сарчашма : сайти СММ: http://www.un.org*

Њаминро ќайд кардан мумкин аст, ки љалб намудани парламент ба раванди фиристодани ќисмњои њарбї ба манфиати њукумат ва шањрвандон аст, чунки муњокимаронињо ва овоздињии парламентї ќонунї будани миссияро таъмин менамояд ва дастгирии љамъиятиро баланд мебардорад.

# Иштироки парламент дар равандаи ќабули ќарор дар бораи фиристодани ќисмњои њарбї ба хориља

Гарчанде фиристодани ќисмњои њарбї ба хориља шароити тањдидњои нав ва вазъияти бўњрони байналмилалї масъалаи муњим мегардад, дар баъзе давлатњо наќши парламент мањдуд аст, дар дигар давлатњо умуман вуљуд надорад, ваќте гап сари иштирок дар миссияњои сулњљўёна раванд. Ин њолатро мумкин аст ва бояд таѓйир дод бо маќсади таъмини назорати демократии соњаи амният. Вобаста ба ин се вазъиятро метавон ќайд кард ва дар њар кадоме аз он наќши парламент ва иштироки бевоситаи он бо назардошти зарурати роњбарияти мувофиќ бењтар шуда метавонанд.

## Тасдиќи пешакии парламентї ё постфактум (баъд аз вуќўи воќеа)

Агар розигии пешакї зарур бошад, ќуввањои мусаллањ бе тасдиќи ќарор аз тарафи парламент ба хориља фиристода шуда наметавонанд байни њолате, ки парламент ваколат дорад ин масъаларо муњокима намуда, онро ба овоздињї монад (ИМЖ ва њолате, ки ќабули ќонун, ки сабаб ва ваколати чунин миссияро муайян мекунад, (Швейтсария) зарур аст, фарќиятњо вуљуд доранд. Њарду њолат ќонунї будани дахолати гуманитарї ва гузаронидани миссияњои сулњљўёнаро талаб мекунанд.

Дар корњои мудофиа ваќт омили муайянкунанда ба њисоб меравад, тартиби парламентї бошад, баъзан тўл мекашад. Аз ин рў, на њама ваќт меъёрњои тасдиќи пешакиро бо осонї риоя кардан мумкин аст. Мањз барои њамин дар аксар ваќт парламент ба њалли масъалањои фиристодани ќисмњои њарбї ба хориља пастфактум, баъди ќабули ќарор љалб карда мешавад. Масалан, мувофиќи ќарор «дар бораи ќувваи њарбї» – и ИМА, конгресс бояд бо пастфактум дар давоми 92 рўз бо њамаи мавридњои истифодаи ќонунњо дар хориља розї шавад. Ин ба њодисањое дахл дорад, ки ќушунњо аллакай то тасдиќи ќарор аз тарафи парламент ба хориља фиристода шудаанд. Дар Нидерландия моддаи 100 Конститутсия ба њамкории пешакии байни парламент ва њукумат њангоми зарурати фиристодани ќушунњо ба хориља даъват мекунад. Дар баробари ин пешбинї карда мешавад, ки ба парламент пешакї маълумоти зарурї дар бораи фиристодан ва љобаљокунии ќисмњои њарбии ќуввањои мусаллањ барои барќарорсозии сулњ ё кўмак ба њуќуќњои байналмиллаї ва тартибот пешнињод карда мешавад: ин њамчунин ба амалиётњо оид ба пешнињоди кўмаки гуманитарї њангоми ба вуљуд омадани низоъи мусаллањ дахл дорад.

## Наќши мањдуди парламент дар муњокимаронии масъалаи фиристодани ќуввањои њарбї ба хориља (наќши мањдуд)

Конститутсия ё ќонунгузорї наќши парламентро мањдуд мекунанд. Ба парламент иљозат дода мешавад, ки масъалаи фиристодани ќисмњои њарбиро дар њар њолатњои алоњида муњокима кунад, аммо иљозат дода намешавад, ки

ба ќарорњои аз тарафи њокимияти иљроия ќабулгардида таѓйирот ворид созад. Ба ѓайр аз ин њуќуќ надорад, ки оид ба масъалаи зикргардида овоз дињад. Дар ин њолат њукумат танњо парламентро оиди ќабули ќарор хабардор мекунад. Гарчанде парламент оиди ин масъала њуќуќи овоздињї надошта бошад њам, гузаронидани муњокимаронињо ќонунї будани раванди фиристодани ќушунњоро ба хориља баланд мебардорад.

Дар њолатњое, ки ваколати парламент мањдуд аст, охирин метавонад расман ба тартиби фиристодани ќушунњо ба хориља њамроњ нашавад. Аммо таљрибаи маъмулї ба парламент ва њукумат зарурати муќоламањои парламентї ва њатто овоздињиро оид ба ин масъала талаб мекунад.

### Парламентњое, ки аз раванди ќабули ќарор мањрум мебошанд (вуљуд надоштани наќш)

Парламент њуќуќ надорад, ки масъалаи фиристодани ќушунњоро ба хориља муњокима намояд ва розигии парламент умуман даркор нест. Фиристодани ќушунњо ба хориља дар чунин њолат масъалаи сиёсати хориљї ба шумор меравад, аз ин рў њуќуќи ќабули ќарор пурра ба маќомоти њокимияти иљроия мансуб аст. Далели он ки парламент дар раванди ќабули ќарор иштирок намекунад, ќобилияти ўро дар амаликардании назорати гузаронидани амалиёти сулњљўёна хеле мањдуд мекунад.

## Воситањои дигаре, ки ба парламент дастрас аст

Њатто агар парламент аз рафанди ќабули ќарор хориљ гардида бошад ё наќши на онќадар муњимро бозад, он метавонад бо 4 усул фишор оварад:

- ✓ Парлмаент метавонад маљбур созад, ки њокимияти иљроия ба ў оид ба ќарори ба фиристодани ќушўнњои њарбї дахлдор фањмонад. Агар парламент дар бораи созишномањои байналмилалии аз тарафи њукумат ба имзо расида пурра хабардор нашуда бошад, он ќарори њукуматро зери шубња гузошта наметавонад.
- ✓ Парламент, ваќте ки ба ў барои баррасї таѓйирот ба буљет пешнињод мешавад, аз њокимияти иљроия оиди ин масъала ахборот гирад. Њангоми миссияњои сулњљўёнаи ба наќша нагирифташуда ё ногањонї парламент метавонад људо намудани маблаѓњои иловагиро, ки ба буљети мављуда дахл нагардида буданд, тасдиќ намояд. Њамин тариќ парламент имкон дорад, ки фикри худро тавассути њокимияти пул изњор намояд (масалан, дар Фаронса).
- ✓ Дахолати парламент на танњо дар кори муњокимаронї ва овоздињї оид ба фиристодани ќушунњо ба хориља зарур аст. Дар давраи гузаронидани миссияњои сулњљўёна аъзои парламент метавонанд масъала гузоранд ё дигар воситањоро истифода бурда аз њукумат дар бораи миссия маълумот гиранд. Дар баробари ин аъзои парламентњо имкон доранд, ки ќисмњои њарбиро дар хориља ташриф оваранд. (ниг. бобби 17).
- ✓ Тобеиятро ба назар гирифта парламент метавонад баъди гузаронидани миссия тафтишоти парламентї гузаронад ва аз њукумат талаб намояд, ки ба миссияи сулњ бањо дода, онро ба парламент пешињод намояд.

**Блоки № 48**

## Раванди пай дар пайи амалигардонии амалиётњои сулњљўёна тањти роњбарии СММ

СММ ќуввањои мусаллањи шахсї надорад. Њар як амалиёт бо назардошти талаботи њодисањои алоњида бояд ба наќша гирифта шавад, ва њама ваќте ки Шўрои амният амният даъват мекунад, ки амалиёти нав гузаронида шавад, он бояд бея гон хатогї кор карда шавад.

Шўрои амният, ки аз намояндагони 15 давлат иборат аст, бо амалигардонии амалиёти сулњљўёна иљозат медињад ва ваколатњои онро муайян мекунад. Чунки ќарорњо 9 овози «тарафдор» ва имконияти гузаштани вето аз тарафи яке аз аъзои доимии Шўрои амнияти СММ-ро пешбинї менамоянд (Чин, Фаронса, Россия, Британияи Кабир ва ИМА). Муниши кулл оид ба оѓоз ва ва гузаронидани амалиётњо тафсиянњо пешнињод мекунад, њамчунин дар борaи њолатњои кор њисобот медињад. Департаменти амалиётњои сулњљўёна барои роњбарии њамарўза, пешнињоди дастурњо ва таъмини аќибгоњи амалиётњои сулњљўёна зери роњбари СММ дар тамоми љањон маълум аст.

Муниши кулл фармондењи ќушунњои њарбиро интихоб мекунад ва ба давлатњои – аъзои СММ мурољиат намуда, аз онњо хоњиш менамояд, ки ќушунњои њарбюї, политсияи шањрвандї ва дигар њайати шахсї пешнињод намояд. Тањвил, техника, наќлиёт ва таъминї маводи техникї ба зиммаи давлат њо – аъзои СММ ё ширкатњои хусусї аз рўи шартнома гузошта мешавад. Њайати техники ѓайринизомї аз шахсоне иборат аст, ки ки дар системаи СММ кор мекунанд,к и аз тарафи давлатњо – аъзои СММ фиристода мешаванд, ё њамчунин аз шахсони алоњидае, ки аз њар давлат ё аз њисоби ањолии мањаллї барои иљрои корњои махсус интихоб карда шудаанд.

Ваќти даркорї барои фиристодани ќонунњо барои њар як амалиёт гуногун аст ва аз ироджаи давлатњои иштирокчї барои људо кардани ќонунњои њарбї барои амалиёти алоњида вобаста аст. Сари ваќт гирифтани захирањои молиявї ва воситањои наќлиёти њавої Њамчунин ба суръати амалигардонии миссия таъсир мерасонад. Масалан, соли 1973 њайати ќуввањои фаврии СММ эшелони дуюм (UNF-II) дар муддати 24 соат ба Шарќи Наздик пардохта шуд. Бо вуљуди ин, барои баъзе миссияњо, ки мандати нињоят душвор доранд, ё дар таъмини маводи техникї танќисї мекашанд, њамчунин њангоми хатари махсус барои љамъ ва партофтани њамаи љузъиёти зарурї моњњо лозим мешаванд.

*Сарчашма : сайти СММ: http://www.un.org*

**Блоки № 49**

## Ќоидањои истифодаи ќувва/яроќ дар раванди кори миссияњои сулњљўёна

Ваќте ки парламент барои фиристодани ќисмњои низомї ба хориља иљозат медињад, он метавонад њамчунин сатњи истифода ќувва ва шароити истифодаи ќувваро муайян кунад. Ба ибораи дигар ў метавонад ќоидаи гузаронидани амалиёти љангиро муайян созад. Зери мафњуми гузаронидани амалиёти љангї мо мањдудияти истифодаи ќувваро дар доираи амалиёти муайян мефањмем он бояд барои њар як њодиса алоњида муайян гарда два аз рўимконят дараљаи максималии истифодаи ќувваро мањдуд созад ва њамзамон ба аксари барои худмуњофизаткунї озодии зарурї амал карданро иљозат дињад. Ќоидаи истифодаи худмуњофизаткунї омили дастгирии солдат ба њисоб меравад, дар баробари бузургињои амалиётии тактикї. Онњо бояд талаботњои фаврї ва сиёсї, њамчунин ќоидањои байналмилалї аз он љумла ќарори Шўрои амнияти СММ-ро ба назар гирад.

➪

Ќоидањои гузаронидани амалиётњои љангї дар худ бояд меъёрњоеро дар бар гиранд, ки меъёри истифодаи ќувваи барои мањдуд кардан ё ќатъ кардани низоъњои зарурро дуруст муайян мекунад. Муайян намудани ин ќоидањо нисбати истифодаи ќувваи муайян барои љавоб додан ба зўроварии гуногун имкон медињад, ки ки бо истифода аз ќувва шумораи ќурбонињои бегуноњро кам кунад. Дар чунин маврид ќоидањои амалиётњои љангї дараљањои зерини истифодаи ќувваро пешбинї менамояд (аз дараљаи максималї то минималї):

- танњо барои худмуњофизати ќушунњо;
- барои худмуњофизаткунии ќушунњо, муњофизати ањолї ва иншоотњои интихобї (яъне, беморхонањо, купрукњо ва ѓайра);
- барои истифодаи њамаи ќуввањо ва воситањои зарурї барои иљрои вазифањои гузошташуда.

Њамзамон ќоидањои амалиётњои љангї бояд маълумотро дар бораи истифодаи яроќи муайян барои гузаронидани амалиётњои махсус дар бар гирад – аз амалиёт бе истифодаи яроќ то амалиётњо бо истифодаи таљњизоти љангии вазнин, аз он љумла киштињои љангї, таёрањо ва ракета.

# Тайёр намудани хидматчиёни њарбї барои иљрои вазифањо дар доирањои миссияњои сулњљўёна

Иштирок дар амалиёти сулњљўёна вазифаи махсусет барои ќисми њарбї ва чунин вазифа ба ѓайр аз омодагии маъмўлї, њамчунин омодагии иловагї ва дастурњоро талаб мекунад.

Њангоми иљрои амалиётњо ба ќисмњои њарбї донишњои махсус оид ба тоза кардан аз минањо, гузаронидани гуфтушунидњо (аз он љумла малакаи миёнаравї ва донистани забони њамон мањал), донистани урфу одати њамон мањал, дуруст фањмидани ќонунњои инсон, њамчунин дониши мукаммали ќоидаи гузаронидани амалиёти љангї дар доираи амалиёт муайян даркор мешавад. Нисбати масъалаи охирин ќайд кардан зарур аст, ки дар амалиётњои сулњљўёна истифодаи ќувва одатан мањдуд аст, дар баъзе мавридњо бошад, ќуввањои мусаллањ бо худ ягон яроќ надорад.

Дар масъалаи банаќшагирї низ талабот ба омодагии махсус зарур аст, чунки ќушунњои ќуввањои мусаллањ ки барои иљрои миссияи сулњљўёна љалб карда мешаванд, аксаран аз давлати худ нињоят дур љойгир мешаванд, дар љойњое, ки пештар барои љойгиршавї имконпазир њисобида мешуд. Дар чунин шароит њамлу наќл ва таъмини ќисмњои њарбї вазифаи мушкил мегардад, дар баъзе њолатњо имконияти молиявии баъзе давлатњоро нињоят афзун мегардонад.

Дар охир, дар сатњи фармондењї ва аќибгоњ низ таълимот ва омодагии иловагї зарур аст. Аз нуќтаи назари он ки ќушунњои бештари давлатњо дар ноњили умумї зери фармондењии муттањида амал карда метавонанд, тартиби маъмулии тобеият ва таѓйирёбии сохтори маќоми идоракунанда меорад, њамоњангсозии байни ќуввањои мусаллањ гуногун ва созмонњо, ба монанди Иттињодияи байналмилалї Салиби Сурх, ањамияти калон пайдо мекунад.

Дар давраи миссияи сулњљўёна СММ фармондењии ќонунњо на танњо бо ќарори Шўрои амният, балки бо шарту шароити ќоидаи истифодаи ќувва/яроќ, ќоидањои фаврии СММ ва Кодекси рафтори СММ, њамчунин бо њамаи меъёрњои маъмурї нисбати ќуввањои бисёрмиллатаи СММ мањдуд карда мешаванд.

**Блоки № 50**

### Омодагии афсарони сулњљўи СММ

Идоракунии омодагии афсарони сулњљўй, ки дар Департаменти амалиётњои сулњљўёнаи Котиботи СММ таъсис дода шудааст, роњбариятро амалї мегардонад, кўмак ва маълумот ба давлатњои СММ оид ба омодагии њайати кормандони сулњљўёна пешнињод мекунад. Ин ќисми њарбї модулњои машќї ва дигар маводњое, ки барои пањн намудани ба муддати чандин солњои љамънамудаи таљрибаи сулњљўёна, дониш ва стандартњои тартиботи фаврї пешнињод гардидааст, кор карда мебарояд. Ќисми њарбї бо коллељњои њарбї, донишкадањои миллї ва минтаќавии бисёр давлатњо ва миссияњои сулњљўёна њамкорї мекунад. Гурўњи СММ оид ба расонидани кўмак дар давраи машќњо ва курсњои махсус бо маќсади расонидани кўмак ба давлатњои аъзои СММ дар тањия ва иљрои барномањои сулњљўёна оид ба гузаронидани машќњо таъсис дода шудааст. Кодекс ва низомномањои гуногун бо маќсади расонидани кўмак барои ба даст овардани якрангї дар стандартњои асосї тањия гардидаан.

*Сарчашма : сайти СММ: http://www.un.org*

## Меъёрњо барои фиристодани ќўшунњо бо миссияњои байналмилалии гуманитарї

Парламент ва њукумат барои фиристодани ќонунњо ба хориља меъёрњо тањия менамоянд. Истифодаи меъёрњои аниќ муайянгардида ошкорбаёнии раванди ќабули ќарорњоро баланд мебардорад ва бо њамин дастгирии љамъиятии амалиётњои сулњљўёнаро пурзўр мегардонад. Ду намуди критерияњо вуљуд дорад. Намуди якум бо асосноккунии асосї ва намудњои амалиётњо алоќаманд аст. Категорияи дуюм ба худи миссия, мандати он, сохтори фармондадињї-штабї, давомнокї, намуд ва шаклњои ќисмњои њарбии љалбшаванда равона гардидааст.

## Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Меъёрњои умумие, ки ба таркиб ва намудњои миссияњои сулњљўёна дахл доранд

- Боварї њосил намоед, ки парламент ё кумитаи салоњиятдор љанбањои зайлро назорат мекунад:
  - ўњдадорињои байналмилалии давлат;
  - ќобили ќабул будани роњхат/ ќабули ќушунњо њамчун ќисми миссияи сулњљўёна;
  - асосноккунии мантиќї ё сабабњо барои њама гунна намуди интервенсия (масалан вайрон намудани њуќуќњои инсон дар давлати мувофиќ);
  - майл намудани вазифањои асосї барои миссияњои сулњљўёнаи минтаќавї ва љањонї;
  - ќоидањои асосии истифодаи ќувва/яроќ барои хизматчиёни њарбї дар њайати миссияњои сулњљўёнаи минтаќавї ва љањонї;

- истифодаи пропорсионалии ќуввањи њарбї;
- самаранокии раванди ќабули ќарорњои сиёсї;
- дастгирии љамъиятї ё танќиди худи Принсипи љалб намудани давлатњо ба миссияњои сулњљўёна;
- тартиби арзёбї ва њамагуна принсипњо бо назардошти масъалањои имконпазири љорї;
- зарурати аз тарафи парламент гирифтани маълумот баъди анљоми миссия бо маќсади тањлили пурраи натиљањои он.

## Меъёрњои махсус барои миссияи муайяни сулњљўёна

▷ Боварї пайдо намоед, ки парламент ё комитети салоњиятдор лањзањои зеринпро назорат мекунад:
- муайян намудани миќёс ва ваколатњои миссияи сулњљўёна;
- намудњои ќисмњои њарбии љалбшуда;
- оќибатњои њарбии миссия;
- зарурат ва дастрасии ќисмњои њарбї ва техника;
- тањдидњои имконпазирии амалиётњо ва меъёрњо барои боздоштани онњо њангоми зарурат;
- масъалањои буљет;
- љавоби љомеа.

## Истифодаи тартиботи парламентї нисбати миссияњои сулњљўёна

▷ Боварї пайдо намоед, ки њангоми зарурат парламент имкон дорад:
- оид ба масъалањои миссияи сулњљўёна гушкунињои љамъиятї гузаронад;
- бо маќсади давом додани миссияи сулњљўёна пурсишнома гузаронад;
- аз болои он назорат барад, ки њар як корманди миссия, ки дар вайрон намудани њуќуќњои инсон гумонбар аст, ба љавобгарї кашида шавад.

▷ Ќайд кардан зарур аст, ки оид ба амалигардонии тартиботи ба гушкунињои парламентї оид ба миссияњои сулњљўёнаи љорї дахлдор ба ягон шўъба роњ додан даркор нест.

Ќисми VI

# Захирањои молиявї:

## муќаррар намудани назорати самараноки буљетии соњаи амният

**Боби 23**

# Амният ва њокимияти пул

## Парламент ва раванди ташаккулёбии буљет дар соњаи амният

Дар тамоми љањон мувофиќи ќонунгузорї ба парламентњо дар тасдиќ ва назорати буљети муайянкардашудаи соњаи амният наќши асосї вогузор карда мешавад, гарчанде дараљаи њавасмандкунии сиёсї ва имконияти ин наќшро бозидан вобаста аз давлат фарќ мекунад. Аммо дар амал аксар ваќт парламентњо барои амалигардонии таъсири худ имкониятњои кам доранд, амалиётњои онњо бошад, минбаъд ба сабаби махфият ва дастнорасии маблаѓљудокунии муайян дар соњаи амният душвор мегарданд. Анъанаи чандин солњо барќароршудаи бартарият доштани њокимияти иљроия дар соњаи амният аксар ваќт парламентро нигоњ медорад. Парламент ќариб њамаи ташаббусњои ба ташаккулёбии буљети соњаи амният дахлдорро ба ихтиёри намояндагони њокимияти иљроия ва ќуввањои мусаллањ медињад.

Њамин тариќ, аъзои парламентњо набояд ќувва ва наќши буљети миллиро њамчун воситаи назорат ва ислоњоти соњаи амният мувофиќи талаботи љомеа ќадрдонї кунанд. «Њокимияти пул» метавонад ва бояд барои таъмини истифодаи бењтари маблаѓњо бо тариќе, ки њисобот дар назари љомеа пешбинї мекунад, истифода шавад.

**Блоки № 51**

### Буљет: љузъи асосии амалигардонии роњбарии демократї

«Буљети миллї ин на танњо њуљљати техникист, ки таносуби фоида ва хароҷотњои пешбинишударо инъикос менамояд. Ин изњороти муњимтарини сиёсие мебошад, ки аз тарафи њокимияти иљроия барои соли оянда гузашта тартиб дода шудааст. Он арзишњои асосиро инъикос намуда, самти сиёсати миллиро муайян месозад ва нуќтаи назари њукуматро оид ба вазъияти иљтимої – иќтисодии мамлакат нишон медињад. Он изњороти маќсади њукумат дар соњаи иќтисодиёт ва молия ба њисоб меравад, њамчунин бартариятњои иќтисодї ва иљтимоиро инъикос мекунад (...). Минбаъд буљет имкон медињад, ки ниятњоиояндаи њукумат ва комёбињои гузаштаи он, њамчунин самараноки фаъолияти њукумат арзёбї гардад».

«Буљет муњимтарин њуљљатест, ки ошкорбаёнї, њисобот додан, пуррагї ва самаранокии идоракуниро таъмин менамояд. Пешнињоди муфассали хароҷоти оянда ба парламент ва љомеа барои муаяйн кардани он, ки «пулњо куљо мераванд» имкон медињад, ки ин билохира ошкорбаёниро афзун мегардонад. Ба замми ин, буљет бояд пеш аз он ки њукумат пулро сарф мекунад ё фоида ба даст меорад, ки ин дар навбати худ вазиронро тобеи парламент ва комитетони он мекунад, аз тарафи парламент тасдиќ карда шавад». «Ошкорбаёнї ва њисоботдињї бояд талаботњои конститутсионї бошанд, махсусан агар ин ба раванди ташаккулёбии буљети миллї дахл дошта бошад. Якљоя бо ошкорбаёнии тамоми ташаккулёбии буљет тобеият мањаки, дили демократия ба њисоб меравад.

*Сарчашма: Њисоботи умумї оид ба натиљањои семинари Иттињоди байнипарламентї оид ба наќши парламент дар раванди ташаккулёбии буљет, Найробї, май, 2000с*

Воқеан парламент ба масъалаи амният ва бахши амният хангоми 4 марҳилаи асосии ташаккулёбии буҷет диққат дода метавонад:

**Давраи омодагӣ:** дар ин раванд ҳокимияти иҷроия ҳаҷми маблағҳоро барои эҳтиёҷоти гуногун муайян мекунад. Дар баробари ин парламент ва аъзои он имкон доранд тавассути механизмҳои гуногуни расмӣ ва ғайрирасмӣ ба ин раванд дахолат кунанд.

**Тасдиқи буҷет:** дар ин давра парламент бояд имконият дошта бошад, ки манфиатҳои ҷамъиятиро, мувофиқатии маблағҳои дархостшавандаро омӯзад ва муайян намояд ва дар шароитҳои муайян метавонад маблағҷудокуниҳоро, ки барои бахши амният ҷудо карда шудаанд, зиёд кунад.

**Иҷрои буҷет ё истифодаи маблағҳои ҷудошуда:** дар ин давра парламент хароҷоти ҳукуматро назорат мекунад ва кӯшиш мекунад, ки ошкорбаёнӣ ва тобеият таъмин бошад (ниг.ба қисми ба ин мушкилот алоқаманд). Дар мавриди ба амал омадани талаботи иловагӣ ба буҷет, парламент назорат ва таҳлили пурраи онро бо мақсади роҳ надодан ба хароҷоти зиёдатӣ амалӣ мегардонад.

**Аудит ё тафтишот:** дар ин давра парламент истифодаи маблағҳои буҷетро аз тарафи ҳукумат пурра назорат мекунад ва чи тавре ки аз бобҳои минбаъда маълум мегардад, ба нишондодҳои миқдорӣ ва маълумотҳо оид ба вазъияти иҷрои буҷет такя мекунад ва барои оянда хулоса мебарорад. Ба зимми ин парламент тамоми буҷетро давра ба давра ва раванди аудитро бо мақсади таъмини ошкорбаёнӣ, самаранокӣ ва дуруст истифодабарии маблағҳо таҳлил менамояд.

**Блоки № 52**

### Барои чӣ парламент дар таҳияи буҷет бояд иштироки фаъол дошта бошад?

Барои пешниҳоди таклифҳои алтернативӣ намояндагони оппозитсия аз тартиби муҳокимаронӣ дар вақти ташаккулёбии буҷет истифода бурда метавонанд.
Аққалият, ки барои қабули буҷет овоз медиҳанд, яъне ба буҷет додани мақоми қонунӣ, бо ин боварии худро ба ҳокимияти иҷроия изҳор мекунанд ва таъкид мекунанд, ки маҳз боварӣ ва робитаи байни изҳорот ва амалигардонии сиёсат омили ҳалкунандаи интихоби аққалият ба ҳисоб меравад.
Назорати иҷрои буҷет яке аз роҳҳои муҳимтарини таъсир расонидан ба сиёсати ҳукумат мебошад.
Баъд аз ба имзо расидани санади тафтиши буҷет парламент масъулиятро аз ҳокимияти иҷро мегирад ва бо ин роҳ ба давраи буҷет хотима мебахшад.

*Сарчашма: Иқтибос аз ҳисоботи умумии семинарии ИП дар мавзӯи:«Парламент дар раванди таҳлили буҷет», Бамако, Мали, ноябр, 2001*

## Хароҷот барои мудофиа

Дар блоки навбатӣ маблағҳое инъикос гардидаанд, ки дар минтақа ва давлатҳои гуногун ҷаҳон бо мақсади мудофиа хароҷот мегарданд. Дар натиҷаи анҷом ёфтани ҷанги сард хароҷот ба мудофиа камтар шуд, ки ин шаҳодати он аст, ки бештари давлатҳо аз дивидендҳои сулҳ фоида ба даст меоранд. Аммо баъзе двлатҳои Осиё ва Африқо дар давоми ҳамин солҳо сатҳи хароҷотро ба мудофиа зиёд карданд.

Блоки № 53

**Таносубияти фоизнокии хароњот ба мудофиа ва ММД дар минтаќањои гуногуни љањон ва баъзе мамлакатњо**

| | 1985 | 2000 | 2001 |
|---|---|---|---|
| **ТШАШ** | **4.0** | **2.2** | **2.2** |
| ИМА | 6.5 | 3.0 | 3.2 |
| Британияи Кабир | 5.2 | 2.4 | 2.5 |
| Фаронса | 4.0 | 2.6 | 2.6 |
| Олмон | 3.2 | 1.6 | 1.5 |
| **Давлатњои Аврупо, ки Аъзои ТШАШ нестанд** | 4.3 | 2.8 | 2.3 |
| ИЉСС/Россия | 16.1 | 5.0 | 4.3 |
| **Шарќи Наздик ва Африќои Шимолї** | **11.9** | **6.7** | **7.2** |
| **Осиёи Миёна ва Маркозї** | **4.3** | **5.2** | **3.8** |
| **Осиёи Шарќї ва Австралия** | **6.4** | **3.5** | **3.3** |
| Љопон | 1.0 | 1.0 | 1.0 |
| **Њавзаи Кариб ва Америкаи Лотинї** | **3.2** | **1.7** | **1.7** |
| **Африќои љанубї аз Сахара** | **3.1** | **3.8** | **3.4** |
| Эритрея | n.a. | 30.0 | 20.9 |
| **Нишондоди миёна** | **6.7** | **3.6** | **3.5** |

*Сарчашма: Тавозуни њарбї 2002-2003, Лондон*

## Самаранокии ташаккули буљет дар бахши амният

Њисобу китоб ва ошкорої шартњои људонашавандаи ташаккули буљети самаранок ба њисоб меравад. Бењтарин усули амалї кардани њисобу китоб ин таъмини ошкорои ташаккули буљет ба њисоб меравад. Њисобот ва ошкорбаёнии кофї бо принсипњои ташаккули самараноки буљет алоќаманд аст:

**Ягонагї** – њамаи хароњоту даромадњо бояд ба парламент дар шакли њуљљати ягонаи буљетї пешнињод гарданд.

**Даврият** – намояндагони њокимияти иљроия бояд љадвали пешнињоди солонаи буљетро барои баррасї ба парламент риоя кунанд. Даврият њамчунин ба зарурати нишон додани ваќте, ки дар давоми он маблаѓњои пулї хароњот карда мешаванд, дахл дорад.

**Муайянї** – индекс ва тавсифи њар як моддаи хароњот бояд тасавуроти аниќро дар бораи он ки њукумат чї тавр маблаѓњоро сарф карданист, дињад. Яъне тавсифи моддањои буљет бояд муайян, хазинањое, ки бо моддањои буљет алоќаманд, на он ќадар калон бошанд.

**Ќонуният** – њамаи хароњот ва фаъолият бояд дар доираи ќонун амалї гардад.

**Дастрасии сохтор** – намояндагони њокимияти иљроия парламентро бояд ба наќшаи хароњотњои тахминї дар шакли ќабули ќарор ва барои аъзо фањмо шинос намоянд.

**Фарогирї** – буљети давлатї бояд ба тамоми љанбањои гуногуни соњаи амният дахл дошта бошанд ва анљом дода шаванд. Њамаи хароїотњо бояд ба њисоб гирифта шаванд, аз он љумла буљети њамаи хадамоти амният, яъне буљети ќуввањои мусаллањ, дигар ќисмњои њарбї, политсия, иктишоот, њамчунин созмонњои хусусии њарбї, ки аз тарафи намояндагони њокимияти иљроия киро гирифта мешаванд.

**Ошкорбаёнї** – њар як шањрванд (шахсан ё дар њайати созмон) бояд имкон дошта бошад, ки дар борои буљет фикру аќидаи худро дошта бошад ё онро тартиб дињад. Ин талаб мекунад, ки њамаи њуљљатњои ба буљет дахлдор барои шањрвандони оддї дастрас бошад ва њамчунин барои шинос шудан ба он дар ќисматњои гуногуни кишвар дастрас бошад (масалан тавассути пешнињоди нусхаи он ба китобхонањои мањаллї).

**Мутобиќат** – байни сиёсати буљет, банаќшагирї, пурра намудани буљет ва хароїоти маблаѓњо бояд алоќаи муайян барќарор карда шавад.

**Маблаѓњо ва натиљањо** – тавзењот ба буљет бояд фањмиши онро бо назардошти бузургињои зайл таъмин намояд: а) сарчашмаи људо намудани маблаѓ; б) маќсадњое, ки ба он ноил шудан лозим аст; в) натиљањои назарраси наќшањо. Буљет фасењ бояд имкон дињад, ки ба бузургињои (мафњумњои) нишондодашуда таѓйирот ворид карда шавад.

Принсипњои зикргардидаро метавонад њамчун меъёри сифатї барои тањияи муосири буљети мувофиќ њисобид. Дар он давлатњое, ки аъзои парламент дар бораи бахши амният маълумоти нокифоя доранд, онњо наметавонанд дар ваќташ масъалањои иљтимої-иќтисодї ва инкишофро дар давраи тамоми силсилаи буљетї бардоранд.

# Шароити тањияи буљети зарурї дар бахши амният

Љузъњои гуногуни тањияи буљети зарурї вуљуд доранд, ки назорати парламентии бахши амниятро таъмин менамоянд. Дар байни онњо муњимтаринашон инњоянд: асоси сарењи конститутсионї – ќонунгузорї, арзиши пулњо, интизоми буљетї, бамавќеъ будан ва њамкорї бо намояндагони љомеаи шањрвандї.

## Базаи сарењи конститутсионї – ќонунгузорї

Њуќуќи аъзои парламент ба назорати соњаи амният бояд дар конститутсия ва дигар ќонунњои иловагї равшан муайян гарданд. Ба замми ин, парламент метавонад ќонунњоеро мавриди амал ќарор дињад, ки ваколатњоро барои гирифтани маълумот аз њукумат муайян мекунад ва чунин ваколатњо мувофиќи ќоидањои зикргардида иљро карда шаванд. Назорати парламентии бахши амният тавассути буљет минбаъд бояд ба анъанаи сиёсии парламент ворид гардад, ки зањмати зиёдеро талаб мекунад.

Дар раванди буљет бояд 2 ќоидаи асосии ба арзиши пулњо дахлдор истифода шаванд:

- ✓ Таъсирбахшї: ба даст овардани маќсадњои сиёсї («њамаи корро дуруст анљом додан»);
- ✓ Самаранокї: ба даст овардани маќсади сиёсї бо хароїоти камтарин (њама чизро бо назардошти хароїот иљро кардан, яъне сарфакорона).

Блоки № 54

## Низоми банаќшагирї, барномасозї ва ташаккули буљет (НББТ)

«(...) Низоми банаќшагирї, барномасозї, ташаккули буљет аввалин маротиба аз тарафи ИМА (авали солњои 1960) барои тањияи буљети мудофиа истифода шуд (имрўз бештари давлатњо ин низомро истифода мебаранд). (….) Силсилаи маъмули НББТ аз зинаи ибтидоии банаќшагирї, ки дар давраи он чї шароити амният ва чї манфиатњои мулкї бо маќсади муайян намудани вазифа, њайат ва сохтори ќуввањои мусаллањ, тањлил мегарданд, иборат аст. Бо назардошти ин талабот барнома тањия мегардад. Барнома, ки шакли наќшаи кориро дорад, маќсадњои аниќро муайян мекунад, ки ба он ноил шудан даркор аст ва љузъи њалкунандаи пайвасткунанда дар давраи тамоми силсила ба њисоб меравад, чунки он ба тавозуни маќсадњои муайян ва имкониятњои молиявї равона гардидааст. Ба ин маъно НББТБ аз таљрибаи људо намудани буљет ба талабњои дархостшуда фарќ мекунад ва ба тањияи наќшаву барномањо мувофиќи мањдудиятњои молиявии вуљуддошта ва тахминї равона гардидааст. Инак, зарур аст то ки тањияи барнгомањо ба бартариятњо асос ёбанд, яъне бо назардошти он соња-њое, ки дар онњо зарурат ба миён меояд. Барои муайян намудани афзалиятнокї низоми арзёбии хатарро истифода бурдан мумкин аст, ки бо ёрии он оќибатњои имконпазир њангоми ба маќсад нарасидан пешгўї карда мешаванд. Силсила бо тањлили њолати иљро ба анљом мерасад, ки ба вазорат, аз љумла, ва ба љомеа, умуман, имкони муайян намудани дараљаи ба даст овардани маќсад дар охири сол медињад. Њамин тарз ба даст овардани таќсими самараноки захирањо имконпазир аст».

*Сарчашма: Кейт Старки ва Эндри Ван Мени, Ошкорбаёни буљети њарбї дар Интернет // Маълумот ва амният, 2000, љ. 5. – с.4.*

Мувофиќи назарияи муосири буљет барои арзёбї намудани самаранокии истифодаи маблаѓњои буљети мудофиа, харољот бояд бо барнома ва маќсадњо (ниг.блоки 54) муайян гарданд, яъне харољот бояд ба самти сиёсат ва маќсади он мувофиќат кунад (масалан, ба вазифањо дар давраи осоишта, ба монанди тањсилот ва ѓ.). њамчунин муттањид кардани њамаи харољотњо ба гурўњњои функсионалї зарур аст (ниг.боби навбатї). Ин пешбинї менамояд, ки њукумат ба парламент буљети нињоиро не, балки пешакиро пешнињод мекунад. Истифодаи барномањои мураттаб барои тањияи буљет, ба монанди НББТБ танњо ба шарте имконпазир аст, ки агар сохторњои ќудратї оиди наќшањои худ то он дараљае, ки ба талаботи махфият љавобгў аст, ошкор сухан мекунанд.

## Интизоми буљетї

Интизоми буљетї барои њис намудани боварї ба он лозим аст, ки њукумат, ки буљетро барои тасдиќ ба парламент пешнињод кардааст, њангоми тањияи он талаботи ќонунгузориро риоя намудааст. Парламентњо љузъњои зерини интизоми буљетиро бояд ба назар гиранд:

- Таносуби байни буљети њарбї (харољотро ба назар гирифта) ва афзоиши суръати нарх;
- истифодаи меъёр барои назорат ва муайян намудани мањдудиятњо оид ба харољоти зиёдатї ва кам;
- дар љараёни иљрои буљет андешидани чорањо бо маќсади пешгирии харољоти кам ва зиёдатї;
- њангоми харољоти кам ва зиёдатии буљети њарбї маълумот додан ба вазорати молия ва њукумат;

- ✓ ќоидањои љуброни хароїотњои зиёдатиии буїети мудофиа: љуброни хроїоти зиёдатї ба талаботи мудофиа аз њисоби худи буїети мудофиа ё аз њисоби моддањои дигари буїети давлатї.

## Рояи мўњлат ва даврият

Ба даст овардани самараноки бештари тањия ва истифодаи буїети бахши амният барои тафтишот ва арзёбии пешнињодњо пеш аз пешнињод намудан ба овоздињї ваќти ваќти зиёдеро талаб мекунад. Барои гузаронидани тањлили пурраи тамоми буїети мудофиа ба аъзои парламент аз 45 рўз то 3 моњ лозим аст.

Пешнињоди маълумоти пурра, даќиќ ва сариваќтї дар бораи сиёсати буїетии соњаи амният бо сабабњои зерин зарур аст:

- ✓ Ин маълумот барои маълумотдињии минбаъдаи љомеа ва муњокимаронї лозим аст;
- ✓ Он имконият медињад, ки тарафњои суст, талабот ба гузаронидани ислоњот ва дигар хароїоти њукумат муайян карда шавад;
- ✓ Идоракунии ошкорои буїети соњаи амният тобеияти онро дар назди парламент ва љомеа бењтар мекунад, њамчунин боварии љомеаро ба њукумат пурзўр мегардонад.

## Муносибатњои мутаќобила бо намояндагони љомеаи шањрвандї

Парламент барои банаќшагирии буїет ва арзёбии молиявї ва назорати ин раванд мутахассисонро љалб карда метавонад: ин махсусан дар даврае муфид аст, ки ваќте тањияи буїет дар соњаи амният шурўъ мешавад, ки на њама ваќт кори оддию осон аст. Ошкорбаёнии раванди тањияи буїет бояд ба озодии маълумоти ќонунгузорї асос ёбад.

## Омодагї ва соњибихтиёрї

Хайрият, ки бештари парламентњо соњибихтиёрии боз њам васеъи чї худи аъзои парламентњо ва чї ёрдамчиёнашонро талаб мекунанд ва омодагии мувофиќи шахсони ба масъалаи буїет машѓулро пешбинї менамояд. Бо ин маќсад барои кўмак расонидан ба идораи демократї ва кори самараноки парламентњо Иттињоди байнипарламентї семинарњои минтаќавї ва мањаллї мегузаронад, ки барои аъзои парламентњо ва ёрдамчиёни онњо (ниг. www.ipu.org) равона гардидаанд ва ба наќша гирифтааст, ки дастурњо омода намояд.

**Блоки № 55**

### Љузъи асосии буїети мудофиа: буїети мудофиаи Испания барои соли 2002

Мањсулот ва хидматрасонї

Мањсулоти хўрока;
Таъмини инфраструктура;
Сўзишворї;
Хидмати комуналї; ќувваи барќ, об, телефон ва ѓайра;
Пўшоки расмї;

➪

Пул
Наќлиёт
Омодагї
Хидматрасонии тиббї
Дигар харољотњое, ки бо фаъолияти соњаи амният алоќаманд аст
Дигар харољоти молиявї
Њисобу китоби маблаѓњои љорї
Созмонњои байналмилалї
Сохторњои худмухтор
Дигар њисобу китоб
Сармоягузорињои асосї
Азнавкунии ќуввањои мусаллањ
Хидматрасонии таљњизоти њарбї ва техника
Тањќиќот ва коркард
Дигар сармоягузорињои асосї
Молия

*Сарчашма: Буљети мудофиаи Испания барои соли 2002, Вазорати мудофии Испанияї.*

# Ошкорбаёнї ва њисоботдињии буљет дар бахши амният

## Ошкорбаёнї ва махфият

Ошкорбаёнї њангоми ќабули ќарор шарти људонашавандаи он њисоб меравад, ки натиљањои ин ќарор ба манфиати љомеа ва маќсади сиёсї љавобгў мебошанд. Ошкорбаёнии раванди тањия ва истифодаи буљети њарбї ба аъзои парламентњо имкон медињад назоратро самаранок амалї кунанд ва ин дар навбати худ ба пурзўр намудани боварии љомеа ба њукумат кўмак мерасонад. Вуљуд надоштани ошкорбаёнї дар соњаи буљети мудофиа аксаран бо воситањои кўњнаи тањияи он ва муайяни нокифояи маќсади амният алоќаманд аст. Ин њамчунин бо соњибихтиёрии мањдуди мутахассисњои созмонњои миллии аудиторї, суст будани шарту шароитњои конститутсионї оид ба пешнињод намудани маълумот барои тафтишоти љамъиятии дурусти ќарорњо, њамчунин бо афзалият додан ба махфияти њисоботњо алоќаманд аст. Созмонњои аудиторї ва намояндагони њокимияти иљроия бояд тарафњои сустро муайян созанд ва ба он диќќати бештар дињанд (ниг.боби навбатї).

**Блоки № 56**

### Мамониатњои асосї барои шаффофияти буљети соњаи амният

«Мављуд набудани шаффофият ва масъулиятнокї мушкилоти махсусро дар он љойњое, ки шахсони масъули интихобии њокимияти иљроия оид ба сиёсат ва захирањо дар соњаи амният ќабул мекунанд, ба миён меорад. Шахсони масъули асосї аз вазорати молия, њамчунин аз дигар сохторњои давлатии њокимияти иљроия аксар ваќт аз раванди ќабули ќарор хориљ карда мешаванд ё ќарорњои онњо ба инобат гирифта намешаванд. Сохторњои парламентї, њатто онњое, ки мувофиќи Сарќонун ваколат доранд, ки назорат баранд, њамчунин ВАУ ва љомеаи шањрвандї дар амал одатан бехабар мемонанд»...

«Њамаи хароїот барои хадамоти гуногунии амният – барои њайати шахсї фаъолияти фаврї, таљњизот – бояд ба буїети онњо дохил карда шаванд. Дар чунин буїетњо њамчунин бояд муайян карда шавад, ки моддаи муайян аз њисоби чї маблаѓгузорї карда мешавад. Аммо буїети њарбии бештари давлатњо ба ягон аз ин талаботњо љавобгў нест, сохтори дохилии буїет норавшан мемонад, маблаѓи умумии хароїот бошад, ки маблаѓњои дигар вазоратњоро дар бар дошта метавонад, - номуайян мемонад. Дар давлатњое, ки фаъолияти ѓайрибуїетї инкишоф ёфтааст, худи њукуматњо аксар ваќт маълумоти нодуруст доранд. Аз ин рў механизми асосии масъулиятнокї ва њисоботдињї – муќоисаи наќшањо ва иїрои њаќиќии буїет – истифода шуда наметавонад. Ба шахсони масъули вазорати мудофиа ва дигар муассисањои њокимияти иїроия зарур аст, ки дар соњаи сиёсати мудофиа, буїет ва фармоишњои мудофиа донишњои махсусњои техникї дошта бошнд. Њалли мушкилоти соњаи буїет ин њама ваќт вазифаи сиёсист, ки таѓйиротро дар муносибатњои шањрвандї – њарбї дар доираи наќшањои дарозмудат талаб мекунад»

*Сарчашма: Маърўза оид ба инкишофи башарї, 2000, с.89-91*

## Хароїоти назоратшаванда ва назоратнашаванда, ки бо амният ва мудофиа алоќаманданд

Барои назорати бахши амният ва донистани роњхат ба хароїоти кулли хадамоти амният ва дигар соњањои њукуматї, ба парламент зарур аст, ки ба њуїїатњои мувофиќи буїетї, бо маќсади таъмини беѓаразонаи хароїот дастрасї дошта бошанд. Ба парламент пешнињод намудани танњо маблаѓњои умумї принсипи муайяниро вайрон мекунад, ки яке аз принсипњои дурусти раванди буїет ба њисоб меравад (ниг.бобњои пешин). Дар њолати нокифоя будани маълумот парламент имконият надорад, ки ќарзи конститутсионии худро адо намояд – амалї гардонидани назорат аз болои тањия ва истифодаи буїети мудофиа.

Парламент бояд ба њами њуїїатњои бо буїети њарбї алоќаманд дастрасї дошта бошад. Дар баъзе давлатњо (масалан, Дания ва Люксембург) ба парламент маълумот оид ба њар як моддаи хароїоти буїет пешнињод карда мешавад. Дар дигар давлатњо (ба монанди Фаронса, Гретсия в Полша) кумита оид ба масъалаи мудофиа – ягона сохтори парламент аст, ки ба он оид ба хароїоти мудофиа маълумот дода мешавад. Барои идораи дуруст кафолат зарур аст, ки оё комитет (дар мавридњои зарурї бо дарњо пўшида) ё парламент ба њуїїатњои буїети дастрасї доранд ё не. Чунин тартибот нисбати сохторњои дигар, ки барои амнияти давлат масъуланд, махсусан ба хадамоти иктишофї истифода бояд гардад.

Тавсифи буїети хадамоти махфї бояд ба ќонунгузорї мувофиќат кунад, махсусан ба ќонун дар бораи озодии иттилоот (ниг. блоки №57.).

Дар рафти муњокимаронињо ва овоздињї бо маќсади тасдиќи буїети соњаи амният озодии парламент бо хароїоти зарурї (масалан, шартномањо оид ба хариди таљњизоти њарбї, ки солњои пеш басташудаанд) ва барномањо иїтимої (масалан, нафаќа ва табобати низомиён) мањдуд аст. Ин маблаѓњо танњо дар доираи наќшањои дарозмуддат таѓйир дода мешаванд.

**Блоки № 57**

## Се дараљаи махфиятнокии маълумот њангоми тавсифи буљети мудофиа

Аъзои парламентњо бояд дар мављуд будани тавозун байни зарурати махфияти маълумот (њангоми шароитњои махсус) дар бораи људо намудани маблаѓ ба буљети мудофиа ва њисоботдињї (масъулиятнокї) боварї пайдо намоянд. Яке аз роњњои ба даст овардан ин таќсимоти буљетї мувофиќи дараљањои зерини махфиятнокї буда метавонад:

- ▷ буљети умумии њарбї, ки барои баррасї ба парламент пешнињод мешавад;
- ▷ маълумоти барои истифодаи мањдуд дар бораи хароїоти асосї ва фаврї, ки аз тарафи зеркумита оид ба масъалаи буљети мудофиа ва хароїоти њарбї мумкин аст тафтиш карда шаванд;
- ▷ хароїоте, ки нишонаи олии «махфї» доранд ва мумкин аст аз тарафи гурўњи намояндагии аъзои кумитаи аудиторњо тафтиш карда шавад. Ин гурўњ бояд ба маълумоти махфї мувофиќи механизми муќарраргардида, ќонуни тасдиќгардида дар бораи сирри давлатї иїозат дошта бошад.

*Сарчашма: Равиндер Парл Сингх. Раванди ќабули ќарор оид ба хариди таљњизоти њарбї. Оксфорд.*

## Ошкорбаёнї зидди истифодаи ѓайримаќсадноки маблаѓњои љамъиятї ва коррупсия

Парламентњо дар таъмини истифодаи маќсадноки хазинањои љамъиятї аз тарафи њукумат наќши њалкунанда мебозанд. Таљриба нишон медињад, ки чунин ќонунвайронкунињо аксар ваќт нисбати воситањои буљетї, ки барои эњтиёїоти соњаи амният бо назардошти талаботи махсуси он – масъалањои душвори техникї ва талаботи амният дар сатњи стратегї – људо карда мешаванд, љой доранд.

Ошкорбаёнї ва тобеияти соњаи буљети амният sine qua non- назорати самараноки бахши амният мебошад. Ошкорбаёнї замина барои њисоботдињи аст, ки дар навбати худ асоси идоракунии дуруст ба њисоб меравад. Њамин тариќ, ду консепсия дар тамоми силсилаи буљет љои асосиро ишѓол мекунанд.

> *«Агар нокифоягии умумии тобеият ва ошкорбаёнии буљети мудофиа метавонад (…) нисбати њаљм, ќувва ва маблаѓњо, њаљми њамчунин ниятњои ќуввањои мусаллањ ташвишор бошад, ошкорбаёни калон диќќатро ба хароїоти њарбї љалб мекунад ва имконияти ба миён омадани нобоварї ва нофањмоињоро, ки метавонистанд ба низоъ оваранд, кам мекунад».*

*Сарчашма: Пол Љорљ. Хароїоти њарбї дар солњои 1990: буљет ва мушкилоти сиёсати молиявї дар мамлакатњои тараќќиёфта, 2002.*

Ба њама маълум аст, ки хароїоти нињоят зиёд ба эњтиёїоти њарбї ба азнавтаќсимкунии воситањо, ки онњоро мумкин аст барои рафъи камбизоатї ва инкишофи иїтимої истифода шаванд, оварда мерасонад. Интихобшудагони мардумї оиди наќшаи таъмини амнияти љомеа аз тарафи њокимияти иїроия бояд маълумот дошта бошад, чунки он аз њисоби андозсупорандагон маблаѓгузорї мешавад. Истифодаи ѓайримаќсадноки маблаѓњо дар давлатњои тараќќиёфтаистода махсусан хатарнок аст. Њукумат низ њангоми тањияи бахши амният фикру аќидаи љамъиятиро ба назар бояд гирад. Парламент бояд боварї пайдо намояд, ки дар буљети мудофиа рушди иќтисодї ва талаботи амният мувофиќ карда шудааст. Як ќатор омилњое вуљуд дорад, ки ба назорати самараноки парламентии соњаи амният халал расонида метавонад. Ин омилњо дар блоки навбатї пешнињод гардидаанд.

Блоки № 58

### Мушкилоти асосие, ки ба назорати самараноки истифодаи буљети соњаи амният халал мерасонад

- **Набудани базаи конститутсионї.** Мушкилоте вуљуд доранд, ки аз сабаби мављуд набудани базаи муайяни конститутсионї, ки ба аъзои парламент ваколати амалї гардонидани назорати фаъолияти бахши амниятро пешнињод мекунад, ба вуљуд меоянд.
- **Набудани маълумот.** Набудани баъзаи ќонунгузории озодии маълумот, ки бо номукаммалии базаи конститутсионї алоќаманд аст, ба ошкор намудани маълумоти махфї мусоидат мекунад. Њамин тариќ, номукаммалї ва номуайянии базаи ќонунгузорї ба кўшишњои парламент дар масъалаи амалигардонии назорат таъсири манфї расонида метавонад.
- **Фаъолияти ѓайрибуљетї** ва сарчашмаи фоидаи бахши амният барои гузаронидани фаъолияти махсус (махсусан фаъолияти тиљоратии ширкатњои њарбї ё хадамоти таъминотї) на њама ваќт ба парламент маълум аст ё њатто бо шахсони расмии вазорати мудофиа. Фаъолияти мазкур бояд ба парламент, њамчунин дигар роњњои маблаѓгузории бахши амният њисобот дињад.
- **Пинњон намудани харољоти њарбї.** Харољоти бахши амният барои нафаќа, инфраструктура, наќлиёт ва ѓайра аксар ваќт дар буљети дигар вазоратњо/бахшњо, ба монанди вазорати таъминоти иљтимої, роњи оњан ва ѓайра мављуданд. Чунин таљриба буљети мудофиаро тањриф мекунад ва ба парламент ва љомеа имкон намедињад, ки харољоти њаќиќии мудофиаро арзёбї намоянд.
- **Суст будани ВАУ.** Бештари кишварњо воситањои ахбори умумии суст доранд (дар назар дошта мешавад норасоии салоњият ва захирањо), ки пурра ва дуруст њодисањои бахши амниятро назорат бурда наметавонад, дар натиља, љомеа аз гирифтани маълумот оид ба фаъолияти интихобкунандагон ва бахши амният мањрум аст.
- **Норасоии ваќт барои тафтиши љиддї.** Чї тавре, ки дар боло ќайд гардида буд, норасоии ваќт барои тафтиши буљети мудофиа ба самаранокии назорати парламентї таъсири манфї расонида метавонад.
- **Норасоии инфраструктура, салоњият ва њайати кормандон.** Бештари парламентњо норасоии омилњоеро њис мекунад, то ки ба њамаи талаботњои барои таъмини масъулияти њокимияти иљроия дар назди одамон, ки ба онњо он бояд хидмат кунад, љавобгў бошад.

## Назорати буљет дар давлатњое, ки раванди демократизатсияро мегузаронанд

Мављи демократї, ки солњои 1990 асри гузашта тамоми Аврупоро гирифта буд, нишон дод, ки инкишофи назариявї ва амалии фикри назорати парламентї барои давлатњое, ки роњи демократизатсияро интихоб кардаанд, ањамияти калон дорад. Блоки № 59. имкон медињад, ки ба љанбањои амалии соњаи буљети мудофиа дар давлатњои Аврупои Љанубу Шарќї аз наздик шинос шавем. Ин давлатњо барои ба даст даровардани ошкорбаёнї ва њисоботдињї дар доираи муттањидии системањои сиёсии худ саъю кўшиши зиёде ба харљ медињанд.

Блоки № 59

## Намунаи буљети мудофиа дар баъзе кишварњои Аврупои Љанубу Шарќї (то соли 2001)

**Албания.** Дафтари оид ба идоракунии буљет моњи октябри соли 2000 таъсис дода шуд. Њуљљатњо дар соњаи сиёсати мудофиа, ки дар он талаботи бахши мудофиа то соли 2008 муайян гардидаанд, ба табъ расиданд. Вазорати мудофиа барои раванди буљет масъул аст.

**Болгария.** Дар давоми 10 соли охир буљети мудофиа дар Ассамблеяи миллї муњокима мегардад (парламенти Болгария). Дар натиља Ассамблея оњиста-оњиста имкониятњои худро дар масъалаи назорати бахши амният бењтар мекунад.

**Хорватия.** Буљет аз тарафи њукумат тањия мегардад ва барои тасдиќ ба парламент пешнињод карда мешавад, баъд дар «Китобчаи расмї» чоп карда мешавад. Раванди тањияи буљет аз моњи июл то ноябр тўл мекашад ва он аз тарафи вазоратњои молия ва амният низ баррасї мегарданд. Парламент танњо доир ба маблаѓи умумии хароҷот барои мудофиа ќарор ќабул мекунад, аммо ваколатдор нест, ки ба сохтори буљет дахолат кунад.

**Љумњурии Македония.** Вазорати мудофиа таклифњо омода мекунад, ки ба вазорати молия пешнињод мегардад. Дар ин марњила муколама бо дигар вазоратњо барќарор мегардад, ки маќсади он баробар намудани буљет бо имкониятњои давлат мебошад. Баъди ин буљет ба њукумат пешнињод карда мешавад. Њукумат баъди ворид намудани эзоњот ва иловањо онро ба парламент пешнињод мекунад. Вазири мудофиа буљетро ба Кумита оид ба масъалањои сиёсати дохилї ва мудофиа пешнињод мекунад. Баъди овоздињї лоињаи Фармони президент омода мегардад. Буљет 2,12% аз ММД ташкил медињад.

**Руминия.** Аз соли 2000 инљониб вазорати мудофиа аз системаи банаќшагирї, барномасозї ва ташаккули буљет ва арзёбї истифода мебарад. Яке аз маќсадњои ин барнома таъмини ошкорбаёнии њамаи намудњои фаъолияти бахши амният мебошад. Ба њайати парламент якчанд комитетњо шомиланд, ки ба раванди ташаккули буљет љалб мегардаднд: мудофиа, тартиботи љамъиятї, буљет, молия ва фаъолияти бонкї. Дар вазорати мудофиа њамчунин департаменти мувофиќ мављуд аст, ки Департаменти оид ба алоќа бо парламент ва масъалањои ќонунгузорї, њамоњангї ва муносибатњои љамъятї ном дорад. Њуљљати асосї дар соњаи банаќшагирии мудофиа дар Интернет љой дода шудааст.

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Бахши амният дар доираи силсилаи буљетї

- Боварї пайдо намоед, ки парламент ба бахши амният дар чор марњилаи асосии силсилаи маъмулии буљетї диќќат медињад: тањияи буљет, тасдиќи буљет, иљро ва тафтиши хароҷот (аудит).

- Назорат аз тарафи муассисаҳои мувофиқи аудиторӣ таъмин карда шавад.
- Тафтишоти парламент ва дигар муассисаҳои назоратӣ бояд мақсадҳои сиёсиро бо талаботи буҷет ва натиҷаи ниҳоӣ (тафтиши иҷрои буҷет) бояд пайваст намоянд.

## Самаранокии фаъолияти парламент дар таъмини ошкорбаёнӣ дар соҳаи буҷети мудофиа

- Талаб намоед, ки буҷет мувофиқи принсипҳои ташаккули буҷет, ки дар ин қисм тавсиф дода шудааст, таҳия гардад.
- Кӯшиш намоед, ки аз коршиносони мустақил, ки ба парламент ва шумо кӯмак расонида метавонанд, мадад гиред. Онҳо метавонанд мансубият ва мувофиқатии хароҷотро дар соҳаи амният арзёбӣ намоянд ва аниқ кунанд, ки пешниҳодҳо дар шакли кушода пешниҳод гардидаанд ё не.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки хадамоти амният методҳои ҳозиразамони банақшагирии молиявӣ ва таҳияи буҷетро истифода мебаранд, ки ба парламент иҷозат медиҳад арзёбии ҳақиқии хароҷоти мудофиаро амалӣ гардонанд ва алоқаи байни мақсад, маблағҳои ҷудокарда ва истифодаи онҳоро фаҳманд.
- Ҳолати парламенти худро дар асоси принсипҳои, ки дар блоки №58 оварда шудаанд, тафтиш намоед ва бо ташаббусҳои барои шароити сиёсии шумо мувофиқ бо мақсади беҳтар намудани вазъият баромад намоед.

**Боби 24**

# Назорати харољоти милии буљетї барои амният

## Парламент ва нозироти миллї

Масъулияти парламент барои буљет дар соњаи амният дар марњилаи тасдиќшавї ба анљом намерасад. Парламент бояд оид ба назорат ва тафтишот ваколатњои шахсии худро муаяйн намояд бо назардошти он, ки пешнињоди њисоботњои пурра тафтишшуда љузъи таркибии раванди демократї ба њисоб меравад ва раванди аудит бояд њам тафтишоти нишондодњои миќдорї ва њам тафтишоти њолати иљрои онро дар бар гирад. Њисобњо ва њисоботњои солонаи хадамоти амният сарчашмаи муњим барои аъзои парламентњо барои арзёбии харољот дар соли молиявии љорї ба њисоб меравад.

Вазифаи худро оид ба назорат иљро карда истода, парламент бояд кўмаки институтњои мустаќил, муассисањои миллии аудиторї (баъзан ин аудитори генералї, муасиссаи миллии тафтишотї, идора оид ба масъалањои буљет ё палатаи њисоботї буда метавонанд) истифода барад, ки бояд мувофиќи ќонуни конститутсионї њамчун институти мустаќили тобеи њокимияти иљроия, ќонунгузор ё судї набуда, таъсис дода шавад.

Парламент бояд эътимод дошта бошад, ки аудитори генералї:

- ✓ Аз тарафи парламент таъин карда мешавад ва мўњлати муаяйни адои хизмат дар ин вазифаро дорад;
- ✓ восита ва захирањои ќонунгузор ва амалї барои иљрои мустаќили вазифањои худ дорад;
- ✓ ваколат дорад, ки ба парламент ва комитети буљет дар бораи мушкилоти харољот њама ваќт њисобот дода мешавад.

Парламент бояд боварї њосил намояд, ки иљозатномањои ќонунї мављуданд ва онњо дар њолатњои ришвахўрї ва истифодаи ѓайримаќсадноки захирањо аз тарафи шахсони масъул ва сохторњои сиёсї истифода мешаванд. Парламент бояд бинад, ки дар мавриди содир намудани хато кадом чорањо андешида мешаванд.

**Блоки № 60**

### Аудитори генералї

«Дар мавриди хато, ки аз тарафи њокимияти иљроия, ќонунгузор ё судї содир карда мешаванд, аниќ маълум аст, ки аудитор бояд комилан мустаќил бошад. Вай барои иљрои вазифањои худ , ки аз се марњила иборат аст, захирањои зарурї дошта бошад:

➪

### Назорати молиявї

Аудитор бояд дурустї, рост будан ва пурра иљро намудани корњои молиявиро аз тарафи маќомоти њокимияти иљроия ва муассисањои љамъиятї тафтиш намояд. Вай бояд боварї њосил намояд ки њамаи амалиётњои молиявї мувофиќи њуљљатњои роњбарикунанда дар бораи истифодаи хазинањои љамъиятї амалї гардидаанд. Аудитор њамчунин бояд вазифаи назорати таќсимкунандагони хазинањои љамъиятиро амалї гардонад, ки онњо бояд барои воситањои пулие, ки дар ихтиёрї онњо њастанд дар мавриди аз вазифа рафтан ё озод шудан аз иљрои ўњдадорињои худ, љавобгў бошанд. Дар мавриди тасарруфи ѓайриќонунї ё коррупсия аудитор бояд дар бораи ин ба њокимияти судї маълумот дињад.

### Назорати мувофиќатї ба ќонун

Аудитор бояд мувофиќатии њамаи њарољот ва фоидаи љамъиятиро ба маќомоте, ки соњаи фаъолияти буљетиро ба танзим медарорад, тафтиш намояд.

### Таъмини истифодаи дурусти њамаи хазинањои љамъиятї

Дар замони мо вазифаи аудитор аз таъмини истифодаи дурусти хазинањои љамъиятї дар асоси меъёрњои зерин иборат аст:

i) **Арзиши пул:** таъмини истифодаи маблаѓњои људошуда мувофиќи нишондодњои чї миќдорї ва чї сифатї;

ii) **Таъсирбахшї:** мувофиќатии маќсадњои гузошташуда ба вазифањои иљрошуда;

iii) **Самаранокї:** муайн намудани иситфодаи дурусти захирањо барои ба даст овардани натиљањо.

Чунин тафтишот бо ташаббуси аудитор ё бо дархости парламент гузаронида мешавад».

*Сарчашма: Иќтибос аз маърўзаи семинари Иттињоди байнипарламентї оид ба масъалањои парламент ва наќши он дар раванди тањияи буљет, Бамако, Мали, ноябр, 2001*

## Назорати аудитории буљети соњаи амният дар амал

Дар амал барои парламент назорати буљети соњаи амният раванди мушкил аст. Вай тањлили натиљањои тафтиши соњањое, ки бевосита ё бавосита ба амният дахл доранд, дар бар мегирад: савдо, саноат, алоќа, созишномањои молиявї. Мушкилоти асосї барќарорсозии алоќаи байни соњањои фаъолияте мебошанд, ки ба њам дахл надоранд.

Вазоратњое, ки чун анъана нисбати бахши амният асосї ба њисоб мераванд – мудофиа, корњои дохилї, сиёсати саноат, алоќа, молия – бояд мунтазам ба парламент маърўзаи муфассал дар бораи харољоти маблаѓњои људошуда пешнињод намоянд. Тартиби аз тарафи парламент истифодашуда дар бар мегирад: њисоботњои солонаи департаментњо, аз тарафи кумитањои парламентї тањлил намудани њар як созишномаи молиявї, тафтишоти солонаи њисобњои њар як вазорат, муњокимаранињои парламентї оид ба њар як вазорат ва муассисањо.

Раванди аудиторї бояд ба парламент имконияти арзёбї намудани силсилаи буљетиро аз рўи меъёрњои зерин таъмин намояд: ќонуният, муносибати дуруст дар истифодаи маблаѓњои људошуда ва самаранокии ба даст овардани маќсадњои муаяйн.

**Блоки № 61**

## Наќши Идораи аудитории миллии Британияи Кабир дар назорати парламентии бахши амният

Идораи аудитории миллии Британияи Кабир њамчун сохтори мустаќил соли 1983 таъсис дода шудааст ва аз тарафи аудитории генералї идора карда мешавад ва ба парламент дар бораи њароҷоти њукуматї њисобот медињад. Идораи мазкур назорати молиявиро назорат мекунад ва дар бораи мувофиќатии истифодаи маблаѓњои пулї њисобот медињад.

▷ **Аудити молиявї**

Мувофиќи ќонун нозир ва аудитории генералї якҷоя бо Идораи аудитории миллї барои тафтишоти њисобњои њамаи сохторњои њукуматї ва муасисањо ҷавобгў мебошад ва ба парламент њисобот медињанд. Ба мисли дигар аудиторњо Идораи аудитории миллї (ИАМ) барои арзёбии дурустии натиҷањои тафтишоти гузаронидашуда ҷавобгў мебошад. ИАМ њамчун тасдиќ мекунад, ки њамаи додугирифтњо, ки дар њисоботњо нишон дода шудаанд ба маблаѓњои тасдиќнамудаи парламент мувофиќат мекунад. Агар ИАМ њодисањои номувафиќатињоро ошкор намояд, нозир ва аудитории генералї бояд фикри худашро изњор намояд. Дар он ҷойњое, ки далели истифодаи маблаѓњо аз рўи таъиноташон вуҷуд надошта бошад, нозир ё аудитории генералї бояд маърўза барои парламент оид ба дигар мушкилоти муњим омода намояд. Чунин маърўзањо аз тарафи кумитаи оид ба њисобњои умумии палатаи община баррасї шуда метавонад.

▷ **Аудити истифодаи мувофиќи маблаѓњои пулї**

Њар сол ба парламент ќариб 50 маърўзаи нозирон ва аудиторони генералї оид ба масъалаи истифодаи маблаѓњои пулї пешнињод мегарданд, ки бо ёрии онњо њукумат ва дигар сохторњои ҷамъиятї натиҷањои муайянеро ба даст овардаанд. ИАМ тафтишот гузаронида, оид ба сарфакорї, самаранокї ва маќсаднокии хароҷоти ҷамъиятї њисобот медињад. Дар маърўза мисолњои чї истифодаи нодурусти пулњо ва чї муваффаќиятњо ќайд шуда метавонанд: њамзамон ба пешнињоди тавсияњо, ки ба ба даст овардани натиҷањои бењтарин равона гардидаанд, диќќати асосї дода мешавад. ИАМ чунин њисоб мекунад, ки агар њукумат њамаи тавсияњои онро, маълумотњои се соли охирро иҷро намояд, пас 1,4 миллиард фунт стерлинг сарфа карда мешавад. арзёбии маблаѓњои пулї, ки солњои охир ба мудофиа харҷ гардидаанд, чунин лоињаро ба монанди, таъмин бо чархболњо, барќарорсозї ва таъмири таҷњизотї болоизаминї, ихтисори захира ва таъмири бинои асосии вазорати мудофиаро дар бар мегирад. ИАМ њамчунин оид ба рафти 30 лоињањои нави калонтарин оид ба харид њисобот медињадї.

▷ **Муносибатњои мутаќобила бо парламент дар доираи силсилаи њисоботдињї**

Муносибатњои мутаќобила бо парламент, махсусан бо Комитети оид ба њисобњои ҷамъиятии палатаи общинањо асосї мебошад. Аз рўи маќом, нозир ва аудитории генералї намояндагони расмии палатаи обшинањо ба њисоб меравaнд ва њамаи корњои муњими онњо ба парламент пешнињод карда мешаванд. Силсилаи њисоботдињї низ њамин тарз амал мекунад. Баъди он, ки сохтори муайяни ҷамъиятї маблаѓњои пулї сарф кард, аудитории генералї ё нозир ба парламент дар бораи ќонунї будани он, дурустї ва баҷо будани ин хароҷотњо њисобот дода метавонад. Комитет оид ба масъалаи њисобњои ҷамъиятї ба маълумоти шахсони расмии асосї хулоса ва тавсияњои худро мерасонад, ки ба онњо њукумат бояд ҷавоб дињад. Ба замми ин, ИАМ ба беш аз 400 дархостњои шахсї аз номи аъзои парламент оид ба мушкилоти хароҷоти ҷамъиятї ҷавоб медињад.

*Сарчашма: Том МакДоналд,*
*аудитории калон оид ба масъалањои мудофиа, ИАМ, Британияи Кабир, 2002*

# Љузъњои асосии идорањои аудиторї

Идораи аудиторї яке аз маќомњои асосии назорати парламентї ба њисоб меравад. Бо маќсади самаранок будан он бояд фаъолияти зеринро амалї гардонад:

- ✓ Ба комитети парламентї оид ба масъалањои њисобњои љамъиятї , ки аз комитети буљет бояд људо бошад, њисобот дињад;
- ✓ Бояд ба њуљљатњои махфї дастрасї дошта бошад, то ки дар бораи ќарорњои дар ин соња ќабулгардида маълумот дошта бошад, лекин ин маълумотро на бояд фош кунад;
- ✓ Дар ихтиёри худ барои гузаронидани экспертиза дар соњањои гуногун мутахассис дошта бошад, аз он љумла дар соњаи амният, идораи захирањои мудофиа, љанбањои техникї, молиявї ва њуќуќї.

**Блоки № 62**

## Парламенти Гурљистон ва назорати буљет

Дар охири соли 2001 аъзои парламенти Гурљистон ќарор ќабул намуданд, ки муњокимаронии лоињаи буљети соли 2002-ро аз сабаби розї набудан бо раќамњои асосї, њамчунин аз сабаби норасоии ваќт барои муњокимаронињо то як моњ дароз карданд, чунки њукумат ба парламент лоињаи буљетро дер пешнињод намуд. Дар баробари ин, Вазорати мудофиаи Гурљистон бо кўмаки экспертони ИМА барномаи аввалини буљети мудофиаро тањия намуданд. Аъзои парламент имкон доштанд, ки љузъњои сохтории асосиро арзёбї намоянд ва фикру аќидаи худро оид ба харољоти њарбї баён намоянд. Ба замми ин, лоињаи буљет ба стандардњои ТШАШ мувофиќат мекард – вай ба се ќисми асосї таќсим карда шуда буд: таъмини њайати шахсї, нигоњ доштани омодагии љангї, сармоягузорї.

Аз нуќтаи назари назорати парламентї, мушкилоти асосї дар он буд, ки парламент буљетро дар охири моњи январи соли 2002 тасдиќ намуд, ва: А) президент, вазири молия ва вазири мудофиа оид ба масъалаи њарољоти мудофиа нуќтаи назари гуногун доштанд; б) дар лањзаи охир ба њаљми харољоти буљетї таѓйирот ворид гардид, ки ба ќонунгузорон фањмонида нашуда буд; в) аъзои парламент дар бораи ихтисори њайати шахсии Вазорати мудофиа ва таъсири молиявии он маълумот надоштанд. Дар баробари ин пешнињодњои буљетии он вазорату корхонањое, ки ба лоињаи ќонун дохил карда нашуда буданд, аз назорати парламентї дар канор монданд.

Дар натиља барномаи буљети мудофиа ќатъї вайрон гардид, чунки парламент ба харољоти њарбї танњо 38 миллион лари гурљї тасдиќ кард, њол он ки аз рўи барнома 71 миллион пешбинї шуда буд. Вобаста ба ин президент ва Шўрои амнияти миллии Гурљистон ќарор ќабул мекунад, ки хазинањои буљетиро дар байни сохторњои гуногуни њукуматї чї тавр таќсим намоянд. Парламент аз ин имконияти хуб барои амалигардонии назорати демократї тавассути механизми парламентии муњокима ва тасдиќи буљет истифода бурда метавонист.

*Сарчашма: Давид Дарчиашвили,*
*роњбари шўъбаи тадќиќотњои парламентии парламенти Гурљистон, 2002*

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Аудити самараноки мустаќил ва назорат

- Эътимод дошта бошед, ки таъсиси муасиссаи олии нозиротї бо конститутсия ё ќонунгозрї пешбинї шудааст, ки дар он бояд пешбинї гарданд:
  - хусусият ва маќсади муносибатњои мутаќобилаи муассисаи миллии нозиротї ва парламент;
  - дараљаи зарурии мустаќилияти муассисаи миллии нозиротї, аз он љумла мустаќилияти молиявии кормандони он ва роњбарият;
  - парламент бояд љавобњои њукумат ва љорањои андешидаро , баъди он ки аз тарафи муасисаи нозиротї ва комитети парламентї оид ба масъалаи њисобњои љамъиятї њисоботњои мувофиќ омода гардиданд, аз нав дида бароядва назорат кунад.
- Тафтиш намоед, Ки дар ќонунгузории Миллии шумо ва фаъолияти амалї принсипњои Изњороти Лима оид ба таъсиси фаъолияти аудиторї инъикос ёфтаанд ё не. Ин изњорот дар вараќаи электронии Созмони байналмилалии муассисањои олии аудиторї дастрас аст: www.intosai.org.

## Тафтишоти дурустї, мувофиќатии ќонун ва иљро

- Боварї дошта бошед, ки муассисаи миллии назоратї њамаи се љанбаро дар бар мегирад, ваќте ки сухан дар бораи масъалаи амният меравад.
- Боварї дошта бошед, ки њатто агар раванди тафтиши хароїот дар соњаи амният баъди вуќўи њодиса ба амал ояд њам, парламент хулосањои даркорї мебарорад ва онњоро дар муњокимаронињои нави хароїоти соњаи амният ба инобат мегирад.
- Бештари њисоботњои аудитї танњо бо масъалањои молиявї мањдуд мебошанд. Шахсони масъули аудит бояд, агар сохтор дар масъалаи мутахассисон танќисї кашад, ўњдадорињои худро аз рўи лоињањои махсус иљро кунанд ё барои арзёбии мустаќил азхидмати мушовирон истифода намоянд.
- Шахсони масъули аудит бояд муассисањои молиявии хадамоти махфиро тафтиш намоянд.

## Ќисми VII

# Захирањои инсонї дар соњаи амният:

## таъмини кордонї ва назорати демократї

**Боби 25**

# Мусоидат намудан ба тасдиќи арзишњои демократї дар сохтори амният

Ба таълимоти демократї њамаљониба мусоидат намуда, бо ин роњ ба ташаккулёбии мафкураи њарбиён таъсир расондан лозим аст, то ин ки њарбиён бо љомеа ба таври муќаррарї муттањид гардида тавонанд ва њолате ба миён наояд, ки њарбиён ба демократия бо хавфе тањдид оранд. Дар њаќиќат, таљрибаи мамлакатњои љањон аз он шањодат медињад, ки њангоми идоракунии нокифоя ва мављуд набудани назорати демократї, яъне дар мавриди муттањидии нопурраи љомеа, њарбиён бо роњњои зайл ба демократия тањдид карда метавонанд:

- ✓ бо роњи амалиёти ѓайриконститутсионї, њатто ташкили табаддулоти њарбї;
- ✓ љорї намудани фаъолияти ѓайриќонунии тиљоратї;
- ✓ истеъмоли миќдори зиёди беасоси захирањо, ки барои соњањои дигари љомеа заруранд;
- ✓ суиистифода аз хазинањои љамъиятї;
- ✓ вайрон намудани њуќуќњои инсон (аз он љумла, ѓоратгарї, уздї, берањмии аз њад зиёд ва зўроварї).

## Механизмњои тасдиќи арзишњои демократї дар байни намояндагони бахши амният

Ташакулёбии тамоюли демократии намояндагони ќуввањои мусаллањ таъсиси механизмњоро дар доираи ташкилотњои њарбї пешбинї менамояд, ки ба зиёд шудани њурмату эњтиром нисбати арзишњои демократї ва институтњо, њамчунин принсипњои бо њуќуќњои инсон алоќаманд мусоидат менамояд. Чунин механизмњои дохилї барои пуррагардонии назорати парламентї, њукуматї ва шањрвандии ќуввањои мусаллањ заруранд. Љузъњои зайл барои тасдиќи муносибатњои демократї нисбат ба љомеа дар байни њарбиён кўмак расонидан метавонанд.

### Содиќ будан ба конститутсия ва муассисањои давлатї

Роњбарии дуруст дар бахши амният – љорї намудани арзишњои њидмат расонидан ба љомеа ва этикаро дар бар мегирад, ки ба волоияти ќонун, њурмати конститусия ва муассисањои давлатї асос меёбад. Њарбиён ва дигар муњофизони асосњои демократии љомеа бояд ќасам ёд кунанд, ки на ба ин ё он пешвои сиёсї, балки ба конститутсия ва муассисањои давлатї, содиќ мемонад. Чунин ќасамњои «бешахси» садоќат аз он шањодат медињанд, ки сохторњои барои амнияти давлат масъул на ба ягон њукумати муайян, балки ба конститутсия ва ќонунњое, ки аз тарафи намояндагони ваколатдори халќ ќабул шудаанд, содиќанд. Назорати шањрвандии бахши амният њамчунин дарки табиати махсус доштани ќасами њарбиро ва барои таъмини иљрои он чї кор анљом дода шудааст, пешбинї мекунад.

### Таркиби дурусти дохилии бахши амният

Аз нуќтаи назари назорати демократї такмили базаи ќонунгузорї ањамияти њалкунанда дорад, ки он таркиби дохилии бахши амниятро ба танзим медарорад. Он чорањои зайлро дар бар мегирад:

- ✓ мањдудияти њуќуќњои конститутсионии афсарон;
- ✓ ќабул кардан ё аз нав баррасї намудани ќонун дар бораи хизмати њарбї, ќонун дар бораи адои хизмат, кодекси њарбии љиноятї бо назардошти доираи ќонунии созишномањои Женева;
- ✓ вазифадор будани њайати шахсї барои иљро накардани фармонњое, ки бар хилофи ќонунанд.

Дар ваќте ки конститутсияњои аксари мамлакатњо њуќуќ ва озодињои асосии њамаи шањрвандонро кафолат медињанд, ќонунњои дахлдор метавонанд чунин њуќуќњоро барои хизматчиёни њарбї мањдуд гардонанд, агар инро иљрои вазифањои муайяни њарбї талаб намояд. Њамин тариќ, умуман, хизматчиёни њарбї дорои њуќуќњое мебошанд, ки шањрвандон чунин њуќуќњоро доранд, чунки онњо низ шањрванд мебошанд, аммо дар либоси њарбї. Аммо, мањдудияти њуќуќњои онњо метавонад ба озодии сухан дахл дошта бошад, чунки хидматчиёни њарбї ба маълумотї махфї; озодии таѓйири макон дастрасї доранд, зеро дар ин њолат сухан дар бораи дастгирии амният ва омодагии њарбї меравад; ва њамчунин њуќуќњои ба вазифаи сиёсї интихоб шудан низ ба ин дахл доранд. На њамаи давлатњои демократї якзайл њуќуќњои шањрвандии хизматчиёни њарбиро мањдуд мекунанд. Масалан, дар давлатњои Скандинавия, Олмон ва Нидерландия хидматчиёни њарбї њуќуќ доранд, ки иттифоќњои касаба таъсис дињанд ва ба он шомил гарданд. Дар дигар кишварњо ба хизматчиёни њарбї танњо њуќуќи таъсис додани иттињодияњои намояндагї ва ба онњо шомил шудан дода мешавад. Дар њама гуна њолат мањдудиятњо дар ќонунњои мувофиќ ва дигар њуљљатњои меъёрї, ки бевосита ба маќоми махсуси хизматчиёни њарбї ва системаи амнияти миллї дахл доранд, аниќ муайян гардидаанд.

## Иттињодия ва иттифоќњои њарбии намояндагї

Дар аксари мамлакатњо њарбиён (ки ба хизат даъват шудаанд ё ба таври ихтиёрї ба он шомил гардидаанд) њуќуќ надоранд, ки иттифоќњои касаба таъсис дињанд ва ё барои њифз намудани манфиатњои худ ба онњо дохил шаванд. Далели оддии зидди итифоќњо барои њарбиён њамин чиз ба њисоб меравад, ки онњо метавонанд интизом ва тартибро дар ќуввањои мусаллањ вайрон кунанд. Баъзе давлатњо шарту шароити моддаи 11 созишномаи Аврупо оид ба масъалаи њуќуќњои инсон ва озодињои фундаменталиро риоя намуда, ба њарбиёни худ иљозат медињанд, ки иттињодияњои намояндагї ё њатто иттифоќњо барои њарбиён таъсис дињанд ва ба онњо дохил шаванд (Австрия, Белгия, Дания, Ирландия, Люксембург, Олмон, Нидерландия, Љумњурии Чехия, Финляндия, Венгрия, Норвегия, Португалия, Федератсияи Россия, Словения, Словакия, Шветсия ва Шветсария). Иттињодияњои намояндагї ё иттифоќњо барои њарбиён дар ин мамлакатњо њуќуќ доранд, ки бо вазири мудофиа маслињат кунанд, баъзеи онњо бошанд њатто њуќуќ доранд, ки шарту шароити адои хизматро муњокима намоянд. Дар њама гуна њолат ин созмонњо ва иттифоќњо дар зоњир намудани ѓамхорї нисбати саломатї ва амнияти њарбиён ва њар як хизматчии њарбї

кўмак мерасонанд, масалан, дар ваќти ба миён омадани бањсњои њуќуќї байни хизматчиёни њарбї ва роњбарияти онњо. Дар Аврупо ду созмоне, ки ба масъалаи њифзи њуќуќњои хидматчиёни њарбї машѓуланд, фаъолият мекунанд. Дар Брюсел созмоне зери унвони «Euromil» вуљуд дорад. Ин ягона созмони аврупоие мебошад, ки ба масъалаи њифзи њуќуќњои хидматчиёни њарбї, новобаста аз маќоми онњо машѓул аст. Созмони дуюми аврупої ки дар Стокголм љойгир аст, «Шўрои Аврупої оид ба масъалаи ташкили даъватшудагон» ном дорад.

**Блоки № 63**

## Тавсияњои Шўрои Аврупо оид ба њуќуќњои иттињодияњо барои њарбиёни кадрї

1. Ассамблеяи парламентї даъват ба амал меорад (…), ки дар шароити мўътадил њуќуќи њарбиёни кадрї ба иттињодияњо, бо манъ намудани њуќуќ ба корпартої (…) эътироф карда шаванд…
4. Дар солњои охир баъзе давлатњо-аъзои иттињод ба системаи пуррагардонии ќуввањои мусаллањи худ аз рўи шартнома гузаштаанд. Дар натиљаи чунин гузариш хизматчиёни њарбї њарчї бештар хизматчиёни «касбї» ва вазорати мудофиа – корфармои онњо гардидаанд. Њамин тариќ, хизматчиёни њарбї њуќуќ доранд, ки аз њамаи њуќуќњои хизматчиёни њарбии аз тарафи созишномањои Аврупо оид ба масъалаи њуќуќњои инсон ва хартияи иљтимоии Аврупо муќарраргардида истифода баранд.
5. Дар њолате, ки ќуввањои мусаллањ дар амалиёти љангї иштирок намекунанд, намояндагони ќуввањои мусаллањ њамчун «шањрвандон дар либоси њарбї» дар давраи адои ўњдадорињои њарбии худ бояд аз њуќуќњо барои таъсис додан, дохил шудан ва фаъолона иштирок намудан дар иттињодияњои махсус, ки барои њифзи манфиатњои касбии онњо дар доираи муассисањои демократї таъсис дода шудаанд, истифода баранд.
6. Хизматчиёни њарбї бояд ба монанди дигарон аз њамаи њуќуќњо истифода баранд, аз он љумла њуќуќи дохил шудан ба њизбњои ќонунии сиёсї.
7. Ассамблея ба кумитаи вазирони Шўрои Аврупо тавсия медињад, ки бо намояндагони давлатњо-аъзо вохўрињо гузаронанд:

- i. дар бораи ба намояндагони ќуввањои мусаллањ ва хизматчиёни њарбї иљозат додан барои таъсис додани созмонњои намояндагї бо њуќуќи гузаронидани гуфтушунидњо оид ба масъалаи пардохтани музди мењнат ва шароити кор;
- ii. барои бекор кардани мањдудиятњои зиёдатї дар бораи њуќуќњои таъсиси иттињодияњо барои намояндагони ќуввањои мусаллањ;
- iii. барои ба намояндагони ќуввањои мусаллањ ва хидматчиёни њарбї иљозат додан барои ворид шудан ба њизбњои ќонунии сиёсї;
- iv. барои ворид намудани њуќуќњои мазкур ба њуљљатњои роњбарикунандаи њабї ва кодексњои давлатњо-аъзо;
- v. барои аниќ кардани имконияти таъсис додани идораи Омбудсмен, ки ба он љо хизматчиёни њарбї дар њолати ба миён омадани нофањмињои бо шароити кор ва дигар масъалањои хидматї алоќаманд муроҷиат карда метавонанд.

8. Ассамблея њамчунин бо кумитаи вазоратњо бо маќсади ворид намудани таѓйирот ба матни аз сари нав баррасишудаи хартияи иљтимоии Аврупо вохўрињо мегузаронад, аз он љумла моддаи 5 дар тањрири зайл ифода ёбад : « бо маќсади таъмин ва мусоидат намудан ба кормандон ва хидматчиён барои озодона таъсис додани созмонњои мањаллї, миллї ё байналмилалї барои њифзи манфиатњои иќтисодї ва иљтимої, њамчунин дохил шудан ба чунин созмонњо, тарафњо кафолат медињанд, ки ќонунгузории миллї онњоро аз чунин озодї мањдуд намекунад. Кафолате, ки аз рўи моддаи мазкур нисбати намояндагони политсия ва ќуввањои мусаллањ дода мешавад, бо ќонунгузории миллї ва њуљљатњои роњбарикунанда муайян мегарданд».

*Сарчашма: Тавсия 1572 (2002) Ассамблеяи парламентии Шўрои Аврупо, 3 сентябри соли 2002*

## Тањсилот њамчун раванди ташаккулёбии мутахассисон (коршиносон)

Тањсилот ва омодагии хидматчиёни њарбї ба ташаккули мутахассисони содиќ ва омодаи иљрои вазифањои худ бояд равона гардад. Тањсилот бояд аз љињати сиёсї беѓараз бошад ва набояд ба њељ ваљњ идеологияи сиёсї ва љузъњои ташвиќотро дар бар гирад. Он бояд курсњои демократия, њуќуќњои конститутсионї, байналмилалї ва умумибашарї, њамчунин њуќуќњои инсонро дар бар гирад. Ворид намудани масъалањои њуќуќњои байналмилалии умумибашарї ва њуќуќњои байналмилалии инсон ба барномањои таълим ва омодагии мутахассисон дар соњаи амният барои кўмак расонидан ба пањн намудани арзишњои демократї дар ин бахш нињоят муњим ба њисоб меравад. Барои ошно шудан бо њуќуќи байналмилалии умумибашарї ба аъзои парламент дастур барои аъзои парламентњо «Эњтиром нисбати њуќуќи байналмилалии умумибашарї», ки аз тарафи Иттињоди байнипарламентї ва Кумитаи байналмилалии Салиби сурх (Дастур №1) ба табъ расидааст, кўмак расонида метавонад. Чї кумитаи байналмилалии Салиби сурх ва чї намояндагии ваколатдори СММ оид ба њуќуќњои инсон ба мамлакатњое, ки хоњиши тањкими имкониятњои худро дар таъмини њурмату эњтиром нисбат ба њуќуќњои байналмилалї ва њуќуќњои инсон доранд, кўмаки техникї мерасонад.

## Бетарафии сиёсї ва дахолати суст

Сохторњое, ки барои амнияти давлат љавобгў мебошанд, бояд аз љињати сиёсї бетарафиро ишѓол намоянд, яъне ба њизбњои сиёсї иљозат дода намешавад, ки ба таблиѓот дар ќаламрави ќушунњои њарбї машѓул шаванд. Агар дар баъзе давлатњо ба њарбиёни кадрї дохил шудан ба њизбњои сиёсї иљозат дода шавад, пас дар дигар давлатњо, махсусан дар давлатњои собиќ коммунистї, ин кор барои хидматчиёни њарбї манъ аст. Масалан, дар Полша ба хидматчиёни вазорати корњои дохилї, хадамоти иктишофї ё политсия ба њизбњои сиёсї дохил шудан манъ аст. Дар бештари давлатњо њарбиён ба њайати парламенти миллї дохил шуда наметавонанд. Аммо дар баъзе давлатњо, масалан Олмон ва Нидерландия, хидматчиёни њарбие, ки дар хидмати њаќиќии њарбї њастанд, метавонанд аъзои ассамблеяњои мањаллї ё минтаќавї бошанд.

## Хадамоти амният њамчун оинаи љомеа

Умуман, њамаи вазифањо дар сохтори хидматие, ки барои амният љавобгў мебошанд, барои њамаи шањрвандон бояд кушода бошад, новобаста аз љинс, эътиќоди сиёсї, мансубияти синфї, нажод ё дин. Меъёри људо намудани хидматчиёни њарбї принсипи зерин буда метавонад: бењтарин мард ё зан дар бењтарин љой. Дар бештари давлатњо њаминро дарк мекунанд, ки њайати шахсии хадамоти амният, махсусан политсия ва ќувваҳои мусаллањ бояд сохтори љомеаро инъикос намояд. Чунин давлатњо сиёсати махсусро бояд бо маќсади њавасмандгардонии он ќисми ањолие, ки дар хадамоти зикргардида ба таври нокифоя нишон дода шудаанд, пеш баранд. Давлатњо ба онњо дар бо кор таъмин шудан кўмак мерасонанд.

## Ќонунигардонии итоат накардан ба амрњое, ки ќонунгузориро вайрон мекунанд

Маќом, миќёс, фаъолият, њамкорї, вазифа, ўњдадорї ва назорати њамаи хадамоти амният аз рўи ќонун ба танзим даровaрда мешавад. Агар гап сари хидматчиёни њарбї равад, њуљљатњои мувофиќи ќонунгузор, ба монанди ќарор дар борaи њайати кормандони њарбї ё кодекси љиноии њарбї сарњади фармонњоро муаяйн мекунанд, ки онњоро бояд аскарон (хидматчиёни њарбї) иљро намоянд. Дар бештари давлатњо ин ќонунњо њар як командирро ўњдадор менамояд, ки њуќуќи ќонунро бо додани фармон риоя намоянд ва бо њамин роњ ваколати командирро мањдуд мекунад. Аз ин бармеояд, ки хидматчии њарбї њуќуќ дорад фармони ѓайриќонуниро (љиноиро) иљро накунад; ягон хидматчии њарбї амалиёти худро бо истинод ба фармоне, ки ба ў командир додааст, такя намуда, амалиёти худро сафед карда наметавонад; хидматчии њарбї ўњдадор нест фармонњоеро иљро кунад, ки ба хидмат алоќаманд нест ё шаъну шарафи инсонро паст мезанад. Ин маънои онро дорад, ки хидматчии њарбї њама ваќт барои амалиёти худ масъул аст, њатто агар ў аз командир фаромн гирифта бошад.

Ниятњои роњбарияти олии њарбиро оид ба пањн намудани маълумот дар борaи он, ки ба фармонњо ва амалиётњои ѓайридемократї, ѓайриконститутсионї, бадахлоќонаи хидматчиёни њарбї иљозат дода нашавад, дастгирї кардан зарур аст. Ин барои ќуввањои мусаллањи собиќ давлатњои диктаторї ањамияти махсус дорад. Масалан, баъди он, ки Аргентина ба принсипњои демократї баргашт, генералњои олимаќоми Аргентина эълон намуданд, ки «натиља ба сарфи маблаѓ дуруст намеояд», «њамаи он касоне, ки амрњои бадахлоќона медињанд ё ба чунин фармонњо тобеъ мешаванд – ќонунро вайрон мекунанд».

Бо чунин изњорот роњбарияти олимаќом фањмонд, ки њар як хидматчии њарбї барои љиноят ва њуќуќвайронкунињо шахсан масъул аст ва ба он такя намуда, ки вай фармони (ѓариќонунии) роњбарияти худро иљро кардааст имконияти худро сафед кардан надорад,.

Ба замми ин, барои пешгирї намудан ва мубориза бурдан бар зидди бе љазо мондан, ба он боварї пайдо намудан зарур аст, ки њар як вайронкунии фаъолияти касбї ва дигар вайронкунињои њукуќи байналмилалии башарї ва њуќуќњои инсон аз тарафи маќомоти салоњиятдори маъмурї ё судї љазо дода мешавад.

## Муаяйн намудани меъёр барои таъин намудани роњбарияти олимаќом дар соњаи амнияти давлатї

Вазифањои олї дар хадамоти амният, аз ќабили сарфармондењи ќуввањои мусаллањ ё директори хадамоти иктишофї аз тарафи кабинети вазирон ё Вазири мудофиа таъин мегардад. Дар баъзе давлатњо чунин вазифањои баланд мавзўъи муњокимаронихо ва/ё тасдиќи парламент мебошанд. Гарчанде ки роњбарияти олї аз тарафи намояндагони ѓайринизомии њокимияти сиёсї таъин гардад њам, меъёри аз њама муњим дар давраи таъин бояд сифатњои касбї бошад.

## Хидматчиёни давлатї дар вазифањои баланди соњаи амният

Дар кори амалигардонии идоракунии мувофиќ яке аз омилњои асосї бояд он бошад, ки сохторњое, ки барои амнияти давлат љавобгў њастанд, аз ќабили ќуввањои мусаллањ, бояд дар байни роњбари олии худ хидматчиёни давлатиро низ дошта бошанд. Сабаби асосии чунин талабот он аст, ки вазири дахлдор бо-

яд аз маслиҳатҳои на фақат генерал, балки шахсони ғайринизомӣ низ истифода барад, ки ин раванди боз ҳам мувофиқи қабули қарорро таъмин менамояд.

# Ахлоқи касбӣ

Ахлоқи касбӣ ба фаъолияти касбӣ ва сиёсати мувофиқ асос меёбад. Ҳарбиён бояд бо мароқи том бо муассисаҳои давлатӣ ҳамкорӣ намоянд ва мувофиқи конститутсия фаъолияти худро амалӣ гардонанд: онҳо ҳамчунин бояд ба хидмат содиқ бошанд, ӯҳдадориҳои худро самаранок иҷро намоянд, аз ваколатҳои худ суиистифода накунанд ва воситаҳои давлатиро аз рӯи таъиноташон истифода баранд. Зарур аст, ки ахлоқи касбӣ на маҷбурӣ, балки бо розигии ихтиёрӣ муаяйн гардад. Розигии ихтиёрӣ маънои онро дорад, ки ҳарбиён нисбати конститутсия ва муассисаҳои миллӣ муносибати мусбӣ доранд, чунки онҳо арзишҳои демкоратии ҷомеаро қабул карданд.

Бештари давлатҳо Кодекси рафторро тасдиқ карданд, ки рафтори ҳарбиёнро муаяйн менамояд. Таҷрибаи олмонӣ дар блоки № 64 оварда шудааст.

**Блоки № 64**

## Роҳбарият ва таҳсилоти шаҳрвандӣ дар қувваҳои мусаллаҳи Олмон: принсипҳои «роҳбарикунии дохилӣ»

«(...) Мақсади «роҳбарияти дохилӣ» ба қадри имкон паст намудани дараҷаи шиддатнокӣ ё низоъҳо, ки байни ҳуқуқу озодиҳои шахсии хидматчиёни ҳарбӣ ҳамчун шахрвандон аз як тараф, ва талаботи аз тарафи онҳо иҷрои ӯҳдадориҳои хидматӣ аз тарафи дигар, ба миён меоянд, мебошад. Рафтори афсарони олимақом бояд пур аз ҳурмату эҳтироми инсон бошад, ки принсипи асосии тартиботи конститутсионии мо мебошад (…).
Моҳияти дохилии ин муқаррарот – мусоидат ба муттаҳидии бундесвер бо давлат ва ҷомеа ҳамчун муассиса умуман, ва ҳамчун ҳар як хидматчии ҳарбӣ ҳамчун шаҳрванди алоҳида мебошад. (…) Мақсади ин раванд ба бундесвер имкони «давлат дар дохили давлат» шуданро нadодан аст, ки ин хатарест, ки ба қувваҳои мусаллаҳи ҳар як давлат хос аст (…).
«Роҳбарияти дохилӣ» мақсадҳои зерин дорад:

- Аз тарафи ҳайати кормандони шахсӣ пурра дарк намудани базаи сиёсӣ ва қонунгузории бундесвер, ҳамчунин мақсад ва моҳияти миссияҳои ҳарбии он;
- Мусоидат намудан ба ҳамгироии бундесвер ҳамчун муассиса ва ҳайати кормандони шахсии он бо давлат ва ҷомеа, ҳамчунин кӯмак расонидан ба бохабарӣ ва маълумотнокии шаҳрвандон дар бораи вазифаҳои бундесвер;
- Ҳавасмандгардонии хоҳиши ҳарбиёне, ки нисбати ӯҳдадориҳои худ боадолатона муносибат мекунанд, ҳамчунин дастгирии интизом ва муттаҳидӣ дар қувваҳои мусаллаҳ;
- Боварии комил доштан, ки сохтори дохилии қувваҳои мусаллаҳ дар асоси ҳурмату эҳтироми инсон, сохти қонунӣ ва конститутсионӣ таъсис дода шудааст, бо ҳамин тарз ба иҷрои самараноки вазифаҳои он аз тарафи қувваҳои мусаллаҳ мусоидат мекунад (...)»

*Сарчашма: www.bundestag.de*

Дар сатҳи байналмилалӣ ду Кодекси рафтор таҳия гардидаанд, ки дар онҳо низомнома дар бораи ахлоқи касбии хидматчиёни ҳарбии давлатҳои демократӣ муаяйн гардидаанд. Якум, дар соли 1996 Ассамблеяи генералӣ Кодекси байналмилалиро барои шахсони масъули мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (ниг. Блоки

№ 65) тасдиќ намуд. Кодекс характери умумї дошта, онро на танњо нисбати шахсони низомї, балки нисбати тамоми хидматчиёни њарбї, ки дар маќомоти њифзи њуќуќ кор мекунанд, истифода бурдан мумкин аст.

**Блоки № 65**

## Кодекси рафтори кормандони маќомоти њифзи њуќуќ бо ќарори

**Ассамблеяи генералии СММ 34/169 аз 17 декабри соли 1979 ќабул гардидааст**

**Моддаи 1** – хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ бояд њама ваќт ўњдадорињои худро иљро намоянд, ки барои онњо бо ќонунгузории амалкунанда муайян гардидаанд ва хидмат ба љомеа ва њифзи шањрвандон аз амалиётњои ѓайриќонунї, бо назардошти дараљаи баланди масъулиятнокї барои амалиётњои худ, пешбинї мекунад.
**Моддаи 2** – њангоми иљрои ўњдадорињои хидматї хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ бояд ќадру ќимти инсонро њурмат ва муњофизат намоянд ва њуќуќњои инсонро таъмин ва дастгирї намоянд.
**Моддаи 3** – хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ њуќуќ доранд, ки дар њолатњои зарурї ё дар доираи иљрои ўњдадорињои хидматии худ аз ќувва истифода баранд.
**Моддаи 4** – њуљљатњои характери махфидошта, ки дар ихтиёри хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ њастанд, бояд махфї нигоњ дошта шаванд то он даме, ки зарурати хидматї ба миён наояд ё барои амалигардонии адолат чунин њуљљатњо барои маќомоти судї зарур бошанд.
**Моддаи 5** – ягон хидматчии маќомоти њифзи њуќуќ њуќуќ надорад, ки ягон намуди зўроварї ё тањќирро истифода барад, фитна ангезад, ба зўроварию тањќир роњ дињад ё муносибати тањќиромез кунанд ё љазо истифода барад. Хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ њамчунин њуќуќ надорад барои сафедкунии зўроварї ё тањќир, муносибати даѓал ё тањќиромезона ё љазо ба фармон аз боло ё чунин шароитњои истисної, ба монанди вазъияти њарбї ё тањдиди њарбї, тањдиди амнияти миллї, мутташанилљии сиёсии дохилї ё њолатњои фавќулодда истинод намоянд.
**Моддаи 6** – хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ бояд муњофизати пурраи шахсони дар зиндон бударо таъмин намоянд ва дар њолатњои зарурї барои расонидани кўмаки тиббї чорањо андешанд.
**Моддаи 7** – хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ набояд амлиётњои бо коррупсия алоќаманд содир намоянд. Онњо бояд бо чунин амлиётњо мубориза ќатъї баранд.
**Моддаи 8** – хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ бояд ќонун ва кодекси мазкурро њурмат намоянд. Онњо бояд тамоми саъю кўшиши худро бањри бартараф намудани ќонунвайронкунињо равона кунанд. Хидматчиёни маќомоти њифзи њуќуќ, агар асос дошта бошанд, ки ќонунгузории амалкунанда вайрон карда шудааст, бояд фавран ба роњбарияти олимаќом ва аз рўи зарурат ба хадамот ва маќомоти дахлдоре, ки ваколатњои мувофиќ доранд, маълумот дињанд.

*Эзоњот: њар як моддаи Кодекси рафтор эзоњотро дар бар мегирад, ки дар ќисми мазкур љой дода нашудаанд.*
*Барои маълумоти иловагї шумо ба сайти зерин мурољиат карда метавонед: www.UN.org*

Кодекси дуюм ин Кодекси рафтори САЊА оид ба љанбањои њарбї-сиёсии амният мебошад (ниг. Блоки № 66). Он ба хидматчиёни њамаи созмонњо ва муассисањои бахши амният равона гардидааст ва шарту шароити роњбарикунандаи њайати шахсии ќуввањои мусаллањро ифода мекунад. Мувофики Кодекси мазкур хидматчиёни њарбї бояд принсипњои ќонуният, демократия, бетарафї, эњтироми њуќуќњои инсон ва њуќуќи байналмилалии башарї риоя кунанд. Дар Кодекси мазкур таъкид карда мешавад, ки хидматчиёни њарбї барои вайрон намудани њуќуќи башарї шахсан љавобгў мебошад. Њамин тариќ, ин њуљљат ба он масъалањое дахл дорад, ки одатан ба њуќуќшиносии дохилии давлат

дахл доштанд. Аз ин рӯ, Кодекси мазкур қадаме ба пеш дар он соҳаи ҳокимияти давлатӣ аст, ки то айни замон аз дахолат муҳофизат карда мешавад. Аз лаҳзаи ба имзо рассидани Кодекси мазкур аз тарафи давлатҳо-аъзои САҲА соли 1994 таҳия ва муқаррарот оид ба интихоби ҳайати шахсии қувваҳои мусаллаҳ, таъсиси он ва омодагӣ, ҳамчунини идораи қушунҳо давом меёбад. Љузъи аз ҳама муҳим дар доираи Кодекси мазкур изҳорот дар бораи он, ки професионализатсияи минбаъдаи қувваҳои мусаллаҳ бояд бо назорати демократии мувофиқ ба мувофиқа оварда шавад, ба шумор меравад.

**Блоки № 66**

### Кодекси рафтори САҲА оид ба љанбаҳои ҳарбӣ-сиёсии амният (1994): муқаррароти асосӣ

- ▷ Консепсияи қушунҳои дохилӣ хадамоти иктишофиро, ташаккули ҳарбикунонидашуда ва политсияро дар бар мегирад. Ин муқаррароот ӯҳдадориҳои давлатро оид ба амалигардонии назорати демократии ин қувваҳо тавассути мақомоте, ки ваколатҳои мувофиқ доранд ва ин ваколатҳо бо қонунгузории амалкунандаи мувофиқ (банди 20-21) пешбинӣ шудааст, эълон мекунад.
- ▷ Қабули буљети ҳарбӣ ва муайян намудани маҳдудиятҳо ба хароҷоти мудофиа. Ошкорбаёнӣ, равшанӣ ва дастрасии умумии маълумот оид ба қувваҳои мусаллаҳ (банди 22).
- ▷ Бетарафии сиёсии қувваҳои мусаллаҳ.
- ▷ Ҳар як хидматчиёни ҳарбӣ барои вайрон намудани ҳуқуқҳои байналмилалии башарӣ (банди 31) љавобгӯ мебошанд.
- ▷ Қувваҳои мусаллаҳ дар давраи осоишта ва љанг мувофиқи муқарраророрти ҳуқуқи байналмилалӣ (банди 34) идора карда мешаванд, пурра карда мешавад ва муљҳаҳазонида мешаванд.
- ▷ Қувва ва воситаҳои қувваҳои мусаллаҳ барои иљрои вазифаҳо оид ба амнияти дохилӣ бояд ба меёрҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ љавобгӯ бошад. Қуваҳои мусаллаҳ бояд баҳри зарар наовардан ба аҳолӣ ё моликияти шахсии он (банди 36) чораҳои мувофиқ андешад.
- ▷ Истифодаи қувваҳои мусаллаҳ наметавонад иљрои осоишта ва ҳуқуқии ҳуқуқҳои конститутсионии инсонро маҳдуд созад ё комилии миллӣ, динӣ, фарҳангӣ, забонӣ ё этникии онҳо (банди 37) тааруз кунад.

*Сарчашма: иқтибос аз Кодекси рафтори САҲА. Қисмҳои VII, VIII.*
*Маълумоти иловагӣ дар сайти САҲА: www.osce.org ва сайти Кодекси рафтори САҲА: http//www.osce/.org.docs/english/1990-1999/summits/buda94e.htm#Anchor_COD_65130*

## Доираи ҳуқуқии ҳарбӣ

Талаботи интизоми ҳарбӣ бо муҳити махсус асос ёфтааст, ки дар он хидмати ҳарбӣ амалӣ мегардад. Нуқтаи назари шахсони низомӣ ва ғайринизомӣ оид ба далелҳои рафтори ғайримеъёрӣ (љиноии) мувофиқат намекунанд. Корманди ғайринизомӣ барои холӣ монондани љои кории худ ё иљрои бесифати кори худ ба љавобгарӣ кашида намешавад. Соҳибкор коргарро барои иљро накардани ӯҳдадориҳояш аз кор пеш карда метавонад ва барои минбаъд ба кор таъмин шудан метавонад тавсия надиҳад, лекин дар чунин ҳолат ба суд муроҷиат намекунад. Дар навбати худ, хидматчиёни ҳарбӣ мумкин аст барои холӣ монондани љои кори худ ё иљро накардани вазифаи худ мувофиқи талабот ва стандартҳои мављуда ба љавобгарии љиноӣ кашида шавад. Чунин рафтор на

танњо вайронкунии ўњдадорињо ба њисоб меравад, балки ба амният ва некўањволии дигар хидматчиёни њарбї тањдид мекунад. Ба дигар вайронкунињои њарбї, ки дар љомеаи шањрвандї эътироф намегарданд, дурўѓ гуфтан њангоми ба кор ќабул шудан, гурехтан аз хидмати њарбї, худсарона ќисмњои њарбиро тарк намудан, дур шудан аз роњи пешакї муаяйншуда, бењурматї нисбати афсарони калон, корпартої, кўмак ба душман ва хоб кардан дар љои навбатдорї ба њисоб меравад.

Масъалаи асосї дар ин соња муайян намудан, ки кадом љиноятњо ба доираи њуќуќии њарбї ва кадом љиноятњо ба доираи њуќуќии шањрвандї дахл доранд. Умуман, судњои њарбї бояд ба таври мањдуд истифода шаванд, судњои шањрвандї бошанд, дар он љое ки имкон аст, бояд наќши пеешбаранда дошта бошанд. Соњаи масъулиятнокии њуќуќи њарбї бояд бо он љиноятњое мањдуд бошад, ки њангоми иљрои ўњдадорињо содир карда шуда буданд.

Ќайд кардан зарур аст, ки дар бештари давлатњо судњои њарбї ќисми на маќомоти судї, балки маъмурии ќуввањои мусаллањ ба њисоб меравнд ва ба њокимияти иљроия таалуќ доранд. Ин он маъноро дорад, ки судњои њарбї мувофиќи муќаррарот ва талаботи конститутсионї дар бораи таъини судњо таъин карда намешаванд. Аммо дар ёд доштан зарур аст, ки дар њама мавридњо судњои њарбї бояд аз тарафи њокимияти судї назорат карда шаванд. Дар бештари давлатњо чунин натиља бо кўмаки таъсис додани судњои шахрвандии шикоятї њамчун маќоми шикоятї барои доираи њуќуќии њарбї ба даст оварда мешавад.

## Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

Эътимод дошта бошед, ки:

1. Хидматчиёни њарбї ќасам ёд мекунанд, ки на ба шахсони алоњида, балки ба конститутсия, ќонун ва муассисањои давлатї содиќ хоњанд буд.
2. Ба тањсилот њамчун меъёр ва арзиши муњими демократия, њуќуќњои шањрвандон ва башарї њамчун ќисми зарурии омодагии њарбї кўмак расонида мешавад.
3. Ба афсарон иљозат дода намешавад, ки узви парламент бошанд.
4. Ќабули аскарон ва афсарони нав мувофиќи меъёрњои кордонї амалї мегардад.
5. Ўњдадорињои хидматчиёни њарбї амр накардан ба фаромнњои ѓайриќонунї (љиної) ба расмият дароварда мешавад.
6. Ахлоќи њарбї бо иљрои ихтиёрии меъёрњои њуќуќї тавсиф меёбанд ва бо кодексњои мувофиќи рафтор таъмин мебошанд.
7. Соњаи масъулияти судњои њарбї аз рўи имкон мањдуд аст, ќарорњои онњо њама ваќт аз нав дар суди љиноии шањрвандї баррасї шуда метавонад.
8. Хадамоти њарбї њам аз рўи ќонун ва умуман, ба њар яке љузъи таркибии давлат (ниг. боби дар бораи тобеияти хидматчиёни њарбї) њисобот медињад: механизмњои дохилии њисоботдињї барои хадамоти амният аз рўи ќонун амалї мегардад, ки имкон медињад тафтишоти дохилии вайронкорињо гузаронида шавад ва шикоятњои љамъиятї баррасї гарданд, њамчунин гунањкорон љазо гиранд: назорати самаранокии истифодаи ин механизњо амалї мегардад. Ба назар гирифтан зарур аст, ки парламент тафтишоти мустаќилро талаб мекунад ва эътимод дошта бошед, ки гумонбаршудагон ба љавобгарї кашида мешаванд.

## Хуќуќњои шахрвандии хидматчиёни њарбї

- Аз тарафи ќонун мањдуд карда шудани њуќуќњои шањрвандии хидматчиёни њарбї маќсади таъмини омодагии љангї ва бетарафии сиёсии хадамоти амниятро дорад.
- Ба назар гирифтан зарур аст, ки њама гуна мањдудияти њуќуќњои шањрвандї бояд бевосита бо характер ва вазифањои хадамоти амният алоќаманд бошанд, яъне бо монополияи ќувва дар љомеа.
- Мањдудияти њуќуќњои шањрвандї бояд бо мављуд будани воситањои самараноки баррасии шикоятњо пурра карда шаванд.

## Ба фармон итоат кардан

- Таъмини ќонунгузории њуќуќњои хидматчиёни њарбї , аз он љумла даъватшудагон ба хидмати њарбї, оид ба итоат накардан ба фармонњои ѓайриќонунї ва бемаънї, њамчунин ба фаромнњое, ки хилофи њуќњои инсон ва башарї хастанд зарур аст.
- Боварї пайдо намоед, ки ин ўњдадорї мувофиќи низоми интизомї дар доираи хадамоти амният муќарра мегардад.

## Суиистифода аз ваколатњо ва коррупсия

- Дар мавриди ба миён омадани низоъњо дар хадамоти амният ё агар дар хадамоти амният њодисањои суиистифода аз ваколатњо, коррупсия ва дигар вайронкунињо љой дошта бошанд, фавран љорањои таъљилї андешед.
- Боварї пайдо намоед, ки тафтишоти пурра ва мувофиќ гузаронида шудааст ва дар њолатњои зарурї муљозот (љазо), ки аз тарафи сохтори салоњиятдор муайян гардиданд, дода шудааст.
- Ќонунгузорие ќабул намоед, ки ба хидматчиёни њарбї ва намояндагони дигар хадамоти амният дар дигар љой кор кардан ё ба фаъолияти тиљоратї шахсан ё дар њайати гурўњ/созмон машѓул шуданро иљозат намедињад.

**Боби 26**

# Сиёсати кадрї дар соњаи амният

Хизмати њарбї шакли фаъолиятест, ки дорои аломатњои махсуси корї, ба мисли хатари љонї, љойивазкунии доимї, бештари вакт дур будан аз оила ва монанди инњо мебошад. Намояндагони парламент бояд эътироф намоянд, ки хидмати њарбї ин фаќат «як шакли дигари фаъолият» нест. Идораи дурусти њайати шахсї бо назардошти даъват ба хидмат, интихоб, пуррасозї, пардохти музди мењнат, тањсилот ва низоми њавасмандгардонї барои инкишофи касбият дар соњаи амният наќши њалкунанда дошта, ба принсипњои демократия ва эњтироми волояти ќонун мувофиќ мебошад.

Намояндагони парламент бояд ташкил ва нигоњдории хадамоти амнияти касбиро назорат намоянд. Онњо бояд барои таъмини тањия ва наќшаи тарбияи њайати шахсї дар рўњияи демократї ва хидматчиёни касбї мусоидат кунанд. Онњо бояд минбаъд назорат намоянд, ки давлат нисбати хизматчиёни њарбї дар масъалаи музди мењнат, шароити кор, пардохтои пули дахлдор, нафаќа ва монанди инњо њамчун корфармои бовиљдон рафтор менамояд ё не.

**Блоки № 67**

## Идоракунии њайати шахсї : масъалањои асосї барои намояндагони парламент

Намояндагони парламент оид ба пешнињодоти зайли њукумат дар самти сиёсати кадрии хадамоти амният бояд иттилоъ дошта бошанд.

### Масъалањои сиёсати умумї

- Оё ба парламент дархост оид ба тасдиќи низоми сиёсати кадрии хадамоти амният њамчун ќисми таркибии низоми њарсолаи буљетї ва ё њуљљати људудогона ирсол мегардад?
- Оё сиёсати кадрї ва сохтори ќуввањои мусаллањ ба нишондињандањои воќеии буљет ва иќтидори иќтисоди миллї мутобиќат мекунад?

### Шумора ва шароити умумї

- Оё парламент барои сохторњое чун ќуввањои мусаллањ, политсия ва ё хадамоти иктишофї шумораи њадди нињоиро муайян мекунад?
- Оё парламент мўњлати нињоии дар рутбаи муайян буданро муќаррар менамояд?
- Оё оммаи васеъ барои шиносої пайдо намудан бо тамоми роњњои њалли масъалањои сиёсати кадрї имконият доранд?
- Оё парламент тамоми доир ба шумораи умумии хидматчиёни њарбии рутбањои гуногун, музди мењнат, ўњдадорињо, љойњои холї ва монанди инњо иттилооти заруриро мегирад?
- Оё омилњои иљтимоие ба монанди таќдири минбаъдаи хидматчиёни њарбї пас аз ба њайати эњтиётї рафтан њангоми ислоњоти сиёсии соњаи амният ба назар гирифта мешаванд?

## Даъват ва интихоб

- Барои ишѓоли њама гуна мансаб тамоми шањрвандон, аз љумла занон, имконияти баробар доранд ё не. Агар њა, пас дар ќонунгузорї муќаррар гаштааст ё не?
- Оё низоми интихоби њайати касбї барои хадамоти амният бар хилофи низоми пўшида, ки дар доираи он танњо ќишри муайяни ањолї метавонанд ба сафњои сохторњои ќудратї дохил шаванд, вуљуд дорад?
- Оё њангоми интихоби номзадњо меъёри касбї ба назар гирифта мешавад.?
- Оё дар хадамоти амният мансабњои холї бисёранд?
- Оё фоизи онњое, ки аз давои аввали интихоб намегузаранд, зиёд аст?

## Пурра кардан

- Оё принсипи асосї, ки мутобиќи он хидматчиёни њарбии ба хидмат даъватшуда њангоми хидмат барои хидматњо ва сифатњои шахсї ба вазифањои баландтар гузаронида мешаванд, воќеан амал мекунад?
- Оё низоми бањодињии даврии хидматчиёни њарбї амал мекунад?
- Оё низоми мазкур озод, воќеї ва одилона аст?
- Оё хадамоти амният барои болоравии мансабї имкониятњои диќќатљалбкунанада ва раѓбатовар фароњам меоварад?
- Оё барои хидматчиёни њарбї машѓул шудан ба кори дигари музднок манъ аст?
- Оё фармондењии олї дорои таљрибаи амалии хизмат дар вохидњои њарбї ва таљрибаи иштирок дар миссияњои сулњовар берун аз кишвар мебошад?
- Оё вазири мудофиа (ва ё дигар вазирони дахлдор) бо парламент ва ё кумитаи дахлдори парламент оид ба масъалаи таъини мансабдорони олии фармондењї машварат мероянд?

## Пардохти музди мењнат

- Оё маоши хидматчиёни њарбї дар муќоиса бо дигар касбњо барои мусоидат бо раќобат бо ширкатњои хусусї дар бозори мењнат басанда мебошад?
- Оё маош сари ваќт пардохт мешавад?
- Оё хизматчиёни њарбї барои хизматњо ва сифатњои шахсї подош мегиранд?
- Оё сифати иљрои ўњдадорињо аз љониби хидматчиёни њарбї ба андозаи музди мењнати онњо таъсир мерасонад?
- Оё низоми њавасмандгардонї барои иштирокчиёни он ва љомеа ошкорост?
- Чї дар низоми нафаќа ва механизми ба њайати эњтиётї баромадан боиси ташвиш аст?
- Оё низоми маош ва имтиёзњо дар њайати эњтиётї барои онњое, ки дар хидмат ќарор доранд, ќаноатбахш њаст?

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Вазифањо ва шумораи њайати шахсии хадамоти амният

- Эътимод дошта бошед, ки вазифањои ќуввањои мусаллањ ва њам шумораи онњо љавобгўи захирањои иќтисоди миллї мебошанд.

### Музди мењнати њайати шахсии хадамоти амният

- Эътимод дошта бошед, ки маоши хидматчиёни њарбї љавобгўи имкониятњои иќтисодии мамлакат мебошанд (вале дар айни замон вай бояд дар бозори мењнат њар чї бештар ба раќобат тобовар ва барои таъмини шароити арзандаи њаёт басанда бошад)
- Эътимод дошта бошед, ки музди мењнат мунтазам пардохта мешавад.
- Дар ёд дошта бошед, ки музди мењнати нокифоя метавонад хизматро дар сохторњои ќудратї ѓайри љолиби таваљљўњ намояд ва барои аз хидмат даст кашидани љавонони ихтисосманд мусоидат кунад.
- Дар ёд дошта бошед, ки дар чунин муњит музди мењнати номувофиќ ва/ё пардохти номунтазам метавонад боиси коррупсия ва ё њатто ришвахўрї ва зўроварї гардад.
- Афзалияти молиявї ва имтиёзњои хидматчиёни њарбї ва роњбарони онњо набояд ончунон бошад, ки боиси таваљљўњ пайдо намудани онњо барои барќарор ва нигоњдории нуфузи сиёсї гардад. Иттилоот дар бораи ин имтиёзњо бояд дастраси њамагон бошад ва худи онњо бояд бо афзалиятњо ва имтиёзњои дигар хидматчиёни давлатї баробар карда шаванд.
- Имтиёзњо бояд ба шароити махсус ва хатари хидмат, ки њангоми анљом додани амалиёт ба вуљуд меоянд, љавобгў бошанд.
- Барои мављудияти механизми ќаноатбахши гузаронидан ба њайати эњтиётї эътимод бояд пайдо намуд.

**Боби 27**

# Ўњдадории њарбї ва бинобар эътиќод саркашї кардан аз адои хизмат

Таќрибан конститутсияњои њамаи кишварњо дорои дастуроте мебошанд, ки дар онњо дар бораи њимояи давлат ќарзи њар як шаањрванд аст, сухан меравад. Дар баъзе мамлакатњо ин вазифа бо ќонуни лозима оид ба ўњдадории њарбї тасдиќ шудааст. Агар њукумати он кишвар зарур њисобад, њар як шањрванд барои хизмат дар ќуввањои мусаллањ дар њар лањза бояд омода бошад. Даъват ба хизмати њарбї ва иљрои ўњдадории њарбї (асосан барои мардон) одатан мутобиќи консититутсия муаяйн карда шуда, њамеша бо ќонуни лозимае, ки ќоидањои зеринро муќаррар менамояд, тасдиќ карда мешавад:

- Кї бояд хизмати њарбии њатмиро иљро кунад;
- Давомнокии хизмат;
- Шароит барои тамдиди мўњлати даъват/аз хизмат озодкунї;
- Тартиботи давъат;
- Муљозот барои саркашї аз хизмат;
- Њадди поёнї ва нињоии синнусоли даъватшаванда.

Ба ѓайр аз ин, дар ќонунњои лозимаи бисёре аз мамлакатњо њуќуќи бинобар эътиќод саркашї кардан аз адои хизмати њарбї, инчунин имконияти адои хизмати њарбии алтернативї эътироф карда шудааст.

## Манфиат ва матлубияти даъват

Зиёда кишварњо сиёсати доштани артиши иборат аз аскарони даъватшавандаро давом дода истодаанд. Яке аз сабабњои асосии ин падида аз он иборат аст, ки онњо даъватро њамчун љузъи боарзиши демократї ва маданияти миллї мењисобанд, њарчанд имрўз дар бисёри аз кишварњои дуне маќсаднокии даъват дар зери шубња ќарор дорад. Масоиле, ки дар баррасии манфиат ва матлубияти даъват пешнињод мегарданд, бо махсусиятњои нави низоъњои њарбї сабаб шудаанд. Баъзе кишварњо аллакай ин тарзи даъватро барњам додаанд ва ё дар давраи дарояндаи наздик барњамдињї ќарор доранд. Њатто Фаронса, ки дар таърихи муосир оид ба даъват ба артиш нахустин аст, онро дар соли 2001 бекор кард. Баъзењо фарорасии ќуввањои мусаллањи аз љињати андоза бузургро, ки љои онњоро ќўшунњои мобилии начандон калони бо дастовардњои илму техникаи муосир муљањњаз ва ба таври ихтиёрї мураттабшударо ишѓол менамоянд, пешбинї кардаанд.

**Боби № 68**

### Шароити хизмати њарбї дар мамолики гуногун

Синнусоли даъватї: дар аксар кишварњо синнусоли даъватї аз 18-солагї, лекин дар баъзе аз кишварњо аз синни 16, 17,18,19 ва 20 оѓоз меёбад. Алон дар баъзе мамолик занњоро низ ба хизмати њарбї даъват мекунанд.

Мўњлати хизмат: одатан он аз шаш моњ то се сол давом меёбад.

Саркашї аз хизмат ва хизмати алтернативї: ќариб нисфи давлатњои дуне маќоми чунин шахсонро эътироф намуда, дорои низоми хизмати алтернативї мебошанд.

Дар бисёр маврид муљозот барои саркашї аз хизмати њарбї мањкумият аз озодї (њабс) ба њисоб меравад.

*Сарчашма: Маърўзаи котиби генералї,*
*ки мутобиќ бо ќарори Комиссияи 1995/83, UNHCR , 1997. E/CN. 4\1997 омода карда шудааст*

# Љанбањои мусбат ва манфии даъват

Њангоми тањлили љонбањои мусбат ва манфии ўњдадории њарбї вакилони парлумон бояд ба масоили зерин диќќати љиддї дињанд:

## Барои чї ўњдадории њарбї њифз нигоњ дошта мешавад?

Ин асосњо ба нафъи ўњдадории њарбї мебошанд:

- ✓ Одатан даъват бо ѓояњои демократї тарѓиб карда мешавад, зеро ин вазифаи ќонунї ва љавобгарии маънавии њар як шањрванд (асосан љинси мард) ба њисоб меравад ва инчунин аз он сабаб, ки даъват баробарии њамаи он касонеро, ки ба онњо таалуќ дорад, таъмин менамояд: њама ўњдадоранд хизмат кунанд, новобаста аз табаќа, эътиќод ва ё нажод (дар баъзе мамолик ин ўњдадорї њам ба занњо ва њам ба мардњо таалуќ дорад).
- ✓ Даъватшудагон чунин шањрвандон дар либоси њарбї мебошанд, ки будани онњо барои «давлат дар дохили давлат» нашудани онњо ёрї мерасонад. Ўњдадории њарбї метавонад њамин тариќ њалќа дар байни љамъият ва ќуввањои мусаллањ бошад.
- ✓ Дар маљмўъ артиш, ки дар он даъватшудагон адои хизмат мекунанд, аз аскарони шартномавї арзонтар аст, чуноне ки маоши аскарони даъватшуда аз маоиши аскарони кироя паст аст.
- ✓ Даъват одамонро аз њамаи ќишрњои ањолї љамъ мекунад. Њамин тавр, даъватшудагон бо худ ба ќуввањои мусаллањ гуногунии асосњои таълимї ва таљрибаи корї, аз муњосиб ё муњандис то челонгар ё фермерро меоранд. Ќуввањои мусаллањ метавонанд мутахассисњои таълимдида ва ќувваи кориро њам њангоми иљрои взифањои даврони осуда ва њам дар он љое, ки онњо барои барќароркунии инфра-структура ва ободонии кишварњои аз таъсири низоъ зарардида љалб мешаванд, хеле хуб истифода баранд.

## Барои чї аз ўњдадории њарбї саркашї мекунанд?

Тадќиќоти мо вобаста ба масоили даъват дар тамоми љањон аз сабабњои асосии зайли баохиррасии давраи артишњои бузург, мутобиќан низоми ўњдадории низоми њарбї, башорат медињад:

- ✓ Дар давоми 25 соли охир, махсусан пас аз итмоми «љанги сард» ќуввањои мусаллањи бисёр кишварњо ихтисор шуданд, ки ба камшавии шумораи даъватшудагон барои адои хизмат дар артиш зарар расонд. Кишварњои минтаќаи Аврупо ва Атлантика њарчанд ќуввањои мусаллањи худро ихтисор карда бошанд њам, кишварњои Осиёю Африќо шароитњои замонавиро бобати кам кардани шумораи артишњояшон пас аз «љанги сард» нокифоя истифода мебаранд.
- ✓ Ќуввањои мусаллањ рўз то рўз касбї ва бо технолгияи муосир муљањњаз мегарданд. Бо маќсади он, ки аскарон низоми мураккаби муосири аслињаро аз худ кунанд, омўзиши бардавом талаб карда мешавад. Азбаски аскари навдаъватшуда маъмулан он ќадар дер хизмат намекунад, ки ин низомњоро аз худ кунад, артиш њамарўза ба аскарони касбии кироя талабот пайдо мекунад.
- ✓ Вазифањои сулњљўёна на танњо мањорати касбї, балки малакаи махсусро дар гуфтушунидњо ва ѓайра таќозо менамояд. Бисёре аз даъватшудагон барои аз худ кардани малакаю мањорати зарурї бобати иљрои вазифањои њимояи сулњ дар мамолики низоъ вуљуддошта, хизматро дар муддати хеле кўтоњ адо мекунанд.
- ✓ Дар баъзе кишварњо конститусия барои њифзи њудуди миллї истифодаи даъватшудагонро комилан бо манъи густурдани љузъњои онњо дар хориљи кишвар мањдуд мекунад.

**Блоки № 69**

### Таъќиби даъватшудагон

Одатан дар байни даъватшудагони хурду калонсол дараљаи мартабаи ѓайрирасмї (иерархия) вуљуд дорад. Ана њамин дараљаи ѓарирасмї ањамияти калон дорад, зеро даъватшудагони калонсол ба даъватшудагони хурдсол ќоида ва анъанањои њарбиро меомўзанд. Ин њамчунин ба сохтори иљтимоии њарбиён таъсир мерасонад. Лекин дар њолатњои зиёд даъватшудагони калонсол дараљаи мартабавии ѓарирасмиро ба манфиати шахсии худ истифода намуда, даъватшудагони хурдсолро барои иљрои корњои шахсї ва ўњдадорињояшон маљбур карда, онњоро таъќиб мекунанд.
Агар афсарон ба таври лозима њолати зикршударо назорат накунанд, минбаъд ин њолат аз назорат дур шуда, њолате ба вуљуд меояд, ки даъватшудагони хурдсол мавриди таъќиботи, фишори љисмонї ва тарсондан ќарор мегиранд. Мувофиќи маълумоти Шўрои аврупоии ташкилоти даъватшудагон, таъќиботи дъватшудагон аз масоили умда барои онњо ба њисоб меравад. Чунин таъќибот баъзан ба зарари вазнини љисмонї оварда мерасонад, ки дар навбати худ мумкин аст ба маъёбї, марг ва ё њатто ба худкушї оварда расонад. Бо маќсади њимояи даъватшудагон ва баландбардории шаъни хизмати њарбї таъќибот бояд бо ёрии назорати ќатъї аз љониби афсарон тасдиќ карда шавад. Ба ѓайр аз ин, ташкилоти назораттари дохила ва беруна бояд бо тартиби судї њолатњои фавќуллодаро таъќиб намуда, њукми ќонунро дар доираи хизмати њарбї барќарор кунанд.

*Сарчашма: Илона Кисс.*
*Њуќуќњои даъвтшудагон дар њолатњои осуда, 2001, дар сайти www.dcaf.ch, www.xs4all.ne/ecco/*

## Саркашї кардан аз хидмати њарбї бинобар эътиќод ва хидмати алтернативї

Ба дигар талаботњои ахлоќї , ба монанди дин (накуш) ё эътиќоди шахсї (ќабул накардани зўроварї) такя намуда, баъзе одамон муќобили ўњдадорињои худ дар масъалаи њифзи ватан баромад мекунанд. Дар натиља, чунин одамон барои иљро накардани фармонњои давлат ба љавобгарї кашида намешаванд, аз љумла њукми ќатл.

Дар нимаи дуюми асри гузашта фикр дар бораи њуќуќ ба саркашї кардан аз хидмати дар ќуввањои мусаллањ ва аз бо худ нигоњ доштани яроќ ба миён омад ва васеъ истифода мешуд; дар баъзе давлатњо чунин њуќуќ бо санадњои ќонунгузории мувофиќ мустањкам гардид. Тамоюли њарбии њатмї бо хатми хидмати њарбии њатмї дар баъзе давлатњо аз рўи ваќт рост омад (Британияи Кабир, Оллмон, Ирландия, Нидерландия, Белгия, Люксембург, Фаронса, Италия ва Португалия).

Шахсонеро, ки аз хидмати њарбї саркашї мекунанд, њамчун шахсоне, ки зидди бо худ гардонидани яроќ, омодагии њарбї ва хидмат њастанд, муайян кардан мумкин аст. Гарчанде бештари онњо шуурона амал кунанд њам, онњо сабаб-њои гуногуни динї, фалсафї ё сиёсї барои чунин эътиќод дошта метавонанд.

## Ќарори парламент

Аз сабаби он ки саркашї кардан аз хизмати њарбї васеъ пањн гардида истодааст, парламентњои баъзе давлатњо ќарор доданд, ки шартњое, ки мувофиќи он шањрвандон аз хидмати њарбї озод шуда метавонанд, дар асоси ќонун пешбинї намоянд. Чунин ќонунњо дар ИМА ва њамаи давлатњои Авру-пои Ѓарбї, аз он љумла дар Юнон ќабул гардиданд. Юнон соли 1997 маќоми чунин шахсонро эътироф намуд.

Дар давлатњое, кки маќоми шахсони аз хидмати њарбї даст кашидаанд, эъти-роф нагардидааст, онњо бо тартиби судї барои фирор ё хиёнат ба љавобгарї кашида мешаванд.

Барои ин ду љиноят љазоњои сахт пешбинї шудаанд. Дигар давлатњо барои чунин шахсон категорияи махсуси љиної (саркашї) ворид кардаанд, ки одатан дар кодексњои њарбї муаяйн шудаанд.

## Эътирофи маќоми шахсоне, ки аз хидмати њарбї даст кашидананд: кї ва дар кадом асос њал менамояд?

Тартибот барои таснифи саркашї аз хидмати њарбї бинобар эътиќод одатан чунин далелњоро дар бар мегирад: чї тарз шахс ба чунин фикр омад, чї тарз чунин эътикод ба њаёти ў таъсир мерасонад, чї тарз чунин эътиќод бо хидмати њарбї мувофиќат намекунад. Одатан, ќарор дар бораи ба шахси даъватшуда додани чунин маќом аз тарафи Комиссияе, ки ба вазорати мењнат (Швейсария, Болгария), вазорати корњои дохилї (Словения) ё вазорати адлия (Хорватия) тобеъ аст, ќабул мешавад.

# Саркашї кардан аз хидмати њарбї бинобар эътиќод њамчунњуќуќи инсон

Моњи апрели соли 2000 мутобиќи принсипњои дар ќарори 1998/77 муаяйнгардида, Комиссияи СММ оид ба њуќуќњои инсон бе овоздињї ќарори 2000/34 ќабул намуд, ки њуќуќи њар як шахсро ба саркашї кардан аз аз хидмати њарбї бинобар эътикод њамчун амалигардонии ќонунии њуќуќ ба озодии сухан, номус ва дин мутобиќи Изњороти умумии њуќуќњои инсон ва Конвенсияи байналдмилалии њуќуќњои сиёсї ва шањрвандон эътироф менамояд. Соли 1993 Комитети СММ оид ба њуќуќњои инсон эътироф намуд, ки саркашї кардан аз хидмати њарбї бинобар эътиќод аз моддаи 118 конвенсия бармеояд, чунки «ўњдадории истифодаи ќувваи марговар ба озодии сухан, номус, эътиќоди динї ва мазњаб мухолиф аст». Кумитаи мазкур изњор намуд: «Ваќте ки њуќуќ бо ќонун ё дар амал эътироф гардидааст, тањќири онњое, ки аз хидмати њарбї бинобар эътиќод даст кашидаанд, манъ аст».

**Блоки № 70**

## Ќарори Комиссияи СММ оид ба њуќуќњои инсон 1998 /77: саркашї кардан аз хидмати њарбї бинобар эътиќод

Комиссия (…),

*бо назардошти* он, ки дар Изњороти умумии њуќуќњои инсон ва конвенсияи байналмилалии њуќуќњои сиёсї ва шањрвандї эътироф гардидааст, њар шахс ба њаёт, озодї, њуќуќ ба озодии сухан, номус ва дин њамчунин њуќуќ ба поймол накардани њуќуќ дорад (…).

*бо эътирофи* он, ки саркашї кардан аз хидмати њарбї бинобар эътиќод бо принсип ва сабабњои номус асос ёфтааст, аз он љумла эътиќоди комил, ки аз маќсадњои динї, этикї, башарї ё ба ин монанд бармеоянд, (...)

1. диќќатро ба он љалб менамояд, ки њар шахс сабабњои бошуурона барои саркашї кардан аз хидмати њарбї њамчун истифодаи ќонунии озодии сухан, номус ва динро дорад ва он дар моддаи 18 Изњороти умумии њуќуќњои инсон ва моддаи 18 изњорорти умумии њуќуќњои инсон ва 18 Конвенсияи байналмилалии њуќуќњои шањрвандї ва сиёсї муаяйн гардидааст;
2. он далелро дастгирї мекунад, ки баъзе давлатњо ќонунї будани рад кардан аз адои хидматро ќабул кардаанд ва њуќуќњои чунин шањрвандонро мањдуд намекунанд;
3. ба давлатњое, ки чунин низом надоранд, тавсия медињад, ки сохторњои мустаќил ва бонуфуз, ки ќодир бошанд ќарор ќабул кунанд ва дар мавридњои алоњида майян намоянд, ки дасткашї аз хидмати њарбї ба эътиќоди ахлоќї мувофиќат мекунад ё не (дар баробари ин талаботро оид ба роњ надодан ба тањќир аз рўи эътиќод ба инобат гирифтан зарур аст) таъсис дињанд;
4. ба давлатњое, ки дар он низоми њатмии хидмати њарбї вуљуд дорад ва дар онњо муќаррароти зикргардида тасдиќ нагардидаанд, тавсияњои худро дар бораи ба чунин шахсон пешнињод намудани шаклњои гуногуни имконпазири хидмати характери шањрвандї доштаро, ки ба сабабњои саркашї аз хидмат љавобгў мебошанд, ёдрас менамояд.

➪

5. таъкид менамояд, ки давлатњо бояд аз зиндонї намудани шахсоне, ки бинобар эътиќод аз хидмати њарбї даст кашидаанд, худдорї намоянд ва ёдрас менамояд, ки ягон касро дубора барои вайронкорї љазо додан мумкин нест, агар чунин шахс аллакай љазо гирифт ё мувофиќи ќонун ва тартиби љиноии њар як давлат бегуноњ њисобида шуд (...)

*Сарчашма: Ќарори 1998/77, Комиссия СММ оид ба њуќуќњои инсон*

# Хидмати алтернативї

Бештари давлатњое, ки маќоми шахсони аз хидмати њарбї абинобар ээътиќод саркашї карадро эътироф кардаанд, аз рўи ќонун ба љои хидмати њарбї хидмати алтернативиро пешнињод мекунанд. Хидмати алтернативї ду модели асосї дорад:

- ✓ Хидмат дар ќуввањои мусаллањ бо манъи бо худ нигоњ доштани яроќ;
- ✓ Кор дар муассисањои таъминоти иљтимої, ба монанди беморхонањо, кўдакистонњо, муассисањо барои маъюбон ва ѓайра, њамчунин баъзан дар созмонњи ѓайридавлатї ё байнињукуматї.

Одатан, хидмати алтернативї нисбат ба њарбї дарозтар аст. Масалан, дар Фаронса он то 20 тўл мекашад, њарбї бошад – танњо 10 моњ; дар Австрия 12 ва 7 мутаносибан; Дар Болгария хидмати алтернативї 24 ва њарбї аз 6 то 9 моњ давом мекунад.

**Блоки № 71**

## Хидмати алтернативї: таљрибаи Швейтсария

Швейтсария яке аз он давлатњои ками Аврупои ѓарбист, ки то њозир дар он даъват ба хидмати њарбї амал мекунад. Он аз рўи конститутсия (моддаи 59.1.), Ќонун «Дар бораи созмони њарбии давлат» (1995) ва Ќонун «Дар бораи хидмати њарбї» (1995) муаян мегардад. Ин ўњдадорї ба њамаи мардони синнашон аз 20 то 42 ва онњое, ки унвони њарбї доранд то 55 сола дахл дорад. Хидмати ибтидоии њарбї чор моњ давом мекунад, љамъ се њафта њар ду сол, љамъ тирпаронињои њамасола.

Мувофиќи Ќонун «Дар бораи хидмати алтернативї»1996 њуќуќ барои даст кашидан аз хидмати њарбї бинобар эътиќод, сабабњои этикї, ахлоќї-фалсафї ва динї муайян гардид. Вазорати саноат ва мењнат аризањоро ќабул мекунад, ки онњо аз тарафи комиссия иборат аз 3 нафар баррасї мегарданд. Ин се нафар тавассути эълон дар газетањо аз байни 120 нафар интихоб карда мешаванд Маќоми дасткашида аз хидмати њарбиро таќрибан 5 фоизи мардони синнашон ба хидмати њарбї расида мегиранд. Он шахсоне, ки ба онњо чунин маќом дода намешавад, лекин зидди хидмати њарбї баромад кардан мегирад, мумкин аст ба муддати 4 ё 5 моњ зиндонї карда шавад.

Онњое, ки чунин маќомро соњиб гаштаанд, бояд ба љои хидмати њарбї хидмати шањрвандї гузаранд. Чунин хидмат дар њама гуна муассисаи љамъиятї ё хусусї, ки ба манфиати љамъият хидмат мекунанд, масалан, дар беморхонањо, марказњои љавонон, муассисањои илмї-тадќиќї, сохторњи иќтисодї ва ѓайра 450 рўз давом мекунад.

*Сарчашма: Бюрои Аврупо оид ба даст кашидан аз хидмати*

# Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

## Даъват: «тарафдор» ё «зид»?

- Шароити давлатро ба назар гирифта, њамаи пешнињодро хуб дида бароед: «тарафдор» ё «зид» .
- Вобаста ба ин њамаи навиштаљоти ин бобро дар ёд гирифтан ва роњњои истифода бурданиро онро дар давлати шумо љустан зарур аст.
- Масъалаи пешнињоди тавсияњо оид ба таъсиси чунин сохтор ва ба он додани ваколат, масъалаи зўроварї ё муносибати паст бо даъватшудагон баррасї карда шавад.

## Маќоми дасткашидагон аз хидмати њарбї бинобар эътиќод

- Маќоми њуќуќии шахсонеро, ки аз хидмати њарбї бинобар эътиќод даст кашидаанд, тафтиш кунед ва дар њолатњои зарурї имконияти тањия ва ќабули ќонунгузорї ё тањкими ќонугузории мављударо баррасї намоед.
- Вобаста ба ин таъмин намудани маълумот дар бораи муносибатњо, базаи ќонунгузорї ва шароити кор дар дигар давлатњо.

## Хидмати алтернативї

- Маълум намоед, ки ќонунгуории давлати шумо хидмати алтернативиро пешбинї мекунад ё не ва дар њолатњои зарурї имконияти тањия ва ќабули чунин ќонун ё тањкими ќонунгузории мављударо баррасї намоед.
- Вобаста ба ин таъмин намудани маълумот дар бораи муносибатњо, базаи ќонунгузорї ва шароити кор дар дигар давлатњо.

## Муносибати паст ва тањќиромез бо навдаъватшудагон

- Агар даъватшудагон ба муносибати дағалона, тањќир ё зўроварї дучор гардида бошанд, фавран чорањои амалї андешидан зарур аст.
- Эътимод дошта бошед, ки тафтишоти пурра гузаронида мешавад ва њангоми зарурат, аз тарафи маќомоти салоњиятдор љазои мувофиќ муайян карда мешавад ва он зуд амалї мегардад.

## Ќисми VIII

# Захирањои маводї:

## амалигардонии назорати самараноки интиќол ва хариди яроќ

**Боби 28**

# Хариди яроќ ва техникаи њарбї

Сиёсат дар соњаи хариди яроќ бояд аз рўи манфиатњои болої ва самтњои асосии сиёсат , ба монанди консепсияи амнияти миллї ё доктринаи њарбї амал кунад. Њамаи масъалањои оид ба яроќњои нав ва техникаи њарбї бояд бо назардошти таъсири онњо ва маќсаднокии он дар соњаи сиёсати амнияти миллї тањлили карда шаванд.

Консепсияи амнияти миллї дар ба даст овардани устувории раванди идоракунии мудофиа кўмак мерасонад ва пешгўињоро дар ќабули ќарорњои дарозмуддат оид ба мушкилоти мудофиа баланд мебардорад. Зарур аст, то ки маќсадњои сиёсати миллии соњаи мудофиа ба захирањое, ки барои соњаи амният људо карда шудаанд, мувофиќ кунанд ва њамчунин зарур аст тавозуни байни бахши мудофиа ва љамъиятї риоя гардад.

## Ошкорбаёнї њангоми хариди яроќ

Дар њар як давлати тараќќиёфта раванди коркарди буљет умуман, ва хариди яроќ аз он љумла бояд кушода бошад ва ба љомеа њисобот дода шавад. Аз нуќтаи назари њисоботдињї ба љомеа бояд алоќаи оќилонаи байни сиёсат, банаќшагирї, буљет ва хариди яроќ вуљуд дошта бошад. Мутаасифона, дар бештари давлатњо парламент њуќуќи мањдуди овоз дар масъалаи хариди яроќ дорад, агар умуман дошта бошад.

Њангоми људо намудани маблаѓ ё додани иљозат барои хариди яроќ зарур аст, ки парламент ќонунияти амалиётро тафтиш кунад, махсусан ќонунњои байнал-милалї ва шартномањо, ки истењсол, харидуфурўш ё истифодаи намудњои алоњидаи яроќњоро мањдуд мекунад, ба монанди шартнома дар бораи пањн накарди яроќ (1968), Конвенсияи Оттава дар бораи манъи истифода, љамъ намудан, истењсол ва интиќоли минањои зидди аскари пиёда ва барбоддињии онњо (1997, ќарори Шўрои Амният СММ ва ѓайра, ба назар гирад.

Парламентњо њамчунин њангоми зарурати гузаронидани банаќшагирии анъ-анавии харољот барои ба даст овардани тањњизоти зарурии њарбї барои дав-раи дарозмуддат ба мушкилињо дучор шуда метавонанд. Ин мамлакатњои тараќќї ёфта истода ва кишварњоеро, ки низоъњоро аз сар гузаронидаанд, ба имконнопазирии муќобилият нишон додан ба интиќолчиёни дохила ва берунии яроќњо, ки ба фурўши мањсулоти худ ба нархи нињоят баланд манфиатдоранд ва онњоро талаботњои назорати демократї ба ташвиш намеорад, меорад.

Вобаста ба ин парламентњо дар таъсиси кумита ва зеркумитањо оид ба масъ-алањои хариди яроќ манфиатдор мебошанд. Њамин тариќ, онњо метавонанд ошкорбаёниро дар соњаи хариди яроќ бењтар гардонанд ва њокимияти иљроияро маљбур созанд, ки дар назди љомеа масъул бошанд.

Мушкилоти дар назди парламентҳо истода он аст, ки ҳукуматҳо он маълумотҳое, ки ба зарурати хариди намудҳои асосии яроқҳои оддӣ (авиатсия, техникаи ҷудо кардашуда, артиллерия, системаҳои идорашаванда ва радарӣ, ракетаҳо ва киштиҳои ҷангӣ) дахл доранд, овоза намекунанд. Илова бар ин, онҳо ҳатто др бораи захираи яроқи калибри хурд (аз 100 мм камтарро), ки ҳамчун яроқи тирандоз ва сабук маъмуланд, намехоҳанд маълумот диҳанд.

Чунин вазъият хеле қулай аст: дар аввали раванди хариди яроқҳо ҳукумат бо парламент бо мақсади таъмини он, ки нақшҳои сертакаббур оид ба хариди яроқ дар оянда барои давлат аз ҷиҳати молиявӣ мушкилӣ наорад, ҳамкорӣ мекунад. Барномаҳо оид ба хариди ярокҳо бо назардошти дигар арзишҳои ҷамъиятӣ бояд қабул карда шаванд. Ҳамин тариқ, дар раванди қабули қарорҳо бояд на танҳо афзалиятҳои ҳарбӣ, балки дигар афзалиятҳо низ ба инобат гирифта шаванд. Парламент бояд таъсир ва сарбории молиявиро ба ҷомеа ҳангоми хариди яроқ арзёбӣ кунад.

**Блоки № 72**

### Барои чӣ аъзои парламентҳо бояд аз болои хариди яроқ назорат баранд

- ▷ Сухан дар бораи ҷалби маблағҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ) меравад.
- ▷ Қарор дар бораи низоми аслиҳа – на танҳо масъалаи экспертизаи техникӣ ва амният, балки ҳамчунин интихоб мебошад: пулро ба чӣ сарф кунем – ба «тӯп» ё ба «равған», - ва агар барои туп, пас ба кадом миқдор ва барои чӣ.
- ▷ Хариди яроқ барои давлат набояд захмати молиявӣ дар доираи перспективаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат (аз он ҷумла дар давоми ҳамаи мӯҳлати истифода гардад) бошад.
- ▷ Назорати парламентӣ бояд тавозуни байни хароҷот ба яроқ ва хароҷот ба эҳтиёҷоти иҷтимоиро таъмин намояд.
- ▷ Ошкорбаёнии раванди хариди яроқҳо, ҳисоботдиҳии он ба парламент коррупсия, масрафкорӣ ва аз рӯи таъин истифода нагардидани маблағҳои ҷамъиятиро, пешгирӣ мекунад.
- ▷ Назорати парламентӣ ва ҷамъиятӣ ба паст рафтани хатари босуръати афзоиши ҳаҷми хариди яроқҳо дар минтақа оварда расонида метавонад.

## Шароитҳои махсус асоси махфият мегарданд ё не?

Тиімді басқарудың қағидаттары, әсіресе жариялылық қағидасы қару сату немесе сатып алуды қосқанда қоғамдық шешім қабылдаудың әрбір тұс-тұсына бағыт-бағдар беруі тиіс. Сондықтан, қандай жағдайлар қорғаныс жөніндегі шешімдерді ерекше және құпия болуын керек ететінін тексеру қажет.

Қару-жарақ сату және сатып алу нұсқаулары жариялылық пен қоғам алдында жауаптылық қағидаттарына негізделуі керек. Шешім қабылдау үдерісінде қару сатып алушы немесе қару сататын елдердің талабы бойынша істің құпия болу себептері айқын көрсетілуі тиіс. Егер сондай себептер істе сыбайлас жемқорлыққа жол беру мүмкіндігін тудырса, онда ондай қатер екі тарап арқылы анықталып, оның алдын алу шаралары белгіленуі қажет.

**Блоки № 73**

### Сиёсати беасос ё духўра дар соњаи хариди яроќ, њамчунин хариди махфии яроќ метавонанд ба оќибатњои зайл расонанд ...:

- ▷ Тафтиши нокифояи сабабњои асосии низоми аслиња;
- ▷ носамаранокии ќарорњои њукуматї бо оќибатњои нохуш барои амнияти миллї ва минтаќавї;
- ▷ хатар барои давлатњои њамсоя;
- ▷ коррупсия вобаста ба хариди яроќ ё дигар ќарорњои соњаи њарбї, ки ба њарид алокамананд;
- ▷ зарари љиддии боварии љомеа ба ќуввањои мусаллањ, ки натиљаи бадномкунии онњо ва мавзўи бањсњои нохуш мебошанд.

## Раванди њаматарафаи ќабули ќарор дар бораи харид

Њангоми ќабули ќарор дар бораи ба даст овардани низоми асосии аслињa методњоеро, ки дар чунин љанбањо истифода мешаванд, муайян намудан ва муттањид кардан зарур аст:

- ✓ Раванди бањои хатар:
- ✓ Консепсияи дарозмуддати сохтмони ќувва ва воситањои мудофиа (ќобилияти мудофиавї);
- ✓ муайян намудани маводњо барои тањњизонидан зарур;
- ✓ људо намудани маблаѓ барои хариди яроќњо;
- ✓ харољот дар муддати тамоми давраи истифодабарї, аз он љумла харољот барои хидмати техникї, модернизатсия ва ѓайра;
- ✓ арзёбии пешнињодњо дар бораи љубронпулї ва подошдињї.

Барќарорсози раванди назорати парламентї ва арзёбї дар њамаи давравњо имконияти харољот, ќаллобї ва суиистифода њангоми ќабули ќарорро аз тарафи маќомоти њокимияти иљроия кам мекунад. Бо маќсади амалигардонии самаранокии назорат парламентњо бояд талаб намоянд, ки њукуматњо онњоро дар бораи њамаи зинањои раванди хариди яроќњо хабардор кунанд. Ба замми ин парламентњо бояд њуќуќ дошта бошанд, ки оид ба њамаи шартномањо дар бораи харид ќарор ќабул намоянд. Парламенти Нидерландия мисоли он шуда метавонад, ки чї тавр њукумати ќонунгузор њамаи зинањои раванди ќабули ќарор дар бораи хариди яроќњоро назорат мекунад (ниг. Блоки № 74).

**Блоки № 74**

### Сиёсати Нидерландия дар соњаи дархости њарбї: нуќтаи назари назорати парламентї

Нидерландия анъанаи пойдор ва таљрибаи бойи назорати парламентї аз болои хариди тањњизоти њарбиро дорад. Умуман, њамаи ќарорњо дар бораи харид, ки аз 25 миллион евро (таќрибан 25 миллион доллар) зиёд аст, бояд бо иштироки парламент ќабул карда шаванд. Барои ин ба ном механизми бадасторї тањия гардид.

⇨

Ҳукумат (дар амал муншии давлатӣ оид ба масъалаи мудофиа) мактуб мефиристад, аз 4 намуди он якеро вобаста аз харид интихоб мекунад (А,Б,В,Г). Назорат дар ҳамаи давра амалӣ мегардад, аз муайян намудани талабот дар системаи нави мусаллаҳгардонӣ (ё ивази аллакай мавҷуда) сар карда то пешниҳодҳои аниқ дар бораи ба даст овардани системаи Х аз истеҳсолкунанда У.

Парламент имконият дорад, ки дар доираи ҳамаи марҳилаҳои харид ба қарор таъсир расонад. Ҳамин тариқ, вақте ки ҳукумат дар бораи зарурат ё ба даст овардани системаи яроқ маълумот медиҳад, парламент метавонад зид барояд ё тағйирот ва пешниҳодҳо ворид намояд, гарчанде ки дар амал чунин ҳодиса на он қадар зиёд рӯй медиҳад. Аксаран нияти ҳукумат дар давраи ҳамаи раванд бо чор давра (А,Б,В,Г), ки дар парламент муҳокима мегарданд, муайян мегарданд.

Барои лоиҳаҳое, ки арзишашон аз 100 миллион евро зиёданд, тартиботи махсус (лоиҳаҳои калон) таҳия карда шуда буд, ки маърӯзаҳои муфассал ва мунтазамро ба парламент пешбинӣ менамояд. Намунаи одии чунин лоиҳа нияти ҳукумати Нидерландия барои иштирок кардан дар марҳилаи таҳияи лоиҳаи қиркунандаи ҳамлавари умумӣ, вориси самолети Ф-16 амрикоӣ мебошад. Дигар лоиҳаҳо низ мавҷуданд, ба монанди лоиҳаҳои «бригадаи аэромобилӣ».

Умуман, фикр мекунем, чунин вазъиятро дар Нидерландияи қаноатбахш ҳисобидан мумкин аст. Муҳокимарониҳо оид ба масъалаҳои молиявӣ ва мақсаднок будани тафтиши пурраи парламентӣ, баъзан оид ба раванди соф техникӣ гузаронида мешаваднд. Вобаста ба ин масъала дар бораи сифат ва эътимоднокии маълумоти ҳукумат ва хоҳиши «исботи мутақобила» аз тарафи институти мустақил оид ба проблемаҳои амният ва мудофиа ба миён меояд. Билохира, нақши истеъмолкунандагон ва лоббистон, ҳамчунин дастрасии онҳо ба узвияти кумита оид ба масъалаи мудофиа, одатан мавзӯи муҳокима мебошад. Аммо, агар воқеаҳои на он қадар калонро ба назар нагирем, хархашаҳои калон оиди ин масъала ба амал наомадааст.

*Әдебиет: Иан Хоекема, Парламенттің бұрынғы мүшесі, Нидерланды, 2002*

# Шумо ҳамчун аъзои парламент чӣ кор карда метавонед?

## Назорати хариди яроқ

▷ Назорати парламентии хариди яроқ бояд қонунан ба танзим дароварда шавад;

▷ Назорати ҳаматарафаи парламентии бахши амният ва фарогирии ҳамаи ҷанбаҳои харидро таъмин намоед, ба масъалаҳои зайл диққати махсус диҳед:
- зарурати амният;
- оқибатҳои минтақавии сиёсӣ, махсусан дар масъалаи ҷавоби манфӣ, ки ба мусаллаҳшавии бошитоб дар минтақа оварда мерасонад;
- сарборӣ ба буҷет (дар перспективаи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат);
- таъсир ба саноати миллии бахши хусусӣ ва ҷамъиятӣ.

## Ошкорбаёнӣ ва ҳисоботдиҳӣ ҳангоми хариди яроқ

▷ Ба парламент дар доштани ҳуқуқ ба раванди хариди яроқ ва техникаи ҳарбӣ мусоидат намоед.

⇨

Талаб намоед, ки ба парламент ва ё кумитаи салоњиятдори (манфиатдори) он њисоботи муфассал ва фаврї дар бораи мављуд будан ва тавсифи техникии намудњои асосии яроќ (самолет, техникаи зирењпўш, системаи артиллерї, РЛС, системаи ракета ва киштињои њарбї, яроќгаронии сабук (калибри аз 100 мм камтар), њамчун асос барои зарурати хариди намунањои нав, пешнињод карда шавад.

- Таъмин намоед, то ки парламент консепсияи дарозмуддати таъсиси низоми мудофиаро ба даст орад.
- Таъмин намоед, то ки он масъалањое, ки ба махфият дар соњаи харид дахл доранд, ба паралмент ва ё кумитаи манфиатдори он дар доираи раванди ќонунгузорї маълумот дода шавад, ки њисоботдињиро њамзамон бо нигоњ доштани сирри њарбї таъмин менамояд.

## Тањлили таъсири харид

- Мувофиќатии наќшаи харидро бо сиёсати соњаи амният тањлил намоед.
- Таъмин намоед, то ки парламент сарбории молиявии хариди яроќро дар муќоиса бо дигар талаботи љамъиятї ва афзалиятњои иљтимої тањлил ва арзбї намояд бо маќсади пешгирии нобаробарї, ки ба инкишоф, њамчунин устувории иќтисодї ва иљтимоии давлат таъсир расонида метавонад.
- Тартиботи истифода баред, то ки ба ќарорњои бењад сертакаббур дар бораи хариди яроќ муќовимат нишон дода тавонед. Парламентњо бояд окилнокии наќшаро таъмин намояд, то ки барои мамлакат дар перспективаи дарозмуддат ба мушкилоти њарбї табдил наёбанд.

## Аудит дар соњаи хариди яроќ

- Мувофиќатии байни сиёсати соњаи амният ва наќшањо, буљети мудофиавї ва харољоти њаќиќиро барои яроќ ва техникаи њарбї тафтиш намоед.
- Тафтиши тавсифномаи эксплуататсионии системаи яроќро баъд аз ба даст овардани он ва баъди бастани шартнома (дар муддати мўњлати хидмати яроќ камтар аз се тафтиш) гузаронед.

## Кумитаи парламентї оид ба масъалаи хариди яроќ

- Дар њолати набудан, кумита ва ё зеркумита оид ба масъалаи хариди яроќ таъсис дињед ва бо њамин тарз алоќаи байни ташкили сиёсат, банаќшагирии молиявї ва аудит (тафтиш), комплекси мудофавї-саноатї, ва њамчунин тањќиќот ва инкишофро барќарор созед.
- Вобаста ба ин, зарур аст маълумот дар бораи ўњдадорињо , процедура ва фаъолияти сохторњои ба ин монанд дар парламентњои дигар давлатњо ба даст овардан ва омўхтан.
- Боварї њосил намоед, ки сохтори парламентии шумо ќодир аст маслињатњои мутахассисонро арзёбї намоянд ва истифода баранд.

**Боби 29**

# Харидуфурўш ва интиќоли яроќ

Дар назорати харидуфурўш ва интиќоли яроќ парламентњо бояд наќши муњим бозанд. Ќоида ва тартиботи идоракунии хариди яроќ бо назардошти ќонуни миллї дар бораи хариди яроќ, буљети миллї ва ќонунњои молиявї ё шартномањо, њамчунин ќонунњое, ки баъди муњокимаронињо ќабул гардидаанд, бояд муттасил бошанд. Принсипњои идоракунанда дар соњаи сиёсати харидуфурўш ва интиќоли яроќ ва базаи ќонунгузорї ба принсипи ошкорбаёнї ва њисоботдињї бояд асос ёбанд.

**Блоки № 75**

### Интиќоли яроќ: равшанї андохтан

Зери мафњуми интиќоли яроќ њамаи намуди фаъолият, ки бо он сохторњои давлатї ва ѓайридавлатї бо маќсади ба даст овардан ё фурўши яроќ машѓуланд, фањмида мешавад. Интиќоли яроќ фурўш, савдо, ба даст овардан, харид, њамчунин намоиши яроќро дар бар мегирад.

## Сиёсати миллї дар соњаи харидуфурўш ва интиќоли яроќ

Њукумат бояд сиёсат ва ќонунгузориро дар соњаи харидуфурўши яроќ ва интиќоли он тањия намояд, ки онро баъд барои тасдиќ ба парламент пешнињод менамояд. Сиёсати зикргардида бояд принсипњои рохбарикунандаи фурўши яроќи оддиро муайян намояд ва бо назардошти омилњои зайл тањия гардад:

- ✓ Воридот ва содироти яроќњои оддї бояд мавзўи назорати мувофиќи кумитаи парламентї бошад;
- ✓ дастурњо дар соњаи харидуфурўши яроќ бояд ба принсипњои Низомномаи СММ, ќонунгузории байналмилалї љавобгў бошанд, риояи эмбаргои СММ ба њамлу наќли яроќ таъмин намояд. Дар баробари ин хусусиятњои иќтисодї, сиёсї, этникї ва омилњои амнияти он давлатњое, ки яроќ мехаранд бояд ба инобат гирифта шаванд;
- ✓ принсипи ошкорбаёнии раванди ќабули ќарор бо маќсади таъмини усутворї ва њисоботдињии касбї;
- ✓ механизмњо барои пешгирии њодисањои ѓайриэтикии фурўши яроќ бояд ба расмият дароварда шаванд, ба тавсияњои СММ ва дигар сохторњои манфиатдор , њамчунин ба намунањои бењтарини дигар давлатњо
- ▷ асос ёбанд;

интиќолдињандагон ва харидорон бояд «Кодекси дурусткориро» омода намоянд;

- ✓ парламент бояд имкони боварї дошта бошад, ки намуди яроќи фурўхташуда ба эњтиёљоти мудофиаи давлатњо-харидорон мувофиќат мекунад, чї тавре ки аз тарафи парламентњои онњо тасдиќ гардидаанд;
- ✓ парламенти давлатњое, ки яроќ њамлу наќл мекунанд, бояд имкони боварї хосил намудан дошта бошанд, ки давлатњо-харидорон њуќуќњои инсон ва озодињои асосиро њурмат мекунанд ва њамчун назорати самараноки ќарорњоро оид ба хариди яроќи назорат мебаранд;
- ✓ парламент бояд имкони боварї дошта бошад, ки фурўши яроќ ба љањон тањдид намекунад, шидданокии минтаќавиро зиёд намекунад, ба ба амал омадани низоъњо намеорад, ба афзоиши фурўши яроќ дар минтаќа, ба миён омадани ноустуворї аз сабаби ба вуљуд омадани системањои таљњизоти њарбї, ки вазъиятро ноором месозад ё шумораи муайяни яроќи оташфишон ва сабук, оварда намерасонад. Агар кумитаи парламентї оид ба мудофиа муколамаи минтаќавиро дар бораи тањдиди устувории минтаќавї, хариди бешумори яроќ ва махфият, ки ба коррупсия оварда мерасонад, сар кунад, пас чунин мусоњибаро барои муњокимаронї дар минтаќа ошкоро кардан даркор аст.

Механизмњоеро тањия намудан зарур аст, ки имкон медињанд фурўши яроќро ба давлати муаяйн бо маќсади реэкспорти ё ба дигар касс фиристодан ба маќсадњое, ки мухолифи шароити дар шањодатнома оид ба воридот изњор гардидааст, пешгирї намояд.

**Блоки № 76**

## Шартномањои минтаќавї дар соњаи харидуфурўши яроќ

▷ **Кодекси аврупоии рафтор**

8 июни соли 1998 Шўрои Аврупо ќароре ќабул намуд, ки мувофиќи он Кодекси рафтор ба њукми ќонун даромад. Ќарор ба манъи ихрољи яроќ аз мамлакатњои Шўрои Аврупо ба минтаќањои ноороми љањон, ки дар он љойњо хатари ќонунвайронкунињои даѓали њуќуќњои инсон вуљуд доранд, равона гардидааст. Давлатњо-аъзои ША, баъд аз фишор аз тарафи созмонњои ѓайридавлатї дар давоми ќариб њашт сол ба ќарор дар бораи ќабули сиёсати масъул дар соњаи фурўши яроќ омаданд. Кодекс номгўи самтњои нохоњи интиќоли яроќро ва системаи тафтиш ва тањлили таъини охирин, њамчунин системаи мубодилаи маълумот ва механизми машварат дар бораи пешнињод намудан ва ё рад кардан барои додани иљозатнома ба содиротро дар бар мегирад.

Кодекси Аврупо механизмњоеро надорад, ки ќодир бошанд давлатњоро маљбур созад, ки онро њамчун механизми таъмини маъсулият барои риоя нанамудани ин кодекс, истифода баранд. Њамин тариќ, мањдуд намудани содирот ба давлатњое, ки њуќуќњои инсонро вайрон мекунанд, аз давлатњои бо ќонунгузории нисбатан сахт, вобаста мебошад, ки ба чунин ќонунвайронкунандагон дар доираи механизми маслињатњои дутарафа таъсир расонида метавонанд.

Кодекс аз 8 меъёр иборат аст, ки ба онњо давлатњои ША дар њолати содироти яроќ бояд мурољиат намоянд:

1. «Њурмати ўњдадорињои байналмилалии давлатњо-аъзои ША, махсусан муњозоти аз тарафи Шўрои амнияти СММ ворид намуда (...).

➪

2. Эњтиром нисбати њуќуќњои инсон дар давлати таъини охирини яроќ (…).
3. Вазъияти дохилии дар мамлакати таъини охирин њамчун нишондињандаи вуљуд доштани шидданокї ё низои мусаллањ (…).
4. Давлатњои ША дар мавриди баръало будани хатари зерин иљозатнома ба содироти яроќ намедињанд: давлати воридкунанда ният дорад, ки содироти имконпазирро муќобили дигар давлат истифода барад ё бо маќсади бо ќувва пурзўр намудани шикоятњои шахсии марзї (…).
5. Амнияти миллии давлатњои ША, њамчунин амнияти он заминњое, ки муносибатњои дохилии онњо ба соњаи масъулияти њар як давлати ША дохил мешавад, њамчунин амнияти давлатњои дўст ё иттифоќчиён (…).
6. Рафтори давлати харидор нисбат ба љомеаи башарї, муносибати хоси ў ба терроризм ва њурмати њуќуќњои башарї (…).
7. Хатари он, ки яроќ ба истифодабарандаи дигар дар сарњади мамлакат мегузарад ё аз сари нав дар шароити нохоњ содир карда мешавад (…).
8. Мувофиќатии содироти яроќ ба имкониятњои техникї ва иќтисодии давлатворидотчї (...).»

*Сарчашма: http://europa.eu.int*

### ▷ Созмони давлатњои Амрико ва интиколи яроќ

Харидуфурўши озоди яроќ (дар минтаќаи Амрико) дар сатњи минтаќавї баъд аз он ки 19 аъзои Созмони давлатњои Амрико (СДА) шартнома дар бораи интиќоли намудњои оддии яроќ бастанд, бењтар шуд. Созишномаи байниамрикоии дар бораи ошкоро ба даст овардани намудњои оддии яроќ, ки дар иљлосияи Ассамблеяи генералї дар Гватемала тасдиќ гардида буд, аз давлатњои аъзо талаб мекунад, ки онњо њар сол дар бораи воридот ва содироти намудњои асосии яроќ маълумот нашр намоянд. Мувофиќи моддаи 3, «давлатњои аъзо њар сол ба созмони масъул дар бораи воридот ва содироти яроќњои оддї дар соли гузашта њисобот медињанд ва дар он дар бораи давлати содиротчї, намуд ва шумораи намуди оддии яроќи фурўхташуда маълумот дода мешавад. Њар як давлати-аъзои созишнома њисоботи худро бо маълумоти иловагї, ба монанди таъинот ва модели ярок, агар зарур њисобад, пурра мегардонад. (…)». Ба замми ин, давлатњо якдигарро дар бораи ба даст овардани яроќњои оддии воридшуда, дар корхонањои миллї истењсолшуда хабардор мекунанд ва агар ягон чиз ба даст наоварда бошанд њам, дар бораи он хабар медињанд. (моддаи 4).

*Сарчашма: http://www.oas.org, 2002*

# Риояи эмбаргои байналмилалї барои њамлу наќли яроќ

Муљозот њуљљати љомеаи байналмилалї барои изњор намудани ѓайриќаноатмандї оиди рафтори ягон давлат мебошад, агар ин давлат ба њуќуќи башарї ё сулњ ва амният тањдид кунад. Базаи ќонунгузорї, ки бо моддаи 41 Низомномаи СММ тасдиќ гардидааст, ба Шўрои амнияти СММ имкон медињад, ки давлатњои аъзоро ба иќдоми беяроќ бо маќсади барќарорсозии сулњи башарї ва амният даъват месозад. Аз соли 1945 то 1990 Шўрои Амнияти СММ тањо ба ду давлат муљозот додааст. Дар соли 1990 бошад ин маќомот маљбур шуд, ки 12 маротиба муљозотро истифода барад.

Дар чунин њолат талабот дар бораи шањодатномаи «истифодаи охирин» бо фањмонидани дар охир яроќ ба куљо меравад, њуљљати муфид барои парламент ба шумор меравад. Аммо њодисањои зиёди истифодаи шањодатномањои ќалбаќии «истифодаи нињої» ба ќайд гирифта шудааст.

# Фењристи намудњои оддии яроќи СММ

Шашуми декабри соли 1991 Ассамблеяи генералии СММ ќарори 46+/36 L –ро бо номи «Ошкорбаёнї дар соњаи яроќ» ќабул намуд, ки онро муншии кулл бо маќсади ташкил додани фењристи умумї ва ѓайритањќиркунанда оид ба яроќњои оддї ва хидматрасонї дар штаб-квартираи СММ дар Ню-Йорк талаб намуд. Дар фењрист маълумот дар бораи њамлу наќли байналмилалии яроќ, њамчунин маълумот дар бораи захирањои њарбї, хариди яроќњои истењсоли миллї ва дигар омилњое, ки ба сиёсат дахл доранд, аз тарафи давлатњои СММ пешнињод шудаанд, љамъ оварда мешавад.

Фењрист аз 7 меъёри мувофиќ оид ба яроќњои асосии оддї иборат аст, аз он љумла танкањо, мошинњои зирењпўш, системањои артиллерии калибрњои калон, самолетњои љангї, чархболњои зарбазан, киштињои љангї ва ракетањо/дастгоњњои ба кор андохташаванда. Фењрист аз соли 1992 амал мекунад. Муншии кулли СММ њама ваќт ба Ассамблеяи генералии СММ њисобот пешнињод мекунад, ки он маълумоти аз тарафи 110 њукуматњои давлат-аъзои СММ пешнињодшударо дар бораи воридот ва содироти яроќњои оддї дар бар мегирад. Маърўза њамчунин маълумотеро дар бар мегирад, ки аз тарафи њукуматњо дар бораи хариди яроќи истењсоли миллї, њамчунин шумораи яроќи мављудбударо дар бар мегирад (ниг.: http://disarmament.un.org/cab/register.html).

# Зарурати муљозоти оќилона

Муншии умумии СММ муљозоти њамаљонибаи иќтисодиро «воситаи муомилаи даѓалона» номид. Онњо на њама ваќт самарабахшанд ва дар аксар маврид ба мамлакатњои њамсоя, инчунин ба мардумони оддии мамлакатњое, ки мавриди он ќарор мегиранд, таъсири манфї мерасонанд. Њамин тавр, бисёрињо бар ин аќидаанд, ки муљозоти даќиќтаре лозим аст, то ба љанбањои мањдудтаре таъсир расонанд. Эмбарго барои фурўши силоњ ба њамин намуди муљозот дар баробари эмбаргои молиявї ва эмбаргои манъи дохил шудан ба ќаламрави мамлакат мансуб аст. «Муљозоти оќилона» муќобили режим ва элитаи њокими мамлакат равона гардида, бо шањрвандони ќаторї ва ё аъзои мухолифин таъсири манфї надорад. Бо вуљуди ин, натиљањо аз он шањодат медињанд, ки онњоро истифода бурдан хеле душвор аст ва комилан таъсирбахш нестанд. Дубора мавриди тањќиќ ва такмил ќарор додани онњо низ зарур аст (ниг. ба блоки №77).

**Блоки № 77**

## Такмили муљозот барои таъмини сулњ: намояндагони парлумон чї тадбирњоеро метавонанд амалї намоянд

Экспортқа қару-жарақ шығаратын елдердің парламенттері төмендегілерге кепілдік берулері керек:

- ќонунгузорие, ки (хусусан усулњо ва њуљљатњои зарурии тавсиядињандаи маъмурї) вайрон намудани эмбаргои СММ-ро барои таъмини силоњ љиноят мењисобад;
- њамоњангсозї дар дохили њукумат, ки вазорати роњбарикунандаро, ки барои иљрои эмбарго масъул аст, муайян мекунад;
- мубодилаи иттилоот ва маълумоти иктишофї дар дохили департаментњои њукуматї ва миёни њукуматњо барои муайян намудани њаллу наќши шубњанок, нуќтаи таъинот, роњњои транзитї ва миёнравњо;

➪

- рўйхати назорати молњое, ки эмбарго ба онњо дахл дорад;
- ваколати боздошти борњо, ки бе шакку шубњо мавриди эмбарго ќарор гирифтаанд ва ба нуќтаи аввала барнагардонидани онњо;
- муќарраротu ќонунгузорї, ки барои боздоштан ва ё мусодираи молу мулк ва ё таъминоти пинњонии силоњ иљозат медињанд;
- таъќиб ва санљиши тањвили силоњ, ки метавонад ба љои дигар равона гарданд·

*Сарчашма: сайти www.bic.de, 2002*

# Мероси «љанги сард»: муњимоти љангии зиёдатї ва интиќоли он

Хотимаи «љанги сард» ба камшавии ќувваьои мусаллањ дар тамоми дунё оварда расонд. Дар натиља миллионњо адад силоњ нолозим шуданд ва зиёдатї ба њисоб мераванд. Нарасидани таљрибаи зарурї љињати истифодаи силоњњи зиёдатї дар тамоми дуне боиси он гардид, ки миллионњо адад силоњ аз як давлат ба давлати дигар, инчунин аз љониби давлатњо ба гурўњњои зиддињукуматї интиќол ёфта, бар замми ин силоњњои мазкур аз њама гуна назорати љомеа дур мондаанд. Равшан аст, ки миќдори бештари ин силоњњо бо роњњои пинњонї интиќол меёфтанд ва ё ба таври ошкоро аз анборњои силоњ, ки ба таври дахлдор муњофизат намегаштанд, рабуда шудаанд.

Аз панљ ду њиссаи тамоми намуди силоњи муќаррариеро, ки солњои 1990-ум фурўхтаанд, аз анборњои силоњњои зиёдатї гирифта шудаанд. Сабаби асосии мављудияти силоњњои зиёдатї њамчун намунаи беназири фурўши силоњ дар солњои 1990-ум ин буд, ки анборњои (захирањои) калони силоњ, ки ба блоки шўравї собиќ тааллуќ доштанд, яку якбора аз тањти идоракунии марказї баромаданд. Бо назардошти шароити мураккаби иќтисодї ва мављудияти миќдори бузурги силоњи зиёдатї захирањое, ки дар он љо ин гуна силоњ нигоњ дошта мешуд, ба сарчашмаи асъори устувор барои ќонеъ гардонидани талаботи фавќуллодаи иќтисодї мубадал гаштанд. Аз дигар тараф мусаллам аст, ки фурўши бештар тавассути шабакањои љиноятпеша, ки бо роњбарияти сиёсии мањаллї алоќаманд набуданд, сурат мегирифт. Бар замми ин, мамлакатњои собиќ шўравї дар масъалаи фурўши силоњ аз анборњои худ ягона набуданд. Баъзе аз мамлакатњои мутараќќї ва рў ба инкишоф њам ба ин кор машѓул буданд.

**Блоки № 78**

## Фурўши силоњи зиёдатї: натиљањои манфии халъи силоњ

«Новобаста аз кам шудани њаљми фурўши силоњи навтарин нишондињандањои оморї аз сатњи баландтарини фурўши силоњи зиёдатї шањодат медињанд. Афзоиши њаљми фурўши силоњи зиёдатї ба мубодилаи дуљонибаи иттилоот мусоидат намуд. Созишномаи дар бораи халъи силоњ, хотима ёфтани амалиётњои њарбї ва кам кардани нерўњои њарбї, ба он оварда расонд, ки миќдори силоњи зиёдатї дар љањон ба 165 000 вољид расид, ки аз он зиёда аз 18000 аз солњои 1990 то 1995 содирот ва интиќол шудаанд. Дар робита бо афзоиши захирањои силоњи зиёдатї арзиши онњо мунтазам паст мешавад ва ё њатто силоњ дар доираи барномањои мададрасонї ройгон интиќол меёбанд. Ин гуна фурўш натиљаи манфии халъи силоњ буда, дар баробари муноќишањо боиси мусаллањшавии минтаќавї мегарданд».

*Сарчашма: сайти www.bicc.de*

*Иттињоди байнипарламентї ва назорати демократии ќуввањои мусаллањ – назорати парламентии сохтори амният, 2003*

Маълум аст, ки бадастоварандаи силоњ мамлакатњои камтар аз њадди миёна буданд, ки маъмулан сохторњои сусти назорати парлумонї доранд. Дар давоми солњои 1990-ум на камтар аз 90 мамлакат воридоти навъњои асосии силоњи зиёдатиро анљом доданд. Баѓоят муњим аст, ки силоњи оташфишон тањти назорати ќатъї ќарор гирифта, мутобиќи ќонунгузорї давлат ва њарбиён њар сол ба парламент дар бораи гум шудан, талафот ва рабудани силоњи оташфишон ва муњимоти дигари љангї њисобот пешнињод мекунад. Дар бораи таѓйирдињии (конверсияи) заводњое, ки силоњ истењсол мекунанд, бояд иќдом намуд. Дар мўњлати 5 сол сатњи миёнаи интиќоли љањонии силоњ дар давраи солњои 1997-2001 паст шуд. Сабаби асосии инро дар камшавии таъминоти силоњ аз љониби ИМА мебинанд, ки дар давоми солњои 1997-2001 аз таъминкунандагони бузургтарин ба шумор мерафт, новобаста аз 67% паст кардани њаљми таъмини худ дар соли 1998. Россия дар ин давра аз дувумин кишвари таъминкунандаи силоњ ба шумор мерафт. Зиёд кардани њаљми таъминот ба андозаи 24% дар соли 2001 дар муќоиса бо соли 2000 Россияро ба кишвари таъминкунандаи асосии силоњ табдил дод (сарчашма: њисоботи солонаи СИПРИ барои соли 2002).

Дар натиљаи афзоиши воридоти силоњ ба андозаи 444 дар муќоиса бо соли 2000 Чин дар соли 2001 ба кишвари бузургтарини воридкунандаи силоњ мубаддал гашт. Њиндустон њаљми хариди силоњро ба андозаи 50% вусъат бахшида, маќоми сеюмро миёни кишварњои воридкунандаи асосии силоњ ба даст овард. Ба њайати кишварњои асосии воридкунандаи силоњ дар давраи солњои 1997-2001, хамчунин Арабистони Саудї, Тайван ва Туркия дохил шудаанд (сарчашма: њисоботи солонаи СИПРИ, 2002).

**Блоки № 79**

## Нишондињандањои тахминии њаљми фурўши силоњи оташфишон

«Имрўз њарчанд њаљми истењсоли силоњи оташфишон назар ба давраи солњои охири «љанги сард» камтар аст, вале њамасола миллионњо адад чунин силоњ њанўз истењсол мешавад. (…) Мутобиќи тањлилњои пешакї (…) дар соли 2000 њаљми љањонии истењсоли силоњ, бо назардошти лавозимоти љангї 4 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод. Агар бо нишондињандањои миќдорї ифода намоем, дар соли 2000 (….) тахминан 4,3 миллион адад силоњи оташфишон истењсол гардид, ки ин ба андозаи 30% аз њаљми солонаи истењсол дар муќоиса бо нишондињандањои миёнаи солонаи айёми «љанги сард» камтар буд.

«Дар он замоне, ки талабот ба силоњи нав метавонад кам шавад (…) шумораи таъминкунандагони он дар ин бозор меафзоянд». (…) Дар зарфи камтар аз 20 сол теъдоди ширкатњо зиёда аз се маротиба афзуд – аз 196 адади солњои 1980-уми асри гузашта то ба 600 адади имрўз расид.

«(…) Афзоиши миќдори ширкатњо ва кишварњое, ки силоњи оташфишон истењсол намуда, барои онро аз рўи манфиатњояшон ба њар касе ва дар њар куљое, бо чї арзише, ки набошад фурўхтан талош меварзанд, аз он далолат медињад, ки барои њукуматњои авторитарї, ташкилотњои ѓайридавлатї, террористњо ва љинояткорон дастёбї ба силоњи марговари технологияи баланд њоло аз пештара дида хеле њам осонтар гаштааст. Талабот нисбати назорати давлатии истењсоли силоњи оташфишон ба масъалањои мубрами амнияти байналмилалї табдил ёфтааст»

*Сарчашма: Тањќиќот оид ба силоњи оташфишон, нашриёти Донишгоњи Оксфорд, 2001*

**Блоки № 80**

## Барномаи амали СММ зидди фурўши ѓайриќонунии силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр: љињатњое, ки бояд намояндагони парламентњо ба он таваљљўњ намоянд

«Бо маќсади пешгирии муомилоти ѓайриќонунии силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр мамлакатњои иштирокчии конфронси СММ оид ба масъалањои муомилоти ѓайриќонунии силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр дар њама гуна шакли зуњуроташ (июли соли 2001, Ню-Йорк) доираи васеи тадбирњои миллї, минтаќавї ва сатњи љањониро тасдиќ намуданд. Њамин тавр онњо ўњдадор шуданд:

### Дар сатњи миллї

- Дар мамлакатњое, ки то њол ќабул нагардидааст, ќонунњо, ќоидањо ва расмиёти маъмурии мувофиќро барои амалї намудани назорати самаранок аз болои истењсоли силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр, инчунин аз болои содирот, воридот, транзит ва ё интиќоли такрории чунин силоњ дар доираи салоњияти њуќуќии худ ќабул намоянд;
- Гурўњњо ва шахсони инфиродиеро, ки ба истењсол, фурўш, нигоњдорї, интиќол, соњибї, инчунин маблаѓгузорї барои ѓайриќонунї ба даст овардани силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр машѓуланд, мушаххас намуда, ба муќобили онњо мутобиќи ќонунгузории миллї тадбирњо андешанд;
- истифодаи тамѓањоро барои њар як адади силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр дар тамоми раванди истењсолот ба таври дахлдор ва боэътимод таъмин намоянд;
- ќайди љузъиёт ва аниќи истењсол, нигоњдорї ва интиќоли силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибрро аз рўи имконият њар чї бештар тањти масъулияти худ ќарор дињанд; – маълумотро барои тамоми силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр, ки аз љониби давлат нигоњдорї ва истењсол мешаванд, таъмин намоянд, инчунин оид ба тафтиши таќдири минбаъдаи чунин силоњњо чорањои самаранок пешбинї намоянд;
- бо маќсади назорати самаранок аз болои содирот ва интиќоли силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр, аз љумла њаммонандсозии сертификати ќабулкунандаи нињої ќонунњо, нишондодњо ва расмиёти маъмуриро тасдиќ ва иљро намояд;
- бе ѓалатфањмї нисбати њуќуќи мамлакатњо силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибрро, ки онњо ворид намудаанд, такроран содир намоянд, барои он кўшиш намоянд то ба таври дахлдор мамлакати содиркунандаи аввалро мутобиќи созишномањои мављудаи дуљониба то лањзаи интиќоли такрории силоњ хабардор созанд;
- механизмњои маъмурї ва ќонунњои миллии дахлдорро оид ба танзими фаъолияти онњое, ки ба миёнаравї њангоми интиќоли силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр машѓуланд, тањия намоянд;
- ба муќобили њама гуна фаъолияте, ки эмбаргои барои силоњ муќаррарнамудаи Созмони Милали Муттањидро вайрон менамояд, тадбирњои дахлдор андешанд;
- нобуд сохтани силоњи мусодирашуда, гирифташуда ва љамъоваришударо таъмин намоянд;

стандартњои якхелаю даќиќ ва расмиёт нисбати идоракунї ва амнияти захирањои силоњ барои ќуввањои мусаллањ, политсия ва дигар сохторњое, ки иљозати истифодаи силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибрро доранд, муќаррар намоянд;

- ▷ дар мањалњои имконпазир барномаи самарабахши халъи силоњ, демобилизатсия ва реинтегратсияро тањия ва татбиќ намоянд;
- ▷ ба эњтиёљоти кўдакон, ки дар натиљаи муноќиша зарар дидаанд, таваљљўњи махсус зоњир намоянд (...)»

*Сарчашма: Департаменти СММ оид ба масъалањои халъи силоњ*

Ќазияи ошкоро будан ва масъулият дар соњаи назорати силоњ, ки баъди «љанги сард» шиддат гирифт, дар парламентњои бисёре аз кишварњо боиси баргузории муњокимањо гардиданд.

Дар блоки № 81 мисолњо аз фаъолияти анљомдодаи давлатњои Иттињоди Аврупо дар ин самт оварда шудааст. Таќвияти дарки ањамияти ошкорро будан ва масъулият ба хеле њам бењтар шудани назорати парламентии содироти силоњ дар ин мамлакатњо сабаб гардид, аммо дар бисёре аз кишварњо вазъият њамоно мувофиќи матлаб нест.

**Блоки № 81**

## Наќши парлумон дар назорати содироти силоњ: ошкорро будан ва масъулият дар мамлакатњои Иттињоди Аврупо

**Белгия:** Ќонуни соли 1991 ќабулшуда њукуматро ўњдадор менамояд, ки њар сол дар назорати парламент оид ба интиќоли силоњ њисобот дињад. Ќонун санљиш ва муайян намудани додани иљозатномаро барои содироти силоњ пешбинї намекунад.

**Дания:** Муќаррарот дар бораи баррасии масъалаи содироти силоњ ва ё дигар механизми расмиии њуќуќии назорати соњаи мазкур вуљуд надорад. Аммо бо назардошти таваљљўњи афзояндаи љомеа вазири адлия кўшиш менамояд оид ба содирот њисоботи аввалияро интишор намояд, ки дар он масъалањои назорати содирот, арзиши содирот ва мамлакатњои таъингардида шарњ дода мешаванд.

**Финляндия:** Айни замон Вазорати мудофиа ду њисоботи солонаро оид ба содирот дар соњаи мудофиа мутобиќи Кодекси рафтори Иттињоди Аврупо нашр намуд. Њисобот доираи хеле васеи масъалањоро дар бар мегирад, ки ошкоро будани онро тасдиќ менамояд. Новобаста аз ин, нокифоя будани муњокима оид ба масъалањои интиќоли силоњ дар сатњи парламент эњсос мегардад.

**Фаронса:** Парламенти Фаронса аз њукумати мамлакат бо маќсади тавзењ ва пешнињоди бештари иттилоот дар њисоботи солона, хусусан оид ба силоњи оташфишон, таљњизот барои политсия ва дигар хадамоти амниятї, молњои таъиноти дугона, инчунин оид ба њамкорињои њарбї талаботи њарчи бештареро таќозо менамояд. Ба ѓайр аз ин, тавсеаи муњокимањои парлумонї оид ба масъалаи њисоботи солона дар назар аст.

**Олмон:** Аввалин њисобот дар бораи содироти силоњ соли 2000 нашр гардид. Иштироки кумитањои зерини парламент њангоми тањлили њисоботи навбатї дар назар дошта шудааст: оид ба масъалањои мудофиа, оид ба масъалањои хориљї, оид ба масъалањои савдо ва эњтимол, оид ба масъалањои њуќуќи инсон. Наќши парламент барои баргаштан ба масъалањои содироти давлатї мањдуд аст.

➪

**Юнон:** Дар мамлакат механизми пешниҳод ба парламент ва дар миёни ҷомеа интишор намудани иттилоот оид ба тасдиқи содироти силоҳ вуҷуд надорад. Ягона иттилооти расмии дастрас ба номгӯи силоҳҳои муқаррарии СММ пешниҳод мешавад.

**Ирландия:** Дар қонунгузории Ирландия муқаррароте, ки ҳукуматро барои додани ҳисобот оид ба содироти силоҳ ӯҳдадор намояд, вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, Департаменти корҳои хориҷӣ, ки дар асоси Кодекси рафтори Иттиҳоди Аврупо амал менамояд, соли 2002 ду ҳисоботи солона омода намуд. Дар парламент анъанаи муносибати ҳарчи бештар бо ҳукумат дар соҳаи иҷозатномадиҳии содироти ташаккул меёбад.

**Италия:** Ҳукумат бояд дар назди парламент оид ба масъалаҳои тасдиқ ва анҷом додани амалиёт оид ба содирот, воридот ва транзити молҳои таъиноти ҳарбӣ ҳисобот диҳад. Муқаррароти мазкур дар қонуне, ки соли 1990 тасдиқ гардидааст, муайян шудааст, ки дар он шарҳу тавзеҳ ба ҷузъиёташ оварда шудааст. Бо вуҷуди ин, парламент дар назорати содирот нақши расмӣ надорад.

**Люксембург:** Мамлакат дорои иқтидорҳои саноати мудофиавӣ нест, ки ин боиси ҷой надоштани низоми назорати парламентӣ гардидааст.

**Нидерландия:** Аввалин ҳисоботи ҳамаҷониба оид ба ин масъала октябри соли 1998 дода шуд. Дар мамлакат шакли назорати ғайрирасмии парламентӣ аз болои низоми содирот амал мекунад: ҳукумат ба таври махфӣ ба комиссия оид ба масъалаҳои мудофиа ва захираҳои зиёдатӣ иттилоот пешниҳод менамояд.

**Португалия:** Замоне, ки соли 1998 ҳисоботи аввалин интишор гардид, дар мамлакат муқаррарот оид ба санҷиши парламентии қарорҳо дар бораи додани иҷозатнома барои содирот вуҷуд надошт. Ҳамчунин дар бораи муҳокимаҳои парламентӣ муқаррарот вуҷуд надорад. Намояндагони парламент оид ба иҷозатнома барои содирот метавонанд фақат ба таври баргашт (тарзеӣ) масъалагузорӣ намоянд.

**Испания:** Аз соли 1998 то инҷониб як ҳисобот омода шудааст. Содироти силоҳ наметавонад мавриди санҷиши пешакӣ қарор гирад. Фақат кумитаи парламент оид ба масъалаҳои сирри расмӣ (давлатӣ) дар ин ҷараён иштирок менамояд, вале сол то сол ба ин соҳа таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мегардад.

**Шветсия:** Вақте, ки парламент Шӯрои машваратиро оид ба масъалаҳои содироти таҷҳизоти ҳарбӣ таъсис дод, аввалин ҳисобот соли 1984 интишор гардид, ки он барои дигар мамлакатҳои аврупоӣ асоси пешрафт дар ин бахш гардид. Парламент ҳисоботро ҳар сол баррасӣ мекунад.

**Британияи Кабир:** Низоми бритониёвӣ дар ин соҳа аз ҳама ошкортар аст. Аз замони интишори ҳисоботи аввалин дар соли 1999 Кумитаи муштарак бо иштироки намояндагони Вазорати мудофиа, робитаҳои берунӣ, рушди байналмилалӣ ва савдо, инчунин саноат таъсис дода шуд. Кумита бо палатаи обшина гузориш медиҳад ва салоҳияти санҷиши дақиқи содиротро дорад.

*Сарчашма: www.saferworld.co.uk, 2002*

# Экспертизаи парламентӣ

Чӣ тавре ки зикр гардид, экспертизаи парламентӣ дар таъмини амалисозии назорати дақиқи фурӯши силоҳ ва раванди интиқоли он омили асосӣ мебошад. Нокифоя будани маҳорати касбӣ, яке аз сабабҳои асосии он ба ҳисоб рафта, ҷараёни қабули қарор махфӣ мебошад. Омода намудани аъзои парламент, хусусан онҳое, ки ба ҳайати кумитаҳои масъули парламентҳо дохил мешаванд, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Илова бар ин, омода наму-

дани намояндагони парламентњо дар соњањои ба монанди фурўши силоњ, масъалаи харид, тањќиќоти фаврї, идоракунии захирањо, њисобу китоби арзиши таљњизот ва назорат аз болои молу мулк барои ба вуљуд омадани доираи экспертњо, ки имконияти љавоб додан ба дархостњои кумитањои парлаентии масъули соњаи мудофиаро доранд, кўмак мерасонад. Ба ғайр аз ин, таъсиси сарчашмањои иттилоотї дар соњањои мухталифи амният ба кумитањо оид ба масъалањои амният имконият медињанд, ки аз њокимияти иљроия ва њарбиён барои амалисозии санљиш ва тањлили ќарорњо маълумоти дахлдорро талаб намоянд.

## Шумо њамчун аъзои парламент чї кор карда метавонед?

### Назорати фурўши силоњ

- Њамеша барои ворид намудани масъалаи назорати фурўши байналмилалии силоњ ба рўзномаи кори парламент кўшиш намоед;
- барои татбиќи тавсияњои дар блоки №80 овардашуда тањти унвони «Барномаи амали Созмони Миллали Муттањид бар зидди фурўши ғайриќонунии силоњи оташфишон ва силоњи хурдкалибр мусоидат намоед: љињатњое, ки бояд намояндагони парламент ба онњо таваљљўњ намоянд.»;
- Давлатро барои риояи талаботи зерин љалб намоянд:
  - њисоботдињї мутобиќи номгўи муњимоти љангии СММ барои намудњои силоњи муќаррарї;
  - ќабули воситањои стандарти СММ барои њисоботдињї оид ба масъалањои хароҷоти њарбї;
  - риояи созишномањои минтаќавии дахлдор дар соњаи намудњои муњимоти љангии муќаррарї;

### Сиёсати миллї дар соњаи фурўши силоњ

- тањияи сиёсати муосирро дар соњаи фурўши силоњ таъмин намоед ва эътимод дошта бошед, ки он сари ваќт барои тасдиќ ба парламент пешнињод гардидааст;
- ба мављудияти механизме, ки њукуматро барои њисобот додан дар назди парламент оид ба масъалаи фурўши силоњ ўњдадор менамояд, боварї њосил намоед;

### Эмбарго нисбати таъмини силоњ

- барои таваљљўњи парламентиро ба масъалањои эмбарго љалб намудан бо назардошти маќсаднокии шароити махсус ва таъсири онњо эътимод намоед;
- барои муњокимаи «муљозоти оќилона» дар парламент, махсусан бо назардошти омилњое, ки дар блоки №77 оварда шудаанд, мусоидат намоед;
- барои эмбаргоро нисбати таъмини силоњ љонибдорї намудани парламент мусоидат намоед, инчунин ислоњ ва ќабули муљозотро њангоми вайрон кардани эмбарго таъмин намоед.

## Силоњи зиёдатї

- барои аз парламент ва ё кумитањои дахлдор, аз љумла онњое, ки ба масъалањои гумрук машѓуланд, талаб намудани диќќати махсус нисбати силоњи зиёдатї ва ќабули тадбирњо бо маќсади назорат аз болои вазъият ва ё пешгирии:
  - њама гуна интиќоли силоњи зиёдатї аз мамлакат  ва ё ба воситаи он;
  - њама гуна хариди силоњи зиёдатї муваффаќ бошед.
- барои таваљљўњи махсус зоњир намудани давлат љињати бањисобгирї ва анљом додани нобудсозии силоњи зиёдатї муваффаќ бошед;
- минбаъд аз давлат барои муайян намудани ширкатњое, ки ба интиќоли силоњи зиёдатї машѓуланд, андешидани чорањоро талаб намуда, фаъолияти онњоро назорат намоед.

## Силоњи оташфишон

- барои аз љониби парламент ва ё кумитањои дахлдор њамасола гирифтани иттилоот оид ба истењсол ва фурўши силоњи оташфишон мусоидат намоед;
- боварї дошта бошед, ки фурўши силоњи оташфишоне, ки дар мамлакаташон истењсол мегардад, љавобгўи нишондодњое њастанд, ки дар ин фасл тавсиф гардидаанд.

# Иттињоди байнипарламентї чист?

Иттињоди байнипарламентї ташкилоти байналмилалии парламентњои давлатњои мустаќил буда, соли 1989 созмон ёфтааст. Ваќтњои охир дар арсаи байналмилалї аз љониби Иттињоди байнипарламентї њаљми зиёди корњо оид ба тавсеаи ањамияти овозњои вакилони дар раванди гуфтушунидњои байналмилалї ба анљом расонида шуд, ки маќоми Иттињоди байнипарламентиро ба сифати мушоњиди СММ тасдиќ намуд.

Аз рўи њолати то январи соли 2003 ба њайати Иттињоди байнипарламентї 144 парламенти миллї дохил шудааст, ташкилот таваљљўњашро ба соњањои зайл равона месозад:

- баррасии масъалањое, ки дар арсаи байналмилалї мавриди таваљљўњ ва нигаронї ќарор мегиранд;
- сањми намояндагони парламент дар њимоя ва дастгирии њуќуќи инсон;
- кўмак ба муттањидшавии ташкилотњои намояндагї дар тамоми љањон.

Дар рўзномаи кори Иттињоди байнипарламентї масъалањои сулњ ва амният њамеша дар мадди аввал меистанд. Аъзои он дар чорабинињои муњими байналмилалї, ба мисли масъалањои амният, халъи силоњ, эмбарго ва муљозоти байналмилалї, суди байналмилалии љиноï ва терроризм иштирок менамоянд. Соли 1994 кумитаи махсуси масъул барои риояи меъёрњои њуќуќи байналмилалии гуманитарї таъсис ёфт. Дар њамкорї бо Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх соли 1999 маълумотнома оид ба масъалањои њуќуќи байналмилалии гуманитарї барои намояндагони парламент нашр гардид.

Иттињоди байнипарламентї барои расонидани кўмак љињати рафъи ташаннуз дар гуфтушунидњои байналмилалї њамеша манфиатдор аст. Љаласањои Иттињоди байнипарламентї барои фароњам омадани фазои гуфтугўї ва эътимод, пастравии шиддати авзоъ мусоидат менамояд. Ба њайати Иттињоди байнипарламентї кумитаи махсуси парламентї, ки барои њалли низоъ дар Шарќи Наздик ёрї мерасонад, инчунин гурўњи миёнаравњо оид ба пуштибонии гуфтугўи миёни намояндагони ду њизби сиёсї дар Кипр дохил мешаванд. Дар иттињоди байнипарламентї, инчунин механизми мусоидат барои амният ва њамкорї дар минтаќаи Бањри Миёназамин тањия гардидааст.

**Штаб-квартираи Иттињоди байнипарламентї**
Inter-Parliamentary Union
Chemin du Pommier 5
Case Postale 330
CH-1218 Grand Saconnex, Geneva
Switzerland
Тел.: 41 22 919 41 50
Факс: 41 22 9919 41 60
e-mail: postbox@mail.ipu.org
Веб-сайт: www.ipu.org

**Намояндагии нозири доимии ИБ дар назди СММ**
Inter-Parliamentary Union
220 East 42nd Street
Suite 3102
New York, N.Y. 10017
USA
Тел. (212) 557 58 80
Факс: (212) 557 39 54
e-mail: ny-office@mail.ipu.org

# Маркази назорати демократии ќуввањои мусаллањи Женева

Айни замон дигаргунињои демократї дар муносибатњои њарбию гражданї барои бисёре аз давлатњо њамчун мушкилоти мубрам боќї мемонад. Хусусан ин ќазия дар он љое баръало эњсос мегардад, ки онњо дар њолати гузариш ба демократия ќарор доранд, гирифтори низоъњои мусаллањона гаштаанд ва ё оќибатњои низоъро паси сар мекунанд. Дар аксари мамлакатњо ќуввањои мусаллањ ва сохторњои ќисман њарбї, ба монанди политсия, ќўшунњои сарњадї ва дигар сохторњо, ки вазифаи таъмини амниятро иљро менамоянд, њанўз наќши асосї доранд. Бештари маврид онњо њамчун «давлат дар дохили давлат» фаъолият намуда, захирањои миллиро хароб месозанд ва хатари низоъњои дохилию байналмилалиро афзун менамоянд. Аз ин рў, чї тавре ки амалия нишон медињад, мањз назорати демократии шањрвандии хадамоти амният воситаи рафъи мунокиша, пуштибонї аз сулњ ва демократия, инчунин таъмини рушди мунтазамї иљтимоию иќтисодї мебошад.

Тањкими назорати демократии шањрвандии хадамоти амниятї ба масъалањои муњими љомеаи башарї табдил ёфтааст. Октябри соли 2000 Њукумати Швейцария дар якљоягї бо Департаменти Федералии мудофиа, мудофиаи граждані ва варзиш, инчунин Департаменти Федералии корњои хориљї Маркази женевагии назорати демокраии ќуввањои мусаллањро созмон доданд, ки барои кўмаку дастгирии ин тамоили мусбї сањни воќеии арзандае ба њисоб меравад.

## Вазифањо

Марказ ташаббуси муассисањои давлатї ва ѓайридавлатиро љињати тањкими назорати демократї ва граждании ќуввањои мусаллањ ва хадамоти амниятї дастгирї мекунад, инчунин барои њамкорињои байналмилалї дар ин соња мусоидат намуда, ба минтаќаи аврупоиву Атлантика диќќати асосї медињад.

Марказ бо маќсади иљрои ин вазифањо тадбирњои зеринро амалї менамояд:

- барои ошкор намудани мушкилот, истифодаи таљрибаи андўхташуда ва пешнињоди ќарори муносиб дар сољаи назорати демократии ќуввањои мусаллањ ва дар соњаи муносибатњои њарбию граждані иттилоот љамъ меоварад, тањќиќот анљом медињад ва муносибатњоро барќарор менамояд;
- ба њамаи тарафњои манфиатдор дар њукуматњо, парламентњо ва дигар муассисањои давлатию ѓайридавлатї, ташкилотњои байналмилалї, доирањои академї кўмаки экспертї ва мадад пешнињод мекунад.

Назорати демократии ќуввањои мусаллањ бо њокимиятњои миллї, ташкилотњои байналмилалї ва ѓайридавлатї, институтњои академї ва экспертњои алоњида њамкории зичро ба роњ мемонад. Марказ њангоми кори амалию тањлилии худ ба дастгирии њукуматњои 42 давлате, ки ба њайати Шўрои муассисони он шомиланд, ба Шўрои байналмилалии машваратї, ки наздики 50 эксперти машњур ба он шомиланд, инчунин ба шўъбаи тадќиќоти худ ва гурўњњои корї такя дорад. Марказ бо як ќатор институтњои илмию тадќиќотї, ташкилотњои гуногуни байналмилалї ва ассамблеяњои байнипарламентї њамкорї барќарор намуда, созишнома оид ба њамкорї имзо намудааст.

## Барномаи корї

Бо маќсади тањлили амиќ ва њамаљонибаи пањлуњои алоњидаи назорати демократии ќуввањои мусаллањ Марказ 12 гурўњи кори маќсаддор аз рўи проблемањои

зайл: ислоњоти соњаи амният; назорати парламентии ќуввањои мусаллањ; ошкоро будан њангоми тањияи буљети њарбї ва таъминоти муњимоти љангї; наќши экспертњои граждані дар сиёсати миллии амниятї; назорати демократии политсия ва дигар хадамоти амниятии ѓайрињарбї; муносибатњои њарбию граждані дар рафти таѓйирдињї (конверсия) ва ихтисори ќуввањо; њарбиён ва љомеа; бунёди љомеаи шањрвандї; муносибатњои њарбию шањрвандї дар мамлакатњое, ки муноќишаро пушти сар намудаанд; меъёрњои муваффаќият ва талафот дар соњаи назорати демократии ќуввањои мусаллањ; муносибатњои њарбию шањрвандї дар мамлакатњои Африќо. Банаќшагирї, роњбарї ва њамоњангсозии фаъолияти гурўњњои корї аз љониби гурўњи мушовирон ба амал бароварда мешавад.

Назорати демократии ќуввањои мусаллањ дар доираи њамкорињои дуљониба ва бисёрљониба ба дигарон таљрибаи худро меомўзонад, инчунин аз манфиатњои васеи љомеа пуштибонї мекунад. Як ќатор лоињањо дар бахши ислоњоти соњаи амният ва назорати парламентии ќуввањои мусаллањ бо мамлакатњои Аврупои Љануби Шарќї ва Аврупои Шарќї амалї мегарданд. Дар сатњи бисёрљониба назорати демократии ќуввањои мусаллањ якчанд лоињањо дар доираи Пакти сулњу оромї ва Созмони амнияту њамкорї дар Аврупо мавриди амал ќарор мегирад. Марказ мунтазам маълумотномањо нашр менамояд, конфронсњо, семинарњо ва дигар чорабинињо баргузор мекунад. Он иттилооти технологиро бо истифода аз портали хусусї дар шабакаи Интернет истифода мебарад.

## Ташкил ва маблаѓгузорї

ЌНазорати демократии ќуввањои мусаллањ фонди байналмилалиро, ки мутобиќи ќонунгузории Швейтсария таъсис ёфтааст, намояндагї мекунад. Дар Шўрои муассисон 42 мамлакат* намоянда дорад. Ба њайати Шўрои байналмилалии машваратї экспертњои бењтарини дуне дар соњаи мудофиа ва амният, ки ба директор оид ба стратегияи умумии Марказ машварат медињанд, дохил мешаванд. Штати кори назорати демократии ќуввањои мусаллањ наздики 40 мутахассисро аз 23 мамлакати љањон дар бар мегирад, ки онњо дар чор департамент ба фаъолият машѓуланд: маркази тањлилї; робитањои берунї ва њамкорї; захирањои иттилоотї; маъмурї.

Департаменти швейтсариягии федералї оид ба масъалањои мудофиа, мудофиаи граждані ва варзиш бештари лоињањои назорати демократии ќуввањои мусаллањро маблаѓгузорї мекунад. Дар соли 2002 њаљми воситањои барои эњтиёљоти назорати демократии ќуввањои мусаллањ људогардида њашт миллион франки швейсариро ташкил дод. Дар маблаѓгузории Марказ Департаменти Федералии корњои хориљии Швейтсария сањми арзанда дорад. Баъзе мамлакатњои Шўрои муассисон низ фаъолияти Марказро дастгирї карда, барои иљрои лоињањои муайян маблаѓ ва мутахассис људо менамоянд.

## Тамос

Барои гирифтани маълумоти иловагї ба суроѓаи зайл мурољиат намудан мумкин аст:

**Маркази назорати демократии ќуввањои мусаллањи Женева**
Rue de Chantepoulet 11, P.O. Box 1360, CH-1211 Geneva 1, Switzerland
Tel: +41(22) 741-7700; Fax: +41 (22) 741-7705;
E-mail info@dcaf.ch; Website: www.dcaf.ch

---

* Австрия, Албания, Озарбойљон, Армения, Белоруссия, Босния ва Герсоговина, Болгария, Британия Кабир, Венгрия, Олмон, Кот Деувар, Хорватия, Љумњурии Чехия, Дания, Эстония, Финляндия, Фаронса, Гурљистон, Гретсия, Ирландия, Италия, Латвия, Литва, Молдова, Нидерландия, Нигерия, Норвегия, Полша, Португалия, Руминия, Федератсияи Россия, Сербия ва Монтенегро, Љумњурии Словакия, Словения, Африќои љанубї, Испания, Шветсия, Швейтсария, собиќ Љумњурии Югославия – Македония, Украина, Шоњигарии муттањида, ИМА ва кантон Женева.

# Нишондоди алифбоӣ


### А

Аз як ҷой ба ҷои дигар гузаронидани қушун – 73, 114

Азобу азият – 80

Амният – 12-33, 57, 60-78, 80-97, 117-129, 152-174

Амнияти дастаҷамъӣ – 13, 14

Амнияти дохилӣ – 96, 101-103, 109

Амнияти инсон – 40, 102, 118, 126, 137, 149, 160

Арзиши пул – 112, 122

Арзишҳои демократӣ – 5

Ассамблеяи парламентии Шӯрои Аврупо – 38, 131

Ассамблеяҳои парламентӣ – 64, 152

### Б

Беяроқгардонӣ – 36, 148, 152, 164

Бонки умумиҷаҳонӣ – 20

Буҷет – 13, 14, 16, 19, 26, 29, 41, 51, 56, 59, 63, 65, 82, 104, 108, 113-117, 120-128, 130, 157

Буҷети ҳарбӣ – 114, 116-119, 155, 174

Бунёди сулҳ – 10

### В

Воситаҳои ахбори умум – 15, 22, 27-29, 32, 71

### Д

Даст кашидан аз хидмати ҳарбӣ аз рӯи эътиқод – 120-127

Демократизатсия – 41

Демократия – 11, 25, 28, 37, 45, 49-50, 58, 97, 101, 117, 129, 136-137, 168

Дигар созмонҳои давлатии ҳарбикунонидашуда – 47, 168

### З

Занон – 34-36, 40

Занон дар хидмати ҳарбӣ – 37, 39-40

Зиндонҳо – 142, 144

### И

Идораи аудиторӣ – 17, 99, 101-102

Идоракунии демократӣ – 17, 90, 101

Идоракунии дуруст – 127, 136

Интернатсионализатсия – 42

Интернет – 53, 99-100, 103, 116, 120, 173

Интиқоли яроқ – 156, 158

Ислоҳоти бахши амният – 161-162

Ислоҳоти ҳарбӣ – 26, 40-41, 43, 46, 133

Истеъфо (ниг. нафақа)

Иттиҳоди байнипарламентӣ – 69, 78, 132, 169

Иттиҳодияҳои намояндагӣ – 130-140

Иттиҳодияҳои ҳарбӣ (ниг. Иттиҳодияҳои намонядагӣ)

Иттифоқчӣ – 160

Иштирокчиёни хусусӣ дар бахши соҳаи амният – 52-55, 102, 174

### К

Кодекси рафтор – 48

Комитет – 24, 30, 33, 36-39, 42, 46, 52, 61 – 63, 76, 77, 79, 81-87, 90, 94, 116, 124, 129, 136, 161, 166, 172, 176-178

Комитети амният – 122

Комитети иктишофї – 53, 55, 71, 98

Комитети мудофиа – 72, 164

Коррупсия – 20, 49, 56, 101, 137, 141, 142, 155, 159, 162, 173, 179

## Ќ

Ќабули ќарор – 20, 66, 71

Ќисмњои нимњарбї (ниг. Дигар созмонњои давлатии њарбикунонидашуда)

Ќоидањои байналмилалї – 73, 122, 123, 125, 132, 178

Ќоидањои истифода – 102, 105

Ќонуният – 30, 88, 121, 123, 152

Ќушунњо (ниг. низомиён)

## М

Маслињатдињї – 36, 58, 62, 67, 80, 159, 160

Махфият (ниг.Хадамоти иктишофї)

Миллат – 12, 24, 48, 51

Миссияи сулњљўёна – 48, 49, 119, 121, 125

Миссияњои байналмилалии сулњ (ниг. Миссияи сулњ)

Миссияњои башарї – 119

Мудофиа – 11, 12, 18-25, 28, 32, 34, 37, 40, 46, 55, 57, 63-69, 70-86, 116-128, 130, 152-172

Музди мењнати хидматчиён – 160, 162, 164

Муколамањои парламентї – 25, 34, 36, 37, 63, 67, 120, 186

Муњозот – 60, 81, 84, 108, 121, 139-142, 149

Муносибатњои њарбї ва ѓайрињарбї – 148, 149

Мушкилоти љинсї (ниг. Занњо)

## Н

Назорат – 14, 15, 18, 21, 25, 32, 34, 36, 37, 53, 55, 57, 61, 63, 64, 72-76, 81, 82, 84, 90, 96, 99, 103, 105, 106, 109, 110, 118, 120, 129, 130, 132, 135, 136, 138-144, 149, 152, 158, 173

Назорати демократї – 17, 36, 57, 61, 66, 162

Назорати парламентї – 70, 116, 118

Назорати сарњадї – 49, 100

Нафаќањо – 136, 137, 160, 162

Нигоњдории сулњ (ниг. Миссия сулњ)

Низомиён – 45, 49, 68, 74, 83, 89, 93, 108-114, 142

Низоъ – 11-14, 25, 30, 36-39, 45, 60-62, 86, 102, 107-110, 125, 134, 143-147, 152, 159-160, 163, 166, 170, 172

## О

Озодии ќонунгузории иттилоотї – 101

Омбудсмен – 15, 16, 32, 34, 50, 55, 78, 79, 101, 126, 149

Оппозитсия – 20, 80, 82, 94, 101, 108, 129, 182

Ошкорбаёнї – 34, 65, 69, 124, 129, 131, 137, 156, 172, 173, 180, 181, 186, 187, 192, 163, 164, 166, 168, 170

## П

Принсипњо – 20, 22-27, 97, 99, 100, 123, 131, 153, 174, 178

## Р

Расонидани кўмак њангоми офатњои табиї – 50, 119

Роњбарияти дохилдї – 56

## С

Саркашї – 152, 166

Сентябри 11 – 35, 60, 104-106

Созишномањо (байналмилалї) – 14, 28-30, 37, 41, 45, 76, 84, 85, 110, 117, 118, 121, 169

Созишномањо (ниг. Ањдномањо, шартномањо)

Созмони Амнияти Њамкории Аврупо (САЊА) – 20, 28, 156, 157

Созмони милали муттањид (СММ) – 22, 28, 41-49, 59, 68, 73, 92-98, 101-110, 112, 115, 118-124, 167, 168, 172

Созмонњои байналмилалї (ниг. Њамчунин бо номгўи созмонњо) – 45, 113, 114, 134, 172

Судњо – 157, 158

Судяњо – 157

## Т

Тањњизоти љангї – 37, 111, 123, 135, 148, 158-160, 168-171

Тањсилоти шањрвандї – 153

Тафтишот – 63, 74, 110, 129, 140, 142, 146, 174

Тафтишоти аудиторї – 25, 86, 129, 140, 142, 143, 167, 168

Ташаббусњои ѓайрирасмї – 41, 57

Ташкилоти шартномаи Атлантикаи Шимолї (ТШАШ)- 13, 14, 28, 41, 43, 44, 48, 49, 115, 129, 139

Терроризм (ниг. Амнияти дохилї) – 13, 22, 23, 25, 35, 49, 60, 65, 104-113, 150, 170

## Ф

Фурўши яроќ – 84, 154, 157, 160-166

## Х

Хадамоти иктишофї – 58, 61, 62, 73, 87, 123, 130-132, 166, 167, 169

Хариди яроќ – 37, 152-157

Харољот (њарбї) – 59, 71, 82, 84, 124, 125, 126, 128, 130-135, 137-140

Хидмати алтернативї (ниг. Шахсоне, ки аз хидмати њарбї аз рўи эътиќод даст мекашанд)

Хидмати њарбии њатмї – 90, 136-148, 150, 162-167

Хидматчиён – 72 79, 87, 143-148

Њифзи њуќуќ – 48, 50, 59, 68, 103, 109, 111, 154-156

## Њ

Њисоботдињии дохилї – 65, 135, 173, 176

Њисоботдињии сиёсї – 18

Њисоботдињї (назорат) – 18, 31, 53, 56, 63-69, 74, 103, 121, 135-139, 144, 152-166

Њолати вазъияти фавќуллода (ниг. Шароити истисної) – 20, 25, 50, 74, 77, 96-100, 108, 118, 119

Њолатњои истисної – 51, 96, 97, 174

Њуќуќњои инсон – 23, 27, 32, 35, 39, 50-58, 60, 63, 78, 88, 93, 96, 98 -101, 104-111, 115, 118, 125, 126, 150-159, 167

Њукумат – 17, 19, 22, 25, 29-37, 46, 57-59, 69, 74, 81-88, 106, 111, 120-124, 175-179

Њуќуќи байналмилалї – 27, 28, 52, 120, 151, 156, 178

Њуќуќи шањрвандї – 111, 149, 158

Њуќуќи башарї – 96, 99

Њамкорї – 27, 28, 60, 64, 104-108, 110, 114, 152, 174

**Љ**

Љиноятњои кибернетикї – 114, 116

Љомеа (ниг. Љамъияти шањрвандї)

Љомеаи шањрвандї – 4, 17, 32, 33, 35, 76, 135

**Ш**

Шўрои Аврупо – 38, 113-115, 130, 139, 150, 151, 161, 172

Шўрои Аврупо – 179

Шўрои амният – 40, 101, 114, 117, 173

**Э**

Экспертиза – 64, 188

Эмбарго барои фурўши силоњ – 69, 158, 161, 162, 166, 169, 170

**Я**

Яроќи оташфишон – 164-169